ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 657.1

КАРИМОВ БАҲОДУР ҲАСАНОВИЧ

МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯИ БУНЁДШАВИИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ИҚТИСОДӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессор Хушвахтзода Қ.Х.

Душанбе – 2025

МУНДАРИҶА

Саҳ.

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО..... 4

МУҚАДДИМА..... 5

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БУНЁДШАВИИ НИЗОМҲОИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ..... 21

1.1. Мафҳуми низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таснифи онҳо..... 21

1.2. Таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ..... 40

1.3. Таҳқиқи заминаҳои таърихию иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ..... 53

Хулосаҳо оид ба боби 1..... 66

БОБИ 2. МЕТОДОЛОГИЯИ БУНЁДШАВӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ..... 70

2.1. Таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ..... 70

2.2. Принсипҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсурҳои методии он..... 85

2.3. Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ (таҷрибаи ҷаҳонӣ)..... 99

Хулосаҳо оид ба боби 2..... 115

БОБИ 3. ВАЗЪИ МУОСИРИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 119

3.1. Бунёдшавии низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили муҳосибот дар субъектҳои иқтисодӣ..... 119

3.2. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 137

3.3. Мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ..... 153

Хулосаҳо оид ба боби 3..... 170

БОБИ 4. ТАҲЛИЛИ КОРБУРДИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 176
4.1. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва имконияти корбурди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 176
4.2. Таҳлили ташхисии вазъи корбурди СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 197
4.3. Тамоюлҳои рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ..... 214
Хулосаҳо оид ба боби 4..... 235
БОБИ 5. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ СБҲМ..... 240
5.1. Механизми таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ дар шароити СБҲМ..... 240
5.2. Пешниҳодҳо оид ба такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ..... 261
5.3. Рушди назорати дохилӣ барои таъмини саҳеҳӣ ва кам кардани хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда..... 276
Хулосаҳо оид ба боби 5..... 297
ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО..... 301
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..... 310

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

ААИ	Андоз аз арзиши иловашуда
ИДМ	Иттиҳоди давлатҳои мустақил
КВД	Корхонаи воҳиди давлатӣ
КСББМ	Кумитаи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ
МИК	Масъулияти иҷтимоии корпоративӣ
НБМ	Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ
СБА	Стандартҳои байналмилалии аудит
СББМ	Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ
СБҲМ	Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ
СБҲМБД	Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ
СУС	Созмони умумиҷаҳонии савдо
ШСБҲМ	Шурои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ
ФБМ	Федератсияи байналмилалии муҳосибон
ФКСББМ	Фонди кумитаи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ
ФСБҲМ	Фонди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ
ERP	Enterprise Resource Planning
IAS	International Accounting Standards
IASB	International Accounting Standards Board
IASC	International Accounting Standards Committee
IASCF	International Accounting Standards Committee foundation
IFAC	International Federation of Accountants
IFRS	International Financial Reporting Standards
IFRSF	International Financial Reporting Standards Foundation
COSO	The Committee of Sponsoring Organizations
SOX	Sarbanes-Oxley Act
US GAAP	United States Generally Accepted Accounting Principles
US SEC	The United States Securities and Exchange Commission

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва таҳкими вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти миллии мамлакатҳои гуногун низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба унсури муҳими инфрасохтори иқтисодии ҳар як мамлакат табдил меёбанд. Нақши баҳисобгирии молиявӣ дар ин замина хеле назаррас аст, зеро он барои қабули қарорҳои молиявӣ ва идоракунӣ ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи сиёсати иқтисодии давлат ҳамчун асос мебошад. Вобаста ба ин, масъалаи бунёдсозӣ ва такмил додани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ки бояд на танҳо талаботи дохилии иқтисодиёти миллӣ, балки ҳамгироӣ ба ҷомеаи байналмилалиро низ таъмин намояд, аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Тағйироти доимии муҳити берунӣ, гузариш ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), таҳкими ҳамгироӣ ба равандҳои молиявии ҷаҳонӣ ва зиёд шудани талабот ба шаффофии ҳисоботи молиявӣ бозбинии корбурди принсипҳо ва механизмҳои баҳисобгирии муҳосибиро талаб мекунанд. Мушкилоти ҷаҳонишавӣ зарурати аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин мутобиқ кардани равишҳои методологиро ба шароити муосир тақозо мекунанд. Ин, дар навбати худ, дигаргунсозии низоми миллии баҳисобгирии молиявиро бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи воқеии иқтисодиёт пешбинӣ мекунад.

Ба равандҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, диққати махсус бояд дод. Мубрамии таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати татбиқ ва мутобиқсозии минбаъдаи стандартҳои байналмилалӣ вобаста аст, ки ба беҳтар шудани муҳити иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории мамлакат мусоидат мекунад. Аз ҷумла, татбиқи СБҲМ як қадами муҳим дар самти таъмини шаффофии баланди амалиёти молиявӣ ва аҳдҳои тиҷоратӣ, баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар шароити номуайянии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳаминро ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ «ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад» [221].

Илова бар ин, як самти муҳими таҳқиқот таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ ва таърихии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, таъсири онҳо ба амалияи баҳисобгирии молиявӣ мебошад. Дар шароити дигаргунсозиҳои ҷаҳонии иқтисодӣ хусусиятҳои фарҳангие, ки метавонанд ба ташаккул ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир расонанд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии рушди баҳисобгирии молиявӣ шарти муҳими муайян кардани хусусиятҳои таҳаввули он дар як мамлакати алоҳида, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои марбут ба ҷаҳонишавии иқтисодӣ солҳои охир мавриди омӯзиши густурдаи олимону муҳаққиқони ватанӣ қарор доранд. Дар асарҳои М.Т. Ашурова, М.Ч. Буриева, И.Х. Давлатов, Х.М. Давлатов, А.М. Ишонхонов, К.З. Камолов, Б.Г. Сафаров ва дигарон ҷиҳатҳои гуногуни мушкилоти ҷаҳонишавии иқтисодӣ баррасӣ шудаанд. Аммо, ин таҳқиқот бевосита доираи баҳисобгирии муҳосибиро фаро намегиранд.

Дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ – М.Д. Акатева, М. Гаффикин, С. Грэй, С. Дивайн, Н.А. Кипарисов, Ч. Кристенсон, М.И. Кутер, С.Ф. Легенчук, Р. Маттесич, А. Мелис, М.Ҷ. Милн, М.Р. Мэтьюс, Б. Нидлз, В.Ф. Палий, Д.А. Панков, М.Л. Пятов, Ж. Ришар, О.В. Рожнова, Ҷ.С. Рэндалл, Я.В. Соколов, Р.Л. Уоттс, А.М. Фрейзер, Э.С. Хендриксен, Н. Чабрак, Л.А. Чайковская, Э. Шилл, Р. Энтони ҷиҳатҳои назариявию методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Дар интишороти олимони тоҷик Н.А. Абдулмуминзода,

И.А Бобиев, М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева, М.Р. Кошонова, Б.А. Набиев, С.Х. Раҳимов, Р.С. Тоҳирова, Д.У. Ӯроқов, Қ.Х. Хушвахтзода, А. Шерназаров низ баъзе масъалаҳои назариявию методологии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ шудаанд.

Омӯзиши масъалаи бунёдсозӣ ва такмили низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ як самти муҳим ва мубрами таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Асарҳои илмии мавҷудаи хориҷӣ ва ватанӣ доираи васеи мавзуъҳоро, аз таҳаввули таърихии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таснифоти он то таҳлили равишҳои муосири стандартикунонии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дар бар мегиранд. Масалан, дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ – М.Д. Акатева, В.В. Говдя, Т.В. Пашенко, С.Н. Поленова, В.И. Ткач, инчунин олимони ватанӣ – И.А. Бобиев, Г.Т. Қодирова, А.К. Қурбонов, С.Ф. Низомов, Н.М. Собирзода, Қ.Х. Хушвахтзода ҷиҳатҳои гуногуни ин масъалаҳо баррасӣ шудаанд.

Асарҳое, ки ба асосҳои методологии бунёдшавӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла дар шароити СБҲМ бахшида шудаанд, гуногун будани ақидаҳоро оид ба мушкилот ва рушди ин соҳа нишон медиҳанд. Инро дар таҳқиқоти муаллифони хориҷӣ, ба монанди С.В. Андреева, Л.В. Ашихмина, Б.И. Валуев, Н.А. Гура, Т.В. Долгих, Т.Ю. Дружиловская, Н.А. Илюхина, О.В. Крешенко, Н.А. Мирославская, А.А. Мирзоалиев, А.П. Михалкевич, Н.С. Нечеухина, Л.К. Никандрова, А.М. Петров, А.А. Солоненко, Г.М. Утебаева, В.Т. Чая, инчунин дар асарҳои олимони ватанӣ Ҳ.А. Акрамова, М.У. Бобоев, Д.Н. Дадоматов метавон мушоҳида кард.

Дар адабиёти муосири илмӣ ба таҳлили қиёсии СБҲМ ва стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин ба омӯзиши таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба равандҳои ягонакунӣ (унификатсия), ҳамоҳангсозӣ ва рақамикунонии амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Ин масъалаҳо дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ И.Н. Богатая, М.А. Гордова, Л.А. Зимакова, Т.В. Зирянова, С.А. Исакова, Н.А. Камордженова, В.Ф. Керимов, инчунин олимони ватанӣ Д.С. Амонова, М.У. Бобоев, М.Х. Давлатзода,

М.В. Калемуллоев, М.Б. Каримиён, Г.Т. Қодирова, Ҳ.Қ. Қурбонализода, А.К. Қурбонов, А.А. Мирзоалиев, С.Ф. Низомов, Р.К. Раҷабов, Д.Т. Расулов, Т.Б. Раҷабов, С.С. Сайфиддинзода, Д.У. Ӯроқов, Ш.А. Ҳоҷиева, З.Р. Шарифов, М. Шобеков ба таври муфассал ба таҳлил фаро гирифта шудаанд.

Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои мушаххаси мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар адабиёт норавшан мондаанд. Таҳқиқот оид ба татбиқи СБҲМ дар мамлакат пароканда буда, масъалаҳои амалии ислоҳот ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити дигаргуниҳои ҷаҳонии иқтисодӣ ба таври кофӣ ҳал нашудаанд. Бинобар ин, мавзуи илмӣ таҳқиқи амиқтарро, махсусан вобаста ба хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 231), «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 154), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар мавзуи «Назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои соҳаи саноат ва сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот таҳияи ҷанбаҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба бунёдсозӣ ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ бо назардошти муқаррароти СБҲМ ва хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мутобиқи мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳои асосии илмӣ муайян ва пайваста ҳал карда шудаанд:

1. Муҳокимаи назариявӣ ва гурӯҳбандии низомҳои милии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили равишҳои асосии илмии муайян кардани мафҳуми «низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ» ва ошкор намудани маҷмуи омилҳое, ки ташаккул ва рушди онҳоро муайян мекунанд.

2. Омӯзиши таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба амсилаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои ташкилию методологии онҳо бо асосноккунии мубрамии ягонакунии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар сатҳи байналмилалӣ.

3. Таҳлили заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ. Омӯзиши хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти исломӣ, таҳлили таъсири принсипҳои молияи исломӣ ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ.

4. Таҳлил ва арзёбии асосҳои методологии бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, таҳқиқи таҳаввули равишҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, ошкор кардан ва арзёбии омилҳои асосии ба рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсиррасон.

5. Таҳлили принсипҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳқиқи пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии он, муайян кардани мушкилоти ҳамоҳангсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба воқеияти муҳити иқтисодӣ ва муқаррар кардани роҳҳои бартараф кардани онҳо.

6. Таҳқиқи вазъи муосир ва хусусиятҳои бунёдсозии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ, баррасӣ ва арзёбии марҳилаҳои асосии ташаккул ва

рушди он, ошкор намудани хусусиятҳо ва мушкилоти муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар субъектҳои иқтисодӣ.

7. Омӯзиш ва арзёбии раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи марҳилаҳои асосии он, аз ҷумла таҳлил ва арзёбии раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ва расмиёти дахлдор, муайян кардани мушкилот ва монеаҳо дар роҳандозии ислоҳоти мазкур.

8. Таҳқиқи мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, таҳқиқи робитаи байни намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири бунёди низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ.

9. Таҳлили имконияти татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани хусусиятҳои асосии раванди татбиқи СБҲМ, ошкор ва арзёбӣ кардани мушкилоти татбиқи СБҲМ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ. Таҳлили ташхисӣ ва арзёбии вазъи корбурди СБҲМ дар мамлакат.

10. Таҳқиқ ва арзёбии тамоюлҳои рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ вобаста ба татбиқи СБҲМ, муайян кардани мушкилоти асосии рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ ва дар ин асос таҳия намудани дурнамои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаботи СБҲМ, аз ҷумла такмили сиёсати баҳисобгирӣ, сохтори нақшаи ҳисобҳо ва механизмҳои назорати дохилӣ бо мақсади баланд бардоштани дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ.

Объекти таҳқиқот низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, инчунин равандҳои татбиқ ва такмили СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқот методология ва амалияи бунёдшавӣ ва ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла хусусиятҳои ҷорӣ намудани СБҲМ ба низоми баҳисобгирии молиявии субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки татбиқи бомуваффақияти стандартҳои байналмилалӣ дар низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мутобиқсозии ин стандартҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, инчунин бо истифода аз равиши ҳамгирошуда, аз ҷумла ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, такмили ихтисоси муҳосибон, такмили технологияҳои муосири рақамӣ ва рушди назорати дохилӣ имконпазир аст. Таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ин равандҳо ба беҳтар шудани шаффофии ҳисоботи молиявӣ ва афзоиши эътимоди сармоягузорони байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба назарияҳои марбут ба рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ асос ёфтаанд. Самти асосии назариявӣ таҳлили мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаи идоракунӣ ва назорат, инчунин назарияи ҷаҳонишавӣ мебошад, ки таъсири равандҳои иқтисодии байналмилалиро ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ медиҳад. Инчунин назарияҳои ҳамгироии стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ ба амалияҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва принсипҳои баҳисобгири муҳосибӣ дар иқтисодиёти исломӣ истифода мешаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқот равиши бонизом, ки барои баррасии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури низоми иқтисодии васеътар имкон медиҳад, инчунин таҳлили қиёсии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Усулҳои таҳлили иқтисодӣ, ташхис ва амсиласозии равандҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин усулҳои амалии таҳлили ҳисоботи молиявӣ, арзёбии коршиносӣ, таҳлили муҳтавои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, пурсиш ва мусоҳиба истифода мешаванд.

Сарчашмаҳои маълумот. Таҳқиқот ба интишорот дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, СБҲМ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва

ҳисоботи молиявии корхонаҳо, маводи конференсияҳо, мусоҳибаҳо бо коршиносон ва кормандони муҳосиботи корхонаҳо такя мекунад.

Пойгоҳи таҳқиқот заминаи моддию техникӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки таҳлил ва асосноккунии равишҳои ташаккули низоми миллии баҳисобгирии молиявиро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин мекунад. Заминаи моддию техникӣ захираҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, аз ҷумла дастрасӣ ба нармафзори махсуси баҳисобгирии муҳосибӣ, китобхонаҳои электронӣ, пойгоҳҳо ва воситаҳои техникии коркард ва таҳлили маълумотро дар бар мегирад. Пойгоҳи ташкилӣ – дастгирӣ аз ҷониби мушовири илмӣ, дастрасӣ ба маълумоти корхонаҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои аудиторӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ, инчунин имконияти иштирок дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари тахассусӣ мебошад. Пойгоҳи иттилоотӣ – санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, СБҲМ, маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи корхонаҳо, интишороти илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти таҳлилии худи муаллиф мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили ҳамаҷонибаи раванди бунёдшавӣ ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, таҳияи равишҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳимтарини кор, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуктаҳо қайд карда мешаванд:

1. Тасаввуроти нав дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун низоми иттилоотии бисёрҷабҳа таҳия шудааст, ки аҳамияти идоракунӣ ва институтсионалии онро дар заминаи миллӣ ва байналмилалӣ ошкор мекунад. Амсилаи мутобиқшавандаи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки воқеияти муосири иқтисодиро инъикос менамояд. Таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарназардошти дараҷаи ҷалби онҳо дар равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои мамлакатҳои рӯ ба рушд пешниҳод гардидааст.

2. Муайян кардани таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Ба таври бонизом таҳлил карда мешавад, ки чӣ гуна ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба бунёдшавӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад. Амсилаи тағйироти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардида, мушкилоти асосии мамлакатҳои рӯ ба рушд муайян карда шудаанд. Дурнамо ва манфиатҳои ҳамгироии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ баррасӣ шудаанд.

3. Таҳлили муфассали ҷиҳатҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ. Исбот карда мешавад, ки иқтисодиёти исломӣ дар ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои исломӣ таъсири назаррас дорад. Шароити таърихии пайдошавии амсилаи исломии баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ ва принсипҳои асосии он муайян карда шудаанд. Раванди мутобиқшавии иқтисодиёти исломӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

4. Зарурати табдили амсилаи анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба низоми ҳамгиро дар асоси СБҲМ ва технологияҳои рақамӣ ҳамчун вокуниш ба мушкилоти ҷаҳонишавӣ ва марҳилаи таҳаввулоти методологияи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ асоснок карда шудааст. Равиши ҳамаҷонибаи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарназардошти рушди таърихии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, тамоюлҳои муосири рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ асоснок карда шудааст.

5. Равиши нави мутобиқгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ки хусусиятои иқтисодиёти миллиро ба назар гирифта, ҷорӣ намудани механизмҳои танзими давлатӣ, рушди низоми омодасозии мутахассисон ва рақамикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад.

6. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва ҳамгироӣ ба табдили баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ муқаррар карда шудааст. Равиши ба амалия нигаронидашудаи ташкили хадамоти муҳосибӣ, аз ҷумла

истифодаи аутсорсинги муҳосибӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва мутобиқ шудан ба муҳити тағйирёбандаи берунӣ пешниҳод карда мешавад.

7. Таҳлили табдили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар заминаи ислоҳот оид ба татбиқи СБҲМ гузаронида шудааст. Монеаҳои асосӣ дар роҳи гузариш, аз ҷумла маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва нарасидани кормандони баландихтисос муайян карда шудаанд. Самтҳои бартараф намудани ин монеаҳо бо назардошти хусусиятҳои муҳити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешаванд.

8. Мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар сохтори умумии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Амсилаи ҳамгироии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз таҳия карда шудааст, ки ташаккули низоми ягонаи ҳамоҳангшудаи баҳисобгирии муҳосибиро таъмин мекунад. Нақши баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун асоси таҳияи ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз асоснок карда шудааст.

9. Таҳлили амиқи вазъи татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар он диққати асосӣ ба мушкилоти ҷорӣ, аз қабили омодагии нобасандаи муҳосибон ва мутобиқат накардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба стандартҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Дар асоси таҳлили ташхисӣ камбудиҳои раванди татбиқи СБҲМ ошкор карда шудаанд. Тавсияҳо оид ба такмили раванди мутобиқсозии СБҲМ бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ва вазъи иқтисодии мамлакат пешниҳод карда мешаванд.

10. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ, рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳамгироии нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба низоми ҳисоботи молиявӣ таҳлил карда шудааст. Ба таҳияи тавсияҳо оид ба мутобиқ намудани СБҲМ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ҷорӣ намудани технологияҳои автоматикунонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ диққати махсус дода мешавад.

11. Равиши ҳамаҷонибаи такмили низоми баҳисобгирии молиявии субъектҳои иқтисодӣ дар шароити СБҲМ пешниҳод шудааст. Механизмҳои

ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ ва навсозии нақшаи ҳисобҳо бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шудаанд. Ба рушди назорати дохилӣ ҳамчун воситаи асосии баланд бардоштани дақиқӣ, саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ диққати махсус дода мешавад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун сохтори пӯёни иттилоотӣ баррасӣ мешавад, ки рушди он дар таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ қарор дошта, самаранокии онро дараҷаи ҳамгироӣ бо стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян мекунад. Таснифи амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти сатҳи ҳамгироии иқтисодӣ ва хусусиятҳои низоми миллии иқтисодӣ аниқ карда шудааст.

2. Амсилаи консептуалии таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки дар доираи он ҳамоҳангии бисёрсатҳии ҳисоботи молиявӣ - дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ асоснок карда шудааст. Равиши пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки маҳдудиятҳои сохтории ба амалияи баҳисобгирии муҳосибии мамлакатҳои рӯ ба рушд хос, ки дар натиҷаи ихтилофи байни анъанаҳои пойдоршудаи миллӣ ва талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд, муайян карда шаванд.

3. Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ таҳлил шудаанд. Принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибии исломӣ, аз қабили манъи фоиз, тақсими одилонаи даромад ва ба инобат гирифтани нақши иҷтимоию иқтисодии тиҷорат дар ҷомеаи исломӣ муайян карда шудаанд. Ба эҳёи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар охири асри XX таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Душвориҳо ва таҳдидҳои мутобиқгардонии иқтисодиёт ва хизматрасониҳои молиявии исломӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ин барои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ислоҳоти миллӣ дурнамои нав мекушояд.

4. Таҳаввули равишҳои методологии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо зарурати мутобиқ кардани онҳо ба шароити тағйирёбандаи

иқтисодӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои рақамӣ муайян карда мешавад. Консепсияи ҳамгироии усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ бо воситаҳои муосири рақамӣ ва принсипҳои СБҲМ барои баланд бардоштани шаффофӣ ва қиёспазирии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

5. Такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳам талаботи байналмилалӣ ва ҳам шароити иқтисодии миллиро ба назар гирифта, мувозинати байни стандартҳои ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии миллиро таъмин намояд. Равиши ҳамаҷонибаи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, рушди ҷомеаи касбии муҳосибон ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ барои автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод карда шудааст.

6. Равиши ташкили хадамоти муҳосибӣ бо истифодаи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ба хотири кам кардани хавфҳо ва хароҷот, баланд бардоштани чандирӣ ва таъмини риояи талаботи меъёрӣ таҳия шудааст. Тавсияҳои амалӣ барои ташкили усулҳои самарабахши баҳисобгирии муҳосибӣ дар заминаи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллӣ пешниҳод шудаанд.

7. Таҳлили ҳамаҷонибаи раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷорӣ намудани СБҲМ гузаронида шуд. Мушкилоти асосие, ки ба гузариши комил ба стандартҳои байналмилалӣ халал мерасонанд, муайян карда шуданд. Барои ҳалли ин мушкилот тавсияҳо пешниҳод шудаанд, аз қабили таҳия ва татбиқи маводи методии мутобиқшуда, такмили ихтисоси кормандон, инчунин дигаргунсозии куллии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори иттилоотӣ барои татбиқи бобарори СБҲМ.

8. Амсилаи ҳамгироии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз таҳия карда шудааст, ки он ба бунёди низоми ягона ва самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири таъмини ташаккули муносиби

ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз имкон медиҳад. Дар амсила муҳим будани нақши якҷояи баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар қабули қарорҳои фаврӣ таъкид гардида, роҳҳои рафъи маҳдудияти баҳисобгирии молиявӣ ва беҳтар намудани ҳамкории он бо баҳисобгирии андоз барои беҳсозии андозбандӣ пешниҳод карда шудааст.

9. Таҳлили раванди татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти мубрам, аз қабили омодагии нокифояи муҳосибон, мутобиқ набудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва камбудиҳои амалии раванди ба забони тоҷикӣ баргардон кардани стандартҳоро ошкор намуд. Тавсияҳо оид ба беҳтар намудани маводи таълимӣ, мутобиқгардонии СБҲМ ба хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва бозбинии санадҳои меъёрӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ин сифати ҳисоботи молиявиро баланд намуда, равандҳои татбиқи стандартҳои байналмилалиро дар заминаи воқеияти миллӣ беҳтар мегардонад.

10. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди баҳисобгирии молиявӣ дар заминаи СБҲМ мураттаб карда шудаанд. Тавсияҳо оид ба мутобиқсозии СБҲМ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ҷорӣ намудани технологияҳои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва бунёди стандартҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири инъикоси омилҳои иҷтимоӣ ва экологӣ дар ҳисобот пешниҳод карда мешаванд. Тасдиқ карда шудааст, ки ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба баҳисобгирии муҳосибӣ саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботро беҳтар намуда, ҳамкории байни низомҳои молиявии миллӣ ва байналмилалиро беҳтар мекунад.

11. Роҳҳои такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ бо таваҷҷуҳ ба таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ ва такмили нақшаи ҳисобҳо пешниҳод карда шудаанд. Барои беҳтар намудани назорати дохилӣ ба хотири таъмини дақиқӣ, саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ тадбирҳои муассир таҳия карда шуданд, ки татбиқи онҳо метавонад сифати ҳисоботи молиявиро беҳтар, хавфи таҳрифи иттилоотро кам ва раванди қабули қарорҳои идоракуниро мукаммал кунад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар тавсеаи асосҳои назариявии бунёд ва такмили низоми миллии

баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо таваҷҷуҳ ба татбиқи СБҲМ ифода меёбад. Равишҳои консептуалии таҳияшуда, таснифоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин тавсияҳои методологии дар таҳқиқот пешниҳодшуда барои таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии молиявӣ муфид хоҳанд буд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳо оид ба татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои бахши хусусӣ ва давлатӣ, инчунин дар раванди таълими бакалавр ва магистрҳои ихтисосҳои муҳосибӣ ва молиявӣ истифода шаванд. Аҳамияти амалӣ инчунин дар такмили сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи ҳисобҳо ва низоми назорати дохилӣ ба хотири баланд бардоштани шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмуи усулҳои таҳлили илмӣ, аз ҷумла равишҳои бонизомӣ, муқоисавӣ ва амалӣ мегардад. Барои тасдиқи фарзия ва хулосаҳо маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти амалӣ, аз ҷумла таҳлили ҳолатҳои татбиқи СБҲМ истифода шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни маълумот, аз қабили интишороти илмӣ, ҳисоботи расмии мақомоти давлатӣ ва маводи амалии баҳисобгирии муҳосибӣ санҷида шуданд. Истифодаи усулҳои ташхис ва таҳлили вазъи ҷории баҳисобгирии молиявӣ, инчунин асосноккунии тавсияҳои амалӣ бо такя ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ мекунад.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит иҷро карда шудааст: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ, 1.5. Батанзимдарорӣ ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳангоми ташаккули маълумоти

ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стадартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо, 1.14. Методологияи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳияи пойгоҳи назариявии таҳқиқот, аз ҷумла таснифоти васеи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили муфассали таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ин низомҳо, пешниҳодҳо оид ба ҳамгироии принсипҳои иқтисодиёти исломӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, гузаронидани таҳқиқи вазъи баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мушкилот ва монеаҳо дар татбиқи СБҲМ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ ва мутобиқгардонии он бо СБҲМ, таҳияи методологияи арзёбии имкони татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои қонунгузорӣ ва муҳити иқтисодии мамлакат, инчунин такмили сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо ва назорати дохилӣ дар доираи ҳадафҳои татбиқи СБҲМ ифода меёбад. Ҳамаи ин ҷанбаҳои кор аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шудааст, ки аз саҳми шахсии назаррас дар рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Душанбе, 2020), «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Самтҳои асосии таъмини саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар пасманзари ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2022), «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 2022), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити

муосир» (Душанбе, 2023), «Иқтисодиёт, бизнес, инноватсияҳо» (Пенза, 2023), «Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ» (Кӯлоб, 2023), «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷиҳатҳои муосир» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт, молия ва идоракунӣ: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт дар назария ва дар амалия: масъалаҳои мубрам ва ҷиҳатҳои муосир» (Пенза, 2024), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи таҳқиқот 1 монография, 51 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 32,0 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 28,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 22 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 353 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 360 саҳифа дарҷ гардида, 13 расм ва 26 ҷадвалро дар бар мегирад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БУНЁДШАВИИ НИЗОМҲОИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

1.1. Мафҳуми низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таснифи онҳо

Рушди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, инчунин воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар чунин шароит баҳисобгирии муҳосибӣ заминаи муҳимтарин барои рушди муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодии мамлакатҳои мухталиф ва иқтисодиёти миллӣ мегардад. Вале он барои ҳамаи мамлакатҳо ягона нест, дар ҳар як мамлакат қоидаҳои махсуси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ таҳия ва истифода мешаванд, ки маҳз дар муҳтавои низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ инъикос меёбанд.

Имрӯз омӯзиши низомҳои миллӣ ва байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ошкор намудани хусусиятҳо ва қабули ҷиҳатҳои беҳтарини онҳо барои татбиқкунӣ дар равандҳои бунёдшавӣ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолибияти хосаро касб намудааст. Чунин омӯзиш, инчунин таҳлил ва арзёбии дар асоси он анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки сатҳи таҳрифҳои иттилооти дар ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ пешниҳодгардида паст гардад ва имконияти дарки муҳтавои он аз ҷониби истифодабарандагони гуногуни манфиатдор баланд бардошта шавад.

Ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ боиси зиёд шудани талабот ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ гардид. Ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ таҳияи механизмҳои самарабахши пешниҳоди иттилооти саҳеҳ ва қиёспазири молиявиро дар бораи фаъолияти корхонаҳои дар муҳити фаромарзӣ фаъолияткунанда тақозо мекунад. Иҷрои ин вазифа тавассути

ҷорӣ намудани муқаррароти асосӣ ва рушди ҷиҳатҳои муҳими СБҲМ имконпазир аст. Дар чунин шароит низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ тадриҷан дигаргун шуда, ба талаботи баҳисобгирии муҳосибии миқёси ҷаҳонӣ ва равишҳои муосири идоракунӣ мутобиқ мешавад. Ин, дар навбати худ, вазифаи навсозии асосҳои методологӣ ва воситаҳои методии баҳисобгирии муҳосибиро, ки дар доираи амалияи қаблии баҳисобгирӣ дар мамлакат пойдор гардидаанд, мубрам мегардонад.

Барои гирифтани иттилооти саҳеҳ ва воқеъбинона оид ба натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ корбурди усулҳо ва қоидаҳои муносибе зарур аст, ки бо ёрии онҳо фаъолияти хоҷагидорӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос гардида, иттилооти натиҷавии барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ дар шакли ҳисоботи молиявӣ ташаккул меёбад. Ҳамчунин барои ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ пешниҳод намудани маълумоти воқеӣ оид ба таркиб, ҷойгиршавӣ ва истифодаи дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи субъекти иқтисодӣ, ташаккули маълумоти ҷамъбастӣ оид ба корхонаҳои як соҳа ва умуман мамлакат риоя намудани принсипҳои методологии ягонаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аҳамияти муҳим дорад. Принсипҳои мазкур унсури асосии ташкилдиҳандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси корхонаҳои алоҳида ва иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Имрӯз онҳо барои ҳар як мамлакат вобаста аз талаботи қонунгузории миллӣ бо дарназардошти муқаррароти принсипҳои байналмилалӣ таҳия карда мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти мо мафҳумҳои зиёде истифода мешаванд, чун «баҳисобгирии муҳосибӣ», «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ», «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ», «амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ». Дар ин маврид баъзе муаллифон мафҳумҳои мазкурро ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно ба кор мебаранд. Вале ба андешаи мо, ин мафҳумҳо аз ҳам тафовут доранд. Таҳлили таърифҳои дар адабиёт бештар дучоршаванда ба мо имкон дод, ки нигоҳи худро ҷиҳати тафовути мафҳумҳои мазкур изҳор намоем.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмуи унсурҳои дорои шакл ва муҳтавои муайян мебошад, ки дар алоқамандии байниҳамдигарӣ амал намуда, низоми иттилоотии мураккабро барои таъмини идоракунии субъектҳои иқтисодӣ бунёд мекунанд. Яъне, баҳисобгирии муҳосибӣ «низоми иттилоот оид ба вазъ ва ҳаракати сарватҳои корхона, оид ба натиҷаҳои фаъолияти он мебошад, ки фаъолияти хоҷагидории корхонаро бо ченаки пулӣ инъикос мекунад» [196, с. 4].

Азбаски мо баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун низом маънидод кардем, зарур мешуморем, ки мафҳуми худи «низом»-ро дар робита бо баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ диҳем. Масалан, А.И. Уемов низомро ҳамчун «объекти таҳқиқот, ифодакунандаи маҷмуи унсурҳое, ки ба таври муайян бо ҳам пайвастанд ва чизи томи ягонаро ташкил медиҳанд» [288, с. 117], тафсир мекунад. Ба ақидаи И.Н. Дрогобитский, «низом – ин моҳиятест, ки дар натиҷаи алоқамандии қисмҳо метавонад мавҷудият ва амалкунии худро ҳамчун чизи ягона нигоҳ дорад» [69, с. 44]. Муҳаққиқ ҳангоми таснифи низомҳо вобаста аз хосияти робитаҳои байни унсурҳо се намуди низомҳоро ҷудо мекунад: низомҳои табиӣ, низомҳои моддии сунъӣ ва низомҳои иҷтимоию техникӣ.

Дарк кардан ва ифода намудани ҳамагуна объект ҳамчун низом бо роҳи ҷудо намудани он ба қисмҳо (унсурҳо) ва муайян кардани муносибатҳои ин қисмҳо дар сурати мукаммали объект имкон дорад. Бинобар ин, аксаран низом ҳамчун маҷмуи муносибатҳои байниҳамдигарии ин унсурҳо баррасӣ мешавад. Ба ин хотир, муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирӣ В.И. Ткач и М.В. Ткач низомро чунин шарҳ медиҳанд: «маҷмуи унсурҳои дар муносибат бо ҳамдигар қарордошта, ки чизи мукаммал ва ягонаро ташкил медиҳад» [281, с. 8]. Ҳамин тариқ, низом дастаи пурра ва мукаммали унсурҳои бо ҳам алоқамандеро ифода менамояд, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян ва расидан ба ҳадафи ягона дар якҷоягӣ ва алоқамандии байниҳамдигарӣ амал мекунанд.

Аксари низомҳо дар таркиби худ шумораи зиёди унсурҳо ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳоро дар бар мегиранд, бинобар ин, онҳо низомҳои мураккаб мебошанд. Барои омӯзиши низомҳои мураккаб равишҳои мухталиф ба

кор бурда мешавад. Ба андешаи мо, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои низоми мураккаби моддии сунъиро дорад ва дар адабиёт нуқтаҳои назари мухталиф оид ба тафсири он ба назар мерасанд. Аз ҷумла муҳаққиқ Ю.А. Кузминский чунин меҳисобад, ки «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ – ин усулҳо ва методикаи корбурди онҳо, шаклҳои пешбурди баҳисобгирӣ мебошад, ... новобаста аз он ки баҳисобгирӣ дар куҷо бурда мешавад: дар корхонаҳои давлатӣ ё дар сохторҳои тиҷоратӣ, дар корхонаҳои саноатӣ, дар муассисаҳои бонкӣ ё дар ташкилотҳои буҷетӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ягона аст» [139, с. 106]. Баъзан муаллифони мухталиф ҳамон як чизро бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунанд. Вале бояд қайд кард, ки аз нигоҳи равиши илмӣ низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар тамоми мамлакатҳо як хел аст: дар муассисаҳои таълимӣ, қариб дар ҳама мамлакатҳо ба донишҷӯён дар бораи тавозуни муҳосибӣ ва бунёди он, ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, навишти дутарафа дар ҳисобҳо, тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ маълумот медиҳанд. Низоми баҳисобгирии муҳосибиро «вобаста аз вазифаҳое, ки муҳаққиқ дар назди худ мегузорад, метавон ба таври мухталиф ифода кард. Бинобар ин, ҳар як нуқтаи назар оид ба мушкилоти ташаккули чунин низом раво аст. Масъала ин аст, ки ин низоми сунъии аз ҷониби муҳаққиқ сохташуда чӣ тавр ба вазъи кунунии илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқат мекунад» [164, с. 236].

Баҳисобгирии муҳосибӣ дорои дастаи муайяни унсурҳо (объектҳо) мебошад, ки имкон медиҳанд онро ҳамчун низоми комил баррасӣ кард. Дар ин маврид объектҳои асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ – ин дороиҳо, сармояи худӣ, сармояи ҷалбгардида (уҳдадориҳо) ва амалиёти дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ рухдиҳанда, ки бо гирифтани даромад ва ба ҷо овардани хароҷот алоқаманданд, мебошанд. Ин объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи ташкилӣ мустақил мебошанд. Ба қавли муҳаққиқ С.Н. Поленова, ин мустақилӣ дар он зоҳир мегардад, ки объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ «ҳамчун намудҳои алоҳида ва нисбат ба ҳамдигар баробари дороиҳо ва уҳдадориҳо, амалиёти хоҷагидорӣ – ҳамчун даври ҳаракати онҳо дар гирдгардиши сармоя ё лаҳзаҳои ҳаракати беисти воситаҳои корхона баррасӣ мешаванд» [236, с. 31]. Дар ин

мавриd, ба туфайли он ки ин объектҳо дар раванди пешбурди фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ доимо дар алоқамандии байниҳамдигарӣ мебошанд, баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ вазифаҳои асосии ба худ хоси иттилоотӣ, назоратӣ, муҳофизати амвол, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва алоқаи баръаксро иҷро мекунад.

Дар таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки мо пешниҳод кардем, он ҳамчун низоми мураккаби иттилоотӣ тавсиф шудааст. Бинобар ин, мушкилот дар омӯзиши баҳисобгирии муҳосибӣ бо мураккабии худи низом ва ҳам бо муҳтавои иттилоотии он алоқаманд аст. Яъне баҳисобгирии муҳосибӣ низоми иттилоотӣ мебошад, ки барои идоракунии субъекти иқтисодӣ, омода кардани қарорҳои идоракунӣ иттилооти заруриро пешниҳод мекунад. Ҳамин тариқ, баҳисобгирии муҳосибиро метавон ҳамчун зернизоми низоми иттилоотии идоракунии субъекти иқтисодӣ эътироф кард. Дар ин маврид, дар тафовут аз дигар зернизомҳои иттилоотӣ, «баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамеша як низоми мукаммал ва пурра аст. Зернизомҳои дигари идоракунии корхона - назорат, таҳлил, танзим, - метавонанд дар ҳаҷми нопурра бошанд ва на ҳамчун низоми мукаммал амал кунанд» [51, с. 3]. Масалан, дар корхона низоми назорат метавонад мавҷуд бошад, вале дар доираи он танҳо баъзе амалҳои назоратӣ иҷро шаванд. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибӣ ҳатто дар корхонаҳои хурд мавҷуд будани низомеро талаб мекунад, ки инъикоси беист ва пурраи ҳамаи далелҳои фаъолияти хоҷагидориро таъмин кунад. Ин нукта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» низ қайд шудааст. Мутобиқи муқаррароти моддаи 6 қонуни мазкур, яке аз талаботи асосӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ ин бақайдгирии муттасил ва саривақтии тамоми амалиёт ва рӯйдодҳои хоҷагидорӣ мебошад. Ҳамчунин, моддаи 9-и қонун роҳбарони субъектҳои иқтисодиро водор мекунад, ки хадамоти муҳосибиро дар корхона ҳамчун воҳиди сохторӣ ташкил кунанд, дар ҳолати зарурӣ иҷрои вазифаҳои онро ба муҳосибӣ касбӣ ё ташкилоти муҳосибӣ супоранд, ё дар мавриди зарурат баҳисобгирии муҳосибиро худ пеш баранд (ҳангоми ҳаҷми ками фаъолият).

Баҳисобгирии муҳосибӣ бо тамоми намудҳои фаъолияти субъекти иқтисодӣ алоқаманд буда, муҳтавои амалиёти хоҷагидории дар давраи муайян (давраи ҳисоботӣ) дар он рухдодаро дар ҳуҷҷатҳои аввалии дахлдор инъикос менамояд. Минбаъд, иттилооти дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ инъикосгардида тавассути усулҳо ва қоидаҳои муносиби коркард ва банизомдарорӣ ҷамъбаст карда шуда, дар шакли ҳисобот ба истифодабарандагон барои қабули қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамин тариқ, баҳисобгирии муҳосибӣ – раванди мураккаби ҳуҷҷатнигорӣ, коркард, пешниҳодкунӣ ва истифодабарии иттилоот дар шакли ҳисоботи молиявӣ оид ба фаъолияти субъекти иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» низ номбар карда мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ низоми бисёрқабата буда, ҳам фаъолияти корхонаҳои алоҳида (сатҳи микроиқтисодӣ) ва ҳам равандҳои иқтисодиёти миллӣ (сатҳи макроиқтисодӣ)-ро фаро мегирад. Дар сатҳи микроиқтисодӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти молиявиро таъмин намуда, дар сатҳи макроиқтисодӣ барои ҷамъбасти маълумоти ҳисоботӣ, назорати меъёрӣ ва ҳамоҳангсозии амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси миллӣ асос мебошад. Дар ин маврид, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун «низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ» номбар мешавад.

Бо дарназардошти таҳлили равишҳои дар адабиёт мавҷуда, пешниҳод менамоем, ки низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун маҷмуи аз ҷиҳати институтсионалӣ ва методологӣ барасмиятдаровардашудаи принсипҳои назариявӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стандартҳо, сохторҳои ташкилӣ ва расмиёти амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо таъсири шароити иҷтимоию иқтисодӣ, низоми ҳуқуқӣ ва анъанаҳои фарҳангию таърихии миллӣ ташаккул ёфта, барои таъмини омодасозӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти молиявии саҳеҳ ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ таъин гардидааст, баррасӣ карда шавад.

Чунин равиш имкон медиҳад, ки таваҷҷуҳ на танҳо ба ҷанбаи меъёрию ҳуқуқии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, балки ба нақши муҳити

институтсионалӣ, хусусияти сиёсати иқтисодии давлат, инчунин талаботи ҷомеа ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ зоҳир карда шавад. Дар доираи тафсири пешниҳодшуда, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо маҷмуи қоидаҳо, стандартҳо (миллӣ ва байналмилалӣ), расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ, балки як падидаи мустақиле мебошад, ки ҳамгироии принсипҳои баҳисобгирии муҳосибиро бо дарназардошти шароити маҳаллӣ таъмин намуда, беназирии амсилаи иқтисодии мамлакати мушаххасро инъикос мекунад. Дар ин маврид, роҳнамои асосии рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъмини қиёспазирӣ ва шаффофии иттилоот дар шароити таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ бо нигоҳ доштани устуворӣ ва беназирии амсилаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Бинобар ин, масъалаи амсиласозӣ дар сатҳи низомҳои миллӣ ва байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён меояд ва мафҳуми «амсилаи баҳисобгирии муҳосибӣ» мавриди истифода қарор мегирад.

Аз нигоҳи муҳаққиқон В.Ф. Палий ва Я.В. Соколов ин гуна амсиласозӣ чунин шарҳ дода мешавад: агар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар як мамлакат ё дар як минтақа ҳамчун низоми алоҳида ва низоми стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ (ҳисоботи молиявӣ) ҳамчун низоми умумӣ номбар шаванд, пас «раванди аз низомҳои алоҳида ҷудо намудани аломатҳои умумии ба ҳар як низоми алоҳида хос ба хотири бунёд намудани тасвири умумии содакардашудаи низом амсиласозӣ ном дорад» [224, с. 7].

Акнун мо низоми баҳисобгирии муҳосибиро аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дар шакли амсилае ифода мекунем, ки дар он қисмҳои воридшавӣ ба низом (иттилоот оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ), баромад аз низом (иттилооти ҷамъбастӣ дар шакли ҳисобот), таъсири муҳити атроф (муҳити тиҷоратии амалкунии субъекти иқтисодӣ) ва алоқаи баръакс (қарорҳои идоракунӣ - амалҳои таъсиррасон ба фаъолияти хоҷагидорӣ) ҷудо карда мешаванд (расми 1.1). Пешакӣ таъкид мекунем, ки амсилаи мазкур дар намуди зоҳирӣ барои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аз нуқтаҳои назари ҳам илмӣ ва ҳам амалӣ комилан якхела, вале муҳтавои он барои ҳар ду ин низомҳо (илмӣ ва амалӣ) гуногун хоҳад буд.



Расми 1.1. – Амсилаи умумии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тавре аз амсила ба назар мерасад, муҳити тиҷоратие, ки субъекти иқтисодӣ дар он фаъолият мекунад, ҳам ба рафти фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳам ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона таъсир мерасонад. Иттилооти ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ воридшуда пас аз анҷоми амалиёти коркарди муҳосибӣ дар шакли ҷамъбастӣ тавассути ҳисобот ба истифодабарандагон пешкаш карда мешавад. Қарорҳои идоракунӣ талаботи истифодабарандагонро инъикос мекунанд ва метавонанд оид ба табдил ё такмили методикаи инъикос ва коркарди муҳосибии иттилоот тавсия ва нишондодҳоро низ дар бар гиранд.

Тавре муҳаққиқи украин Н.А. Гура қайд мекунад, принсипҳои бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз сатҳи танзимкунӣ, ҳамоҳангӣ бо СБҲМ, нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар хусусиятҳо аз ҳам тафовут доранд, бинобар ин, «гурӯҳҳои алоҳидаи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷудо карда мешаванд, ки

ҳамчун амсилаҳои мухталифи баҳисобгирии муҳосибӣ дар олам – англосаксонӣ, континенталӣ, ҷанубиамрикоӣ, байналмилалӣ муайян карда мешаванд» [51, с. 4]. Ба андешаи муҳаққиқ аксари муаллифон, ки дар асарҳои худ масъалаҳои ташаккул ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибиро таҳқиқ кардаанд, маҳз мафҳуми «низоми баҳисобгирии муҳосибӣ»-ро нисбат ба чунин гурӯҳҳо ба кор мебаранд. Дар баробари ин, ӯ изҳор менамояд, ки ин равиш мақбул нест, дурусттараш дар ин маврид, истифодаи мафҳуми «амсилаи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ» мебошад, зеро он таҳқиқи мафҳуми «амсила»-ро дар робита бо баҳисобгирии муҳосибӣ дар назар дорад.

Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба рушд ва мукаммалсозии муносибатҳои иқтисодӣ дар мамлакат мусоидат кунад. Вале вобаста ба дигаршавии муносибатҳои иқтисодӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низ дигаргуниҳо рух медиҳанд, мувофиқи талаботи идоракунии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар шароити нав усулҳо ва қоидаҳои нави ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Дар натиҷа низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ доимо дар таҳаввул ва рушд мебошанд.

Низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ аз оғоз барои танзими пешбурди баҳисобгирӣ ва омода намудани ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои алоҳида таъин гардидаанд. Аз ин ҷост, ки «низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун ба қадри назаррас аз ҳамдигар тафовут доранд. Ин бо сатҳи умумии фарҳанги иқтисодӣ дар ҳар як мамлакат, робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодии он дар ҷаҳон, тафовути низомҳои қонунгузорӣ марбут аст. Нақши хело бузургро ин ҷо ҳам тарзҳои истеҳсолот, ҳам сатҳи таваррум, ҳам суръатҳои рушди иқтисодӣ ва ҳам омилҳои зиёди иқтисодӣ мебозанд» [16, с. 113].

Ҳамин тариқ, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ин низоми стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки гирифтан ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурдани иттилооти басандаро таъмин менамояд. Стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ талаботро ба усулҳо ва амалҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла барои ҳисобузамкунии

истеҳлок, баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, ҳисобузамкунии андозҳо ва дигар ҷиҳатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунанд. Стандартҳои миллӣ барои истифодабарӣ дар миқёси мамлакат ҳатмӣ буда, муқаррароти онҳо дар натиҷаи қабули қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдор гардидааст, асосан дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфта, марҳилаҳои асосии таҳаввули худро низ дар ҳамон давра паси сар кардааст. Бинобар ин, хусусиятҳои он ба хусусиятҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар дигар мамлакатҳои пасошуравӣ шабеҳ мебошанд, «таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва масъулони раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат ба коркардҳои методӣ ва асарҳои илмию амалии дар ин мамлакатҳо таҳия ва нашргардида бештар аст» [147, с. 92].

Олимон ва муҳаққиқон, мутахассисони мақомоти танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳамкорӣ бо ШСБҲМ ва дигар ташкилотҳои муҳосибии байналмилалӣ дар муддати тӯлонӣ низомҳои милии баҳисобгирии муҳосибиро таҳқиқ намудаанд, то ки ҷиҳатҳои муҳими онҳоро барои татбиқ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор баранд. Дар натиҷа ба онҳо муяссар гардид, ки якчанд омилҳоеро муайян кунанд, ки ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири бевосита мерасонанд, аз ҷумла: муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии байналмилалӣ, робитаҳои иттилоотии субъектҳои иқтисодӣ бо сармоягузорон, буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, таваррум, пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъсири он ба амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар қатори омилҳои мазкур дар адабиёти соҳа чунин омилҳои дигар низ қайд карда мешаванд [195, с. 71]: афзалияти манфиатҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии давлат, талаботи иттилоотии истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ, пеш аз ҳама сармоягузорон ва кредиторон, суботи сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибмулкон, сатҳи рушди истеҳсолот ва дигарҳо.

Дар адабиёт ба сифати омили муҳимтарини ба раванди бунёдшавӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсиррасон талаботи

иттилоотии истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ эътироф карда мешавад. Вобаста аз он ки маҳз кадом гурӯҳи истифодабарандагон таъминкунандаи асосии сармояи субъекти иқтисодӣ мебошад, ҳадафҳои ҳисоботи молиявӣ, хосиятҳои сифатӣ, принсипҳо ва ғояҳои асосгузор, методикаҳо ва қоидаҳои мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мегарданд. Дар мамлакатҳое, ки он ҷо кредиторони асосии корхонаҳо давлат ва бонкҳо мебошанд, ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ба эҳтиёҷоти мақомоти давлатии андоз ва ташкилотҳои қарзӣ нигарон аст. Агар ташаккули сармояи субъектҳои иқтисодӣ бевосита аз иштирокчиёни бозори қоғазҳои қиматнок (бозори фондӣ) вобаста бошад ва муборизаи рақибонаи шадид барои манбаъҳои иловагии сармоя возеҳ бошад, пас ҳисоботи молиявӣ ба талаботи сармоягузорон ва кредиторони имконпазир нигаронида мешавад. Дар ин маврид, ҳисоботе, ки субъектҳои иқтисодӣ ба истифодабарандагони манфиатдор пешниҳод мекунанд, «ҳадди аксари маълумоти таҳлилиро дар бар мегирад, аз ҷумла: тамоми иттилооти иловагӣ оид ба сохтор ва ҷойгиршавии ҳудудии иқтидорҳои истеҳсолӣ, оид ба саҳмияҳо ва саҳомон, оид ба саҳми корхонаҳо дар беҳгардии некӯаҳволии ҷамъият, оид ба сатҳи омодагии касбии кормандон ва ғ.» [89, с. 51].

Ба сифати омили дигари нисбатан муҳиме, ки ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад, муаллифон афзалиятнокии манфиатҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии давлатро номбар мекунанд. Манфиатҳои макроиқтисодӣ гуфта дар ин маврид, манфиатдорӣ дар густариши амалиёти воридотӣ-содиротӣ, фурӯши саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок дар биржаҳои ҷаҳонӣ, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои рушди фаъолияти субъектҳои иқтисодиёти миллӣ, ворид шудан ба ҷомеаи иқтисодии баргузидаи ҷаҳонӣ фаҳмида мешавад. Табиист, ки барои мамлакате, ки дар назди худ чунин ҳадафҳои афзалиятнокро гузоштааст, зарурати ягонакунии принсипҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои ҳамамақбул ба миён меояд. Агар таваҷҷуҳи бештар ба ҳалли масъалаҳои иқтисодии дохилӣ равона шавад, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар таҳти таъсири анъанаҳои

миллии пойдоргардида, ки дар ҳар як мамлакат хусусиятҳои худро доранд, ташаккул меёбад.

Дар солҳои охир қоидаҳо ва стандартҳои умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ таҳия шудаанд, ки аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ ва мақомоти давлатии аксари мамлакатҳо эътироф гардидаанд. Дар қатори қоидаҳои умумӣ стандартҳои миллӣ низ рушд меёбанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) маъмул мебошанд. Раванди таҳия намудани НБМ дар мамлакат солҳои 1999-2003-ро дар бар гирифта, минбаъд дар ин самт корҳои муносиб ба анҷом нарасидаанд. Ба назар мерасад, ки муҳтавои НБМ, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1999-2003 тасдиқ кардааст, бо равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин муқаррароти СБҲМ мутобиқ нест.

Дар мамлакат тартиби омодасозии шаклҳои ҳисоботи молиявии корхонаҳо бо «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» [65], муайян карда мешавад. Ҳангоми таҳия намудани дастурамали мазкур тағйирот ва навигариҳои то соли 2011 ба СБҲМ воридкардашуда ба инобат гирифта нашудаанд. Зимнан, аксари тағйироти СБҲМ аллакай бо оғоз аз соли 2001 ворид карда шуда буданд. Ҳамчунин ҳангоми таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [155] ва нақшаи амалкунандаи ҳисобҳо [204] низ тағйироти ба СБҲМ воридкардашуда ба ҳисоб гирифта нашудаанд.

Бояд қайд кард, ки муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи мушкилоти бунёдшавӣ, рушд ва таснифи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ усули илмии идрок – муқоисакуниро бештар ба кор мебаранд. Аҳ ҷумла, муҳаққиқон Л.А. Зимакова ва Ю.В. Костякова чор самти асосии омӯзиш, таҳлил ва муқоисакунии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо кардаанд [83, с. 60]: 1) омилҳои ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 2) нигароништи баҳисобгирии

муҳосибӣ; 3) аломатҳои асосии муқоисакунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; 4) тартибдиҳии ҳисобот.

Ҳангоми омӯзиши омилҳои бунёдшавии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ омилҳои дохилӣ ва берунии ба ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсирасон чудо карда мешаванд (расми 1.2).



Расми 1.2. - Омилҳои ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Самтҳои нигарониши баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҳангоми омӯзиш ва таҳлили низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ чудо карда мешаванд, дар расми 1.3 тасвир шудаанд.

Ҳангоми омӯзиш ва муқоиса кардани низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба инобат гирифтани маҳакҳо (аломатҳо)-и гуногуне, ки метавонанд дар мамлакатҳои алоҳида ё гурӯҳи мамлакатҳо ба таври назаррас фарқ кунанд, муҳим аст. Ҳар як мамлакат низоми баҳисобгирии муҳосибии худро дар асоси хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин талаботи мушаххаси истифодабарандагони ҳисобот таҳия мекунад.



Расми 1.3. - Самтҳои нигароништи баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Мо дар асоси таҳлили адабиёти дахлдор [16; 81; 83; 84; 191] маҳакҳоеро муайян кардем, ки метавонанд барои муқоиса кардани низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ истифода шаванд. Ин маҳакҳо барои ошкор кардани ҷиҳатҳои муҳимтарини баҳисобгирӣ, ошкор кардани хусусиятҳои низомҳои

миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва равишҳои онҳо, ки дар мамлакатҳои гуногун қабул шудаанд, имкон медиҳанд (ҷадвали 1.1).

Ҷадвали 1.1. – Маҳакҳои муқоисакунии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Маҳаки муқоисакунӣ	Тавсифи маҳак	Мисолҳо
1. Қобилияти таҳлилӣ	Дараҷаи муфассалӣ ва қобилияти таҳлилии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ (дар асоси нақшаи ҳисобҳо)	Баланд – Фаронса, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ Миёна – Британия Кабир Паст – Россия, Украина
2. Сатҳи низом	Тақсимкунӣ ба низомҳои микроиқтисодӣ, макроиқтисодӣ ва ҷаҳонӣ	Микроиқтисодӣ – корхонаҳо Макроиқтисодӣ – иқтисодиёти миллӣ Ҷаҳонӣ – корхонаҳои фаромиллӣ
3. Аломати ҷуғрофӣ	Амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва амалияи таърихӣ	Англоамрикоӣ, аврупоӣ, ҷанубиамрикоӣ, исломӣ, байналмилалӣ
4. Истифодабарандагони иттилоот	Гурӯҳҳои асосии шахсон, ки ҳисоботи молиявӣ ба онҳо нигаронида шудааст	Чин, Олмон – роҳбарият ва саҳомон Фаронса, Италия – кредиторон Ҷопон, Португалия, Испания – давлат (мақомоти андоз)
5. Танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ	Ҷонибҳое, ки баҳисобгирии муҳосибиро танзим мекунанд ва стандартҳоро таҳия мекунанд	ИМА, Британияи Кабир - ташкилотҳои касбии муҳосибон Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақомоти давлатӣ (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).
6. Баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо	Усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ	Истифодаи чунин намудҳои арзиш: аввалӣ, одилона, бозорӣ, фурӯши имконпазир, истеҳлокшаванда, барҳамдиҳӣ, тавозунӣ, ҷорӣ, дисконтшуда.
7. Усулҳои муайян кардани арзиши аслӣ	Тафовут дар муайян кардани арзиши аслии дороиҳо ва уҳдадориҳо (ҳангоми муайян кардани арзиши аслӣ маҳз чӣ ба ҳисоб гирифта мешавад)	Австрия, Чин, Олмон, Россия - бақияҳои истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти тайёр, молҳои таҳвилшуда; Австралия, Фаронса, Ҳиндустон, Ҷопон - арзиши бақияи сарватҳо дар охири давраи ҳисоботӣ пас аз барӯйхатгирӣ муайян карда мешавад.
8. Усулҳои ҳисоб кардани натиҷаҳои молиявӣ	Равишҳои ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ, вобаста аз мамлакат ва қонунгузории он	Дар мамлакатҳои мухталиф корхонаҳо натиҷаҳои молиявии худро бо тарзҳои гуногун баҳодиҳӣ ва ҳисоб мекунанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории андоз авлавият дорад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар илова ба маълумоти дар ҷадвали 1.1 овардашуда ба баъзе маҳакҳои муқоисакунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳи бештар мекунем. Аз ҷумла, дар мавриди маҳаки қобилияти таҳлилӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки он дараҷаи муфассалкунии иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёбандаро ифода мекунад. Дар нақшаи ҳисобҳо дар Фаронса, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ рамзи бисёрададии ҳисобҳо истифода мешавад, ки барои ҷудо намудани аломатҳои таҳлилии зиёд имкон дода, қобилияти таҳлилии иттилоотро баланд мекунад. Дар Британияи Кабир рамзи 4-ададии ҳисобҳо истифода мешавад, ки миқдори маҳдуди иттилоотро дар бар мегирад. Дар нақшаи ҳисобҳои Россия ва Украина равиши нисбатан содаи муфассалкунӣ (рамзи ҳисобҳо аз ду адад иборат аст) истифода мешавад.

Низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии амрикоӣ ва британиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои касбии муҳосибон танзим карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ асосан ба амсилаи аврупоӣ пайравӣ карда мешавад. Яъне мувофиқи ин амсила нақши асосӣ дар муайян кардани принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ба давлат таалluқ дорад. Давлат санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҳатмиро таҳия ва тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон зикр кард, ки яке аз самтҳои муҳими дарки назариявии моҳияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таснифоти онҳо мебошад. Тавре мушоҳида мешавад, дар адабиёти илмии муосир амсилаҳое, ки ба принсипҳои ҷуғрофӣ ва анъанаҳои ҳуқуқӣ асос ёфтаанд (англоамрикоӣ, аврупоӣ, ҷанубиамрикоӣ, исломӣ), бартарӣ доранд. Аммо ин равишҳо омилҳои асосӣ, аз қабили сатҳи ҳамгироии давлат ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди институтсионалӣ, инчунин хусусиятҳои мамлакатхои рӯ ба рушдро, ки дар онҳо низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аксар вақт дар шароити вобастагии берунии методологӣ ва захираҳои маҳдуд ташаккул меёбад, пурра ба назар намегиранд. Бинобар ин, мо равиши муаллифии худро барои таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод менамоем, ки бо сатҳи ҷаҳонишавии иқтисодии мамлакат ва дараҷаи мутобиқат бо СБҲМ, инчунин хусусиятҳои институтсионалӣ ва иқтисодии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла

мавҷудияти ташкилотҳои касбии муҳосибон, сатҳи танзимкунии меъёрӣ, таъминот бо кормандон, хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ асос меёбад.

Дар ин замина метавон чор намуди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо кард:

1. Низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ - барои мамлакатҳое хос мебошад, ки сатҳи баланди иқтисодиёти кушода дошта, СБҲМ-ро бомуваффақият татбиқ мекунанд. Дар ин мамлакатҳо ниҳодҳои устувори танзимкунанда фаъолият мекунанд ва сатҳи баланди омодагии касбии кормандон мушоҳида мешавад (масалан, мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, Британияи Кабир, Канада, Австралия).

2. Низоми баҳисобгирии муҳосибии давраи гузариш – дар мамлакатҳое мушоҳида мешавад, ки дар марҳилаи мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ қарор доранд, дар ҳоле ки таъсири назарраси анъанаҳои миллӣ ва мавҷудияти низомҳои танзими дохилӣ нигоҳ дошта мешавад (масалан, Россия, Қазоқистон).

3. Низоми вобастаи баҳисобгирии муҳосибӣ - ба мамлакатҳои дорои сатҳи пасти рушди институтсионалӣ, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи донорҳои хориҷӣ нигаронида шуда, пойгоҳи методологии худии онҳо заиф аст, хос мебошад (масалан, баъзе мамлакатҳои Африко ва Амрикои Лотинӣ).

4. Низоми алтернативии баҳисобгирии муҳосибӣ (аз ҷиҳати фарҳангӣ ҷудошуда) – ба мамлакатҳое мансуб мебошад, ки дар онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ таҳти таъсири меъёрҳои динӣ ё анъанавӣ ташаккул меёбад (масалан, мамлакатҳои иқтисодиёти исломӣ).

Бартарии ин таснифот дар имконияти таҳлили фасеҳи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, инчунин бо назардошти хусусиятҳои мамлакатҳои дорои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ ифода меёбад. Ин махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар остонаи гузариш аз амсилаи фискалӣ ба амсилаи иттилоотию таҳлилӣ қарор дорад, дахл дорад, дар ҳоле ки монеаҳои институтсионалӣ дар татбиқи СБҲМ ҳанӯз боқӣ мондаанд. Ҳамин тариқ, таснифоти пешниҳодшуда ба дақиқтар муайян кардани самтҳои

ислоҳот ва стратегияҳои мутобиқшавӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат мекунад.

Барои муаррифии возеҳи таснифоти таҳияшудаи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба сатҳи ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамоҳангӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, амсилаи дорои ду меҳварро, ки ҳар кадоме намудҳои баррасишудаи низоми баҳисобгирии муҳосибиро ифода мекунанд, пешниҳод менамоем (расми 1.4). Он имкон медиҳад, ки гуногунии амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти на танҳо омилҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ, балки сатҳи ҳамгироии иқтисодӣ, ки махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳим аст, ба таври возеҳ муаррифӣ карда шавад.

Расми 1.4. – Таснифоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳангоми омӯзиш, таҳлил ва муқоисакунии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ метавон се тарзи асосиро ҷудо кард: нигарониш ба корхона (Олмон); нигарониш ба сатҳи макроиқтисодӣ (ИМА, Британияи Кабир, Фаронса); нигарониш ба сатҳи ҷаҳонӣ (корхонаҳои фаромиллӣ). Ҳар як мамлакат ҳангоми омода намудани ҳисоботи молиявӣ афзалиятҳои ба худ хосро ба кор мебарад, то ки ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии дар доираи он фаъолияткунанда талаботи иттилоотии таъминкунандагони сармояро қонеъ намуда, ба онҳо дастрас ва фаҳмо бошад.

Барои таҳияи таснифоти васеи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарназардошти хусусиятҳои мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад якчанд сатҳҳои ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равишҳои татбиқи СБҲМ истифода шаванд (ҷадвали 1.2).

Ҷадвали 1.2. Таснифоти васеи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Сатҳи ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ	Намуди низом	Хусусиятҳои низом
1. Сатҳи пасти ҳамгироӣ	Низоми протексионистӣ	Мамлакатҳои дорои тиҷорати байналмилалии маҳдуд ва мутобиқати камтарин ба талаботи байналмилалӣ.
	Низоми комилан милликунонида	Мамлакатҳое, ки дар онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо бо стандартҳои миллӣ танзим мешавад ва раванди гузариш ба СБҲМ дар марҳилаи аввал аст.
2. Сатҳи муътадили ҳамгироӣ	Қисман мутобиқсозии СБҲМ	Мамлакатҳое, ки СБҲМ-ро тадриҷан татбиқ мекунанд, вале баъзе стандартҳои миллиро барои бахшҳои мушаххаси иқтисодӣ нигоҳ медоранд.
	Низоми пайвандӣ	Равиши омехта, вақте ки СБҲМ барои корхонаҳои бузург ва стандартҳои миллӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна татбиқ карда мешаванд.
3. Сатҳи баланди ҳамгироӣ	Татбиқи пурраи СБҲМ	Мамлакатҳое, ки СБҲМ-ро пурра татбиқ кардаанд, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқанд, ба содирот нигаронида шудаанд ва дорои сатҳи баланди сармоягузории хориҷӣ мебошанд.
	Низоми ҳамгиро бо таҳаввулоти доимӣ	Мамлакатҳое, ки дар онҳо раванди гузариш ба СБҲМ дар марҳилаи мутобиқшавӣ ва таҷдиди доимӣ, бо навсозии мунтазами стандартҳо барои мутобиқат ба таҷрибаи байналмилалӣ қарор дорад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ин таснифот барои муайян кардани хусусиятҳо ва мушкилоти асосие, ки мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ворид шудан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва татбиқи СБҲМ ба онҳо дучор мешаванд, мадад мекунад. Равишҳои баррасишуда барои омӯзиш ва таҳлили низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳанд, ки ҷиҳатҳои мусбати онҳо ҷудо карда шаванд, самтҳои мукаммалсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд ва барои бунёдшавӣ ва рушди муносиби низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод ва тавсияҳои судманд таҳия карда шаванд.

1.2. Таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Яке аз камбудиҳои равишҳои назариявии омӯзиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ қафомонии онҳо дар ҳалли масъалаҳои амалии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ин мушкилотро бисёр олимоне, ки бо масъалаҳои назариявии баҳисобгирии муҳосибӣ машғуланд, инчунин муҳосибони аҳли амал муҳокима мекунанд.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки гуногунии ақидаҳо ва консепсияҳои дар адабиёт пешниҳодшуда оид ба назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хеле зиёд буда, баъзеи онҳо ҳатто ҳамдигарро истисно мекунанд. Ин аз вусъати вазъияти буҳронӣ ва гуногунандешӣ дар назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ шаҳодат медиҳад. Ин вазъият, ба ақидаи профессори рус В.Ф. Палий «натиҷаҳои мусбӣ меорад ва имкон медиҳад, ки ба таҳияи равишҳои нави назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби аксарияти муҳаққиқон пазируфта шуда, илми моро ба ҷойгоҳҳои пеш мебаранд, умедвор бошем» [223, с. 3]. Яке аз чунин равишҳои нав ин рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар заминаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ мебошад.

Имрӯз ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ як қувваи бузурге мебошад, ки барои дигаргун кардани муносибатҳои иқтисодӣ ва нигарон кардани онҳо ба

самти фаъолияти беҳудуд ва шаффоф қодир аст. Бозорҳо, корхонаҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва низомҳои идоракунии онҳо ҳамчун унсурҳои иқтисодӣ бо ҳам муттаҳид мешаванд. Дар натиҷа рақобати байни субъектҳои иқтисодӣ дар фазои густурда пурзӯр шуда, ҳамкории иқтисодии онҳо рушд меёбад, равандҳои истеҳсол ва бозорҳои фурӯши маҳсулот васеъ мегарданд. Дар байни мамлакатҳои дорои сатҳи гуногуни рушд ва субъектҳои иқтисодии онҳо муносибатҳои нави хоҷагидорӣ пойдор мешаванд.

Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба якҷоя вуҷуд доштани арзишҳои миллӣ ва байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо оварда, ба ин васила субъектҳои иқтисодиро барои кам кардани хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои худ водор менамояд. Истеҳсолкунандагон ба хотири истодагарӣ кардан дар шароити рақобати бозор роҳҳои нави кам кардани хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои худро ҷустуҷӯ менамоянд. Акнун фаъолияти бобарори субъектҳои иқтисодӣ аз иттилоотнокӣ ва иқтидори онҳо барои корбурди иттилоот оид ба сарватҳои дохилӣ ва муҳити бозории берунӣ вобаста аст. Бинобар ин, эҳтиёҷ ба гирифтани иттилооти зарурӣ оид ба хароҷот ба хотири роҳандозӣ намудани идоракунии муносиби онҳо пайдо мешавад.

Акнун таҳия намудани қарорҳо дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ бо коркарди ҳаҷмҳои калони маълумот, иҷрои амалҳои мураккаб ва истифодаи усулҳои илмии муқоиса, таҳлил ва тафсири итилоот ҳамрадиф аст. Ҳамчунин таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаҳои мубрамро ба миён мегузорад, ки онҳо омӯзиши ҷиддиро талаб мекунанд.

Дар адабиёти илмии хориҷӣ ба масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, зеро маҳз дигаргуниҳои ҷаҳонии иқтисодӣ ба табдили низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ягонакунии стандартҳо ва ҳамоҳангсозии равишҳои методологӣ таъсири назаррас мерасонанд. Ҳадафи таҳқиқот дар ин самт дарки таъсири ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, рақамикунонӣ, сармоягузории фаромарзӣ ва

фаъолияти корхонаҳои фаромиллӣ ба таҳаввулоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Дар ин самт метавон корҳои илмии муаллифон Б. Аҳмад [328], А.Б. Висотская [45], Л.А. Зимакова [83], Н.А. Илюхина [89], С.В. Ключников [115], Г. Леман [339], П.Н. Майданевич [167], С.Н. Поленова [233], Н. Турегун [351], Т. Ҳоппер [336], Е.А. Шароватова [308] ва дигаронро номбар кард, ки асосҳои консептуалии гузариш ба СБҲМ-ро таҳлил намуда, оқибатҳои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалиро барои иқтисодиёти миллӣ баррасӣ мекунанд. Таҳқиқоти мазкур заминаи муҳими назариявӣ ва амалӣ барои таҳлили қиёсӣ, ташаккули тавсияҳо оид ба такмили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҷаҳонишавии иқтисодӣ бо раванди мутобиқ гардонидани низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ба монанди СБҲМ алоқаи зич дорад. Ҳар як низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакати алоҳида пойдоргардида дорои хусусиятҳои фарқкунандаи худ мебошад. Ин ҷо «омили асосӣ – пеш аз ҳама ба кадом доираи истифодабарандагон нигаронида шудани низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад» [16, с. 113].

Азбаски имрӯз дар бозори сармоя нуфузи бештари ниҳодҳо ва ташкилотҳои молиявӣ мушоҳида мешавад, баҳисобгирии муҳосибӣ ба қоидаҳои ягонаи ташаккули ҳисоботи молиявӣ, ки бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ муқаррар мекунанд, тобеъ мешавад. Бинобар ин, «усулҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ аз сабаби бо ҳам мувофиқат накардани ҳар як амсилаи мамлакатҳои гуногун бетағйир монда наметавонанд. Дар таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи фаромиллӣ рушд мекунанд, ки ин қоидаҳои ягонаи баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти хоҷагидориро тақозо мекунад» [309, с. 11]. Ҳангоми корбурди чунин қоидаҳои ягона аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳое, ки ин қоидаҳоро қабул кардаанд ва он ҷо корхонаҳои тиҷоратӣ ба сармоягузориҳои хориҷӣ ниёз доранд, стандартҳои яксонкардашуда ба сармоягузорони хориҷии имконпазир имкон медиҳанд, ки ба хотири арзёбии вазъи объектҳои сармоягузорӣ (корхонаҳое, ки

ҳисоботи молиявии худро нашр мекунанд ва ба сармоягузорӣ ниёз доранд) ҳисоботи молиявии корхонаҳои дахлдорро омӯзанд. Дар ин маврид, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, ки мувофиқи стандартҳои яксонкардашудаи дар миқёси байналмилалӣ эътирофшуда тартиб дода шудааст, метавонад эҳтиёҷоти тамоми гурӯҳҳои истифодабарандагони манфиатдорро қонеъ гардонад. Чунин стандартҳо ҳоло СБҲМ мебошанд, ки ба тамоми мутахассисон, менеҷерҳо ва дигар кормандони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ ва масъулони самтҳои фаъолияти сармоягузорӣ барои якхела дарк кардани иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда имкон медиҳанд.

Дар баробари ин, муқаррарот ва меъёрҳои СБҲМ дар мамлакатҳое, ки онҳоро истифода мебаранд, ба гум кардани арзишҳои анъанавии миллӣ ҷиҳати ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ оварда мерасонанд. Барои чунин мамлакатҳо ҳангоми татбиқи стандартҳои байналмилалӣ баъзе мушкилот пеш меоянд, сатҳи рушди иқтисодии мамлакатҳои алоҳида, анъанаҳои миллӣ, сатҳи кордонӣ ва касбияти муҳосибон, мавҷудияти маводи методӣ ва дигар омилҳо барои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун монеаҳо эҷод мекунанд. Ин монеаҳо метавонанд равандҳои ислоҳоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро дар самти гузариш ба истифодаи стандартҳои байналмилалӣ халалдор кунанд. Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми комили миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Он чӣ, ки ҳоло ҳаст, - ин ба анъанаҳои миллии тоҷик марбут нест, зеро низоми дар мамлакат пойдоргардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ, тавре дар зербоби якум қайд карда будем, бозмонда аз даврони Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Ба ҳар ҳол, ҳангоми татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ душвориҳои ҷиддӣ вобаста ба таъмини муҳосибони касбӣ дар корхонаҳо ба миён меоянд.

То давраи гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакат амалкунанда, ҳамчун яке аз ворисони низоми баҳисобгирии муҳосибии шуравӣ ба ҳифзи моликияти корхонаҳо, ошкор кардани тамоюлот аз рӯйи нишондиҳандаҳои хароҷот, нақшаҳои истеҳсолӣ,

харҷномаҳо нигаронида шуда буд, ки ҳамаи ин аз талаботи низомномаҳо ва методикаҳои амалкунандаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок бармеомад. Вазоратҳо, идораҳо, ниҳодҳои илмию таҳқиқотӣ барои субъектҳои иқтисодии дар соҳаҳои дахлдори худ фаъолияткунанда оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) дастурамалҳо ва тавсияҳои методии махсус таҳия ва барои истифода пешниҳод мекарданд. Вале ҳамаи ин дар доираи сиёсати ягонаи давлатии баҳисобгирии муҳосибӣ роҳандозӣ карда мешуд. Маблағгузории хароҷоти омодасозии чунин коркардҳои методӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешуд ва ба вазъи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таъсир намерасонид. Бо гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба куллӣ дигар шуд. Акнун дастурамалҳо, тавсияҳо ва дигар коркардҳои методӣ, ки ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ марбут мебошанд, танҳо дар доираи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танҳо бо ба инобат гирифтани ҳадафҳои фискалӣ (андозбандӣ) таҳия ва пешниҳод карда мешаванд, ки хусусияти иҷрои ҳатмиро доранд, сарфи назар аз он, ки мувофиқи ғояҳои нави мутобиқ ба шароити бозор, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ асосан ба манфиати соҳибмулкон мебошад.

Бояд зикр кард, ки ҳам барои мақомоти андоз ва дигар мақомоти давлатии назорати молиявӣ, ки ба ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ доранд, ҳам барои соҳибмулкон аз ҳама муҳим нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба ташаккули фоида таъсир мерасонанд. Тамоми дигар унсурҳои таҳлилии муфассалкунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ – унсурҳои баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии идоракунии хароҷот), ки барои таҳлил, арзёбӣ ва идоракунии хароҷот, фоида ва таркиби он заруранд, - масъалаҳои муҳими низоми менеҷменти корхонаи мушаххас, ки кормандони он на ҳамеша донишҳои амиқи назариявӣ ва методологии соҳаи баҳисобгирии муҳосибиро доранд, мебошанд.

Таҷрибаи татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар заминаи

ҷаҳонишавии иқтисодӣ, - ин пеш аз ҳама мушкилоти таъмини кормандони мувофиқ мебошад. Барои гузариши бобарор ба стандартҳои байналмилалӣ корхонаҳо бояд тадбирҳои муайянро барои омодасозии муҳосибони касбӣ роҳандозӣ намоянд, ки ин хароҷоти назаррасро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, хароҷоти омодасозии муҳосибони касбӣ барои кор дар шароити корбурди қоидаҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ метавонанд самараи хеле баланд дошта бошанд, зеро бо татбиқи бобарори стандартҳои байналмилалӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии худ, корхонаҳо барои шарикони бозорӣ, пеш аз ҳама барои сармоягузорони хориҷӣ дастрас мешаванд.

Тавре муҳаққиқ Е.А. Шароватова қайд мекунад, «бо сабаби пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотӣ як қисми кори амалиётии муҳосибӣ ба низоми нусхабардорӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалӣ мегузарад. Мутаассифона, ин боиси ихтисор шудани кормандони муҳосибӣ-техникӣ мегардад, вале салоҳияти навшудаи муҳосибон-идоракунандагон аз онҳо на кори душвор бо ҳуҷҷатҳои аввалӣ, балки қабули қарорҳои идоракунии мураккабро талаб мекунад, ки ин бо салоҳиятҳои дар стандартҳо пешбинишуда тасдиқ карда мешавад» [308, с. 28].

Ба андешаи А.Б. Висотская, «ҷаҳонишавӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои рушдёбанда таъсири бузург мерасонад ва ин таъсир дар ҳар як мамлакати алоҳида гуногун аст. Умуман ин аз сатҳи иштироки ин ё он иқтисодиёти миллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ вобаста мебошад» [45, с. 112]. Ҳамчунин, тавре баъзе муҳаққиқони дигар арз мекунанд, рушди технологияҳои рақамӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳамрадиф мебошанд, ба косташавии мавқеи баҳисобгирии муҳосибӣ ва паст шудани мақоми муҳосиб меоварад.

Асоси ҳар як низоми идоракуниро ҷараёнҳои иттилоотие ташкил медиҳанд, ки вазъ ва натиҷаҳои фаъолияти объекти идорашавандаро тавсиф медиҳанд ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос мешаванд. Яъне, баҳисобгирии муҳосибӣ як амсилаи умумии фаъолияти хоҷагидорӣ буда, дар тамоми мамлакатҳо истифода мешавад. Дар баробари ин, дар равандҳои

ҷаҳонишавии иқтисодӣ, вақте ки зарурати воқеии ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии асосие, ки ба қабули қарорҳои идоракунӣ, муқоиса ва таҳлили фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳои гуногун мусоидат мекунад, зиддияти асосии стандартикунонии он ошкор гардид: баҳисобгирии муҳосибӣ амсилаи иттилоотии ба таври сунъӣ сохташуда буда, дар мамлакатҳои гуногун ба принсипҳои гуногун такя мекунад, ки боиси қиёснопазирии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда мегардад. Вобаста ба ин, дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ мубрамии мушкилоти дарёфти роҳҳои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бештар мешавад.

Дар расми 1.5 тарҳе оварда шудааст, ки таъсири ҷаҳонишавии иқтисодиро ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир мекунад.

Дар маркази тарҳ раванди ҳамгироии ҷаҳонӣ тасвир шудааст, ки гузариши низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро ба стандартҳои байналмилалӣ инъикос мекунад. Дар ин маврид тирчаҳо ба СБҲМ ишора мекунанд ва ин ифодаи рамзи ҳаракат дар самти ягонакунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад. Раванди дар тарҳ тавсифшуда ҳамоҳангсозии ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибиро ба хотири таъмини қиёспазирии маълумоти молиявӣ дар сатҳи байналмилалӣ тақозо мекунад, ки махсусан дар шароити таҳкими ҷаҳонишавии иқтисодӣ муҳим мегардад.

Тавре аз тарҳи дар расми 1.5 тасвиршуда ба назар мерасад, раванди ҷаҳонишавӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, инчунин дар сатҳи корхонаҳо низ таъсир мерасонад. Ягонакунӣ ва стандартикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути СБҲМ ба беҳтар шудани шаффофӣ ва қиёспазирии иттилооти ҳисоботи молиявӣ, инчунин идоракунии самараноки сармоя мусоидат мекунад. Ин, дар навбати худ, ҳамгироии бозорҳои ҷаҳонии сармояро вусъат бахшида, ташаккули муносибатҳои устувори субъектҳои иқтисодиро дар арсаи байналмилалӣ таъмин мекунад.

Расми 1.5. – Таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ: роҳ ба ягонакунии стандартҳо

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ҳам ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳам ба ҷанбаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқи рус В.В. Панков қайд мекунад, ки «ин тағйирот дар назари аввал ба таври ноаён – бо роҳи табдили амалияҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ,

тасҳеҳи шаклҳои ҳисоботӣ, пайдо шудани объектҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ ва нисбатан зуд-зуд дигаршавии пойгоҳи меъёрӣ сурат мегиранд. ... Амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир дорои хосияти серҳаракатӣ буда, новобаста аз вазъи назария дигар мешавад» [227, с. 51]. Гузашта аз ин, тағйирот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ на дар мамлакати алоҳида, балки ҳамзамон дар тамоми мамлакатҳо рух медиҳанд. Инчунин бо таъсири ҷаҳонишавӣ тағйирот дар тамоми зинаҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ – байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ, соҳавӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ба амал меояд, ки дорои хусусиятҳои худ мебошанд (расми 1.6).

Баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар зинаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ, соҳавӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ҳамаҷониба мусоидат кунад. Вале бо сабаби дигаршавии худи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳо дар доираи ҳар як зинаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал меоянд. Дар онҳо усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи талаботи идоракунӣ дар ҳар як зинаи дахлдори идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ татбиқ карда мешаванд. Бинобар ин, низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ҳар як мамлакат бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйир меёбад ва рушд мекунад.

Ҳамзамон низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи соҳаҳо ва субъектҳои иқтисодӣ низ бо таъсири низомҳои байналмилалӣ ва минтақавии баҳисобгирии муҳосибӣ тағйир меёбанд ва рушд мекунанд. Дар ин маврид, мафҳуми низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ хусусиятҳои низомҳои байналмилалӣ ва минтақавиро ба худ қабул карда, ба низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи соҳаҳо ва субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад ва онҳоро ба талаботи низомҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мутобиқ мегардонад.



Расми 1.6. – Хусусиятҳои тағйирот дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як мамлакати алоҳида дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки аз принсипҳо, усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бармеоянд, чун: усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, баҳисобгирии истеҳлоки дороиҳои дарозмуҳлат ва тарзҳои ҳисобузам кардани он, тарзҳои соқит кардани арзиши ашё (захираҳои моддӣ), усулҳои инъикос кардани фарқҳои қурбӣ, усулҳои ҳисоб кардани арзиши аслӣ, қоидаҳои ҳисоб кардани натиҷаҳои молиявӣ ва дигарҳо. Илова бар ин, низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешаванд [196, с. 4]:

- мавҷудият ва истифодабарии низоми миллии стандартҳо (низомномаҳо)-и баҳисобгирии муҳосибӣ;

- мавҷудияти нақшаи ҳисобҳо;

- низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси корхонаҳо;

- методологияи муайян кардани натиҷаи молиявии ниҳойии фаъолияти субъекти иқтисодӣ;

- низоми ҳисоботи молиявӣ ва замимаҳо бар ҳисоботи молиявӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои инъикос кардани фаъолияти ҳар як субъекти иқтисодӣ аз хусусиятҳои ташкили раванди истеҳсолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, дар субъектҳои иқтисодии соҳаҳои гуногун усулҳо ва тарзҳои баҳисобгирии амалиёти хоҷагидорӣ гуногун мебошанд.

Азбаски СБҲМ дар мамлакатҳои дорои низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд, дар онҳо танҳо масъалаҳои асосии ин ё он қитъаи баҳисобгирӣ, ки ба доираи баррасии стандарти мушаххас дохил мешаванд, танзим карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки СБҲМ бетағйир наmemонанд, онҳо давра ба давра бозбинӣ, пурра ва мукаммал карда мешаванд. Вале, сарфи назар аз зарурати ба таври ошкоро мутобиқ кардани низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, бояд ба инобат гирифт, ки кӯшиши нусхабардорӣ ва қабул кардани стандартҳо ва принсипҳои

баҳисобгирии муҳосибии дар дигар мамлакатҳо истифодашаванда бо сабаби мавҷудияти якчанд омилҳои воқеъбинона натиҷаҳои дилхоҳ нахоҳад дод.

Стандартҳои байналмилалӣ дорои камбудиҳо низ мебошанд, аз ҷумла онҳо хосияти умумӣ доранд, шаклҳои гуногуни усулҳои баҳисобгирии амалиётро оид ба қитъаҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ дар бар мегиранд: дар онҳо тафсирҳо ва қоидаҳои мушаххаси корбурди муқаррарот дар амалия нишон дода нашудаанд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар як мамлакат омӯзиш ва муҳокимаи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ карда мешавад, ки ба ягонакунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири назаррас мерасонад.

Шубҳае нест, ки иштирокдорони бозор ба гирифтани ҳисоботи шаффоф, ки дар асоси принсипҳои ягона ташаккул ёфтааст ва ба қабули қарорҳои идоракунии асоснок имкон медиҳад, ҳавасманд мебошанд. Бозори сармоя ба таъмини сармоягузорон бо имконияти маблағгузории боэътимод ва даромадноки корхонаҳо, ки ҳисоботи молиявии қиёсшаванда ва дар асоси меъёрҳои ягона тартибдодашударо пешниҳод мекунанд, ҳавасманд аст. Вале тафовути муҳими асосҳои бунёдии ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар мамлакатҳои гуногун ба қиёснопазирии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, аз ҷониби истифодабарандагони манфиатдор пурра ва дуруст дарк нашудани муҳтавои он ва ғайриимкон будани қабули қарорҳои идоракунии муносиб боис мешавад. Бинобар ин, барои дарки беҳтари таъсири ҷаҳонишавӣ ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мо ҷадвалеро пешниҳод мекунем, ки дар он ҷанбаҳои асосии ин таъсир мураттаб карда шудаанд (ҷадвали 1.3).

Дар ниҳояти кор, ҷаҳонишавӣ ҳамчун омили асосии дигаргунсозии ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ амал намуда, ба мамлакатҳои ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва ҳам дар ҳоли рушд қарордошта таъсири васеъ мерасонад. Ин раванд на танҳо муносибатҳои тиҷоратию иқтисодиро фаро мегирад, балки ба амсилаҳои идоракунӣ, механизмҳои молиявӣ ва сохтори иқтисодиёти миллӣ низ таъсир мерасонад. Таъсири тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳам дар хусусияти рушди иқтисодӣ ва ҳам дар хусусияти даврҳои иқтисодӣ, аз ҷумла марҳилаҳои буҳронӣ, бо афзун намудани робита ва миқёси паёмадҳои онҳо зоҳир мегардад.

Ҷадвали 1.3. – Ҷанбаҳои асосии таъсири ҷаҳонишавӣ ба низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ

Ҷанбаи ифодакунандаи таъсир	Тафсири ҷанбаи таъсиррасонӣ
Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ	Ҷаҳонишавӣ ба ҳамгироии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи СБҲМ мусоидат мекунад, ки робитаи байни мамлакатҳоро беҳтар мекунад.
Мушкилоти асосии татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Нарасидани кормандони соҳибихтисос, душвориҳо дар мутобиқ намудани анъанаҳои миллӣ ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ.
Монеаҳои асосӣ барои ҳамоҳангсозӣ	Дараҷаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ, анъана ва фарҳанги баҳисобгирии муҳосибӣ, нарасидани муҳосибони ихтисоснок, нарасидани маводи методӣ.
Нақши СБҲМ	СБҲМ ба ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мадад мекунад, аммо омӯзиши мутахассисон ва мутобиқсозии низом сармоягузории назаррасро талаб мекунад.
Ҷаҳонишавӣ ва рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ	Равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳамаи сатҳҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (байналмилалӣ, минтақавӣ, миллӣ ва соҳавӣ) дахл мекунанд.
Ҳамгироии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои бузург	Ҷаҳонишавӣ ба ҳамгироии корхонаҳои бузург тавассути стандартикунонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат мекунад.
Хавфи мувофиқат накардан ба стандартҳо	Хавфҳои қиёснашаванда будани ҳисоботи молиявӣ аз боиси тафовут дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва стандатҳои ҳисоботӣ.
Бартариҳои ҷаҳонишавии баҳисобгирии муҳосибӣ	Ягонакунии ҳисобот, кам кардани хароҷоти коркарди маълумоти молиявӣ, беҳтар намудани шаффофии иттилоот ва баланд бардоштани эътимод.
Ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ	Рушди равиши ягона барои баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқсозии низомҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоя.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чӣ гуна мамлакат ё минтақа ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ворид мешавад ва дар он амал мекунад, аз хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки бевосита ба ҳаёти иқтисодии он таъсир мерасонанд, инчунин аз хоҳиши иштирок дар ин равандҳо ва арзёбии дурусти манфиатҳое, ки онҳо меоваранд, вобаста аст. Дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷаҳонишавӣ таҳия ва риояи қоидаҳо ва муқаррароти умумиро дар бар мегирад, ки онҳоро ҳангоми нигоҳ доштани хусусиятҳои

муайяни ҳар як мамлакат ба даст овардан мумкин аст. Аз ин сабаб, ба ғайр аз мушкилоте, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун ба онҳо дучор мешаванд, дар раванди ҳамгироии ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибӣ бартариҳое барои низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ низ пайдо мешаванд, ки ба ҳамаи заҳмат ва хароҷоти сарфшуда меарзанд ва онҳо барои иқтисодиёти миллии мамлакатҳо, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо муфид буда, хосияти тӯлонӣ доранд.

1.3. Таҳқиқи заминаҳои таърихию иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ

Мусаллам аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илм дар охирҳои асри 19 ва аввали асри 20 ташаккул ёфтааст, вале он ҳамчун соҳаи фаъолият замоне пайдо шудааст, ки одамон акнун худро дар ҷомеа мешинохтанд. Инсон олоти меҳнатро эҷод намуда, ба кор кардан шуруъ кард ва зарурати пешбурди баҳисобгирии натиҷаҳои меҳнат низ ба миён омад. Бо ҳамин инсон донишҳои муайянеро доир ба фаъолияти кории худ – фаъолияти хоҷагидорӣ пайдо кард. Ӯ мунтазам тасаввуроти худро дар бораи муносибатҳои хоҷагидории аввалӣ – шикор, истеҳсол, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ рушд медод ва дар оқибат зарурати баҳисобгирии неъматҳо ба миён омад, ки ҳадафи асосии он назорати равандҳои нигоҳдорӣ ва тақсимоти ин неъматҳо буд.

Дар даврaҳои аввали рушди ҷомеа инсон тамоми иттилоотро дар бораи хоҷагидорӣ дар хотираи худ нигоҳ медошт. Бо мураккаб шудани шароити хоҷагидорӣ зарурат ба нигоштан (сабт кардан, ба қайд гирифтан)-и натиҷаҳои ҳисобкуниҳо (амалиёти хоҷагидорӣ) ба миён омад. Ҳуҷҷатҳои аввалии бо баҳисобгирӣ алоқаманд, ки ҳафриётшиносон пайдо кардаанд, ба даврaҳои асрҳои 30 солшумории куҳна мансуб мебошанд. Одамони қадим натиҷаҳои баҳисобгирии неъматҳоро аввал дар сафҳаҳои сафолӣ ва баргаҳои папирус (парирус - як навъ алафи ҷойҳои тропикӣ аз ҷинси чиғ, бардӣ; масолеҳ барои хатнависӣ, ки мисриён ва дигар халқҳои дунёи қадим аз ҳамин гиёҳ тайёр

мекарданд [292, с. 66]) менигоштанд. Баъдтар, бо пайдо шудани қоғаз, баҳисобгирӣ дар варақаҳои қоғазӣ ва дафтарҳо бурда мешуд. Бо корбурди варақаҳо ва дафтарҳо (китобҳо) баҳисобгирии бонизом – баҳисобгирии муҳосибӣ (ҳисобдорӣ, муҳосибот) арзи ҳастӣ кард.

Асарҳои появӣ оид ба таърихи ташаккул ва таҳаввули баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар маркази таваҷҷуҳи адабиёти илмию таълимии тоҷик қарор доранд, бештар аз ҷониби муҳаққиқони аврупоӣ навишта шудаанд. Маҳз ба шарофати саҳми онҳо, Аврупо ба таври анъанавӣ гаҳвораи илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисобида мешавад.

Дастоварди бузургтарини инсоният, ки ба рушди баҳисобгирии муҳосибии бонизом таъсир расонидааст, ин низоми навишти дутарафа (муҳосиботи дугонӣ) мебошад. Асоси низоми навишти дутарафа корбурди ҳисобҳо – ҷадвалҳои рамзии дутарафа мебошад, ки як тараф – дебет, тарафи дигар – кредит ном дорад. Низоми навишти дутарафа чунин маъно дорад: ҳамаи падидаҳои иқтисодӣ ду ҷиҳат доранд – масрафҳо ва подош, зарар ва нафъ, манбаи пайдошавӣ ва истифода, ки ҷуфт-ҷуфт ҳамбаста буда, ҳамдигарро иваз ё ҷуброн мекунанд. Бар асари ана ҳамин хусусият дар низоми навишти дутарафа ҳамеша тавозун (баробарии ду тараф) нигоҳ дошта мешавад. Бинобар ин, ҳисоб ва тавозун дар баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳумҳои калидӣ мебошад. Ҳамчунин, бояд зикр кард, ки калимаҳои «дебет» ва «кредит» вожаҳои муҳосибӣ барои ифода кардани тарафҳои чап ва рости ҳисоб мебошанд. Ин ҷо онҳо бо маънои аслии худ - аз лотинӣ дебет (debere) – қарздор аст, кредит (credere) – бовар дорад, ягон алоқа надоранд. Илова бар ин, онҳо маънои зиёдшавӣ ё камшавӣ, даромад ё хароҷотро низ надоранд.

Навишти дутарафа танҳо он гаҳе амалӣ мешавад, ки агар дар фаъолияти субъекти иқтисодӣ ҳамаи амалиёти хоҷагидорӣ ва объектҳои баҳисобгирӣ бо ченаки ягона ифода карда шаванд. Дар низоми ҳисобҳо ва навишти дутарафа ҳамчун ченкаи ягона ифодаи пулии амалиёти хоҷагидорӣ истифода мешавад.

Арзи ҳастӣ намудани низоми навишти дутарафа дар асарҳои таърихии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба даврони Эҳёи Италия нисбат дода мешавад. Он замон, дар асрҳои XIII-XIV нишонаҳои навишти дутарафа дар фаъолияти баъзе

марказҳои тиҷоратии Италияи Шимолӣ ботадриҷ пайдо мешуданд. Шаҳодати аввалии низоми навишти дутарафа, ки ба соли 1340 рост меояд, дар навиштаҷоти идоракунии маҳаллии Генуя (шаҳри бандарӣ дар Италия) ошкор карда шудааст. Порчаҳои навиштаҷоти нисбатан барвақттар дар ҳисобҳои ширкати флоренсиягии Ҷованни Фаролфи (Giovanni Farolfi & Company) дар солҳои 1299-1300 ва ширкати Риниери Фини ва бародарон (Rinieri Fini & Brothers), ки дар ярмаркаи он замон машҳури музофоти Шампони Фаронса савдо мекард, ёфта шудаанд [295, с. 27].

Аҳамияти навишти дутарафа барои муҳосиботи муосир беназир аст. Аввалин муаллифе, ки асолати навишти дутарафаро таҳқиқ кардааст, Бенедетто Котрули (1416-1469) – тоҷир аз Рагуза (шаҳр дар музофоти Ситсилияи Италия) буд. Ӯ дар китоби худ «Оид ба тиҷорат ва тоҷири комил» («Della mercatura e del mercante Perfetto»), ки соли 1458 навишта шуда ва танҳо дар соли 1573, яъне пас аз 115 соли навиштан рӯйи чопро дидааст, боби калонеро ба баррасии муҳосиботи дугонӣ бахшида буд. Ҳамин далели дер ба чоп расидани китоби мазкур боис шуд, ки муаллифи навишти дутарафа риёзидон, роҳиб ва маърифатпарвари италиявӣ Лука Пачоли, ки гӯё Бенедетто Котрулиро пешдастӣ кардааст, ҳисобида мешавад.

Лука Пачоли (1445-1515) дар соли 1494 китоби «Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо» («Summa de Arithmetica, Geometrica, Proportioni et Proportionalita»)-ро навиштааст. Ин китоб асосан ба риёзиёт бахшида шудааст, вале боби алоҳидаи он - «Дар бораи ҳисоб ва катибаҳо» («Particularis de Computis et Scripturis») зикр ва тасвири аввалии муҳосиботи дугониро дар бар мегирад. Ин китоб маънии навиштаҷоти муҳосибиро равшан кардааст, тафсирҷои он то ҳозир ҳам аҳамияти худро гум накарда, рӯзмарра мебошанд, гарчанде аз он замон 530 сол гузашта бошад ҳам.

Минбаъд муҳтавои боби китоби Лука Пачоли дар бораи ҳисоб ва катибаҳоро муаллифони зиёде рӯйнавис карданд, вале аз худи муаллиф фаромӯш карданд. Танҳо дар охири асри XIX номи муаллиф барқарор шуд. Азбаски ҳамчун муаллифи навишти дутарафа каси дигаре маълум набуд, Лука Пачолиро

муаллифи навишти дутарафа ва асосгузори баҳисобгирии муҳосибии муосир эълон карданд, гарчанде худи ӯ навишта буд, ки чизи наверо эҷод накарда, танҳо чизи бударо манзур кардааст.

Нуктаи муҳиме, ки Лука Пачоли дар китоби беназири худ «Ҷамъи арифметика, геометрия, таълимот оид ба мутаносибӣ ва таносубҳо» тарғиб кардааст, истифодаи рақамҳои арабиасос мебошад: «Шумо дар Китоби асосӣ (шарҳи муаллиф: китоби асосии муҳосибӣ, ки дар он ҳисобҳо бурда мешаванд) рақамҳои солҳоро бо тарзи куҳна менависед, яъне рамзҳои алифборо ба кор мебаред (шарҳи муаллиф: алифбои лотинӣ дар назар аст): MCCCCLXXXXIII ва пас шумо мегӯед, ки биёед, ҳарфҳоро ба кор барем, ақалан ба хотири зебогии онҳо» [295, с. 31].

Муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирӣ Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда қайд менамоянд, ки «то он ки Аврупоиҳо аз пусти ҳайвонҳо ва каппаҳои худ берун баромаданд, дар Шарқи Миёна ва Шарқи Дур алакай иқтисоди рушдёфта вуҷуд дошт... » [295, с. 29].

Муаррихи соҳаи иқтисод Алфред Либер дар бораи таъсири таҷрибаи иқтисодии мамлакатҳои олами ислом – иқтисодиёти исломӣ ба фаъолияти соҳибкории мамлакатҳои аврупоӣ қайд намудааст: «Тоҷирони Италия ва дигар мамлакатҳои аврупоӣ таҷрибаи аввалии худро оид ба корбурди усулҳои мураккаби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз шарикони бозории худ аз он тарафи Баҳри Миёназамин ба худ гирифтаанд, ки аксари онҳо мусулмон, инчунин чанде насрониҳо ва яҳудиҳо буданд... Аз асри VII оғоз карда, арабҳо на танҳо ба амалиёти ҷангии забткунӣ машғул буданд, онҳо инчунин ба комёбиҳои назаррас дар рушди савдои байналмилалӣ дар масирҳои дур ноил гардида буданд» [341, с. 230].

Табиист, ки мафҳумҳои «иқтисодиёти исломӣ» ва «баҳисобгирии муҳосибии исломӣ» аз ҳеҷ пайдо нашудаанд. Рушди иқтисодиёт ва баҳисобгирӣ дар мамлакатҳои олами ислом решаҳои қадим дошта, аз асрҳои миёна оғоз мегирад. Минбаъд ин ба амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар тамоми ҷаҳон таъсири назаррас расонидааст. Таҳқиқоти илмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бисёре аз

усулҳо ва қоидаҳои санҷидашударо, ки имрӯз дар баҳисобгирии муҳосибӣ маъмуланд, аҳли Шарқ аллакай дар асри VII истифода мебурданд. Бинобар ин, тавре муҳаққиқи рус М.Б. Арчакова-Ужахова зикр мекунад, «имрӯз, вақте ки бисёре аз олимон ба он диққат медиҳанд, ки низоми анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ аз уҳдаи вазифаҳои худ намебарояд, бояд ба амсилаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки якчанд садсолаҳо вуҷуд доранд, вале бо гузашти асрҳо мубрамии худро гум накардаанд, таваҷҷуҳ бояд кард. Шояд ҷавоб ба саволҳо дар Шарқи пурасрор мавҷуд бошад» [15, с. 1762].

Дар аввали асри IX меҳвари илмии Хилофати Араб шаҳри Бағдод буд. Дар марказҳои илмии шаҳри Бағдод ба ғайр аз омӯзиш ва таълимоти Ислом корҳои илмӣ дар самти фанҳои табиатшиносӣ - риёзиёт, кимиё, техника бурда мешуданд. Он ҷо мактаби риёзие бунёд гардид, ки дар Аврупо бо номи мактаби риёзии Шарқи Наздик маъмул буд. Аксари намояндагони ин мактаб баромадагон аз Осиёи Марказӣ – асосан тоҷикон буданд. Яке аз онҳо Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо Ал-Хоразмӣ (Муҳаммад Хоразмӣ) буд.

Муҳаммад Хоразмӣ дар соли 783 дар шаҳри Хива таваллуд шуда ва тақрибан дар солҳои 850 дар Бағдод аз олам гузаштааст. Таълимоти аввалиро ӯ дар назди олимони бузурги Мовароунаҳр ва Хоразм гирифтааст. Он ҷо Муҳаммад Хоразмӣ бо асарҳои илмии аҳли Ҳинд ва Юнон шинос мешавад. Дар соли 819 Муҳаммад Хоразмӣ ба Бағдод сафар карда, он ҷо муддати зиёди ҳаёти худро ба сар мекунад. Дар Бағдод ӯ дар замони хилофати Халифа Ал-Маъмун (813-833) роҳбарии маркази илмии «Байт-ул-Ҳикмат»-ро ба уҳда дошт [199]. Дар Байт-ул-Ҳикмат олимон аз Сурия, Миср, Форс, Хуросон ва Мовароунаҳр фаъолият мекарданд. Китобхонаи Байт-ул-Ҳикмат дорои дастнависҳои қадими зиёд ва расадхона буд. Мувофиқи нишондоди асарҳои таърихӣ Муҳаммад Хоразмӣ бо дархости Халифа-ал-Маъмун оид ба сохтани асбобҳо барои чен кардани ҳаҷм ва доираи замин корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст [88].

Муҳаммад Хоразмӣ муаллифи зиёда аз 20 асарҳои илмӣ, аз ҷумла «Китоб дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» («Китоб-ул-ҷамъ-ва-т-тафриқ би ҳисоб-ул-Ҳинд») ва «Китоби мухтасар дар бораи алгебра ва муодилаҳо» («Китоб-ул-мухтасар-фи-

ҳисоб-ул-ҷабр-вал-муқобала») мебошад. Китобҳои мазкур барои рушди афкори илмии асрҳои миёна саҳми арзандае гузоштаанд. Паёмадҳои илмии ин ду китоби бузург ҳам барои илми риёзӣ ва ҳам барои илмҳои дигари табиатшиносӣ ва башарии дунё беназиранд.

«Китоб дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» ба паҳншавии рақамҳои арабӣ (0,1, 2, ... 9) ва низоми даҳии навишти ададҳо дар тамоми Хилофат мусоидат кард. Гарчанде матни аслии арабии китоби мазкур гум шуда бошад ҳам, тарҷумаи лотинии он аз асри XII – «Algoritmi de numero Indorum» [11] ҳифз шудааст ва аз он бармеояд, ки олими мумтоз Муҳаммад Хоразмӣ дар ин асар аввалин шуда ифодаи бонизоми арифметикаи бо низоми даҳии ҳисоб ва рақамҳои арабӣ асосёфтаро баён кардааст. Пас аз паҳн шудани низоми даҳии ҳисоб ва рақамҳои арабӣ дар Хилофат, то ба аввалҳои асри XVI аллакай тамоми Аврупо ҳам ба низоми даҳии ҳисоб ва рақамҳои арабии пешниҳоднамудаи Муҳаммад Хоразмӣ гузашт.

Тарҷумаи лотинии «Китоб дар бораи ҳисоби ҳиндӣ» бо ибораи «Dixit Algorizmi» - «Гуфт Ал-Хоразмӣ» оғоз меёбад, ки боис шуд, то пас аз чанд вақте номи муаллифи он машҳур ва калимаи «Algorizm» дар аввал ифодакунандаи арифметика ва пас ифодакунандаи ҳама гуна низоми ҳисобкунии бо қоидаҳои муайян тобеъбуда гардад. Ҳамин тавр, ба забони мардуми тамоми ҷаҳон вожаи «алгоритм» ворид гардид, ки сипас аз риёзиёт ба илми муосир – кибернетика гузашт.

Дар асари худ «Китоби мухтасар дар бораи алгебра ва муодилаҳо» Муҳаммад Хоразмӣ шаш намуди асосии муодилаҳоро пешкаш намуда, тарзҳои ҳалли онҳоро нишон додааст. Мафҳуми пешниҳоднамудаи Муҳаммад Хоразмӣ – «ул-ҷабр»-ро бо транскрипти лотинӣ истифода бурда, олимони аврупоӣ илми бунёднамудаи худро дар бораи ҳалли муодилаҳои мураббаъ ва хаттӣ бо ин унвон ифода намуданд, ки бо мурури вақт ба алгебраи муосир мубаддал гардид.

Ҳамин тавр, донишҳои нави соҳаи баҳисобгирӣ, ки эҷоди аҳли Шарқ буданд, берун аз ҳудуди Бағдод ва Хилофати Араб паҳн гардида, тавассути соҳилҳои африкоӣ ба Испания (Аврупо) расиданд. Таълимоти нави пайдошуда

бо номи «иқтисодиёти исломӣ» маҳсули фарҳанг ва тамаддунҳои гуногун буда, ба нашъунамои пояҳои инсондустӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат кардааст. Паҳн шудани Ислом ба тамоми ҷаҳон ба он овард, ки ҳоло ақидаҳои иқтисодии исломӣ дар аксари мамлакатҳо истифода мешаванд.

Намояндагони асосии мактаби аввалии иқтисодии исломӣ аввалин олимони машҳури ислом, шахсони бузург, аз ҷумла тоҷик – Абу Ҳанифа ан Нуъмон ибни Собит Ал Куфӣ (699-767), шогирди Абу Ҳанифа - Абу Юсуф Яъқуб ибни Иброҳим ал Ансорӣ (731-798), Ибни Халдун (1332-1406) ва дигарон буданд.

Абу Ҳанифа дар олами Ислом бо унвони Имоми Аъзам машҳур аст. Ӯ бо мероси маънавии бузурги худ, ки китобҳо ва рисолаҳои зиёдеро дар бар мегирад, пойдевори таълимоти иҷтимоӣ-иқтисодии худро бо номи «таълимоти ҳанафия» гузоштааст. Яке аз чунин рисолаҳо «Васият» мебошад, ки дар он олими бузург боберо оид ба масъалаҳои пешбурди хоҷагии хонаводагӣ, андозғундорӣ, муносибат ба савдо ва ҳунар, тақсимоти одилонаи сармоя ва дигар ҷиҳатҳои иқтисодӣ ҷудо намудааст. Ҳамин тавр, Абу Ҳанифа мафҳуми андозҳо, ки дар ислом якчанд намуд мебошанд (Закот, Ушр, Каффорат, Садақаи Фитр, Нафақа, Варосат, Хироҷ ва дигарҳо) ва раванди ситонидани онҳоро шарҳ додааст. Бо нишондоди Абу Ҳанифа ҳокимони бузург ва мансабдорони давлатӣ ҳама ин андозҳо ва маблағҳои ғунгардидаро барои нест кардани бенавоӣ, ба манфиати давлат ва рушди устувори хоҷагии ҷамъиятӣ, баландбардорӣ ва барқарорсозии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва дигар самтҳо равона мекарданд [3, с. 82].

Дар рушди иқтисодиёти исломӣ саҳми Абу Юсуф ниҳоят бузург аст. Ӯ бо хоҳиши халифа Ҳорунаррашид (763-809), ки солҳои 786-809 дар Хилофат ҳукмронӣ кардааст, «Китоби андозҳо» («Китоб-ул-хироҷ»)-ро менависад, ки дар он маҷмуи қоидаҳои танзимкунандаи масъалаҳои молиявии Хилофати Араб таҳия гардида, манбаъҳо ва тарзҳои гуногуни пуркунии хазинаи давлатӣ мутобиқи муқаррароти Қуръони Карим ва анъанаҳои суннӣ нишон дода шуда буданд. Маҳз Абу Юсуф хусусиятҳои андозбандиро таҳқиқ карда, аввалин шуда се пояи асосии андозбандиро таҳия намудааст, ки имрӯз ҳам аҳамияти худро гум

накардаанд: 1) қодир будани андозсупоранда барои пардохт кардани андозҳо; 2) ситонидани андозҳо дар вақти барои андозсупоранда муносиб; 3) мутамарказ кардани маъмурикунонии андоз.

Яке аз намояндагони мактаби муҳосибии исломии асримиёнагӣ Абу Зайд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ал-Хадрамӣ (1332-1406), машҳур бо номи Ибни Халдун буд. Ӯ дар асарҳои илмии худ қонунҳои иқтисодии зиёдеро кашф ва манзур кардааст, ки баъди садсолаҳо дар Аврупо ба таври расмӣ шинохта шудаанд. Маҳз Ибни Халдун зарурати тақсимоти меҳнатро пеш аз Адам Смит исбот намуда, принсипи арзиши меҳнатиро пеш аз Давид Рикардо ва нақши давлат дар амалисозии сиёсати истиқрориро пеш аз Ҷон Мейнард Кейнс шарҳ додааст [78, с. 62]. Ӯ аввалин касе буд, ки пешбурди иқтисодиёт, аҳамияти технологияҳои истеҳсолӣ, махсусгардонӣ ва савдои беруниро барои изофаи иқтисодӣ, нақши давлат ва сиёсати эътидоловарии онро дар афзоиши истеҳсолот ва шуғл ба таври бонизом таҳлил кардааст. Ғайр аз ин, Ибни Халдун ба мушкилоти андозбандии муносиб, хизматрасониҳои ақали давлатӣ, ангезаҳо, қонун ва тартибот, интизориҳо, истеҳсолот ва назарияи арзиш машғул шудааст.

Ибни Халдун дар асари таърихии худ «Ал-Муқаддима» сабабҳои иқтисодии рушд ва рукуди мамлакатҳоро таҳлил кардааст. Ӯ диққати асосиро ба кам кардани хароҷоти давлат барои артиш равона намуда, зидди андозбандӣ ва боҷу хироҷи монеашавандаи тиҷорат ва истеҳсолот буд. Ибни Халдун таъкид менамуд, ки дар он мамлакатҳое, ки давлат дар тиҷорат ва истеҳсолот иштирок мекунад, камшавии нисбии неъматҳо ва рукуди иқтисодӣ ногузир аст. Ин ва дигар принсипҳои иқтисодиро Ибни Халдун ҳамчун шарти асосии бунёди ҷомеаи мутамаддин меҳисобид [338].

Ибни Халдун қариб сесад сол пеш аз Адам Смит ба чунин далел ишорат кардааст, ки тақсимоти меҳнат манбаи асосии изофа (фоида)-и иқтисодӣ мебошад. Ибни Халдун дарк карда буд, ки тақсимоти меҳнат ба туфайли муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии омилҳои истеҳсолот манбаи изофаи иқтисодӣ мегардад. Тавре олими турк С.К. Карataш қайд мекунад, «тафсири нопурраи ин изофа Рикардо ва Марксро ба хулоса дар бораи истисмори синфи коргар овард.

Ба қавли дигар, Рикардо ва Карл Маркс шогирдони начандон боғайрати Ибни Халдун мебошанд, ки назарияи умумии пайвастаи ӯро дар бораи изофаи иқтисодӣ қисман шарҳ додаанд. Ин гумроҳӣ ва биниши нопурра Марксро водор кард, то изҳор кунад, ки меҳнат худ ба худ маҳсулнок аст» [338]. Рикардо ва Маркс чунин мешумориданд, ки меҳнат ягона манбаи арзиш аст, бинобар ин, фоидаи ба даст овардаи капиталист нишонаи истисмори коргарони кироя мебошад. Аммо Ибни Халдун бовар дошт, ки на танҳо коргарон, инчунин соҳибкорон низ дар шахси корфармо ба фаъолияти маҳсулнок машғуланд ва афзоиши самаранокии истеҳсолот аз онҳо вобаста аст. Бинобар ин, изҳорот дар бораи истисмори коргарон иштибоҳ аст.

Панҷ аср пеш аз он, ки Ҷон Мейнард Кейнс бо таъкид ба аҳамияти талаботи изофа барои афзоиши истеҳсолот ва шуғл таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба худ ҷалб кунад, Ибни Халдун ғояи нақши ҳукуматро дар сиёсати ба эътидол овардани иқтисодиёт тавассути эҷоди талаботи изофа таҳия кардааст. Аз ин рӯ, иддае аз муаллифон Ибни Халдунро яке аз асосгузорони назарияи иқтисодии муосир медонанд, зеро «асарҳои Ибни Халдун оид ба иқтисодиёт ҳамеша мубраманд, махсусан дар асри XXI, дар асри тамаддуни иттилоотӣ, ки иқтисодиёти молиявӣ ҳамаро фаро гирифтааст» [134, с. 20].

Омӯзиши осори илмии муҳаққиқони олами ислом нишон медиҳад, ки камбудии асосии асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои иқтисодӣ ва муҳосибӣ баррасӣ мешуданд, хусусияти умумӣ доштани онҳо мебошад. Онҳо тамоми ҷиҳатҳои ҳаёт ва тамаддуни исломӣ, фалсафа, илмҳои дигари динӣ ва дунявиро дар бар мегирифтанд, вале асарҳои алоҳидаи ба таҳқиқи масъалаҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ бахшидашуда ба назар намерасиданд. Ин гуна масъалаҳо дар якҷоягӣ бо дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд.

Имрӯз, дар даврони ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва мушкилоти бар асари буҳрони молиявӣ бамиёномада аксари олимони соҳаи баҳисобгирӣ бар он ақидаанд, ки ғояҳо ва равишҳои дар низомҳои анъанавии баҳисобгирӣ побарҷошуда рисолати худро ба таври муносиб ба ҷо оварда наметавонанд. Бинобар ин, рағбати олимон ва муҳаққиқон ба корбурди равишҳо ва амсилаҳои

дигари муҳосибӣ зиёд шудааст. Хоса онҳо ба амсилаи исломии баҳисобгирӣ, ки аллакай дар аксари мамлакатҳо рушди худро ёфтааст, майл намуданро таъкид мекунанд. Бо вуҷуди нисёни муҳтавои асарҳои олимони мусулмон, ки аксари онҳо намояндагони миллати тоҷик буданд, ғояҳои муҳосибии онҳо аҳамияти дубора пайдо карда, мубрамиашон афзун шудааст.

Дар навбати худ, роҳбарияти сиёсии аксари мамлакатҳои исломии муосир ҷаҳд мекунанд, ки ба шароити нави иқтисодӣ ва пешбурди корҳо дар доираи талабот ва ҳадафҳои ҷаҳонишавӣ мутобиқ шаванд, ҷиҳатҳои мусбати раванди ҷаҳонишавиро ба кор баранд ва ҳарчӣ имкон доранд, бар зидди ҷиҳатҳои номатлуби он мубориза баранд. Дар ин гуна шароит баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои олами ислом таъсири технологияҳои нави босамараи дар мамлакатҳои ғарб тавлидшударо, ки ғояҳои иқтисодии исломиро инкор намекунанд ва ба рушди босамараи муҳити иқтисодии исломӣ мусоидат мекунанд, ба худ мегирад.

Баъзе олимон оид ба эҳёи иқтисодиёти исломӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар нимаи дуюми асри XX изҳор мекунанд. Тавре аз таҳқиқоти мо бармеояд, решаҳои пайдошавӣ ва рушди аввалии баҳисобгирии муҳосибии исломӣ ба зиёда аз ҳазор соли пеш рафта расиданд. Бинобар ин, раванди муосири рӯ овардан ба қоидаҳои исломии баҳисобгирии муҳосибиро метавон ҳамчун даврони эҳёи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ ҳисобид.

Равшантар карда гӯем, даврони муосири эҳёи низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ аз аввали солҳои 80-уми асри XX, пас аз буҳрон дар бозори нафт ва зарурати бартараф кардани манбаъҳои барзиёди сармояи бонкҳо оғоз мегирад. Маҳз бонкҳо аввалин шуда ба эҳёи низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ тавҷуҳ зоҳир кардаанд.

Дар айёми авҷи буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, дар соли 2009 бонкҳои исломӣ фоидаи устувори 15-фоиза гирифта, ҳастии худро дар тамоми ҷаҳон ба андозаи 40 фоиз - то як триллион доллари амрикоӣ зиёд намуданд. Бозори қоғазҳои қиматноки аз ҷониби бонкҳои исломӣ назоратшаванда дар даврони буҳрони молиявӣ аз ҳама кам осеб дид [92].

Ба андешаи М.Б. Арчакова-Ужахова, низомҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои нодири ниҳодҳои молиявии исломиро ба инобат намегиранд, бинобар ин, аксари мамлакатҳои Олами Ислом стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии худро таҳия карда, ба кор мебаранд. Вале то ҳол ғояи ягонаи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ вуҷуд надорад. Ин азбоисест, ки «дар ҳар як давлати исломӣ нигоҳи хоса ба қоидаҳо ва қонунҳои исломӣ ташаккул ёфтааст ва дар паёмади ин амалиёти молиявӣ ба таври мухталиф маънидод карда мешаванд. Фаҳмиши гуногуни талаботи Шариат монеаи асосӣ барои ташаккули низоми ягонаи умумии баҳисобгирии исломӣ гардидааст» [15, с. 1758].

Таърихи низоми исломии баҳисобгирии муҳосибии муосир бо таърихи таъсиси Ниҳодҳои молиявии Исломӣ рост меояд. Дар соли 1963 аввалин шуда дар Миср аз ҷониби Аҳмад бин Наҷар асосҳои назариявии аввалин бонки исломӣ таҳия карда шуданд ва пас аз ин бонкҳои исломии аввалии ҷаҳон бунёд шуданд. Маҳз ташаккули Бонкҳои Исломӣ ва дигар ниҳодҳои молиявии исломӣ зарурати низоми ба онҳо мувофиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро ба миён овард. Ин заруратро ба инобат гирифта, 27 марти соли 1991 дар Баҳрайн якумин бор Ташкилоти Муҳосибӣ ва Аудиторӣ барои Ниҳодҳои Молиявии Исломӣ (AAOIFI - Accounting and Auditing Organization for Islamic Financial Institutions) таъсис дода шуд. Ин ташкилот сохтори ғайритиҷоратӣ буда, ташаббускори асосии бунёдкунии он олими малайзиягӣ Рифъат Аҳмад Абдулкарим буд. Ҳадафи асосии ташкилоти мазкур бунёд намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои Ниҳодҳои Молиявии Исломӣ ва таҳияи стандартҳои ҳисоботи молиявии исломӣ мебошад.

Рукни асосии низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ ин иҷозат надодан ба даромади бо роҳи фиреб бадастомада ва якчанд дигар намудҳои фаъолият мебошад. Натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ набояд бо роҳи зӯрӣ, фиребу найранг, қаллобӣ, фишор овардан ва зулм ба дигарон ба даст оянд. Аз ин ҷост, ки дар Ислом гирифтани фоизи қарз ва дивиденд манъ аст.

Баҳисобгирии муҳосибии исломиро метавон ҳамчун амсилае муайян кард, ки корбурди он имкон медиҳад на танҳо иттилооти саҳеҳ дар шакли нишондиҳандаҳои молиявии гуногун ба истифодабаранда пешниҳод карда шавад, инчунин ҷонибҳои манфиатдор огоҳ карда шаванд, ки субъекти иқтисодӣ фаъолияти хоҷагидорӣ ва вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии худро аз рӯйи виҷдон иҷро мекунад. Он бояд ҳангоми ташаккули иттилооти молиявӣ ҳалли чунин масъалаҳоро таъмин кунад: ҳисобкунии закот (андози ҳатмии солона ба манфиати бенавоён), тақсими одилонаи даромадҳо, пешбурди намудҳои фаъолияти иҷозатшуда бо кафолате, ки амалкунии субъектҳои иқтисодии исломӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият мусоидат менамояд. Ин тарзи пешниҳоди иттилоот хоса барои субъектҳои иқтисодие муҳим аст, ки бо ниҳодҳои молиявии исломӣ кор мекунанд. Бонкҳои исломӣ меъёрҳоеро, ки мутобиқи онҳо қарздиҳӣ бо гирифтани фоиз (судхӯрӣ) мумкин нест, риоя мекунанд. Олоти молиявии исломӣ тавре бунёд шудаанд, ки шарти мазкур иҷро шавад ва ҳамзамон субъектҳои иқтисодӣ аз фаъолияти худ фоида ба даст оранд.

Бонки анъанавӣ бо хариду фурӯши маблағҳо аз ҳисоби фоизи қарз баҳра мегирад. Бонки исломӣ бошад, унсури қарзии соҳибкории молиявиро рӯ ба пояи сармоягузорӣ нигарон мекунад. Бонк маблағҳои саҳмгузоронро ҷалб намуда, дар ҳисобҳои худ ғун менамояд. Сипас ин маблағҳоро ба соҳибкорон пешкаш менамояд. Вале ба ҷойи фоиз соҳибкор фоидаи гирифтаи худро бо бонк тақсим менамояд, бонк бошад, дар навбати худ, баҳраи худро бо саҳмгузор тақсим мекунад. Пояи асосии ин намуди фаъолияти соҳибкории молиявӣ чунин аст: подоши бонк ё саҳмгузор дар аввал кафолат дода нашуда, чун ҳосила аз фоидаи соҳибкорӣ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, унсури асосии низоми бонкии анъанавӣ – фоизи қарз аз гардиши иқтисодӣ берун бароварда мешавад.

Тамоюлоти рушди ҷамъияти инсонӣ дар солҳои охир шаҳодат медиҳад, ки таъсири дин дар равандҳои қабули қарорҳои идоракунии иқтисодӣ афзун шуда истодааст. Ин хоса ба субъектҳои иқтисодие дахл дорад, ки соҳибмулкон ва шахсони бонуфузи онҳо дини исломро ҷонибдорӣ менамоянд, маҳсулот ва

хизматрасониҳои худро аксаран ба мусулмонҳо пешниҳод менамоянд, ё дар муҳити исломӣ фаъолият мекунанд.

Баланд шудани сатҳи шуурнокии динии одамон, аз байн рафтани ҳудудҳои ҷуғрофии байни мамлакатҳо, майли ҷалб кардани сармоягузориҳои иловагӣ - ин ҳама ба он овард, ки аксари мамлакатҳо рӯ ба бунёдгузории арсаи иқтисодии мусоиде оварданд, ки хусусиятҳои талаботи миллӣ ва фарҳангии субъектҳои иқтисодиро ба инобат мегирад. Гарчанде шумораи мамлакатҳои расман исломӣ дар ҷаҳон кам бошад ҳам (Афғонистон, Эрон, Покистон), дар бештари мамлакатҳо нуфузи ислом зиёд аст. Ин гуна мамлакатҳо роҳи якҷоякунии низомҳои иқтисодии анъанавӣ ва исломиро тавассути кушодани ҳам муассисаҳои қарзии исломӣ ва ҳам бонкҳои анъанавӣ бо бахшҳои алоҳидаи иҷрои хизматрасониҳо мутобиқи талаботи исломӣ пеш гирифтаанд. Ба хотири ҷалб кардани мизоҷони иловагӣ, баъзе бонкҳои давлатҳои дунявӣ низ амалияи пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии исломиро қабул кардаанд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлатӣ дунявӣ аст, бонкҳои тиҷоратӣ ба хизматрасониҳои молиявии исломӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Талошҳои зиёди низоми бонкдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он овард, ки дар моҳи сентябри соли 2019 дар мамлакат аввалин ниҳоди молиявии исломӣ - ҶСК «Тавҳидбонк» (дар заминаи ҶСК «Соҳибкорбонк») таъсис дода шуд. Бояд қайд кард, ки мизоҷони имконии онҳо – шахсони воқеӣ ва соҳибкорон (ҳамчун саҳмгузор ва қарзгиранда) ҳоло ҳам моҳияти хизматрасониҳои молиявии исломиро хуб дарк намекунанд ва аз ин сабаб онҳо дар ин масир ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Масалан, дар яке аз мусоҳибаҳо бо расонаҳо, ки дар портали интернетии https://www.ozodi.org нашр шудааст, намояндагони ташкилоти молиявии исломии навтаъсиси ҶСК «Тавҳидбонк» изҳор доштанд, ки бархе аз мизоҷони онҳо пас аз фаҳмидани он ки низоми кори бонк исломӣ мешавад, пасандозҳояшонро бозпас гирифтанд. Гуё онҳо баъд аз гирифтани иҷозатнома, соҳибони пасандозҳоро даъват карда, гуфтаанд, ки дигар бо усули куҳна кор намекунем. Агар шумо розӣ набошед, маблағҳоятонро бармегардонем, ё бо

тариқи музораба, ё иштирок дар суду зиёни бонк корро идома медиҳем. Якум гурӯҳе, ки омаданд, 14 ё 16 нафар буд. Аз ин 14 нафар шаҳрвандони худамон, намояндагони дину мазҳаби худамон буданд, ҳама аз ҳамкорӣ бо бонки исломӣ даст кашиданд. Онҳо гуфтанд, ки мо пасандозҳоямонро мегирем. Як насронӣ гуфт, ки ман мемонам, маблағҳояш ҳам бисёр буд [52].

Ҳама гуфтаҳоро ҷамъбаст намуда, изҳор мекунем, ки дар раванди татбиқи иқтисодиёти исломӣ, хизматрасониҳои молиявии исломӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвориҳои зиёде дучор меоянд, ки асосан ба мафкураи аҳолии мамлакат ва сатҳи маърифатнокии молиявии он вобаста мебошанд. Аксари аҳолии мамлакат тасаввур мекунад, ки бонкҳои исломӣ ниҳодҳои хайру садақаанд, ба ин хотир, онҳо мехоҳанд қарз гирифта, дигар дар фикри баргардонидани он набошанд. Пасандозгузорон низ аз бозпас гирифтани маблағҳои ба бонк гузоштаи худ шубҳа доранд.

Хулосаҳо оид ба боби 1

1. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳамгироӣ бо стандартҳои байналмилалӣ. Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ талаботи баланд гузошта, мутобиқсозии онҳоро ба стандартҳои байналмиллалӣ, аз қабили СБҲМ тақозо мекунанд. Ин ба ягонагии равишҳо дар таҳияи ҳисоботи молиявӣ, баланд бардоштани сифат ва шаффофии ҳисобот мусоидат мекунад, ки барои ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ муҳим аст. Такмили низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таҳкими муносибатҳои молиявии байни мамлакатҳо, таъмини саҳеҳӣ ва дастрасии ҳисобот мусоидат мекунад.

2. Тафовут дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Ҳар як мамлакат хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии худро дорад, ки бо анъанаҳои миллии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ муайян мешаванд. Ин боиси тафовути назаррас дар усулҳои баҳисобгирӣ, равишҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ва корбурди стандартҳо мегардад. Дар натиҷа, ҳамкории байни мамлакатҳо ва имконияти

таҳлили қиёсии маълумоти молиявӣ мушкилтар мешавад. Барои бартараф намудани ин тафовут ҳамгироии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ лозим аст, ки ин ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва шароити рушди иқтисодии ҳар як мамлакатро талаб мекунад.

3. Мутобиқсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд. Барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузариши баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ раванди мураккабест, ки бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст. Ин нарасидани мутахассисони баландихтисос, зарурати тағйир додани сохтори дохилии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳамгироии амалияҳои ҷаҳонии муҳосибиро дар бар мегирад. Аммо татбиқи стандартҳои байналмилалӣ метавонад саҳеҳии ҳисоботи молиявиро баланд бардорад ва иқтисодиёти мамлакатро барои сармоягузории хориҷӣ ҷолибтар созад. Мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд бояд ҳам талаботи байналмилалӣ ва ҳам хусусиятҳои фарҳангӣ ва иқтисодии худро ба назар гиранд.

4. Мушкилоти гузариш ба СБҲМ ва тахассуси кормандон. Татбиқи СБҲМ аз мамлакатҳо, бахусус аз мамлакатҳои рӯ ба рушд тақозо мекунад, ки барои омодасозии мутахассисони соҳаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия кӯшишҳои зиёд ба харҷ диҳанд. Муҳим аст, ки мутахассисон тавонанд стандартҳои байналмилалиро дуруст шарҳ диҳанд, ки сатҳи баланди омодагии касбӣ ва таҳсилоти доимиро талаб мекунад. Илова бар ин, гузариш ба СБҲМ метавонад хароҷоти назаррасро барои омӯзиш ва мутобиқсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ талаб кунад, аммо дар ояндаи наздик он ҷолибияти мамлакатро барои сармоягузорони байналмилалӣ афзоиш дода, сифати ҳисоботи молиявиро беҳтар хоҳад кард.

5. Мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурати мутобиқ кардани низоми муҳосибии худ ба стандартҳои байналмилалӣ рӯ ба рӯ шудааст. Хусусиятҳои миллӣ, аз қабили шароити қонунгузорӣ ва иқтисодӣ, инчунин талаботи истифодабарандагони берунӣ ва дохилии ҳисобот бояд ба назар гирифта шаванд. Мутобиқсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба баланд бардоштани саҳеҳии

ҳисоботи молиявӣ, шаффофии тиҷорат ва сода кардани раванди қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат мекунад, ки ин дар навбати худ ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ боис мешавад.

6. Нақши танзими давлатӣ. Дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими давлатӣ дар таҳия ва татбиқи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ нақши калидӣ дорад. Ин таҳияи низомномаҳо, стандартҳо ва тавсияҳоро, ки низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибии ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯро таъмин мекунанд, дар бар мегирад. Чунин танзимкунӣ барои ба эътидол овардани амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат, беҳтар намудани робита бо шарикони байналмилалӣ ва таҳкими эътимоди сармоягузорон мусоидат мекунад.

7. Дигаргуниҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ аз аввали асри XX. Дар аввали асри XX рушди иқтисодии ҷаҳонӣ ва рушди бозорҳои қоғазҳои қиматнок таҷдиди назар кардани амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, махсусан дар мамлакатҳои дорои бозорҳои пешрафтаи сармояро тақозо намуд. Гузариш ба равишҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ имкон дод, ки вазъи молиявии корхонаҳо дақиқтар ва муфассалтар инъикос карда шавад. Дар натиҷа баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ аз ҳам ҷудо шудандва ин додугирифти иттилоотро барои истифодабарандагони ҳам берунӣ ва ҳам дохилӣ беҳтар намуд.

8. Ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои технологӣ. Ҷаҳонишавии муосир ва афзоиши босуръати бозорҳои молиявӣ аз низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, инчунин истифодаи технологияҳои навро барои баланд бардоштани самаранокӣ ва суръати коркарди иттилооти молиявӣ тақозо мекунанд. Дар шароити рақамикунонӣ автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ вусъат ёфта истодааст, ки ин шумораи хатоҳоро коҳиш медиҳад ва шаффофии ҳисоботи молиявиро зиёд мекунад.

9. Таъсири иқтисодиёт ва баҳисобгирии муҳосибии исломӣ. Иқтисодиёти исломӣ ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳое, ки аҳолии мусалмон доранд, таъсир мерасонад. Принсипҳои инсоф ва ростқавлӣ, ки

заминаи иқтисодиёти исломӣ мебошанд, аз баҳисобгирии муҳосибӣ риояи қоидаҳои қатъӣ, аз қабили манъи рибо ва фоизро тақозо мекунанд. Ин ҳамчунин дар таваҷҷуҳи баҳисобгирии муҳосибӣ ба адолат ва шаффофӣ, ки тафовути асосии равиши исломӣ аз амалияҳои молиявии Ғарб мебошад, инъикос ёфтааст. Ин принсипҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрамии худро нигоҳ медоранд.

10. Мубрамии баҳисобгирии муҳосибии исломӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Сарфи назар аз паҳншавии ҷаҳонии стандартҳои муҳосибӣ ва молиявии ғарбӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибии исломӣ, бахусус дар мамлакатҳои исломӣ, ки он ҷо талабот ба хизматрасониҳои молиявии исломӣ зиёд аст, мубрам будани худро нигоҳ медорад. Дар чунин мамлакатҳо бозори бонкҳо ва ниҳодҳои молиявии исломӣ рушд мекунад, ки бунёди амсилаҳои нави баҳисобгирии муҳосибии ба меъёрҳои исломӣ асосёфтаро тақозо мекунад. Дар мамлакатҳое чун Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи зиёд ба хизматрасониҳои молиявии исломӣ мушоҳида мешавад, ки ин зарурати мутобиқ намудани баҳисобгирии муҳосибиро ба ин талабот ба миён меорад.

11. Таъсири таърихии рақамҳои арабӣ ва усулҳои ҳисобкунӣ. Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илм ва амалия решаҳои шарқӣ дорад ва ба ақидаи бархе аз пажӯҳишгарон, пояҳои он ҳанӯз дар асри VII дар ҷаҳони ислом гузошта шудаанд. Рақамҳои арабиасос (низоми даҳии ҳисоб) дар баҳисобгирии муҳосибӣ мисли бисёр усулҳои дигари баҳисобгирӣ дар мамлакатҳои Шарқ васеъ истифода шуда, ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар Аврупо ва дигар қитъаҳои ҷаҳон таъсири калон расонид. Ин муҳимии ба назар гирифтани анъанаҳои таърихӣ ва фарҳангиро ҳангоми таҳия ва татбиқи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, махсусан дар мамлакатҳои дорои мероси ғании таърихӣ таъкид мекунад.

БОБИ 2. МЕТОДОЛОГИЯИ БУНЁДШАВӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

2.1. Таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ масъалаҳои таҳия ва истифодабарии асосҳои методологии ягонаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири ташаккули ҳисоботи молиявии барои ҳамаи гурӯҳҳои истифодабарандагони манфиатдор фаҳмо ва муфид, аз ҷумла ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда мубрам гардидаанд. Зеро дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди корхонаҳое, ки ба низоми иқтисодии байналмилалӣ мепайванданд, зиёд шудааст. Чунин корхонаҳо бештар ба хотири ҷалби сармояи хориҷӣ мехоҳанд ба бозорҳои ҷаҳонии сармоя роҳ ёбанд ва ҳамчунин маҳсулоти худро ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои фурӯш бароранд. Дар ин маврид барои онҳо яке аз роҳҳои асосии расидан ба ҳадафҳои мазкур ин тартиб додани ҳисоботи молиявӣ бо такя ба муқаррароти СБҲМ ва риояи дигар санадҳои меъёрии байналмилалии танзимкунандаи равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Дар робита ба ин, баъзе муҳаққиқон оид ба пайдошавии амсилаи нави баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар натиҷаи фаъолгардии зуҳуроти ҷаҳонишавии иқтисодӣ ташаккул ёфтааст, сухан меронанд. Ҷаҳонишавӣ сабаби асосии зарурати ҳамоҳангсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ гардид, ки дар натиҷаи он дарки якхела ва имконияти қиёсшавандагии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибии ҳар як субъекти иқтисодӣ барои тамоми гурӯҳҳои имконпазири истифодабарандагон дар миқёси ҷаҳонӣ, хусусан дар бозорҳои ҷаҳонии сармоя таъмин мегардад. Ҳамин тариқ, ботадриҷ наздик шудани қоидаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба амсилаи ҳамоҳангшудаи

байналмилалӣ бояд афзоиши сармоягузориҳоро дар миқёси ҷаҳонӣ таъмин намуда, ба рушди умумии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат кунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар аввали асри XX дар як қатор мамлакатҳои пешрафта, аз ҷумла дар ИМА ва Британияи Кабир дар натиҷаи равандҳои таҳаввул дар тамаркузи сармоя ва тиҷорат, инчунин афзоиши нуфузи бозорҳои сармоя дар тиҷорат, дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Корхонаҳои бузург, асосан корпоратсияҳои фаромиллӣ доираи таъминкунандагони сармояро густариш доданд, равандҳои байналмилалишавии фаъолияти корхонаҳои миллӣ ҳам дар самти ба бозорҳои дохилию берунӣ баровардани маҳсулоти худ ва ҳам дар самти манбаъҳои ҷалби сармоя суръат гирифтанд. Ҳамзамон ҳамчун такондиҳандаи равандҳои байналмилалишавии тиҷорат ва сармоя бозорҳои фондӣ (қоғазҳои қиматнок) рушд карданд, дар бозор субъектҳои махсус – ташкилотҳои молиявӣ пайдо шуданд, доираи сармоягузорон аз ҳисоби ниҳодҳои молиявӣ (аз ҷумла байналмилалӣ) ва шахсони воқеии алоҳида (сармояи инфиродӣ) васеъ гардид. Акнун табдили тамоюлҳо дар маблағгузории тиҷорат, пеш аз ҳама тиҷорати калон ба таъминоти иттилоотии муҳити тиҷоратӣ, ки асоси онро низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташкил медиҳад, таъсир расонида, ба зарурати дигаргуниҳо дар методологияи он оварда расонид. Дар чунин шароит, ки дар аксари мамлакатҳои пешрафта нақши асосиро дар маблағузории тиҷорат бонкҳо иҷро мекарданд, доираи сармоягузорон, аз ҷумла кредиторон нисбатан маҳдуд буд ва ҳадафи аввалиндараҷаи онҳо гирифтани иттилоот оид ба вазъи молиявии қарзгир ва қобилияти имконпазири он барои иҷрои уҳдадориҳои қарзӣ ба ҳисоб мерафт. Муссалам аст, ки чунин иттилоотро танҳо тавозуни муҳосибӣ пешниҳод карда метавонад, ки аллакай дар он замон ҳамчун шакли ҳисоботи молиявии кушода (оммавӣ) муайян гардида буд.

Тавре муҳаққиқон В.В. Ковалев ва Вит.В. Ковалев қайд мекунанд, «пайдо шудани тарҳи ба куллӣ дигари маблағгузории дарозмуҳлат, ки васеъшавии доираи сармоягузоронро аз ҳисоби ба ин раванд ҷалб намудани шумораи назарраси шахсони воқеӣ дар назар дошт, пеш аз ҳама ба афзоиши бештари таваҷҷуҳ ба ҳисоботи молиявии кушода, мақоми он, талабот ва маҳдудиятҳои

имконпазир ва мақбул, дуюм, ба дигаршавии куллии ҳадафҳои сармоягузорон овард» [117, с. 120]. Дар ин маврид барои сармоягузорон-шахсони воқеӣ, ки маблағҳои ҳамчун сармоягузорӣ ба тиҷорат сафарбарнамудаи онҳо начандон калон буданд, пеш аз ҳама масъалаи самаранокии маблағгузориҳо ва боздеҳии онҳо дар давраи кӯтоҳ муҳим аст. Бо назардошти маҳз чунин масъалаҳо шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун сармоягузор ба иттилоот оид ба даромаднокии ҷории корхонаи гирандаи маблағ ва сиёсати дивидендии он таваҷҷуҳи бештар доранд. Бинобар ин, табдили самтҳо ва афзалиятҳо дар гирифтани иттилоотии зарурӣ аз тавозуни муҳосибӣ ба ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо комилан дуруст ва асоснок аст. Акнун корхонаҳо ҳангоми омодасозӣ ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бештар ба тартиби ҳисобкунии даромадҳо, хароҷот, фоида ва нишондиҳандаҳои дар асоси онҳо ҳисобшавандаи самранокӣ ва даромаднокӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар охири асри XIX, замоне, ки кредиторон ҳамчун таъминкунандаи асосии сармоя барои аксарияти корхонаҳо ба ҳисоб мерафтанд, тавозуни муҳосибӣ шакли асосии ҳисоботи молиявӣ буд, ки сурати пурраи вазъи молиявии корхонаро ифода мекард. Вале бо васеъ шудани доираи фаъолияти биржаҳо ва рушди босуръати бозорҳои сармоя дар аввали асри XX таваҷҷуҳи истифодабарандагон ба ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо зиёд мешуд ва инро имрӯз ҳам метавон мушоҳида кард. Яъне онҳо ҳангоми қабули қарорҳои иқтисодии худ ба арзёбии нишондиҳандаҳои фоида ва даромаднокии корхонаҳо афзалият медиҳанд.

Бо рушди таърихии низоми ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи истифодабарандагон тамоюли такмил ва дигаршавии афзалияти унсурҳои алоҳидаи он мушоҳида мешавад. Арзи ҳастӣ намудани ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дар миёнаи асри XX намунаи возеҳи чунин тамоюл мебошад ва пешниҳодҳо оид ба зарурати бунёди амсилаи ҳисоботи муттаҳидкардашуда яке аз самтҳои амалисозии он дар шароити муосир мебошад.

Дар замонҳои аввали пайдошавии таваҷҷуҳ ба ҳисоботи молиявии кушода (оммавӣ) ягон хел асосҳои методологӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ

ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ мавҷуд набуд. Буҳрони иқтисодии солҳои 1930 камбудиҳои зиёдеро дар пешбурди фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла ҳолатҳои зиёди таҳрифи иттилоотро дар ҳисоботи молиявии корхонаҳо ошкор кард, ки ислоҳ кардани онҳо бе табдил ва такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ғайриимкон буд. Акнун ҳамаи истифодабарандагони иттилооти ҳисоботи молиявии корхонаҳо зарурати ташаккул ва такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибиро дарк карданд. Ҳамин тариқ, маҳз буҳрони ҷаҳонии солҳои 1930 барои ташаккули низоми байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи асосҳои методологии он замина гузоштааст.

Дар нимаи дуюми асри XX мақоми афзалиятҳои вазифаи иттилоотии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ баланд шуд. Акнун дар таркиби низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ду унсури алоҳидаи он - баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ҷудо шуданд. Соҳаи фаъолияти баҳисобгирии молиявӣ пешбурди баҳисобгирии вазъи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷот ва ҳадафи ниҳойии он – таҳияи ҳисоботи молиявӣ буд, ки вазъи молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ, тағйирёбиҳои вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро нишон медиҳад ва иттилооти дахлдорро ба истифодабарандагон (асосан истифодабарандагони берунӣ) пешниҳод мекунад. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоботро барои ҳадафҳои идоракунии дохилӣ ба роҳбарият ва менеҷменти корхона пешниҳод мекунад. Дар ин маврид мақоми баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ вобаста ба рушд ва таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои иқтисодӣ дар миқёсҳои миллӣ ва байналмилалӣ нисбатан баланд гардид.

Ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва муқаррар шудани истифодабарандагони берунии иттилооти ҷамъбастии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун истифодабарандагони афзалиятдори иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ба зарурати боз ҳам рушд ва такмил додани методологияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ боис гардид. Маҳз ҳамин ҳолатҳо пайдо шудан ва афзалияти рушди стандартҳои миллӣ ва

байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро асоснок мекунанд. Ба туфайли чунин стандартҳо ҷиҳатҳои муҳими методологияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ташаккул ёфта, ифшо гардиданд, ки барои тамоми субъектҳои иқтисодӣ ва гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ мақбул ва даркшаванда мебошанд.

Дар нимаи дуюми асри XX бо сабаби афзудани аҳамияти вазифаи иттилоотии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ тағйироти назаррас дар сохтор ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мушоҳида мешуд. Яке аз рӯйдодҳои асосии ин давра ҷудо гардидани се самти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ — баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз буд, ки ба тақсимшавии аниқи вазифаҳои истифодаи дохилӣ ва берунии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ имкон дод. Ин ҷудошавӣ инъикоскунандаи талаботи тағйирёбандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити васеъшавии бозорҳо ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт гардид.

Баҳисобгирии молиявӣ доираи баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотро бо ҳадафи асосии таҳияи ҳисоботи молиявӣ фаро мегирад. Таъиноти асосии ҳисоботи молиявӣ, ки дар доираи баҳисобгирии молиявӣ ташаккул меёбад, инъикоси вазъи молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ, тағйирёбии вазъи молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бо таъсири амалиёти ҳаррӯзаи хоҷагидорӣ мебошад. Он пеш аз ҳама ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти истифодабарандагони берунӣ, ки барои қабули қарорҳои асоснок иттилооти саҳеҳ ва воқеъбинонаро талаб мекунанд, нигаронида шудааст. Дар қиёс бо баҳисобгирии идоракунӣ, пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар ин қарина стандартҳо ва қоидаҳои қатъӣ дорад, ки ин аз зарурати таъмини қиёспазирӣ ва шаффофии маълумот дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ бармеояд.

Баҳисобгирии идоракунӣ, дар навбати худ, ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии дохилии корхонаҳо нигаронида шудааст. Он барои омода кардани ҳисобот барои идоракунии дохилӣ - барои роҳбарият ва менеҷерони

сатҳи болои корхона нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунӣ ин пешниҳоди иттилоотест, ки барои қабули қарорҳои фаврӣ оид ба идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ, беҳсозии захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорат муфид хоҳад буд.

Баҳисобгирии идоракунӣ нисбат ба баҳисобгирии молиявӣ иттилооти муфассалтар медиҳад ва аксар вақт на танҳо ба бақайдгирии натиҷаҳои рӯйдодҳо, балки ба банақшагирӣ ва таҳлили онҳо тамаркуз мекунад. Баръакси баҳисобгирии молиявӣ, ки ба омодасозии ҳисобот барои як давраи мушаххаси на кам аз фосилаи як моҳ нигаронида шудааст, баҳисобгирии идоракунӣ аксар вақт фаврӣ ва чандиртар буда, имкон медиҳад, ки роҳбарият ва менеҷерҳои корхона ба тағйиёбии муҳити тиҷорат саривақт вокуниш нишон диҳанд.

Боз як ҷиҳати фарқкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ надоштани қоидаҳои қатъӣ мебошад. Дар ҳоле ки баҳисобгирии молиявӣ бо стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ танзим карда мешавад, баҳисобгирии идоракунӣ аксар вақт ба эҳтиёҷоти дохилии корхона мутобиқ карда мешавад ва дар интихоби усулҳо ва равишҳо мустақил аст. Ин баҳисобгирии идоракуниро нисбатан чандиртар мекунад ва он барои ба муҳити тағйирёбандаи тиҷорат мутобиқ шудан қодир мегардад.

Баҳисобгирии андоз боз як соҳаи муҳимест, ки бо баҳисобгирии молиявӣ зич алоқаманд, вале дорои хусусиятҳои ба худ хосе мебошад, ки бо талаботи қонунгузории андоз муайян карда мешаванд. Баҳисобгирии андоз ба баҳисобгирии манбаи андозбандишаванда (пеш аз ҳама – андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) нигаронида шуда, бо мақсади пардохти андозҳо, риояи қонунгузории андоз ва ҳисоб кардани уҳдадориҳои андозии корхона амалӣ карда мешавад. Хусусиятҳои хоси баҳисобгирии андоз ба он боис мешаванд, ки ҳисоботи андоз аксар вақт аз ҳисоботи молиявӣ вобаста ба сиёсати андози дар мамлакат қабулшуда тафовут дорад. Баҳисобгирии андоз барои ҳама шахсони ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, бо қонунгузории миллӣ, аз ҷумла кодекси андоз ва дигар санадҳои марбут ба андозбандӣ танзим карда мешавад. Бояд қайд кард, ки баҳисобгирии андоз метавонад аз баҳисобгирии молиявӣ бо назардошти

эътирофи даромад ва хароҷот тафовут дошта бошад, зеро қонунгузории соҳаи андоз аксар вақт қоидаҳои махсуси худро барои баҳисобгирии амалиёти муайян муқаррар мекунад. Масалан, тарҳҳои андоз, истеҳлок, хароҷоти корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавию созандагӣ метавонанд дар баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии молиявӣ ба таври гуногун ба ҳисоб гирифта шаванд.

Боз як ҷанбаи муҳими баҳисобгирии андоз таъсири он ба натиҷаҳои молиявӣ мебошад. Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ бояд тасҳеҳҳое, ки барои мақсадҳои андоз ворид карда шудаанд, ба назар гирифта шаванд, зеро уҳдадориҳои андозӣ метавонанд ба фоидаи софи корхона таъсири муҳим расонанд. Масалан, инҳироф аз меъёрҳои истеҳлок боиси ба миён омадани фарқи байни манбаи андози дар асоси қонунгузории андоз ҳисобкардашуда ва манбаи андози дар асоси қоидаҳои баҳисобгирии молиявӣ ҳисобкардашуда мегардад, ки баҳисобгирии иловагӣ ва ифшои иттилооти дахлдорро дар ҳисоботи молиявӣ талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, имрӯз баҳисобгирии андоз унсури асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ буда, иҷрои дурусти уҳдадориҳои андоз ва риояи талаботи қонунгузории андозро таъмин менамояд. Дар шароити дигаргуниҳои пӯёни қонунгузории андоз корхонаҳо бояд амалияи баҳисобгирии муҳосибии худро ба шароити нав мутобиқ созанд, ки аҳамияти баҳисобгирии андозро на камтар аз баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ таъкид мекунад.

Раванди ҷудошавӣ ва тафриқаи низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ниҳоят зарурати такмили минбаъдаи методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи принсипҳои ягонаи тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба миён овард. Стандартҳои байналмилалӣ барои фаъолияти низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳҳои гуногун ва мамлакатҳои гуногун, инчунин барои ташаккули амалияи ягонаи байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки саҳеҳии иттилооти молиявиро кафолат дода, ба баланд бардоштани эътимоди мутақобила дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, асос шудаанд.

Акнун дар методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мақоми танзимкунии равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии

ҳисоботи молиявӣ баланд шуд ва ваколатҳои чунин танзимкунӣ, таҳияи санадҳои танзимкунандаи дахлдор ба уҳдаи ШСБҲМ ва ташкилотҳои байналмилалии муҳосибони касбӣ вогузор гардид.

Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари амалӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ин як технологияе мебошад, ки аз ҷиҳати сохтор дуруст ба тартиб даровардашуда ва ҳамчун низом нисбатан комил шудааст. Марҳилаҳо, усулҳо, тарзҳои баҳисобгирии далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ то имрӯз муайян ва ба тартиб дароварда шудаанд. Вале рушди мунтазами муносибатҳои иқтисодӣ такмили методология ва ба шароити муосир мутобиқ намудани онро талаб мекунад.

Методология ин фаъолияте мебошад, ки донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалиро бо роҳи муқаррар кардани робитаи мантиқии байни унсурҳои низом, арзёбии мувофиқати донишҳои илмии ғунгардида ба масъалаҳои мубрами фаъолияти амалӣ ба тартиб медарорад. Барои эҳтиёҷоти амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ методология сатҳи муосири рушди технологияи баҳисобгирии муҳосибиро бо роҳи ба як низоми ягона ворид намудани усулҳои амалӣ ва сохтори мантиқии фаъолияти амалӣ таъмин менамояд. Ба ин хотир дар доираи методология вазифаҳои мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ, усулҳо, тарзҳо, принсипҳо ва қоидаҳои амал дар раванди фаъолияти субъекти иқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳалталаби амалӣ пайваста аниқ ва пурра карда мешаванд. Ҳамчунин дар доираи методологияи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз масъалаҳои муҳими амалӣ – таҳия ва пешбурди санадҳои танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳалли худро меёбад. Ҳамин тариқ, методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ «зинаи асосии пайвасткунандаи байни назария ва амалия мебошад. Ин зина нақши як навъ табдилдиҳандаро мебозад, ки бо ёрии он донишҳои назариявии ғуншудаи олимон ба малакаҳо, қоидаҳо, техника ва тарзҳои мушаххаси амалӣ мубаддал мегарданд; эҳтиёҷоти нави амалӣ ба ҳадафи самтҳои нави таҳқиқоти назариявӣ табдил меёбанд» [250, с. 26].

Ҳанӯз масъалаи аз ҷониби кӣ муайян ва таҳия шудани ҷиҳатҳои методологии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ аниқ нашудааст. Масалан, дар ИМА ва баъзе дигар мамлакатҳои пешрафта масъалаҳои таҳияи методологияи

баҳисобгирии муҳосибӣ пурра дар доираи салоҳияти ташкилотҳои ҷамъиятии муҳосибони касбӣ қарор дорад. Дар аксари давлатҳо, хусусан давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъалаҳо ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дохил мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои танзимкунандаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешаванд. Гарчанде дар мамлакат якчанд иттиҳодияҳои ҷамъиятии муҳосибон (ва аудиторон) мавҷуд бошад ҳам, нақши назарраси онҳо дар раванди таҳияи чунин санадҳо ба назар намерасад. Фаъолияти худи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ танҳо дар марҳилаҳои аввалии ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ (солҳои 1999-2003) чанде қонеъкунанда буд. Вале минбаъд он то имрӯз ягон санади муҳими меъёрию ҳуқуқӣ дар самти танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таҳия ва қабул накардааст.

Азбаски рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи муносибатҳои бозорӣ дар заминаи гуногуншаклии низомҳои миллӣ ва амсилаҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ, равишҳои методологӣ, тарзҳо ва қоидаҳои методии инъикоси натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ифшои онҳо дар ҳисоботи молиявӣ сурат мегирад, асосҳои методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор аз ҷониби мақоми давлатии ваколатдор дар мамлакат бояд бо такя ба чунин меотодологияи дар арсаи байналмилалӣ эътирофшуда таҳия карда шаванд. Дар раванди таҳияи асосҳои методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар арсаи байналмилалӣ ШСБҲМ, Федератсияи байналмилалии муҳосибон (ФБМ) – (International Federation of Accountants - IFAC), инчунин дигар ташкилотҳои байналмилалии муҳосибӣ иштирок мекунанд. Бояд қайд кард, ки ФБМ 7 октябри соли 1977 ба хотири ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои касбӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи

молиявӣ ва аудит дар арсаи байналмилалӣ таъсис дода шудааст ва имрӯз 175 аъзоро аз 130 мамлакат дар бар мегирад.

Иттилооти ҳисоботӣ, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул меёбад, аз ҷиҳати методологӣ бояд на танҳо дар доираи субъектҳои иқтисодии мушаххас, инчунин дар миқёси иқтисодиёти миллӣ ва барои гурӯҳҳои субъектҳо, ки ба фаъолияти иқтисодии берунӣ машғул мебошанд, - дар доираи иқтисодиёти ҷаҳонӣ низ қиёсшаванда бошад. Албатта, чунин қиёсшаванда будани иттилооти ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) бо роҳи бунёди низоми ягонаи танзими меъёрию ҳуқуқӣ, ки ташаккули ҳисоботи молиявиро аз рӯйи принсипҳои ягонаи методологии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии дар мамлакат амалкунанда, аз ҷумла СБҲМ таъмин мекунад, ноил мегардад.

Ҳадафи методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ин таҳия намудани принсипҳо, усулҳо (методҳо) ва тарзҳои инъикоси иттилоот дар бораи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ ба қайд гирифта шудааст, технологияҳо, тарзҳо ва қоидаҳои коркарди муҳосибии он ва дар ин асос таҳия ва ба истифодабарандагони манфиатдори дохилӣ ва берунӣ пешниҳод кардани ҳисобот мебошад. Ҳоло яке аз бахшҳои муҳимтарини кор дар доираи таҳияи асосҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ин коркарди методикаи омодасозии ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки дар ин самт ШСБҲМ корбарӣ мекунад. Азбаски ба туфайли васеъшавии доираҳои фаъолият ва таҳкими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои муосир зуҳурот ва падидаҳои нав рух медиҳанд ва онҳо ба раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонанд, дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низ такмили методология, риояи принсипҳо, истифодаи усулҳо, тарзҳо ва қоидаҳои муносиби коркард ва пешниҳоди иттилоот зарур аст. Иҷрои ин корҳоро дар доираи субъектҳои иқтисодӣ – роҳбарият ва хадамоти дахлдори муҳосибию молиявӣ, дар миқёси мамлакатҳои алоҳида - ташкилотҳои ҷамъиятии муҳосибон ё мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар миқёси байналмилалӣ – ШСБҲМ, ФБМ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии

муҳосибони касбӣ анҷом медиҳанд. Методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчунин моҳият, технология, техника ва воситаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро шарҳ медиҳад, амалҳои муҳосибони аҳли амалро муайян карда, ҷиҳатҳои умумӣ ва мушаххаси роҳандозӣ намудани онҳоро шарҳ медиҳад. Он соҳаи фаъолияти баҳисобгирии муҳосибиро бо илм алоқаманд намуда, тамоми ҷанбаҳои фаъолияти муҳосибиро бо коркардҳои назариявӣ ва дастурамалҳо, қоидаҳо, стандартҳо, низомномаҳо ва тавсияҳои илмию методӣ тамин мекунад. Надонистани методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо аксар вақт ба он оварда мерасонад, ки аз муҳосибон маълумоте талаб карда мешавад, ки онҳо надоранд ва дошта ҳам наметавонанд.

Ҳамин тариқ, методологияи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо танзимкунии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ алоқамандии зич дошта, он имрӯз, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе дахолати мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои танзимкунанда рушд намекунад.

Таҳаввул ва рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибиро метавон бо таҳқиқи марҳилаҳои рушди ҳисоботи молиявӣ арзёбӣ кард. Ба ақидаи М.В. Корягин, рушди ҳисоботи молиявӣ ҳамчунин «хусусиятҳои ташаккули бозорҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонии молӣ ва молиявиро нишон медиҳад, низоми иқтисодии дар сатҳи давлатҳои алоҳида ё дигар воҳидҳои ҳудудӣ ташаккулёфтаро инъикос мекунад» [133, с. 53]. Аз ин ҷост, ки имрӯз ҳам намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ, муҳосибони аҳли амал ва ҳам намояндагони доираҳои илмии баҳисобгирии муҳосибӣ ба вазъи муосири низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, методология ва ошкоркунии тамоюлҳои рушди он, ташаккул ва асосноккунии самтҳои мукаммалсозии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ диққати зиёд медиҳанд. Дигаргуниҳои муҳиме, ки имрӯз дар таъминоти иттилоотии идоракунии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба амал меоянд, бештар ба методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дахл менамоянд. Бинобар ин, таҳқиқ ва арзёбии мушкилот ва камбудиҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки самтҳои минбаъдаи рушд ва дурнамои он муайян карда шаванд, ки ин ба баланд шудани мақоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун илм ва

таъмини мувофиқати назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи муосири амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқи украин, профессор С.Ф. Легенчук равандҳои таҳаввул ва рушди методологияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявиро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ таҳқиқ намуда, чунин тамоюлҳоро дар рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ошкор кардааст [161, с. 60]:

- ба таркиби объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дохил кардани на танҳо моликияти субъекти иқтисодӣ, инчунин тамоми сарватҳое, ки корхона онҳоро назорат мекунад;

- муқаррар шудани ҳадафи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо ҳамчун муайян кардани натиҷаи молиявии фаъолияти корхона, балки инчунин таъмини қабули қарорҳои идоракунии босамара дар асоси иттилооти муҳосибӣ;

- пешниҳод кардани иттилооти ғайримолиявӣ оид ба омилҳои асосии тавлидкунандаи арзиш барои субъектҳои иқтисодӣ;

- пешниҳод кардани иттилооти молиявӣ оид ба объектҳои иқтисодиёти пасосаноатӣ (сармояи инсонӣ, фаъолияти инноватсионӣ, нишони савдо, бренд);

- пешниҳод кардани иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ оид ба фаъолияти экологӣ ва иҷтимоии субъектҳои иқтисодӣ;

- нигарониш дар пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ на ба гурӯҳи мушаххаси истифодабарандагон, балки ба тамоми истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ.

Ҳамин тариқ, тамоилҳое, ки С.Ф. Легенчук муайян кардааст, аз мавҷуд будани теъдоди зиёди ҷанбаҳо ва самтҳои таҳқиқнашудаи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ки иттилоот дар бораи онҳо дар ҳисоботи молиявии дар асоси стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ таҳияшуда оварда намешавад ва ё қисман оварда мешавад, гувоҳӣ медиҳанд.

Пофессори рус О.В. Рожнова дар асоси таҳқиқи тамоюлҳо ва самтҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, вобаста ба мушкилоти ҳалталаби баландбардории самаранокии низоми баҳисобгирии

муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ чунин се мушкилоти асосии ҳисоботи молиявиро ҷудо мекунад [258, с. 3]:

- паст шудани эътимоди истифодабарандагони ҳисобот (мушкилоти эътимод);

- нокифоя будани маълумоти ҳисоботӣ барои ояндабинии саҳеҳ (мушкилоти оянда);

- ғайриимкон будани инъикоси вазъи воқеии корхона ва натиҷаҳои фаъолияти он бо усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (мушкилоти саҳеҳӣ).

Ба қавли О.В. Рожнова, ҳар се мушкилоти зикргардида бо ҳам алоқаманд буда, боиси пайдошавии ҳамдигар гаштаанд ва барои ҳалли худ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунанд. Масъалаҳое, ки дар паёмади мушкилоти мазкур ба миён омадаанд, ҳамчунин пурра ҳалли худро ёфта наметавонанд, то замоне, ки равиши ба куллӣ дигар ба инъикоси далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд карда нашавад, онҳо бояд ба таври доимӣ ҳал карда шаванд.

Барои таҳлили таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирӣ бояд якчанд омилҳои асосиеро, ки ба табдили ин равишҳо дар даврaҳои гуногуни таърихию иқтисодӣ таъсир расониданд, ба назар гирифт. Баррасии дигаргуниҳо дар методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам дигаргуниҳои дар дохили мамлакатҳо рухдода ва ҳам тамоюлҳои берунии иқтисодӣ ва байналмилалӣ ба назар гирифта шаванд (ҷадвали 2.1).

Дар ҷадвали 2.1 зикри хронологии таҳаввули равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз замонҳои қадим то замони муосир оварда шудааст. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна шароити гуногуни таърихӣ ва иқтисодӣ ба рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир расонидаанд. Ба гузариш аз усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба равишҳои муосири марбут ба ҷаҳонишавӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Ҷадвали 2.1. - Таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Марҳилаҳои таҳаввули равишҳои методологӣ	Тавсиф
Низомҳои баҳисобгирии муҳосибии қадимӣ ва асрҳои миёна	Дар аввал баҳисобгирии муҳосибӣ бо идоракунии захираҳои моддӣ ва андозҳо алоқаманд буд (Мисри Қадим, Байнаннаҳрайн, Империяи Рим).
Бунёди муҳосибот (асри XV)	Ҷорӣ кардани низоми навишти дутарафа ҳамчун асос барои баҳисобгирии муҳосибии муосир.
Инқилоби саноатӣ (асри XIX)	Рушди корпоратсияҳои калон усулҳои мураккаби ҳисобро талаб мекард. Консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ ба принсипи «воқеъбинӣ» барои шаффофӣ ва эътимод ба вуҷуд меояд.
Дар байни ҷанги якум ва дуюми ҷаҳонӣ (солҳои 1914-1945)	Таҳияи стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун. Ба миён омадани зарурати ягонакунии қоидаҳои тиҷорати байналмилалӣ ва сармоягузорӣ.
Технологияҳои иттилоотӣ (охири асри XX - аввали асри XXI)	Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва компютерикунонӣ ба равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ суръат бахшида, саҳеҳиро беҳтар мекунад ва хатоҳои инсониро коҳиш медиҳад.
Технологияҳои рақамӣ (аз ҷумла, блокчейн)	Таъсири блокчейн ба баҳисобгирии муҳосибӣ, таъмини шаффофӣ ва тағйирнопазирии навиштаҷоти молиявӣ дар заминаи аҳдҳои байналмилалӣ ва дороиҳои рақамӣ.
Стандартҳои байналмилалӣ (СБҲМ)	Таҳияи СБҲМ барои ягонакунии ҳисоботи молиявӣ, беҳтар кардани ҳамкориҳо байни мамлакатҳо ва мусоидат ба тиҷорат ва сармоягузорӣ.
Буҳронҳои молиявӣ (соли 2008 ва минбаъд)	Муҳимии шаффофии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба таҳкими талабот ба ҳисоботи молиявӣ ва афзоиши эътимод ба низоми молиявии ҷаҳонӣ мусоидат кардааст, таъкид карда шуд.
Мактабҳои анъанавӣ	Тамаркуз ба арзиши таърихии дороиҳо ва риояи стандартҳои миллии баҳисобгирӣ.
Равишҳои нави назариявӣ (ҷаҳонишавӣ)	Татбиқи СБҲМ ба хотири ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, такмили ҳисобот ва баланд бардоштани эътимод ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва ҷаҳонишавӣ имкон дод, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибие бунёд шаванд, ки шаффофӣ ва эътимодро таъмин мекунанд. Барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи СБҲМ метавонад як қадами муҳим дар самти такмили ҳамгироии иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ бошад.

Асосҳои методологии ташаккули низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир таҷдиди назарро бо назардошти равандҳои табдили рақамӣ, мураккабии афзояндаи равандҳои тиҷоратӣ ва таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ тақозо мекунад. Худи методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ - ҳамчун маҷмуи принсипҳо, усулҳо ва қоидаҳо - бояд на танҳо мафҳумҳои асосии тафаккури баҳисобгирии муҳосибӣ, балки равишҳои наверо, ки воқеияти иқтисодиёти рақамӣ муайян мекунад, инъикос намояд.

Мутобиқсозии методологияи миллӣ бо принсипҳои СБҲМ, ки дар амалияи байналмиллалӣ торафт бештар истифода мешаванд ва ба воситаи умумии қиёспазирии ҳисобот табдил меёбанд, аҳамияти хоса дорад. Ҳамзамон, бояд аз нусхабардории расмии стандартҳои байналмилалӣ пешгирӣ карда шуда, роҳи мутобиқсозии онҳо ба фарҳанги миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусиятҳои забонӣ ва иқтисодӣ, муҳити ҳуқуқии маҳаллӣ интихоб карда шавад.

Мушкилоти таъминоти таҳсилотию касбии методикаи нав таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Омодасозии кормандоне, ки ҳам усулҳои анъанавӣ ва ҳам усулҳои рақамии баҳисобгирии муҳосибиро медонанд, шарти асосии татбиқи бобарори он мегардад. Таҷдиди барномаҳои таълимӣ, рушди таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ, инчунин ҳамкории иттиҳодияҳои касбӣ, мақомоти давлатӣ ва донишгоҳҳо зарур аст.

Ҳамин тариқ, методологияи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд бо роҳи навсозии ҳамаҷониба, ба ҳам пайвастани принсипҳои муттасилӣ ва инноватсионӣ рушд кунад. Танҳо тавассути омезиши оқилонаи мантиқи анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои рақамӣ ва байналмилалӣ ба ҳадафҳои баланд бардоштани саҳеҳӣ, шаффофӣ ва қобилияти таҳлилии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ноил шудан мумкин аст.

Ин барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти миллӣ, таҳкими назорати фискалӣ, такмили идоракунии дохилии корхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди ташкилотҳои байналмилалӣ замина фароҳам меорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ маҳз методологияи

баҳисобгирии муҳосибӣ унсуре мегардад, ки манфиатҳои давлат, тиҷорат ва ҷомеаро мепайвандад.

2.2. Принсипҳои асосии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсурҳои методии он

Таҳлили умумии тамоюлҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин омӯзиши амиқи сабабҳои мушкилоти асосие, ки низомҳои милли баҳисобгирии муҳосибӣ ба онҳо дучор меоянд, имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои асосии ҳангоми такмил додани онҳо ҷалби диққатро талабкунанда муайян карда шаванд. Омӯзиши мисолҳои зуҳуроти ин мушкилот дар амалияи мамлакатхои гуногун аҳамияти махсус дорад, зеро он имкон медиҳад, ки на танҳо моҳият ва амиқии камбудиҳои мавҷуда дарк карда шаванд, балки роҳҳои самарабахши ҳалли онҳо низ муайян карда шаванд. Дар асоси равиши ҳамаҷониба ва таҳлили амиқи ин омилҳо як қатор тадбирҳои методии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо кор карда баромадан мумкин аст, ки ба беҳсозии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баланд бардоштани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунанд. Ин тадбирҳо ба ҳалли мушкилоти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ нигаронида шудаанд, аз қабили беҳтар кардани сифати ҳисоботи молиявӣ, баланд бардоштани шаффофӣ ва дастрасии иттилоот барои истифодабарандагон ва таҳкими низомҳои назорат ва аудити дохилӣ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ.

Таҳқиқи адабиёт ва таҳлили амалияи байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон медиҳад, ки рушди методологияи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар таҳти таъсири назарраси талабот ва дархостҳои иттилоотии гурӯҳҳои асосии истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ сурат мегирад. Дар ҳар як мамлакат ё гурӯҳи мамлакатҳои аз ҷиҳати муносибатҳои иқтисодӣ бо ҳам наздик бо сабаби мавҷуд будани хусусиятҳои таърихии табдили муҳити баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муайяни фаъолияти иқтисодӣ низоми барои он (онҳо) анъанавии асосҳои методологии пешбурди

баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла дар асоси омӯзиши корҳои илмии дар мамлакатҳои Аврупо, ИМА ва дигар мамлакатҳои англисизабон нашршуда ошкор гардид, ки методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ бештар нигарониш ба эҳтиёҷоти амалӣ дорад, «коркардҳои илмӣ, ки ба такмили методология дар сатҳи унсурҳои метод бахшида шудаанд, чун қоида ба муайян намудани маҷмуи принсипҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисобот асос ёфтаанд, ки риояи онҳо дар раванди ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ шароити муносибро барои ташаккули ҳисоботи молиявии саҳеҳ ва дигар намудҳои иттилооти ҳисоботӣ муҳайё месозад» [132, с. 39].

Дар таҳқиқоти махсуси олимони Аврупо, ИМА ва дигар мамлакатҳои англисизабон, ки ба рушди унсурҳои методии баҳисобгирии муҳосибӣ бахшида шудаанд, бештар ба тавозун ва тартибдиҳии ҳисобот диққат дода шудааст. Ин равиш иҷрои ҳадафмандонаи коркардҳои илмиро дар асоси таъсири иттилоотии появии гурӯҳҳои асосии истифодабарандагони ҳисобот тасдиқ мекунад. Яъне олимон рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибиро аз нуқтаи назари қонеъ намудани талаботи иттилоотии умумии истифодабарандагон ҷонибдорӣ мекунанд.

Барои гирифтани иттилооти воқеӣ ва саҳеҳ оид ба фаъолияти субъектҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва умуман иқтисодиёти миллӣ мавҷудияти принсипҳои ягонаи методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст, ки онҳоро бояд ҳама субъектҳои иқтисодӣ, новобаста аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият дар низоми баҳисобгирии муҳосибии худ риоя кунанд. Мафҳуми «принсип» ҷиҳати корбурд дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои ифода намудани қоидаҳои умумии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ истифода мешавад. Яъне принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ – ин қоидаҳое мебошанд, ки ҳангоми ченкунӣ, бақайдгирӣ ва баҳодиҳии амалиёти хоҷагидорӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани натиҷаҳои онҳо бояд риоя карда шаванд.

ШСБҲМ дар соли 1989 як ҳуҷҷати муҳимеро бо номи «Асосҳои консептуалии ҳисоботи молиявӣ» (The Conceptual Framework of Financial Reporting) (асосҳои консептуалӣ) [332] ҳамчун илова ба бастаи стандартҳои байналмилалӣ таҳия намуд, ки дар он аз ҷумла принсипҳои бунёдии омодасозии ҳисоботи молиявӣ шарҳ дода шудаанд (ин ҳуҷҷат дар соли 2010 аз нав таҳрир карда шуд). Принсипҳои дар асосҳои консептуалӣ овардашуда метавонанд ҳамчун пояи таҳияи стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои алоҳида истифода шаванд. Асосҳои консептуалӣ ба дарк ва тафсири дурусти иттилооти ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ тартибдодашуда мусоидат мекунанд. Агар истифодабаранда дар дарк ё тафсири муҳтавои ягон стандарт ба душворӣ дучор ояд, ӯ метавонад ба асосҳои консептуалӣ мурочиат кунад ва ба саволи худ посух ёбад.

Бояд зикр кард, ки асосҳои консептуалӣ санадҳои меъёрии дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ истифодашавандаро иваз намекунанд, онҳо фақат талабот ва равишҳои умумии ташаккули иттилооти дар ҳисоботи муҳосибӣ овардашаванда муқаррар менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо ҳатто пайдо шудани зиддият байни санадҳои меъёрии миллӣ ва асосҳои консептуалӣ имконпазир аст, ки дар чунин маврид санадҳои меъёрӣ нисбат ба принсипҳои бунёдии ҳисоботи молиявӣ волотаранд. Асосҳои консептуалии бунёди ҳисоботи муҳосибӣ воқеъан дар тамоми мамлакатҳо вуҷуд дошта, вобаста ба хусусиятҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як мамлакат таҳия карда мешаванд.

Принсипҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ки дар асосҳои консептуалӣ оварда шудаанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) фарзияҳои асосии ҳисоботи молиявӣ (basic assumption of financial statements). Фарзияҳои асосӣ ду принсипи появиро дар бар мегиранд: беистии фаъолияти корхона ва баҳисобгирӣ бо усули ҳисобузамкунӣ. Мувофиқи принсипи беистии фаъолият, субъекти иқтисодие, ки ҳисоботи молиявии худро пешниҳод мекунад, дар ояндаи намоён фаъолият хоҳад кард ва нияти барҳамдиҳӣ ё коҳишдиҳии ҳаҷмҳои фаъолияти худро надорад. Бинобар ин, ҳангоми пешниҳоди ҳисобот ин бояд ба инобат гирифта шавад. Принсипи

ҳисобузамкунӣ ҳаминро талаб мекунад, ки амалиёти хоҷагидорӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ бо далели рухдиҳиашон эътироф карда мешаванд, на дар мавриде ки маблағҳои дахлдор гирифта ё пардохт шудаанд.

2) хусусиятҳои сифатии ҳисоботи молиявӣ (qualitative characteristics of financial statements). Дар навбати худ, хусусиятҳои сифатии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд [132; 133; 143; 270; 348]: хусусиятҳои асосӣ ва хусусиятҳои иловагӣ (баландкунандаи фоиданокии иттилоот). Барои муфид будани худ, иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда бояд дорои чунин хусусиятҳои сифатии асосӣ бошад: бамаврид ва муҳим будан, пешниҳоди дуруст (аз ҷумла тавсифи пурра, беғаразӣ ва бехатоӣ). Фоиданокии иттилоот дар сурате баланд мешавад, ки он қиёспазир, санҷидашаванда, саривақтӣ ва фаҳмо (даркшаванда) бошад (расми 2.1).



Расми 2.1. – Хусусиятҳои иттилооти ҳисоботи молиявӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда бамаврид аст, агар он қобилияти таъсиррасонӣ ё тағйир додани қарорҳои аз ҷониби истифодабарандагон қабулшавандаро дошта бошад (яъне, метавонад таъсири назаррас дошта бошад). Он метавонад аз ҷиҳати ояндабинӣ арзишманд бошад, ё арзишнокии қарорҳо ва ояндабиниҳои пештар таҳияшударо тасдиқ кунад, ё ҳар ду ин хусусиятро дошта бошад.

Ҳисоботи молиявӣ зуҳуроти иқтисодиро бо матн ва рақамҳо ба истифодабарандагон пешниҳод мекунанд. Дар бисёр мавридҳо моҳияти зуҳуроти иқтисодӣ ва шакли ҳуқуқии он бо ҳам мувофиқат мекунанд. Агар онҳо тафовут дошта бошанд, пешниҳоди иттилоот танҳо дар бораи шакли ҳуқуқӣ зуҳуроти иқтисодиро дуруст ифода намекунад. Инъикоси иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ метавонад пешниҳоди комилан дурустро таъмин кунад, агар он пурра, беғараз ва бехато бошад.

Хусусиятҳои сифатии иттилоот, ки манфиатнокии онро баланд мебардоранд, инҳо мебошанд: қиёспазирӣ, санҷидашаванда, саривақтӣ ва даркшаванда будан. Иттилоот дар бораи корхонаи ҳисоботдиҳанда нисбатан муфид аст, агар он тавонад, ки бо ҳамин гуна иттилоот оид ба дигар корхонаҳо ва ҳамин гуна иттилоот дар бораи корхонаи мазкур дар дигар давра ё санаи дигар муқоиса карда шавад.

Қиёспазирӣ имкон медиҳад, ки монандӣ ва тафовути моддаҳои ҳисоботи молиявӣ ошкор карда шавад. Барои муқоиса кардан камаш дар бораи ду моддаи ҳисобот (ё бузургии як модда дар ду давраи ҳисоботӣ) маълумот бояд дошт.

Санҷишшаванда будан чунин фаҳмида мешавад, ки истифодабарандагони гуногуни огаҳ (иттилоотдор) ва мустақил метавонанд ба як ақидаи умумӣ оянд, гарчанде ба мувофиқаи комиле наоянд, ки инъикоси муайяни иттилоот ин ифодаи дурусти он аст.

Саривақтӣ будани иттилоот маънои онро дорад, ки он сари вақт ба шахсони қабулкунандаи қарор мерасад, то ки ба қарорҳои қабулшаванда таъмир расонад.

Тасниф, банизомдарорӣ ва возеҳу фаҳмо пешниҳод кардани иттилоот онро барои истифодабарандагон фаҳмо (даркшаванда) мекунад. Баъзе зуҳуроти иқтисодӣ мураккаб буда, онҳоро дар шакли осонфаҳм пешниҳод кардан ғайриимкон аст. Ихтисор кардани иттилоот дар бораи чунин зуҳуроти иқтисодӣ аз таркиби ҳисоботи молиявӣ метавонад даркшавандагии ҳисоботро осонтар гардонад. Вале чунин ҳисобот нопурра хоҳанд буд, ки метавонанд истифодабарандагонро ба гумроҳӣ оваранд.

Мувофиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» чунин ду принсипи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ муайян карда шудааст: муттасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан. Лекин, агар аз ҷиҳати маънӣ (семантика) ин ду принсипи номбаркардашударо таҳлил кунем, онҳо ягон маъно надоранд. Чунин принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ягон адабиёти дахлдор низ нишон дода нашудаанд. Барои равшанӣ андохтан ба ин нофаҳмӣ ба тариқи русии матни қонуни мазкур назар мекунем. Он ҷо ҳамчун принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ «непрерывное начисление» (ҳисобузамкунии беист) ва «учет» (баҳисобгирӣ) оварда шудааст ва инҳо ҳам нодуруст мебошанд: дар бораи чунин ду принсипи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ягон адабиёти русизабони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ ёдрас нашудааст. Ба андешаи мо, таҳиякунандагони қонун шояд принсипҳои «беистии фаъолият» (непрерывность деятельности) ва «ҳисобузамкунӣ» (начисление)-ро дар назар доранд, зеро ин ду принсип, яъне беистии фаъолият ва ҳисобузамкунӣ дар аксари адабиёти появии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ номбар карда шудаанд [143; 270].

Таҳқиқи принсипҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки дар адабиёт оварда шудаанд [75; 106; 131; 132; 162; 191] ва дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии мамлакатҳои гуногун ба кор бурда мешаванд (зиёда аз 100 адад), имкон медиҳад, ки принсипҳои муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо кунем ва онҳоро шарҳ диҳем (ҷадвали 2.2).

Ҷадвали 2.2. – Принсипҳои муҳимтарини баҳисобгирии муҳосибӣ

Принсипи баҳисобгирии муҳосибӣ	Тафсири принсипи баҳисобгирии муҳосибӣ
1	**2**
Беистии фаъолияти субъекти иқтисодӣ	Субъекти иқтисодӣ дар ояндаи намоён фаъолият хоҳад кард ва нияти барҳамдиҳӣ ё коҳишдиҳии ҳаҷми фаъолияти худро надорад. Агар чунин ният ё зарурат мавҷуд бошад, пас ҳисоботи молиявӣ бояд бо такя ба ягон асоси дигар тартиб дода шавад ва он дар ҳисобот ифшо карда шавад. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ тамоми амалиёти хоҷагидорӣ саросарӣ ва беист ба қайд гирифта мешаванд. Дороиҳои субъекти иқтисодӣ алоҳида аз ҳамдигар баҳо дода намешаванд, ба истиснои ҳолатҳои барҳамдиҳии корхона. Ин имкон медиҳад, ки оид ба фаъолияти молиявии корхона ва нақшаҳои он иттилооти саҳеҳ гирифта шавад.
Ҳисобузамкунӣ	Натиҷаҳои амалиёт ва дигар рӯйдодҳои хоҷагидорӣ бо далели рухдиҳиашон эътироф карда мешаванд (на дар мавриде ки воситаҳои пулӣ ё муодилҳои онҳо гирифта ва ё пардохт шудаанд). Онҳо дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии ҳамон даврае инъикос карда мешаванд, ки дар он ба амал омадаанд. Дар ин мавриди ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон на танҳо оид ба амалиёти анҷомдодашуда, балки дар бораи уҳдадориҳо ва дороиҳои оянда, ки бо ёрии онҳо маблағҳои дахлдор гирифта мешаванд, иттилоот медиҳад.
Дурандешӣ (эҳтиёткорӣ)	Ҳангоми тартибдиҳии ҳисобот бояд номуайянии рӯйдодҳои оянда ба ҳисоб гирифта шавад. Масалан, эҳтимолияти пайдошавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо, давомнокии муҳлати истифодаи дороиҳо, коҳишёбии арзиши онҳо. Дурандешӣ ҳамчун дараҷаи муайяни эҳтиёткорӣ дар раванди бунёди ҳукмҳо ҳангоми ҳисобкуниҳои дар шароити номуайянӣ иҷрошуда фаҳмида мешавад: дороиҳо ё нафъҳо набояд зиёд, уҳдадориҳо ё хароҷот набояд кам нишон дода шаванд.
Бартарии моҳият аз шакл	Амалиёти хоҷагидории корхона бояд дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мувофиқ бо моҳият ва воқеъияти иқтисодии худ инъикос карда шаванд, на ин ки танҳо дар мувофиқӣ бо шакли ҳуқуқии худ.
Арзиши аслӣ (таърихӣ)	Баҳодиҳӣ бо арзиши таърихӣ (арзиши аслии таърихӣ) иттилоотро бо ифодаи пулӣ дар бораи дороиҳо, уҳдадориҳо ва даромаду хароҷоти ба онҳо алоқаманд бо истифода аз иттилооти ақалан аз нархи амалиёт ё рӯйдоди дигари боиси ба вуҷуд омадани онҳо гардида гирифташуда пешниҳод мекунад. Дар тафовут аз арзиши ҷорӣ, арзиши таърихӣ тағйиротро дар арзиш инъикос намекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин тағйирот дар натиҷаи коҳишёбии арзиши дорой ё вазнин шудани уҳдадорӣ ба амал омадааст. Арзиши таърихии дорой дар лаҳзаи ба даст овардан ё сохтани он маблағи хароҷотест, ки ҳангоми ба даст овардан ё сохтани дороии мазкур сарф шуда, маблағи барои ба даст овардан ё сохтани дорой пардохтшударо бо иловаи хароҷоти муомилот дар бар мегирад. Арзиши таърихии уҳдадорӣ дар лаҳзаи ба вуҷуд омаданаш маблағи подоши барои ба даст овардани ин уҳдадорӣ гирифташуда, бо тарҳи хароҷоти муомилот мебошад.

Идомаи ҷадвали 2.2

1	2
Даркшаванда (фаҳмо) будани иттилоот	Фаҳмо будани иттилоот барои истифодабарандагоне, ки донишҳои басандаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодию баҳисобгирии муҳосибӣ ва хоҳиши бо шавқу рағбат омӯхтани ин иттилоотро доранд.
Воқеъбинӣ	Тамоми амалиёти хоҷагидорӣ бояд дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос гардида, рухдиҳии онҳо бо ҳуҷҷати дахлдор асоснок карда шавад. Ин ҳуҷҷат минбаъд барои дар ҳисобҳо ва феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба қайд гирифтани натиҷаи амалиёт асос мебошад.
Қиёспазирии иттилоот	Иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда бояд ҳам дар замон ва ҳам дар фазо бо иттилооти корхонаҳои дигар муқоисашаванда бошад. Ин аломат имкон медиҳад, ки тамоюлоти вазъи молиявии корхона ва натиҷаҳои фаъолияти он пайгирӣ карда шаванд.
Бамаврид будани иттилоот	Иттилоот бамаврид аст, агар он ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон таъсир расонида, ба онҳо барои баҳо додани вазъи гузашта, ҳозира ва ояндаи рӯйдодҳо мадад расонад, хатоҳои гузаштаро тасдиқ ва ё ислоҳ намояд.
Муҳимии иттилоот	Иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда муҳим аст, агар наовардан ё таҳрифи он метавонад ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявӣ қабул мешаванд, таъсир расонад.
Саҳеҳии иттилоот	Иттилоот саҳеҳ (боэътимод) аст, агар он аз хатоҳо ва ғалатмаънидодкуниҳо дур бошад ва истифодабарандагон тавонанд, ки ба он ҳамчун ба ифодакунандаи воқеъияти рӯйдодҳои дар ҳисобот инъикосгардида такя кунанд.
Беғаразӣ	Иттилоот набояд ба қабули қарорҳо ё бунёдшавии раъй ба хотири ба даст овардани натиҷаи пешбинишуда таъсир расонад.
Пуррагии иттилоот	Иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ бояд пурра бошад ва принсипи муҳимӣ ҳангоми пешниҳоди он ба инобат гирифта шавад. Ба инобат нагирифтани ин ё он маълумот метавонад иттилоотро бардурӯғ инъикос кунад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Маҷмуи принсипҳое, ки мо онҳоро омӯхтем, инчунин муҳимтаринашонро ҷудо ва тафсир кардем, гувоҳӣ медиҳад, ки принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳанӯз дар мамлакатҳои мухталиф ба низоми муайяни комил оварда нашудаанд. Истифодаи онҳо дар раванди ташаккули методологияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлили амиқи хусусиятҳои гуногунсифати баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро талаб мекунад.

Баъзе муаллифон изҳор менамоянд, ки унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчунин методи онро дар бар мегиранд [272, с. 19]. Ба андешаи онҳо, тавассути унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ алоқамандии вазифавии байни объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ карда мешавад.

Дар адабиёт методи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун маҷмуи усулҳо ва қоидаҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ истифодашаванда тафсир карда мешавад. Ҳоло дар амалияи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ методи баҳисобгирии муҳосибӣ усулҳои маъмулро дар бар мегирад, аз ҷумла: ҳисобҳо, навишти дутарафа, баҳодиҳии объектҳои баҳисобгирӣ, ҳуҷҷатнигории амалиёти хоҷагидорӣ, барӯйхатгирии дороиҳо ва уҳдадориҳо, ҳисобкунии арзиши аслӣ, ҷамъбасткунии маълумоти баҳисобгирӣ (тартиб додани ҳисобот). Ин тарзҳо ва қоидаҳо унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ, ё ба қавли дигар, усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ номида мешаванд.

В.Т. Чая унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) қоидаҳои назораи аввалӣ: ҳуҷҷатнигорӣ, барӯйхатгирӣ; 2) қоидаҳои ченкунии арзиш: баҳодиҳӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ; 3) қоидаҳои ҷамъбасткунии иттилоот: ҳисобҳо, навишти дутарафа, ҳисоботи молиявӣ [321, с. 25].

С.М. Бичкова мафҳумҳои «методи баҳисобгирии муҳосибӣ» ва «унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ»-ро ба таври возеҳ тафсир кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки методи баҳисобгирии муҳосибӣ – маҷмуи тарзҳо ва қоидаҳое мебошад, ки бо ёрии онҳо предмет (объект)-и баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ дарк карда мешаванд [41, с. 9]. Ҳамин тариқ, муаллиф унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибиро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) назораи аввалӣ: ҳуҷҷатнигорӣ, барӯйхатгирӣ; 2) ченкунии арзишӣ: баҳодиҳӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ; 3) гурӯҳбандии ҷорӣ: ҳисобҳо, навишти дутарафа; 4) ҷамъбасткунии натиҷавӣ: тавозун, ҳисобот.

М.Д. Акатева низ унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибиро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад; 1) тарзҳо ва қоидаҳои назораи аввалии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: ҳуҷҷатнигорӣ, барӯйхатгирӣ; 2) тарзҳо ва қоидаҳои ченкунии

арзишии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: баҳодиҳӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ; 3) тарзҳо ва қоидаҳои гурӯҳбандии ҷории маълумот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа; 4) тарзҳо ва қоидаҳои ҷамъбасткунии натиҷавии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ: тавозуни муҳосибӣ, ҳисоботи муҳосибӣ [6, с. 49].

Таърифи методи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин таснифи унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибиро, ки дар адабиёт оварда шудааст, ҷамъбаст намуда, алоқамандии методи баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсурҳои онро тасвир мекунем (расми 2.2).



Расми 2.2. – Алоқамандии методи баҳисобгирии муҳосибӣ ва унсурҳои он

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳқиқи амиқи адабиёти дахлдор тасдиқ мекунад, ки унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ ботадриҷ дар натиҷаи пайдо шудани зарурати гирифтани иттилоот оид ба предмети умумии баҳисобгирии муҳосибӣ – сармоя, тавсеаи худи мафҳуми сармоя, ба миён омадани намудҳо ва шаклҳои нави

истифодабарии он ташаккул ёфтаанд. Баъзеи онҳо, масалан, ҳисобҳо ҳанӯз то пайдо шудани баҳисобгирии муҳосибии бонизом истифода мешуданд.

Акнун, дар натиҷаи таҳлили унсурҳои методие, ки дар адабиёт оварда шудаанд [6, с. 39], мо усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро ҷудо намуда, онҳоро аз нуқтаи назари худ тафсир мекунем (ҷадвали 2.3).

Ҷадвали 2.3. – Усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тафсири онҳо

Усули баҳисобгирии муҳосибӣ	**Тафсири усули баҳисобгирии муҳосибӣ**
1	2
Ҳуҷҷатнигорӣ	Ҳама далелҳои хоҷагидорӣ, ки дар субъекти иқтисодӣ рух медиҳанд, бо ҳуҷҷатҳои аввалии тасдиққунанда ҳуҷҷатнигорӣ карда мешаванд ва дар асоси ҳамин ҳуҷҷатҳо баҳисобгирии муҳосибӣ бурда мешавад. Ҳуҷҷатнигориро метавон ҳамчун як тарзи амалисозии инъикоси саросарӣ, беист ва бо ҳам алоқаманди равандҳои хоҷагидорӣ бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати дахлдор барои ҳар як амалиёти хоҷагидорӣ дар лаҳзаи рухдиҳӣ ё фавран пас аз анҷоми он ба хотири гирифтани маълумоти зарурӣ оид ба зуҳуроти хоҷагидории дар корхона иҷрошуда баррасӣ кард.
Барӯйхатгирӣ	Барӯйхатгирӣ имкон медиҳад, ки тавассути гузаронидани санҷиш мавҷудияти воқеии дороиҳо дар санаи муайян бо роҳи ҳисоб кардан, ченкунӣ ва баҳодиҳӣ ошкор карда шавад, вазъи ҳисобикуниҳои корхона муайян карда шавад ва маълумоти дар натиҷаи ин санҷиш гирифташуда бо маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ муқоиса карда шавад. Натиҷаи барӯйхатгирӣ тасдиқи маълумоти баҳисобгирӣ ё ошкор кардани сарватҳои ба ҳисоб гирифтанашуда, талафот, дуздӣ, камомад мебошад.
Баҳодиҳӣ	Тарзи ченкунии арзишии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасткунии иттилооти муҳосибӣ, ки барои инъикоси гирдгардиши сармоя дар баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст. Дар раванди баҳисобгирӣ аввал назора ва ченкунии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо воҳидҳои аслӣ, шартан аслӣ ва меҳнатӣ ба ҷо оварда шуда, сипас онҳо ба шакли пулӣ баргардонда мешаванд.
Ҳисобкунии арзиши аслӣ	Ҳисобкунии арзиши аслии воҳиди маҳсулот ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ҳам дар марҳилаи банақшагирӣ (тартиб додани нақшаҳои арзиши аслӣ, харҷномаҳо ва буҷетҳои хароҷот) ва ҳам дар мавриди тартиб додани ҳисобот оидба арзиши аслӣ.
Ҳисобҳои муҳосибӣ	Ҳисобҳои муҳосибӣ барои баҳисобгирии ҷории далелҳои хоҷагидории якхела пешбинӣ шудаанд. Ҳисоб – воҳид ва воситаи асосии нигоҳдории иттилоот дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ буда, барои ғункунии маблағҳои ифодакунандаи натиҷаҳои амалиёти хоҷагидорӣ ба кор бурда мешавад. Дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳар як намуди дороиҳо, уҳдадориҳо, ҳар як унсури сармояи худӣ, инчунин барои ҳар як намуди даромадҳо ва хароҷот ҳисобҳои алоҳида кушода мешаванд.

Идомаи ҷадвали 2.3

1	2
Навишти дутарафа	Амалиёти хоҷагидорӣ дар ҳисобҳои муҳосибӣ бо қоидаи (принсипи) навишти дутарафа инъикос карда мешаванд. Навишти дутарафа - бо ҳамон як маблағ дар дебет ва кредити ҳисобҳои бо ҳам алоқаманд инъикос кардани тағйирёбии унсурҳои ҳисоботи молиявӣ мебошад. Навишти дутарафа аҳамияти назоратӣ дорад. Ҷамъи гардишҳои дебетии ҳама ҳисобҳои корхона дар давраи ҳисоботӣ бояд ба ҷамъи гардишҳои кредитии онҳо баробар бошад. Набудани баробарӣ аз хатои ҳангоми дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани амалиёти хоҷагидорӣ содиршуда дарак медиҳад.
Ҳисоботи молиявӣ	Ҳисоботи молиявӣ марҳилаи ниҳоии раванди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Он низоми ягонаи маълумот дар бораи вазъи молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ ва ҳаракати воситаҳои пулии субъекти иқтисодӣ буда, дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ бо шаклҳои муқарраршуда тартиб дода мешавад. Тавозуни муҳосибӣ ҳамчун шакли ҳисоботи молиявӣ тарзи ҷамъбасткунии иттилоот оид ба дороиҳои корхона аз рӯйи таркиб ва манбаъҳои ташаккул бо ифодаи пулӣ дар санаи муайян мебошад. Тавозун дар асоси маълумоти дар ҳисобҳои муҳосибӣ мавҷудбуда тартиб дода мешавад ва имкон медиҳад, ки доимо маблағи дороиҳо бо сарчашмаҳои пайдошавии онҳо муқоиса карда шавад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, ҳамаи унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ барои гирифтани иттилоот дар бораи предмети баҳисобгирии муҳосибӣ, ки барои истифодабарандагони манфиатдор ба хотири истифода дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ зарур аст, ба кор бурда мешаванд. Унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ дар якҷоягӣ тарҳеро ифода мекунанд, ки барои ҷамъоварӣ, ченкунӣ ва ҷамъбасткунии иттилоот барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла нигоҳдории сармояи субъекти иқтисодӣ ва идоракунии истифодаи он дар фаъолияти хоҷагидорӣ имкон медиҳад.

Номгӯйи баррасишудаи унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ дар натиҷаи рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ аллакай дар аввали солҳои 1900 муайян гардидааст. Вале дигаргуниҳои дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ бо сабаби рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар солҳои охир рухдода водор мекунанд, ки шароити корбурди онҳо дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бозбинӣ карда шавад.

Додугирифти фаврии иттилооти тиҷоратӣ ба тамоми маҳалҳои ҷаҳон ба амалиёти бонкию биржавӣ, аҳдҳои тиҷоратии байни субъектҳои иқтисодии дар тамоми ҷаҳон фаъолияткунанда суръати бемисл бахшид. Ҳамзамон суръати инъикоси иттилоот дар баҳисобгирии муҳосибӣ афзуд, талабот ба суръати гирифтани иттилооти дастраси омма зиёд шуд. Дар шароити имрӯз бо рушди талаботи иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор ҳатто ҳисоботи молиявии моҳона акнун ба таври басанда саривақтӣ ба ҳисоб намеравад.

Дархостҳои воқеъбинонаи иқтисодиёти муосир пеш аз ҳама ба методи баҳисобгирии муҳосибӣ ва доираи унсурҳои он марбут мебошанд. Унсурҳои алоҳидаи методи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд таҳлил ва бозбинӣ карда шаванд, ақалан дигаргуниҳои умумие, ки дар робита бо талаботи нав ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ рух додаанд, бояд таҳқиқ карда шаванд.

Таҳлили рушди пойгоҳи методологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат нишон дод, ки унсурҳои асосии методологӣ (ҳуҷҷатгузорӣ, баҳодиҳӣ, барӯйхатгирӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ, навишти дутарафа, ҳисобот) аҳамият ва хусусияти худро нигоҳ медоранд. Бо вуҷуди ин, бидуни бозбинӣ онҳо дар шароити муосир самаранокии худро гум мекунанд. Воситаҳои муосири рақамӣ (ба монанди низомҳои ERP, хизматрасонии баҳисобгирии абрӣ, зеҳни сунъӣ дар таҳлили молиявӣ, блокчейн барои санҷиши маълумот) тинати иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро дигар мекунанд, коркарди онро суръат бахшида, ба дақиқӣ ва шаффофии бештар мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки татбиқи консепсияи ҳамгироии ҷузъҳои анъанавии методологӣ бо технологияҳои рақамӣ ва стандартҳои байналмилалӣ асоснок карда шавад. Чунин ҳамгироӣ набояд тавассути иваз кардани методологияи анъанавӣ, балки тавассути васеъ ва амиқтар кардани он дар заминаи воситаҳои муосир сурат гирад. Масалан, барӯйхатгириро метавон бо истифода аз технологияҳои пайгирии автоматии дороиҳо анҷом дод. Воридкунии дукарата метавонад тавассути технологияҳои зеҳнӣ амалӣ карда шавад ва ҳуҷҷатгузорӣ ба феҳристи электронӣ ва имзоҳои рақамӣ асос ёбад.

Ҳамчунин таҳлили принсипҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз устувории назариявӣ, татбиқи амалии онҳо дар сатхи корхонаҳо ба як қатор мушкилот дучор мешавад. Ин ҳам ба ақибмонии технологии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам ба коркарди нокифояи методологии татбиқи принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муҳити рақамӣ вобаста аст. Махсусан, принсипҳои саривақтӣ, қиёспазирӣ ва саҳеҳӣ аз сабаби бартарӣ доштани амалиёти дастӣ, парокандагии маълумот ва суръати пасти коркарди он дар истифодабарӣ маҳдуд мешаванд.

Бинобар ин, татбиқи консепсияи ҳамгироии усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ (навишти дутарафа, барӯйхатгирӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ, тавозунӣ ва дигарҳо) бо воситаҳои муосири рақамӣ ва муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ бояд асоснок карда шавад. Дар шароити рақамикунонӣ онҳо мубрамии худро гум намекунанд, вале ба дарки нави технологӣ ва татбиқ тавассути нармафзори муосир эҳтиёҷ доранд.

Воситаҳои муосири баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ - низомҳои ERP, платформаҳои абрӣ, ҳуҷҷатгардиши электронӣ, мушаххаскунии ҳамаҷонибаи амалиёти хоҷагидорӣ, муқоисаи автоматии бақияҳои ҳисобҳо, алгоритмҳои таҳлил ва ояндабинӣ – барои дар сатҳи амиқтар татбиқ кардани принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имконияти нав мекушоянд. Масалан, принсипи воқеъбинӣ метавонад тавассути мушаххаскунии бехатари рақамии ҳуҷҷат ва принсипи қиёспазирӣ тавассути шаклҳои ягонаи ҳисоботи электронии ҳисоботи бо СБҲМ мутобиқшуда амалӣ карда шавад.

Принсипҳои СБҲМ дар навбати худ заминаи назариявию меъёриро барои бунёди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба истифодабарандагони иттилоот, аз ҷумла сармоягузорони беруна нигаронида шудааст, фароҳам меоранд. Ҳамгироии онҳо ба амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ махсусан дар мавриди таъминоти техникӣ самаранок мегардад - вақте ки платформаи ягона имкон медиҳад, ки ҳисобот мувофиқи шаклҳои байналмилалӣ бо истифода аз расмиёти автоматикунонидашудаи арзёбӣ, ҳисобузамкунӣ ва таснифот таҳия карда шавад.

Ҳамин тариқ, консепсияи пешниҳодшуда муттаҳидсозии унсурҳои фарогир ва ба воситаҳои муосири технологияҳои рақамии баҳисобгирии муҳосибӣ асосёфтаро дар назар дорад. Усулҳои анъанавӣ устуворӣ ва муттасилии сохторӣ, технологияҳои рақамӣ - самаранокӣ ва дақиқӣ, принсипҳои СБҲМ – қиёспазирии байналмилалӣ ва шаффофиро таъмин мекунанд.

Татбиқи консепсияи мазкур таҳияи санадҳои меъёрии методӣ, роҳнамоҳои технологияҳои рақамӣ, барномаҳои омӯзишӣ барои муҳосибон ва муҳимтар аз ҳама, дастгирии меъёрии гузариш ба шакли рақамии татбиқи усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибиро талаб мекунад. Ин ташаккули пойгоҳи ягонаи методологиро таъмин мекунад, ки дар он мантиқи анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли муосири рақамӣ амалӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти захираҳои маҳдуд ва гуногунрангии амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба корбурди технологияҳои мутобиқсозӣ, ки ба корхонаҳои андоза ва шаклҳои моликияти гуногун вобаста ба омодагии техникӣ ва таъминот бо кормандон барои истифодаи принсипи ҳамгироӣ имкон диҳанд, диққати махсус дода шавад. Дар натиҷа шаффофӣ ва қиёспазирии ҳисоботи молиявии корхонаҳо афзоиш ёфта, мавқеи мамлакат дар раддабандиҳои байналмилалии сармоягузорӣ мустаҳкам гардида, сифати идоракунии давлатӣ ва корпоративӣ беҳтар мешавад, ки ҳамаи ин ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

2.3. Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ (таҷрибаи ҷаҳонӣ)

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти хоса дорад, зеро он воситаи муҳими таъмини шаффофии амалиёти молиявӣ ва ҳамкории самарабахши субъектҳои иқтисодӣ дар бозорҳои байналмилалӣ мегардад. Ташаккул ва рушди пойгоҳи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи миллӣ дар ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо

стандартҳои байналмилалӣ, инчунин таъмини эътимод ба иттилооти молиявӣ ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар хориҷи он нақши муҳим дорад.

Мувофиқи талаботи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» субъектҳои иқтисодӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, риояи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд.

Ҳамчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намудани назоратро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муқаррар кардааст. Мувофиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» чунин назорат дар шакли санҷиш ташкил карда мешавад, ки тартиби гузаронидни онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» [157] муқаррар кардааст.

Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба тамоми ҷанбаҳои танзими баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад, ки мутобиқати низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳо ва равишҳои байналмилалиро тақозо мекунад. Дар робита ба ин, масъалаи мубрами ҳамоҳангсозии санадҳои меъёрии миллӣ бо талаботи байналмилалӣ ба миён омадааст, ки тағйирот дар қонунгузорӣ ва амалияи танзимкунӣ, инчунин ҷорӣ намудани стандартҳои навро ба хотири таъмини шаффофӣ ва қиёспазирии ҳисоботи молиявӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ тақозо мекунад. Зеро «бо андӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ талабот ба ҳисоботи молиявӣ ташаккул ёфтанд, ки нафънокии баландтарин ва муносиб будани онро барои қабули қарорҳои иқтисодӣ таъмин менамоянд. Ин талабот дар ниҳоят ба пайдошавии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ оварда расонд» [9, с. 62].

Бо рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо як воситаи муҳими таъмини шаффофии амалиёти молиявӣ гардидааст, балки ба омили таъмини ҳамкории самарабахши субъектҳои иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ низ табдил ёфтааст. Ҷаҳонишавӣ, ки густариши робитаҳои

тиҷоратӣ ва молиявӣ, ҳамгироии бозорҳо ва таҳкими рақобатро ифода мекунад, боиси афзоиши талабот ба ягонакунии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии дар мамлакатҳои гуногун фаъолияткунанда гардид. Зеро гуногунии равишҳо ва меъёрҳо дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ монеаи асосии фаъолияти босамари бозорҳои байналмилалии молиявӣ мебошад. Бинобар ин, ягонакунии ҳисоботи молиявӣ барои субъектҳои иқтисодӣ ва мамлакатҳо имконият фароҳам хоҳад овард, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ бо дарназардошти шароити воқеии иқтисодии ҳар як мамлакати алоҳида фаъолияти бобарор кунанд. Барои ноил шудан ба ин, зарурати бунёди стандартҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки муқоисаи маълумоти молиявиро дар байни мамлакатҳо таъмин кунанд, ба миён омад. Дар посух ба ин, ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозии стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба вуҷуд омаданд. Яке аз муҳимтарин ташаббусҳо СБҲМ буд, ки асос барои гузаштани бисёр мамлакатҳо ба истифодаи талаботи ягонаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ гардиданд.

Дар партави ҷаҳонишавӣ дигар ташаббусҳои байналмилалӣ низ рушд ёфтанд. Масалан, Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба пешбурди стандартҳое шуруъ карданд, ки ба ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ ва амалияҳои баҳисобгирӣ мусоидат мекарданд. Ин ташкилотҳо тавассути дастгирии татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба шаффофии бештар дар ҳисоботи молиявӣ ба раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳо, бахусус дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, таъсири назаррас расонидаанд. Қабули чунин стандартҳо ба мамлакатҳо имкон дод, ки фазои сармоягузории худро беҳтар ва эътимоди сармоягузоронро ба низомҳои молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии худ мустаҳкам кунанд.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо дар зарурати ягонакунии ҳисобот, балки инчунин дар ташаккули сохтори нави танзимкунии меъёрию ҳуққуқӣ, ки барои таъмини сифати баланд ва қиёспазирии маълумоти молиявӣ қодир бошад, зоҳир мегардад. Мамлакатҳое, ки мехоҳанд ба

иқтисодиёти ҷаҳонӣ ворид шаванд, хуб дарк карданд, ки риояи талаботи байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ як шарти ҳатмӣ барои иштирок дар равандҳои сармоягузорӣ ва қарздиҳии ҷаҳонӣ. Дар робита ба ин, афзоиши шумораи мамлакатҳое, ки ба СБҲМ гузаштаанд дар даҳсолаҳои охир ба як тамоюли муҳим табдил ёфтааст.

Илова бар ин, ҳамоҳангсозии байналмиллалии баҳисобгирии муҳосибӣ омили рушди ниҳодҳои миллии назорати молиявӣ ва аудит дар арсаи ҷаҳонӣ гардид. Истифодаи стандартҳои ягона на танҳо тағйир додани равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, балки аз нав дида баромадани усулҳои тафтиш ва таҳлили иттилооти молиявиро талаб мекард. Ин ба афзоиши талаботи касбӣ нисбат ба муҳосибон ва аудиторҳо, пурзӯр шудани нақши онҳо ҳамчун иштирокчиёни асосии равандҳои идоракунии корпоративӣ ва таъмини шаффофии молиявӣ мусоидат намуд.

Рушди танзимкунии ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибӣ бо амалҳои фаъоли созмонҳои байналмилалии касбӣ, аз қабили IFAC, IASB ва IASC ҳамрадиф буд. Ин ниҳодҳо на танҳо дар таҳия ва пешбурди стандартҳо, балки инчунин дар таҳияи тавсияҳои методӣ, ки барои татбиқи амалии онҳо дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунанд, саҳм гузоштанд.

Бояд гуфт, ки татбиқи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ аз мамлакатҳо тақозо мекунад, ки пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии худро ҳамаҷониба ислоҳ кунанд. Ин мутобиқсозии қонунгузориро дар робита ба идоракунии корпоративӣ, андозбандӣ, мониторинги молиявӣ ва дигар ҷанбаҳои шаффофии соҳибкорӣ дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, як қатор мамлакатҳо барномаҳои махсуси мутобиқсозии СБҲМ-ро қабул кардаанд, ки давраи гузариш, омодасозии мутахассисон ва таъсиси сохторҳои нави танзимкунандаро пешбинӣ мекунанд. Дар ин маврид, сухан на танҳо дар бораи татбиқи техникии стандартҳо, балки дар бораи ташаккули муҳити нави институтсионалӣ меравад, ки ба талаботи фазои молиявии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад.

Ба мушкилоти марбут ба ҷаҳонишавии баҳисобгирии муҳосибӣ низ эътино накардан ғайриимкон аст. Аз ҷумла, истифодаи стандартҳои ягона дар

мамлакатҳое, ки дараҷаи рушди иқтисодиёт ва камолоти ниҳодҳои баҳисобгирии муҳосибиашон гуногун аст, душвориҳои муайяне ба амал оварда метавонад. Стандартҳое, ки дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушдёфта таҳия шудаанд, на ҳама вақт хусусиятҳои мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла сатҳи омодасозии кормандон, хусусиятҳои омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар бахши давлатӣ ва афзалиятҳои молиявиро пурра ба назар мегиранд. Дар ин қарина чандирии равишҳои татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла имконияти қисман мутобиқ кардани стандартҳо ба шароити миллӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мутобиқсозӣ ва корбурди дурусти СБҲМ ба мустаҳкам шудани эътимоди сармоягузорон мусоидат намуда, воридшавии корхонаҳои миллиро ба бозорҳои байналмилалии сармоя осонтар ва хароҷоти муомилотро кам мекунад. Дар натиҷа, мамлакатҳое, ки ба стандартҳои байналмилалӣ тамаркуз мекунанд, ҳам аз ҷиҳати беҳбуди сифати иттилооти молиявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари мавқеи стратегии иқтисодиёти худ дар шароити рақобати ҷаҳонӣ манфиат мегиранд. Маҳз дар ин қарина маълум мешавад, ки чаро ҳукуматҳои миллӣ дар солҳои охир ба ҳамоҳангсозии санадҳои қонунгузорӣ ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибии худ шуруъ кардаанд.

Чунин ҳамоҳангсозӣ ҳам пурра ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ва ҳам қисман мутобиқгардонии онҳоро ба хусусиятҳои мамлакатҳои алоҳида ва низомҳои иқтисодиву ҳуқуқии онҳо дар бар мегирифт. Бояд зикр кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ субъектҳои иқтисодӣ ба он ҷаҳд мекунанд, ки ҳисоботи молиявии онҳо барои сармоягузорони байналмилалӣ фаҳмо ва қобили қабул бошанд, ки ин гузариш ба стандартҳои байналмилалиро махсусан дар мамлакатҳое, ки барои ҷалби сармоя ва таҳкими мавқеъи худ дар бозорҳои байналмилалӣ талош мекунанд, мубрамии хоса бахшид.

Раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани он дар се даҳсолаи охир дар мамлакатҳои гуногун рушд ёфта истодааст [40; 189; 267; 275; 276]. Масалан, дар ИМА раванди мутобиқ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалии СБҲМ дар охири асри ХХ оғоз ёфт. ИМА бо доштани низоми худии

баҳисобгирии муҳосибӣ – US GAAP ба баррасии ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ шуруъ кард, зеро ин барои корхонаҳое, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ фаъолият мекунанд, муҳим буд. Дар соли 2001 ИМА барномаи татбиқи СБҲМ-ро оғоз кард, ки он як қадами муҳим дар самти ягонакунии стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ гардид. Дар раванди ин гуна мутобиқсозӣ ба баъзе қонунҳои ИМА тағйирот ворид карда шуд, ки дар натиҷа ба корхонаҳои дар бозорҳои байналмилалӣ фаъолияткунанда барои истифодаи СБҲМ иҷозат медиҳанд.

Раванди шабеҳ дар Иттиҳоди Аврупо низ роҳандозӣ шудааст, ки он ҷо аз соли 2005 инҷониб истифодаи СБҲМ барои ҳамаи корхонаҳои ҷамъиятии мамлакатҳои узви он ҳатмӣ мебошад. Ин тасмим ворид намудани тағйиротро ба аксари қонунҳои миллӣ дар давлатҳои аъзо тақозо кард, ки дар натиҷа ин ба ҳамгироии мамлакатҳои Аврупо ба низоми ҷаҳонии молия мусоидат намуда, ҳисоботи молиявии онҳоро шаффофтар ва бо ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии мамлакатҳои дигар қиёспазир кард. Қабули стандартҳои байналмилалӣ имкон фароҳам овард, ки суботи молиявии минтақа мустаҳкам гардида, сармоягузориҳои байналмилалӣ ба иқтисодиёти он бештар ҷалб карда шаванд. Бисёре аз мамлакатҳо, аз қабили Олмон, Фаронса ва Британияи Кабир маҷбур шуданд, ки стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро ба СБҲМ мутобиқ созанд [127, с. 219]. Тағйирот ба қонунгузории мамлакатҳои аъзои иттиҳод таъсиси мақомоти миллии барои назорати татбиқи стандартҳои байналмилалӣ масъул, инчунин ташаккули механизмҳоеро дар бар мегирифт, ки барои тиҷорат шароити мутобиқшавӣ ба талаботи навро фароҳам меоранд.

Чунин тадбирҳо дар мамлакатҳои рӯ ба рушд низ роҳандозӣ карда шуданд. Масалан, дар Чин, бо назардошти иқтисодиёти босуръат рушдёбанда ва талошҳои табдил шудан ба як бозингари иқтисодии ҷаҳонӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ба хотири мутобиқ кардани стандартҳои чинӣ ба стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ шудааст [76; 166]. Чин дар соли 2006 ба раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ оғоз кард, то онро ба стандартҳои байналмилалӣ наздик кунад. Бо ин мақсад санадҳои меъёрии

ҳуқуқии махсус таҳия карда шуданд, ки ба ислоҳ ва навсозии қонунгузорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудаанд. Низоми баҳисобгирии муҳосибии Чин — ASBEs (Accounting Standards for Business Enterprises — стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ) ба тағйироти ҷиддие дучор гардид, ки барои беҳтар шудани ҳисоботи молиявӣ ва таҳкими эътимоди сармоягузорони хориҷӣ имкон фароҳам овард. Гузариш ба СБҲМ омили муҳими таҳкими минбаъдаи мавқеи Чин дар бозорҳои байналмилалии сармоя гардид.

Дар Ҳиндустон низ раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар даҳсолаҳои охир суръат гирифт. Соли 2016 мамлакат оид ба гузариши пурраи корхонаҳои бузург ба СБҲМ тасмим гирифт. Ин тасмим бо зарурати баланд бардоштани шаффофии иттилооти молиявӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва афзоиши саҳми сармоягузории хориҷӣ марбут буд. Корбурди стандартҳои байналмилалӣ барои Ҳиндустон як қадами муҳим дар раванди ҳамгироии иқтисодиёти худ бо низоми ҷаҳонии молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозорҳои байналмилалӣ буд. Дар мамлакат Шурои баррасии ҳисоботи молиявӣ таъсис дода шудааст, ки хулосаҳоро дар бораи ҳисоботи молиявӣ барои мувофиқат ба стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ интихоб ва баррасӣ мекунад. Дар сурати ошкор шудани қоидавайронкуниҳо, Шуро маълумотро ба Ниҳоди муҳосибони касбӣ медиҳад ва/ё ин парвандаи ин масъаларо барои чораҷӯӣ ба мақомоти дахлдор мефиристад [163, с. 11].

Дар пасманзари дигаргуниҳои ҷаҳонӣ ва таҳкими ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ низ ба ислоҳоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии худ, ки ба ҳамоҳангсозии онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудаанд, шуруъ намуданд. Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз аввалин мамлакатҳои минтақа буд, ки ба дигаргунсозии муназзам дар ин самт шуруъ кард. Аз аввали солҳои 2000-ум дар мамлакат барномаи гузариши ботадриҷ ба СБҲМ таҳия шуд, ки шаффофии иттилооти молиявиро афзоиш дода, эътимоди сармоягузорони хориҷиро ба иқтисодиёти миллӣ баланд кард. Қонунгузории миллӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба

таври назаррас тағдиди назар карда шуд: қонуни нав дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ қабул карда шуда, барои дастгирии ислоҳот мақоми касбӣ – Шурои ҳисоботи молиявӣ таъсис дода шуд. Ҳоло корхонаҳои бузург ва субъектҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Қазоқистон вазифадоранд, ки ҳисоботи худро дар асоси СБҲМ таҳия кунанд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон навсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар солҳои 2010-ум вусъат ёфт. Бо фармони Президент ва қарори Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Консепсияи татбиқи марҳилавии СБҲМ барои корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият тасдиқ карда шуд. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ раванди мутобиқсозии стандартҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ идома дорад. Ба омодасозии муҳосибон ва мутахассисон, ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани пойгоҳи дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ диққати махсус дода мешавад. Ислоҳот ба ҳамгироии мамлакат ба сохторҳои байналмилалии молиявӣ ва тиҷоратӣ мусоидат мекунад, ки ин дар пасманзари ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди иқтидори содиротии Ҷумҳурии Ӯзбекистон махсусан муҳим аст.

Қирғизистон низ барои бо амалияи байналмилалӣ ҳамгиро намудани низоми баҳисобгирии муҳосибии худ тадбирҳо меандешад. Ислоҳоти дар ҷумҳурӣ роҳандозишуда ба таъмини қиёспазирӣ ва ва эътимоднокии иттилооти молиявӣ нигаронида шудааст. Соли 2002 қонун дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ қабул гардид, ки аз он замон то имрӯз бо назардошти талаботи байналмилалӣ борҳо ба он тағйирот ворид карда шуд. Илова бар ин, қарори ҳукумат дар бораи татбиқи СБҲМ барои корхонаҳои калон ва миёна амал мекунад. Мушкилоти ҷиддии татбиқи стандартҳои байналмилалӣ нарасидани кормандони баландихтисос ва маҳдудияти захираҳои молиявии корхонаҳо боқӣ мемонад, вале дар мамлакат пешравӣ дар самти стандартикунонии ҳисоботи молиявӣ идома дорад.

Дар мавриди Туркманистон бошад, раванди ислоҳот дар ин ҷо нисбат ба мамлакатҳои ҳамсоя сустар аст. Аммо дар солҳои охир тағйироти муайяне вобаста ба кӯшишҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба мушоҳида мерасад. Дар солҳои

2010-ум таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи татбиқи СБҲМ, инчунин таъсиси иттиҳодияҳои касбии муҳосибон оғоз гардид. Аммо татбиқи васеъмиқёси СБҲМ то ҳол маҳдуд буда, аз давлат ҳам иродаи сиёсӣ ва ҳам ангезаи иқтисодиро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз тафовут дар суръат ва умқи ислоҳот, ҳамаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ то ин ё он дараҷа зарурати мутобиқ кардани низоми муҳосибии миллии худро ба стандартҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд. Ин ҳам ба вазифаҳои дохилии баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва шаффофии тиҷорат ва ҳам ба омилҳои берунӣ – зарурати ҳамгироӣ ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя вобаста аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии худро, ки ба ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст, аз охири даҳаи аввали асри XXI оғоз намуд. Дар мамлакат дар самти ҳамгироии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо СБҲМ тадбирҳое андешида шуданд, ки муҳтавои ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодиро беҳтар намуда, эътимоди сармоягузорони байналмилалиро афзун ва мутобиқатро ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ таъмин хоҳанд кард. Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ барои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани эътибори молиявии он як қадами муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ боиси дигаргуниҳои назаррас дар қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун гардид. Гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ барои беҳтар кардани муҳтавои ҳисоботи молиявӣ, баланд бардоштани шаффофӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти хеле калон дорад. Ин раванд идома дорад ва мутобиқсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ вазифаи муҳим барои мамлакатҳое боқӣ мемонад, ки барои ҳамгироии иқтисодӣ бо низоми ҷаҳонии молиявӣ талош мекунанд.

СБҲМ дар равандҳои бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо маҳз ба хотири ягонакунӣ ва ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ таҳия шудаанд ва ба ин васила қиёспазирӣ ва шаффофии иттилооти молиявӣ махсусан барои сармоягузороне, ки дар бозорҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд, беҳтар мегардад. Дар тӯли даҳсолаҳои охир СБҲМ барои мамлакатҳое, ки мехоҳанд иқтисодиёти худро ба низоми молиявии ҷаҳонӣ ҳамгиро кунанд ва эътимоднокии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии худро беҳтар созанд, хусусан барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба як маҳаки ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Илова бар ин, СБҲМ ҳамчун асос барои таҳия ва такмили стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ ва таъмини равишҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва танзими андоз дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунанд, ба кор бурда мешаванд. Ин стандартҳо на танҳо амалия ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибиро ягона мекунанд, балки асос барои ташкили низоми устувори назорати молиявӣ дар иқтисодиёти миллӣ мебошанд, ки ин барои таъмини суботи бозорҳои молиявӣ хеле муҳим аст.

Раванди ҳамоҳангсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо СБҲМ якчанд марҳилаҳои асосиро дар бар мегирад, ки бо тағйирот дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии миллӣ, инчунин ислоҳоти амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ марбут мебошанд. Ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки дигаргуниҳоро на танҳо дар санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, балки дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин равишҳои аудит ва назорат низ дар бар мегирад.

Дар аввал, бисёре аз мамлакатҳое, ки барои ҳамоҳангсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии худ бо СБҲМ тасмим гирифта буданд, аз татбиқи СБҲМ барои корхонаҳои ҷамъиятӣ (дорои манфиати умум) оғоз карданд. Ин ба таъмини шаффофии ҳисоботи молиявӣ дар сатҳи корхонаҳои бузург имкон дод ва ба беҳтар шудани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ мусоидат кард. Минбаъд, вақте ки аввалин муваффақияти ҳамоҳангсозӣ ба даст омаданд, мамлакатҳо ба

густариши татбиқи СБҲМ дар дигар гурӯҳҳои корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна шуруъ карданд.

Раванди мутобиқсозии қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба СБҲМ саъю кӯшиш ва маблағи зиёдро талаб мекунад. Дар ин масир аксар вақт мушкилоте ба миён меоянд, ки бо зарурати бозбинии қонунҳо ва санадҳои меъёрии амалкунанда, инчунин омода кардани мутахассисоне, ки бояд дар шароити нав кор кунанд, марбут мебошанд. Бояд қайд кард, ки ҳамоҳангсозии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ на ҳамеша маънои пурра қабул кардани стандартҳои байналмилалиро дорад, дар баъзе мавридҳо мамлакатҳо СБҲМ-ро бо назардошти хусусиятҳои миллии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии худ мутобиқ мекунанд.

Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ инчунин тағйиротро дар инфрасохтори баҳисобгирии муҳосибӣ низ тақозо мекунад. Масалан, ин метавонад такмил додани низомҳои иттилоотӣ, омӯзиши муҳосибон ва аудиторҳо, инчунин таҳияи методологияи нави баҳодиҳии дороиҳо, уҳдадориҳо ва дигар унсурҳои ҳисоботи молиявиро талаб кунад.

Корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ барои мамлакатҳо имконият ва бартариҳо муҳайё месозад, вале таҳдидҳоро низ ба миён меорад [95; 171; 278; 282; 311]. Бартариҳо ва таҳдидҳои қабул ва истифодаи стандартҳои байналмилалӣ дар ҷадвали 2.4 оварда ва шарҳ дода шудаанд.

Яке аз мушкилоти асосӣ ин тафовути равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Мамлакатҳои гуногун анъанаҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибии худро доранд, ки метавонанд аз ҷиҳати методология, қоидаҳо ва ҳатто фалсафаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври назаррас фарқ кунанд. Масалан, дар мамлакатҳое, ки низоми ҳуқуқии аврупоӣ доранд (Олмон, Фаронса ва дигарҳо), баҳисобгирии муҳосибӣ бештар ба ҷанбаҳои андоз ва ҳуқуқӣ тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки дар мамлакатҳои дорои низоми англосаксонӣ (масалан, ИМА, Британияи Кабир) он ба эҳтиёҷоти сармоягузорони хориҷӣ ва ҳисоботи бозорӣ тамаркуз мекунад. Гузариш ба стандартҳои ягонаи байналмиллалӣ бо сабаби зарурати таҷдиди куллии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки

кӯшишҳои зиёдро дар соҳаи таҳсилот, мутобиқсозии нармафзор ва таҷдиди ҳисоботи дохилии корхонаҳо талаб мекунад, душвор буда метавонад.

Ҷадвали 2.4. – Бартариҳо ва таҳдидҳои корбурди стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ

Бартариҳои корбурди стандартҳои байналмилалӣ	
1. Афзоиши шаффофӣ ва эътимод	Татбиқи СБҲМ ба беҳтар шудани шаффофии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад, ки эътимоди сармоягузорони ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷиро зиёд мекунад. Мамлакатҳое, ки стандартҳои байналмилалиро қабул кардаанд, барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолибтар мешаванд, ки ин ба афзоиши сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт мусоидат мекунад.
2. Содасозии амалиёти байналмиллалӣ	Ҳамоҳангсозии стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалиёти молиявии байналмилалиро хеле сода мекунад ва ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ бо қоидаҳои ягона фаъолият кунанд. Ин махсусан барои корхонаҳои фаромиллие, ки дар мамлакатҳои гуногун фаъолият мекунанд ва ба ҳисоботи ягона барои ҳамаи бахшҳои худ ниёз доранд, муҳим аст.
3. Тақвияти бозорҳои молиявӣ	Истифодаи СБҲМ ба беҳтар шудани суботи бозорҳои молиявӣ мусоидат мекунад, зеро он ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки хавфҳо ва имконияти марбут ба сармоягузорӣ дар корхонаҳои гуногунро дақиқтар ва дуруст арзёбӣ кунанд. Ин ҳамчунин ба идоракунии беҳтари хавфҳои молиявӣ дар сатҳи мамлакат мусоидат мекунад.
4. Кам кардани хароҷот барои корхонаҳо	Корхонаҳое, ки дар бозорҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд, метавонанд хароҷоти худро барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ ба таври назаррас коҳиш диҳанд, зеро онҳо набояд барои ҳар як мамлакате, ки дар он фаъолият мекунанд, ҳисоботҳои гуногун омода кунанд. Ягонакунии стандартҳо имкон медиҳад, ки хароҷот барои машварат ва аудит низ кам карда шавад.
Таҳдидҳои корбурди стандартҳои байналмилалӣ	
1. Зарурати тағйири пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии миллӣ	Қабули стандартҳои байналмилалӣ тағйироти ҷиддиро дар пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии миллӣ тақозо мекунад. Ин метавонад як раванди душвор бошад, ки бознигарии бисёр қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ, мутобиқ кардани онҳоро ба талаботи байналмилалӣ тақозо мекунад.
2. Хусусиятҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ	Баъзе мамлакатҳо бо сабаби хусусиятҳои беназири фарҳангӣ ва иқтисодӣ метавонанд ба мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ муқовимат кунанд. Масалан, дар мамлакатҳое, ки низомҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат доранд, татбиқи равишҳои наве, ки ба амалияи муқарраршуда мухолифанд, душвор буда метавонад.
3. Хароҷоти зиёд дар давраи гузариш	Гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ аксаран бо хароҷоти зиёд ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар сатҳи корхонаҳои хусусӣ алоқаманд аст. Инҳо хароҷотро барои омӯзиши кормандон, такмил додани низомҳои иттилоотӣ, инчунин хизматрасониҳои машваратӣ, ки барои мутобиқсозии дуруст ба стандартҳои нав заруранд, дар бар мегирад.
4. Мушкилоти техникӣ ва таъмини кормандон	Раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ мутахассисони соҳибихтисосро, ки тавонанд бо стандартҳои нав самаранок кор кунанд, талаб менамояд. Дар мамлакатҳое, ки сатҳи тахассуси муҳосибон ва аудиторҳо ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ нест, зарурати омӯзиш ва аттестатсияи оммавии мутахассисон вуҷуд дорад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳдиди дигар ин зарурати ба даст овардани мувозинат байни СБҲМ ва шароити миллӣ мебошад. Масалан, мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд метавонанд дар мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ бинобар тафовут дар сохтори иқтисодӣ, сатҳи рушди бозорҳои молиявӣ ва пойгоҳи ҳуқуқӣ ба мушкилот дучор шаванд. Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ маблағгузории назаррасро барои омода намудан ва бозомӯзии мутахассисон, инчунин бозбинии амалияи миллии андозбандӣ тақозо мекунад, ки ин метавонад бо хароҷоти зиёд барои субъектҳои иқтисодӣ ва давлат алоқаманд бошад.

Мушкилоти тарҷума ва мутобиқсозии стандартҳо низ ба раванди ҳамгироӣ таъсир мерасонанд. Масалан, дар мавриди СБҲМ, метавонад дар тарҷумаи дурусти истилоҳот ва мафҳумҳо душворӣ ба вуҷуд ояд, ки ба саҳеҳӣ ва дурустии татбиқи стандартҳо дар мамлакатҳои гуногун таъсир мерасонад. Нофаҳмӣ ва тафсири нодурусти стандартҳо метавонад боиси таҳрифи иттилооти ҳисоботи молиявӣ гардад, ки дар навбати худ эътимоди сармоягузорон ва шариконро ба он коҳиш медиҳад.

Илова бар ин, нақши технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ меафзояд. Талаботи муосири баҳисобгирии муҳосибӣ истифодаи низомҳои пешрафтаи иттилоотиро барои ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумот талаб мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии бозорҳо ин махсусан муҳим аст, зеро субъектҳои иқтисодӣ дар доираҳои ҳуқуқии гуногун фаъолият мекунанд, ки аз онҳо дар шакли ягона пешниҳод кардани ҳисоботи молиявиро талаб мекунад. Таҷдиди технологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар масири такмил додани равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин баланд бардоштани сифат ва саривақт пешниҳод намудани иттилоот ба истифодабарандагони манфиатдор қадами муҳим мебошад.

Яке аз мисолҳои равшани баҳисобгирии талаботи нав принсипи появии арзиши одилона дар СБҲМ мебошад. Ин присип маънои онро дорад, ки дороиҳо ва уҳдадориҳо дар ҳисобот бояд на бо арзиши таърихӣ, балки бо арзиши бозории

ҷорӣ инъикос карда шаванд. Ин талабот барои мамлакатҳое аҳамияти хоса дорад, ки дар онҳо бозорҳои молиявӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурии рушд нарасидаанд ва механизмҳои ба қадри кофӣ таҳияшударо барои баҳодиҳии дақиқи арзиши бозории дороиҳо надоранд. Ин барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки дар онҳо дастрасӣ ба маълумоти мубрам дар бораи арзиши бозории дороиҳо на ҳамеша дастрас аст, метавонад душвор бошад, ки риояи стандартҳои байналмилалиро мушкил месозад.

Буҳронҳои иқтисодӣ ва дигаргуниҳои молиявӣ низ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва қонунгузории танзимкунандаи онҳо таъсири калон мерасонанд. Таконҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ба монанди буҳрони молиявии соли 2008 ва таназзули иқтисодӣ, ки дар натиҷаи пандемияи COVID-19 ба вуҷуд омадааст, заифии низомҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро нишон медиҳанд ва зарурати мутобиқсозии зуди ин низомҳоро ба таҳдидҳо ва дигаргуниҳои нав таъкид мекунанд.

Дар вокуниш ба буҳронҳои молиявӣ давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба хотири пешгирии такроршавии ҳолатҳои буҳронӣ ва беҳтар кардани назорати ҷараёнҳои молиявӣ талаботи мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро бозбинӣ мекунанд. Масалан, пас аз буҳрони молиявии соли 2008, дар доираи талошҳо барои барқарор кардани эътимод ба бозорҳои молиявӣ, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои шаффофӣ ва ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ ба таври назаррас зиёд шуд. Ин боиси тағйироти минбаъда гардид, масалан дар СБҲМ, ба монанди ҷорӣ намудани қоидаҳои нави баҳисобгирии дороиҳо ва уҳдадориҳо, инчунин такмил додани низоми арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо.

Таъсири буҳронҳо ба қонунгузории миллӣ аксар вақт дар афзоиши назорати ҳисоботи корхонаҳо, такмил додани стандартҳои аудит ва ҷорӣ намудани талаботи нави ифшои иттилоот зоҳир мешавад. Дар мамлакатҳое, ки аз буҳрони молиявӣ зарар дидаанд, қонунҳои андоз метавонанд ба хотири таъмин намудани усулҳои дақиқтар ва шаффофтари баҳисобгирии даромад ва

хароҷот, инчунин баланд бардоштани сатҳи назорати бахши соҳибкории хусусӣ тағдиди назар карда шаванд.

Илова бар ин, дигаргуниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба муносибати байни стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Дар вокуниш ба буҳронҳо, бисёр мамлакатҳо ба бознигарии равишҳои худ ба танзими бозорҳои молиявӣ, аз ҷумла татбиқи ҳатмии стандартҳои байналмилалӣ шуруъ мекунанд. Ин ба хотири баланд бардоштани эътимод ба ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ва пешниҳоди иттилооти молиявии дақиқтар ва шаффофтар барои ҳамаи иштирокчиёни бозор роҳандозӣ карда мешавад.

Дурнамои ислоҳоти минбаъда дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар партави равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Дар мамлакат барои бомуваффақият ворид шудан ба иқтисодиёти байналмилалӣ зарур аст, ки ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ идома дода шуда, мутобиқсозии бештари қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба технологияҳои муосири иттилоотӣ ва воситаҳои рақамикунонӣ барои соҳибкорӣ таъмин карда шавад.

Тавсияҳо оид ба беҳсозии пойгоҳи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва мушкилоти ҷаҳонишавӣ якчанд самтҳои муҳимро дар бар мегиранд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки раванди ҳамоҳангсозии стандартҳои миллӣ бо СБҲМ бо дарназардошти шароити мушаххаси иқтисодӣ ва ҳуқуқии мамлакат идома ёбад. Ба омодасозии мутахассисон, ба онҳо додани донишҳои зарурӣ барои кор бо стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамият додан зарур аст.

Инчунин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди инфрасохтори дастгирии ҳисоботи байналмилалӣ, аз ҷумла таъсиси мақомоти махсуси давлатӣ, ки барои назорат ва ҳамоҳангсозии раванди татбиқи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ масъул бошад, қадами муҳим хоҳад буд. Ба тадриҷан гузаштан ба истифодабарии СБҲМ дар бахши давлатӣ ва соҳибкории хурд ва

миёна низ диққат додан зарур аст, ки ин ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ бо бозорҳои байналмилалӣ ва зиёд шудани боварӣ ба иқтисодиёти миллӣ мадад мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили қиёсии таҷрибаи ҷаҳонӣ дар танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон медиҳад, ки ислоҳоти бобарори низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба консепсияҳои комиле асос ёфтаанд, ки се унсури асосиро муттаҳид мекунанд: навсозии меъёрию ҳуқуқӣ, рушди касбии ҷомеаи баҳисобгирӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ. Ин се самт бояд ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди стратегияи ягонаи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ шаванд.

Дар асоси ҷамъбасти амалияҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин, ИДМ) равиши ҳамаҷонибаи такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Ин равиш ба принсипи омезиши мутавозини талаботи байналмилалӣ (пеш аз ҳама, СБҲМ) бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии мамлакат, инфрасохтори маъмурӣ ва анъанаҳои қонунгузории миллӣ такя мекунад.

Самти аввалии равиши мазкур таҷдиди қонунгузорӣ мебошад: бозбинии ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда (аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ»), аз байн бурдани меъёрҳои такроршаванда, бартараф кардани камбудиҳои ҳуқуқӣ, мутобиқ кардани муқаррароти асосӣ ба СБҲМ ва истилоҳоти байналмилалӣ. Дар ин маврид, ислоҳот бояд давра ба давра, бо имконияти мутобиқшавии тафриқавӣ барои гурӯҳҳои гуногуни субъектҳои иқтисодӣ роҳандозӣ карда шавад.

Самти дуюми муҳим рушди ҷомеаи касбии муҳосибон мебошад. Бе омода кардани кормандони соҳибихтисос, пурзӯр намудани нақши иттиҳодияҳои касбӣ, ҷорӣ намудани аттестатсия ва такмили ихтисос ба амал баровардани ислоҳоти фарогири низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат ғайриимкон аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз иштироки фаъоли

ташкилотҳои касбӣ дар таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои методӣ самараи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибиро зиёд мекунад.

Унсури сеюми равиши ҳамаҷониба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва бунёди инфрасохтори рақамии он мебошад. Ин ҳам ба таҳияи технологияҳои стандартии нармафзор (аз ҷумла барои соҳибкории хурд) ва ҳам ба табдили рақамии ҳуҷҷатгардиш, ҳисоботи электронӣ ва низомҳои санҷиши маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дахл дорад.

Равиши пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки сохтори меъёрие бунёд карда шавад, ки қодир ба таъмини шаффофӣ, қиёспазирӣ ва самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бошад. Ин равиш ба талаботи ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, фазои сармоягузориро беҳтар мекунад ва кафолатҳои институтсионалии саҳеҳии иттилооти молиявиро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, рушди пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд ҳамчун қабул ва татбиқи муқаррарии стандартҳо, балки ҳамчун раванди мақсаднок ва пайвастаи табдил, ки ба шароити миллӣ нигаронида шуда ва ба таҷрибаи ҷаҳонӣ асос ёфтааст, сурат гирад. Ин устувории дарозмуҳлати низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонӣ ва татбиқи самараноки вазифаи иттилоотӣ-таҳлилии онро таъмин мекунад.

Хулосаҳо оид ба боби 2

1. Таҳаввули баҳисобгирии муҳосибӣ. Низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосиб бо таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ ташаккул ёфтаанд. Дар аввали асри XX рушди бозорҳои қоғазҳои қиматнок ва байналмилалишавии шудани сармоя боиси мураккабшавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва афзоиши талабот ба ҳисоботи молиявӣ гардид. Дар шароити муосир, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд тағйирёбиҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рақамикунонӣ,

рушди бозорҳои байналмилалӣ ва талабот ба шаффофии ҳисоботи молиявиро ба назар гирад.

2. Таъсири буҳронҳои ҷаҳонӣ. Таконҳои иқтисодӣ, ба монанди буҳрони соли 2008 ва пандемияи COVID-19, камбудиҳои баҳисобгирии муҳосибиро ошкор карданд ва боиси таҳияи стандартҳои нав шуданд. Ҷорӣ намудани қоидаҳои қатъии тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, назорати саҳеҳии иттилоот ва ҳамоҳангсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ самтҳои асосии ислоҳот дар замони буҳрон ва паёмадҳои он гардиданд. Ин рӯйдодҳо зарурати танзими муфассал ва такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибиро таъкид намуданд.

3. Тақсимоти вазифавии баҳисобгирии муҳосибӣ. Марҳилаи муҳими рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ба се самти асосӣ тақсим шудани он — баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз буд. Баҳисобгирии молиявӣ ба истифодабарандагони берунӣ (сармоягузорон, кредиторон, мақомоти давлатӣ), баҳисобгирии идоракунӣ ба эҳтиёҷоти дохилии корхона (таҳлил, буҷетикунонӣ, беҳсозии хароҷот) ва баҳисобгирии андоз барои ҳисоб кардани уҳдадориҳои андоз пешбинӣ шудааст. Ин ҷудошавӣ имкон дод, ки дақиқӣ ва аҳамиятнокии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ барои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагон зиёд карда шавад.

4. Рушди стандартҳои байналмилалӣ. Ҷорӣ намудани СБҲМ як қадами муҳим барои таъмини қиёспазирии иттилооти молиявии корхонаҳо дар бозорҳои байналмилалӣ буд. Корбурди принсипҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ дастрасии корхонаҳоро ба сармоягузории хориҷӣ осон мекунад, монеаҳои ҳамкориҳои байналмилалиро коҳиш медиҳад ва эътимодро ба ҳисоботи молиявӣ зиёд мекунад. Татбиқи СБҲМ барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки мехоҳанд сармояи хориҷиро ҷалб кунанд, муҳим аст.

5. Ҳамоҳангсозии низомҳои миллӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ мамлакатҳо низомҳои баҳисобгирии муҳосибии худро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ мекунанд, ки тағйироти қонунгузории миллиро тақозо мекунад. Мамлакатҳои Аврупо, Чин, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳо тадриҷан ба низоми

ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаракат мекунанд, ки ба шаффофии ҳисоботи молиявӣ ва беҳтар шудани сармоягузории байналмилалӣ имкон медиҳад. Аммо ин раванд бо душвориҳои марбут ба зарурати ислоҳоти таҳсилоти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, омодасозии кормандон ва таҷдиди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамрадиф мешавад.

6. Нақши давлат. Танзими баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои гуногун тафовут дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти таҳияи стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба зиммаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст, аммо зарурати ҷалби ҷомеаи касбӣ барои беҳтар кардани сифати санадҳои меъёрӣ вуҷуд дорад.

7. Принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ. Асоси баҳисобгирии муҳосибӣ принсипҳои фаъолияти беист ва усули ҳисобузамкунӣ мебошанд. Якумӣ кафолат медиҳад, ки корхона баҳисобгирии муҳосибиро бо назардошти идома додани фаъолияти худ дар оянда мебарад. Дуюмӣ тақозо мекунад, ки амалиёти молиявӣ на дар лаҳзаи ворид шудан ё харҷи воқеии маблағҳои ба онҳо дахлдор, балки дар лаҳзаи сурат гирифтани онҳо ба қайд гирифта мешаванд. Ин принсипҳо саҳеҳӣ ва эътимоднокии ҳисоботро таъмин мекунанд, ки махсусан барои ҷалби сармоягузорон ва кредиторон муҳим аст.

8. Методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ унсурҳои анъанавиро дар бар мегирад, аз қабили ҳуҷҷатгузории амалиёт, барӯйхатгирӣ, навишти дутарафа, ҳисобкунии арзиши аслӣ ва ҳисоботи молиявӣ. Аммо шароити муосир мутобиқ кардани ин унсурҳоро ба технологияҳои нав талаб мекунад. Истифодаи низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, зеҳни сунъӣ ва блокчейн ба кам кардани хатоҳо ва баланд бардоштани самаранокии коркарди иттилооти молиявӣ мусоидат мекунад.

9. Таъсири рақамикунонӣ. Ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ ба таври назаррас баҳисобгириро дигаргун мекунад. Низомҳои автоматикунонидашуда имкон медиҳанд, ки амалиёт дар вақти воқеӣ ба қайд гирифта шаванд, ки ин дақиқӣ ва эътимоднокии баҳисобгирии муҳосибиро зиёд мекунад.

Технологияҳои блокчейн метавонанд тағирнопазирии маълумот ва шаффофии амалиётро таъмин кунанд, истифодаи зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки хавфҳои молиявӣ ояндабинӣ ва ҳаҷмҳои калони маълумот таҳлил карда шаванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ рақамикунонӣ ба зарурати баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ табдил меёбад.

10. Нақши ҳисоботи молиявӣ. Ҳисоботи молиявӣ бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад: онҳо бояд бамаврид, боэътимод, қиёспазир, санҷидашаванда ва саривақтӣ бошанд. Рушди стандартҳои байналмилалӣ ба баланд бардоштани сифати ҳисобот мусоидат мекунад, вале таҷдиди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили равандҳои назорати дохилиро талаб мекунад.

11. Мутобиқшавӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд. Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, равиши ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Нарасидани мутахассисони соҳибихтисос, зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ва навсозии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун мушкилот боқӣ мемонад. Аммо ҳамгироии муваффақ бо бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ тақозо мекунад.

БОБИ 3. ВАЗЪИ МУОСИРИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Бунёдшавии низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили муҳосибот дар субъектҳои иқтисодӣ

Мусаллам аст, ки ҳар як субъекти иқтисодӣ (корхона) барои ноил шудан ба ҳадафи ниҳойии муайян - гирифтани даромад (фоида) таъсис ёфта, фаъолияти худро роҳандозӣ мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф корхонаро идора бояд кард. Идоракунӣ – таъсиррасонии бошууронаи инсон ба объектҳо ва равандҳои гуногуни муҳити атроф, ба одамони ба онҳо алоқаманд мебошад, ки ба хотири ба равандҳо додани равиши муайян ва гирифтани натиҷаҳои мақбул аз онҳо ба ҷо оварда мешавад.

Дар идоракунии корхона кормандон ва хадамоти сершумор иштирок мекунанд, ки дар маҷмуъ низоми идоракунии онро ташкил медиҳанд. Ҳар як идоракунанда (менеҷер) барои қитъаи муайяни кор, иҷрои вазифа ё ҳалли масъалаи муайяни идоракунӣ масъул аст. Идоракунандагони қитъаҳои муайяни корҳо роҳбарони ин қитъаҳо мебошанд. Онҳо барои иҷро кардани вазифаҳои худ ба иттилоот эҳтиёҷ дорад. Раванди идоракунӣ аз гирифтани иттилоот ва дарк кардани он оғоз гардида, қабули қарорҳои идоракуниро дар асоси ин иттилоот дар бар мегирад ва бо назорати иҷрои ин қарорҳо анҷом меёбад. Назорати иҷрои қарорҳои идоракунӣ ҳамчунин дар асоси иттилооти дахлдор сурат мегирад.

Дар низоми идоракунии корхонаи муосир яке аз қитъаҳои асосӣ баҳисобгирӣ мебошад, ки бақайдгирӣ, ғункунӣ, батартибдарорӣ ва ҷамъбасткунии иттилооти барои идоракунӣ заруриро ба ҷо меорад. Баҳисобгирӣ ҳамчун вазифаи идоракунӣ ҳастии фаъолияти хоҷагидориро дар корхона муқаррар мекунад, натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии онро чен карда, ба қайд мегирад ва ҷамъбаст мекунад.

Корхонаҳои муосир вобаста аз талаботи хоҷагидории худ баҳисобгирии фаврӣ, баҳисобгирии оморӣ ва баҳисобгирии муҳосибиро мебаранд, ки дар маҷмуъ низоми баҳисобгирии хоҷагидориро ташкил медиҳанд.

Баҳисобгирии фаврӣ барои роҳбарӣ ва идоракунии ҳамарӯзаи корхона ба кор бурда мешавад ва иттилоотро оид ба далелҳои алоҳидаи фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод мекунад. Ба баҳисобгирии фаврӣ тааллуқ доранд, масалан, баҳисобгирии вақти корӣ, таҳвили маҳсулот. Ин гуна маълумот метавонад аз ҳуҷҷатҳои аввалӣ, тарҳҳо (графикҳо), бо телефон, ё суҳбати шифоҳӣ гирифта шавад. Баҳисобгирии фаврӣ на ҳамеша, балки бо мурури зарурати хоҷагидорӣ ва пайдо шудани масъалаҳои идоракунӣ бурда мешавад.

Баҳисобгирии оморӣ (омор) дар корхонаи алоҳида, соҳаи иқтисодиёт ва дар миқёси иқтисодиёти миллӣ бурда шуда, падидаҳои хусусияти оммавӣ доштаи иқтисодиёт, таъминоти иҷтимоӣ, илм, маданият, маориф ва ҳамин гуна соҳаҳои иҷтимоии дигарро меомӯзад. Барои пешбурди баҳисобгирии оморӣ маълумоти баҳисобгирии фаврӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ истифода шуда, инчунин дар корхонаҳо баҳисобгирии омории аввалӣ ба роҳ монда мешавад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми баҳисобгирии хоҷагидорӣ мавқеи хоса дошта, дар тафовут аз дигар намудҳои баҳисобгирӣ қатъиян ҳуҷҷатнок аст - барои ҳама гуна навиштаҷоти муҳосибӣ ҳуҷҷати махсус асос мебошад; саросарӣ (яклухт) ва беист аст, зеро ҳангоми бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамаи падидаву рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бе истисно ба қайд гирифта мешаванд; тамоми объектҳо, амалиёт ва падидаҳои хоҷагидориро ҳам бо ченакҳои аслӣ ё меҳнатӣ ва ҳам бо ченаки пулӣ ифода мекунад; дар ҳама субъектҳои иқтисодӣ бурда мешавад ва дар доираи корхонаи алоҳида маҳдуд аст; барои пешбурди он дар корхона хадамоти махсус – муҳосибот ташкил карда мешавад; дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ танзим карда мешавад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияти худ вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибиро пеш баранд ва дар асоси он ҳисоботи молиявиро тартиб диҳанд. Моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» онҳоро вазифадор мекунад, ки ба муассисон (соҳибмулкон) ҳисоботи молиявии солонаро пешниҳод намоянд. Ташкилотҳои буҷетӣ ҳисоботи молиявии моҳона, семоҳа ва солонаро ба мақоми болоӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи онҳо пешниҳод мекунанд. Соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба роҳ мондаанд, метавонанд баҳисобгири муҳосибии бонизомро ташкил накарда, танҳо баҳисобгирии даромаду хароҷоти худро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз - Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ кунанд.

Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, мувофиқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ба шахсони манфиатдор пешниҳод кардани иттилооти пурра ва дақиқ оид ба вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият ва тағйироти вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ мебошад. Вазъи молиявӣ дар лаҳзаи муайяни вақт дар корхона мавҷуд будани сарватҳои иқтисодӣ ва сармояро барои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ифода мекунад.

Ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидории корхона тавассути низоми баҳисобгирии муҳосибӣ гузашта, анбӯҳи иттилооти иқтисодиро барои идоракунӣ, назорат, таҳлил ва банақшагирии фаъолияти хоҷагидории корхона бунёд мекунанд.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии муҳосибӣ мавзеи пайвасткунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ мебошад. Он ба хотири дар оянда истифода бурдани маълумот дар бораи рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ иттилооти дахлдорро бо роҳи бақайдгирӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ сабт мекунад; маълумоти бақайдгирифташударо коркард намуда, то лаҳзаи зарурӣ нигоҳ медорад, сипас онҳоро ба шакле мубаддал мекунад, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоид ва муфид бошанд; иттилоотро тавассути ҳисоботи бо ченаки пулӣ ифодагардида ба истифодабарандагон барои истифода дар раванди таҳия, омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ пешниҳод мекунад.

Дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии иттилоот дар бораи фаъолияти хоҷагидории корхона бо роҳи инъикоси саросарӣ

(яклухт), беист ва ҳуҷҷатноки тамоми рӯйдодҳои хоҷагидорӣ бо ченаки ягонаи пулӣ сурат мегирад. Инъикоси саросарии рӯйдодҳои хоҷагидорӣ гуфта, баҳисобгирии ҳатмии дороиҳои корхона, ҳамаи намудҳои сарватҳои истеҳсолӣ, хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо, даромад аз фурӯши маҳсулот ва дигар даромадҳо, уҳдадориҳои қарзӣ ва дигар унсурҳои иқтисодии дар фаъолияти хоҷагидории корхона истифодашаванда фаҳмида мешавад. Беистӣ ва ҳуҷҷатнокӣ талаб мекунанд, ки далелҳои ҳаракати сарватҳои моддӣ, маблағҳо, ҳисобикуниҳо, қарзҳо ва дигар падидаҳо, ки дар корхона рух медиҳанд, доимо таҳти назора бошанд ва дар ҳуҷҷатҳо сабт карда шаванд. Агар ягон рӯйдоди хоҷагидорӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ сабт нашуда бошад, пас он наметавонад дар даврaҳои минбаъдаи раванди баҳисобгирӣ ба кор бурда шавад.

Имрӯз бо рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ се намуди алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ - баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ҷудо гардидаанд, ки ҳар кадоме барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои махсуси худ роҳандозӣ карда мешавад.

Дар доираи баҳисобгирии молиявӣ омодакунӣ ва пешкашкунии иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ барои истифодабарандагони берунӣ сурат мегирад. Баҳисобгирии молиявӣ иттилоотро барои он истифодабарандагони берунӣ бунёд мекунад, ки ба гирифтани маълумот дар бораи бозоргирӣ (бозоргирӣ – мубаддал гаштан ба пул) ва фаъолияти амалиётии корхона барои бомуваффақ сармоягузорӣ кардан ба коғазҳои қиматноки он ва гирифтани даромад аз онҳо рағбат доранд. Яъне баҳисобгирии молиявӣ «оинаи молиявӣ»-и корхона ба ҳисоб рафта, бахши хеле муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии корхонаҳо нақши асосӣ дошта, пешниҳоди иттилооти саҳеҳ ва саривақтиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба истифодабарандагони манфиатдор таъмин мекунад. Ҳамкориҳои мутақобилаи хадамоти муҳосибӣ бо дигар воҳидҳои сохтории корхона ва истифодабарандагони берунии иттилоот ба идоракунии самараноки ҷараёнҳои молиявӣ ва беҳтар шудани натиҷаҳои

молиявии корхона мусоидат мекунад. Тарҳи дар расми 3.1 тасвиршуда нишон медиҳад, ки чӣ гуна баҳисобгирии муҳосибӣ сатҳҳои гуногуни идоракуниро аз менеҷменти олӣ то ҷонибҳои берунии манфиатдор (истифодабарандагони берунӣ), аз қабили сармоягузорон, кредиторон ва муассисаҳои давлатӣ мепайвандад. Он аҳамияти нақши баҳисобгирии муҳосибиро дар таъмини иттилооти саҳеҳ ва мубрам барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва риояи қонунгузорӣ таъкид мекунад.



Расми 3.1. – Мақоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Мувофиқи тарҳи дар расми 3.1 тасвиршуда, раванди баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти молиявӣ, балки ҳамкории ҳамаи намудҳои баҳисобгирӣ, аз қабили баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дар бар мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаффофии иттилооти молиявӣ боз ҳам возеҳтар мегардад, ки ин такмили пайвастаи муносибатро бо баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тақозо мекунад.

Истифодабарандагони берунии иттилооти муҳосибӣ (молиявӣ) манфиатҳои гуногун доранд. Таъминкунандагони ашёи хом ва мавод, бонкҳо ва дигар қарздиҳандагон (кредиторҳо) ҷаҳд мекунанд, то иттилоотеро гиранд, ки дар асоси он ба пардохттавонӣ ва қобилияти корхона барои баргардонидани қарз баҳо диҳанд; сармоягузорон ва саҳомон бештар ба иттилоот дар бораи фоидаи имконпазир ва фоидаи воқеии корхона рағбат доранд; ба мақомот ва агентиҳои давлатӣ асосан маълумот дар бораи даромад, хароҷот ва дигар манбаъҳои ҳисобузамкунии андозҳои корхона зарур аст.

Азбаски маълумоти баҳисобгирии молиявӣ бештар ба истифодабарандагони берунӣ нигаронида шудааст, онҳо сирри тиҷоратиро дар бар намегиранд. Бо онҳо ҳар шахс озодона шинос шуда метавонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани баҳисобгирии молиявӣ ҳатмист. Баҳисобгирии молиявӣ дар асоси қоидаҳои қабулгардидаи муҳосибӣ бурда мешавад. Субъектҳои иқтисодӣ барои пешбурди дурусти баҳисобгирии молиявӣ нақшаи ҳисобҳоро истифода мебаранд, ки он яке аз унсурҳои муҳимтарини техникии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад [204].

Баҳисобгирии идоракунӣ кори дохилии ҳар як корхона буда, барои истифода аз ҷониби роҳбарият ва дигар кормандони идоракунанда таъин гардидааст. Маълумоти дар он ташаккулёфта сирри тиҷоратӣ мебошад. Дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ, бурдани баҳисобгирии идоракунӣ ҳатмӣ нест ва он қоидаҳои ҳатмии пешбурди худро надорад. Барои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ субъектҳои иқтисодӣ метавонанд ҳисобҳои муҳосибӣ барои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) кушоянд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 1844, аз 23 декабри соли 2021), баҳисобгирии андоз – раванди пешбурди ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби андозсупоранда мутобиқи талаботи қонунгузории андоз ба хотири мураттаб кардани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ, ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андоз мебошад [119].

Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозмонда аз низоми баҳисобгирии муҳосибии Иттиҳоди Шуравӣ мебошанд, ки хосияти асосии он истифодаи саросарии танзими давлатӣ дар тамоми ҷанбаҳои баҳисобгирӣ буд. Қоидаҳои танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ дар замони шуравӣ ва дар аҳди Федератсияи Россия ҳамчун вориси асосии имрӯзаи давлати пошхӯрда марҳилаҳои зиёдро аз мутамарказонии шадид тавассути кӯшишҳои якҷоя кардани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бо баҳисобгирии омор, то ба ҳалли масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити корбурди ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ аз сар гузаронидаанд. Бо вуҷуди он ки аз аввали солҳои 2000-ум то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ идома дорад, хосиятҳои низомҳои баҳисобгирии муҳосибии пешин ба куллӣ дигар нашудаанд. Баъзе аломатҳои ба низоми саросарии танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ хос ҳанӯз ҳам дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ бартараф карда нашудаанд.

Дар маводи методӣ ва дигар санадҳои танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ қабул шуда буданд, баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун инъикоси саросарӣ, беист ва боҳамалоқаманди фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳо муайян карда мешуд. Сармуҳосиб дар баробари роҳбарии равандҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ инчунин вазифаҳои назорати дохилиро низ дар корхона анҷом медод. Муҳим аз ҳама, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар тамоми зинаҳо – иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ягона буд ва ба таври марказонидашуда танзим карда мешуд.

Акнун, бо табдили куллии муносибатҳои иқтисодӣ ва паҳншавии саросарии муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ташаккул ёфтааст, ки асоси онро баҳисобгирии молиявӣ ташкил медиҳад. Баҳисобгирии муҳосибие, ки имрӯз ба таври расмӣ танзим мешавад ва пешбурди он барои тамоми субъектҳои иқтисодӣ ҳатмӣ мебошад, - ин баҳисобгирии молиявӣ аст, ки дар самти ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва татбиқи СБҲМ рушд мекунад. Равандҳои ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои иқтисодӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», СБҲМ, қоидаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ – низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои дохилии субъектҳои иқтисодӣ танзим карда мешаванд. Дар ин маврид, ҳадафи асосии қонунгузорӣ ва санадҳои танзимкунанда таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷоти субъектҳои иқтисодӣ, омодасозӣ ва ба истифодабарандагони манфиатдор пешниҳод кардани иттилооти саҳеҳ ва қиёспазир оид ба амалиёти хоҷагидорӣ, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад. Вобаста ба ин, дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи субъекти иқтисодӣ шарҳ дода шудааст [155].

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) ҳамчун низом на танҳо дар сатҳи идоракунии субъектҳои иқтисодӣ, ки хадамоти муҳосибӣ ҷамъоварӣ, коркарди маълумот ва ташаккули иттилооти ҷамъбастиро дар бораи фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин мекунад, инчунин дар сатҳи идоракунии иқтисодиёти миллӣ, ки низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, роҳбарии умумии методологӣ, ҷамъоварӣ ва омӯзиши ҳисоботи

молиявии субъектҳои иқтисодӣ, назорати амалкунии низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодиро дар бар мегирад, амал мекунад.

Иқтисодиёти бозорӣ зарурати ислоҳоти иқтисодиро дар мамлакат муайян намуда, низоми идоракунии давлатӣ ва субъектҳои иқтисодиро водор кард, ки худро ба шароти бозор мутобиқ кунанд. Дар натиҷа низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ дигар шуда, боиси ҷудо шудани идоракунии фаъолияти молиявӣ, идоракунии равандҳои дохилихоҷагӣ ва идоракунии пардохти андозҳо (аз ҷумла андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ), инчунин тақсимшавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз гардид. Тавре муҳаққиқ Г.Т. Қодирова қайд мекунад, «аз ҷиҳати таърихӣ ва мантиқӣ баррасӣ намудани тамоюли чанд соле пеш пойдоршуда ва имрӯз идомаёбандаи аз раванди ягонаи баҳисобгирӣ ҷудо шудан ва дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мустақилона амал намудани намудҳои асосии он – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз муҳимияти махсус пайдо мекунад» [149, с. 151].

Асоси пешбурди баҳисобгирии молиявӣ қоидаи муқаррарии баҳисобгирии муҳосибӣ – бақайдгирии ҳуҷҷатии ҳамаи амалиёти молиявию хоҷагидории дар корхона рухдиҳанда мебошад. Натиҷаҳои амалиёти хоҷагидорӣ тавассути бақайдгирӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ ба муҳосибот ворид шуда, бо иҷрои амалҳои дахлдори коркард, батартибдарорӣ ва ҷамъбасти иттилоот дар шакли ҳисоботи молиявӣ ба соҳибмулкон, сармоягузорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор пешниҳод карда мешаванд. Яъне баҳисобгирии молиявӣ иҷрои вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибиро, ки мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ба шахсони манфиатдор пешниҳод кардани иттилооти пурра ва дақиқ оид ба вазъи молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ ва тағйирёбии вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ мебошад, таъмин мекунад. Хусусан ин дар шароити ноустувории иқтисодӣ, вақте ки иттилооти саривақт гирифташуда дар бораи вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ

метавонад ба соҳибмулкон дар нақот додани он аз муфлисшавӣ, ҳифзи дороиҳо ё ҷалби сармоягузориҳои зарурӣ мадад расонад, муҳим аст.

Ташкили баҳисобгирии молиявӣ дар субъекти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки:

- стратегияи андозбандӣ муайян карда шавад;

- назорати гардиши ҷараёнҳои пулӣ роҳандозӣ карда шавад, ки ин ба кам шудани хавфи пайдо шудани хатоҳо дар пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳолатҳои сӯйиистифода ва қаллобӣ боис мешавад;

- назорати истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ташкил карда шавад;

- раванди ҳуҷҷатнигории амалиёти хоҷагидорӣ такмил дода шавад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» субъекти иқтисодӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ метавонад якчанд тарзҳои ташкилии онро интихоб кунад (расми 3.2). Дар ин маврид интихоби тарзи мушаххас аз андозаи корхона, намуд ва хусусиятҳои фаъолияти он вобаста аст.

Расми 3.2. - Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъекти иқтисодӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Барои корхонаҳои бузург ва миёна асосан таъсиси хадамоти муҳосибӣ ҳамчун воҳиди сохторӣ, ки фаъолияти худро бо роҳбарии сармуҳосиб ба роҳ мемонад, тавсия дода мешавад. Дар ин маврид, вазифаи асосии муҳосибот – саривақт ва боэътимод инъикос кардани вазъи дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона, муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, таъмин намудани роҳбарият бо иттилооти зарурӣ барои идоракунии молиявии ҳамарӯзаи корхона ва иштирок дар ин идоракунӣ мебошад. Илова бар ин, муҳосибот бояд самаранокии истифодаи дороиҳоро назорат карда, бар зидди зуҳуроти номатлуби хоҷагидорӣ мубориза барад.

Барои ташкили баҳисобгирии молиявӣ дар корхона сармуҳосиб талабот ба пешбурди он, тартиби омодасозӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти аввалиро муайян мекунад. Роҳбари корхона бояд иҷрои бечунучарои онҳоро аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохторӣ ва кормандони корхона таъмин кунад. Барои ин дар корхона фармоишҳо, дастурамалҳо ва низомномаҳои дохилӣ, аз қабили фармоишҳо «Оид ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ», «Оид ба сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхона» таҳия карда мешаванд. Ташкили баҳисобгирии молиявӣ дар корхона ҳамчунин бо ҳуҷҷатҳои маъмурӣ, аз қабили низомномаҳо дар бораи муҳосибот, дастурамалҳои вазифавии кормандони муҳосибот, ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо, нақшаи гузаронидани барӯйхатгириҳо ва дигарҳо танзим карда мешавад.

Қоида ва принсипҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омода кардани ҳисоботи молиявиро корхонаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти худ ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ ба эътибор мегиранд. Тавре дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» оварда шудааст, сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои дақиқе мебошанд, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти корхона маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян мекунанд. Таъиноти асосии сиёсати баҳисобгирӣ – тасдиқи ҳуҷҷатии тарзҳои мақбул ва қонунии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки «вазифаи сиёсати баҳисобгирӣ – ҳарчи муносибтар

инъикос кардани фаъолияти корхона дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тавассути ташаккул ва пешниҳоди иттилооти пурра, воқеъбинона ва саҳеҳ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар мебошад» [298, с. 5].

Тақсими вазифа ва уҳдадориҳо дар байни кормандони муҳосибот аз пайдарпайии амалиёти даври баҳисобгирӣ ва хосагиҳои иҷрои амалиёти ҳамсони қитъаи мушаххаси баҳисобгирӣ вобаста аст. Ҳар қадаре ки корхона калон бошад, сохтори муҳосиботи он фарохтар аст. Дар муҳосибот чунин қитъаҳо ҷудо шуда метавонанд: баҳисобгирии дороиҳои дарозмуҳлат (воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ); баҳисобгирии сарватҳои молию моддӣ (ашё); баҳисобгирии хароҷоти истеҳсол; баҳисобгирии маҳсулоти тайёр ва фурӯши он; баҳисобгирии ҳисобикуниҳо бо кормандон оид ба пардохти меҳнат; баҳисобгирии амалиёти хазина; баҳисобгирии амалиёти молиявию ҳисобикуниҳо; тартибдиҳии ҳисобот ва дигарҳо.

Сармуҳосиб ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар корхона таъмин намуда, назорати истифодаи оқилона ва сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, ҳифзи моликияти корхонаро ба ҷо меорад. Сармуҳосиб бевосита ба роҳбари корхона тобеъ аст. Вазифа ва уҳдадориҳои мансабии сармуҳосиб, талаботи тахассусӣ барои ишғоли вазифаи сармуҳосиб, ҳуқуқ ва масъулияти онро Дастурамали намунавии мансабии сармуҳосиб [64] муайян мекунад.

Субъектҳои соҳибкории хурд метавонанд вобаста аз ҳаҷми корҳои баҳисобгирӣ се тарзи дигари ташкили хадамоти муҳосибиро ба кор баранд: дар басти вазифаҳо ҷорӣ кардани вазифаи муҳосиб, ҷалби аутсорсинг ё пешбурди баҳисобгирӣ аз ҷониби соҳибмулк ё роҳбари корхона. Вале солҳои охир мушоҳида мешавад, ки баъзан корхонаҳои бузург низ ба ҷалби аутсорсинг – ба ташкилотҳои муҳосибӣ ё муҳосиби касбӣ ҳавола кардани вазифаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ин тарзи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи фаъолияти соҳибкории махсус – аутсорсинг аз ҷониби субъектҳои бозори аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ (ташкилотҳои аутсорсерӣ) роҳандозӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имконияти ҳавола кардани пешбурди баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ба ташкилотҳои аутсорсерӣ ишорат мекунад. Дар аксар ҳолатҳо пешбури баҳисобгирии муҳосибӣ ба ташкилотҳои аудиторӣ вогузор карда мешавад. Дар ин маврид корхона бо ташкилоти аудиторӣ шартномаи хизматрасониҳои пулакӣ (музднок) мебандад, ки расмиёти он мутобиқи муқаррароти боби 26 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад [120].

Мутобиқи банди 3 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ дар баробари фаъолияти аудиторӣ ҳамчунин метавонанд хизматрасониҳои ҳамрадиф бо фаъолияти аудитириро анҷом диҳанд, аз ҷумла: ташкил, барқарор кардан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, маслиҳати муҳосибӣ; маслиҳатҳо марбут ба андоз, ташкил, барқарор кардан ва пешбурди баҳисобгирии андоз, ба ҷо овардани ҳисобкунӣ ва ҳисобикуниҳои андоз, тартиб додани ҳисобот (эъломия)-и андоз [158].

Қарор оид ба ҳавола кардани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба ташкилоти аудиторӣ (аутсорсер) бояд дар сиёсати баҳисобгирии корхона барои соли ҳисоботии дахлдор инъикос карда шавад.

Дар амалия чунин маҳакҳои асосӣ барои бастани шартномаи хизматрасониҳои аутсорсерии муҳосибӣ ба инобат гирифта мешаванд:

- корхонаи фармоишгар бояд дорои ҳаҷми начандон калони амалиёти хоҷагидорӣ ва шумораи ками кормандон бошад;

- эҳтиёҷ ба кори сармуҳосиби корхона ҳафтае на беш аз 1-2 маротиба ба миён ояд;

- корхона дар ҳайати кормандон (басти вазифаҳо)-и худ бояд корманди муҳосибӣ (муҳосиб) дошта бошад, ки вазифаҳои ташаккули ҳуҷҷатҳои аввалӣ, нигориш ва ҳам нигоҳдории онҳоро иҷро кунад;

- ҳангоми кор дар ҳудуди корхонаи фармоишгар (мизоҷ) барои мутахассис – намояндаи аутсорсер бояд тамоми шароити зарурии корӣ фароҳам оварда шавад.

Ҳоло талабот ба хизматрасониҳои муҳосибӣ, ки дар бозори аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ пешниҳод карда мешаванд, мунтазам меафзояд. Сабаби асосии суръати баланди афзоиши бахши муҳосибии хизматрасониҳои аутсорсингӣ дар бозор мураккабӣ ва доимо дигар шудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз мебошад. Дар баробари ин, мизоҷони аутсорсерҳо мехоҳанд, ки назорати қатъии андозбандии корхонаҳои худро таъмин намуда, аз афзоиши беасоси андозҳо ҷилавгирӣ кунанд ва имкон пайдо кунанд, ки бо ёрии мутахассисони соҳа ҷиҳати ҳолатҳои андозбандии номақбул ба мақомоти андоз эътироз баён кунанд. Ҳамчунин ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ низ сабаби афзоиши талабот ба хизматрасониҳои аутсорсерҳо гаридааст. Бинобар ин, имрӯз дар сохтори хизматрасониҳои аутсорсерҳо пешбурди баҳисобгирии андоз, ҳисобкунии музди меҳнат, тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар асоси СБҲМ мавқеи намоёнро ишғол менамоянд. Сари вақт ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ, кор бо бонкҳо, мақомоти андоз ва дигар мақомоти назоратӣ, дастгирӣ ҳангоми санҷишҳои андоз ва санҷишҳои аудиторӣ, бойгонӣ кардан ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳо – намудҳои маъмули фаъолияти аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад. Омилҳои асосии ин рушд пойгоҳи қонунгузории мусоид, гузаштан ба СБҲМ ва хоҳиши корхонаҳо барои ташкили назорати ҷиддитари риояи қоидаҳои андозбандӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна, ҳамчунин барои соҳибкорони навкор, ки дар дарёфти кормандони соҳибихтисос ба мушкилиҳо дучор мешаванд ва барои онҳо нигоҳдории муҳосибони худӣ хароҷоти зиёд талаб мекунад, ҷолибтар мегардад. Барои дарки беҳтари омилҳои асосии афзоиши талабот ба аутсорсинг, инчунин бартарӣ ва хусусиятҳои он, тарҳи дар расми 3.3 пешниҳодшуда ҷанбаҳои асосии вазъи муосири аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибиро дар мамлакат инъикос мекунад.

Аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ
Сабабҳои афзоиши талабот: 1. Мушкилоти фазои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва зуд-зуд тағйирёбии он 2. Кӯшиши соҳибкорон дар баробари назорати қатъии андозбандӣ 3. Гузариш ба СБҲМ ва ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ
Бартарии аутсорсинг: 1. Кам кардани хавфҳои молиявӣ 2. Кам кардани хароҷоти нигоҳдории муҳосибон – кормандони асосӣ 3. Кам кардани хавфҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва андоз 4. Беҳсозии равандҳои тиҷоратӣ
Доираи мизоҷони аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ: 1. Субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна 2. Соҳибкорони навкор
Хусусиятҳои аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ: 1. Истифодаи муҳосибон – соҳибкорони инфиродӣ 2. Хавфи ҷалби аутсорсерҳои ғайриқонунӣ фаъолияткунанда 3. Мушкилоти марбут бо тахассус ва кордонии муҳосибони ҷалбшуда

Расми 3.3. – Омилҳои афзоиши талабот ба аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлили тарҳи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки доир ба вазъ ва пӯёи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд хулосаҳои муҳим ба даст орем. Аввалан, мусаллам аст, ки омилҳои асосии афзоиши талабот ба аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ноустувории пойгоҳи ҳуқуқӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ мебошанд. Ин тасдиқ мекунад, ки барои бисёре аз корхонаҳо, бахусус корхонаҳои хурд ва миёна, аутсорсинг нисбат ба киро кардани муҳосиб ҳамчун корманди доимӣ роҳи муносиб ва камхарҷ аст.

Дуюм, тарҳ аҳамияти аутсорсингро барои коҳиш додани хавфҳои молиявӣ ва беҳсозии хароҷот тасдиқ мекунад. Ин махсусан ба корхонаҳое дахл дорад, ки имкони ҳамчун корманди доимӣ ба кор гирифтани мутахассисони сатҳи

баландро надоранд, ки барои соҳибкории хурд дар шароити захираҳои молиявии маҳдуд монеаи ҷиддӣ аст.

Сеюм, ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз рушди аутсорсинг ҳоло ҳам мушкилот, аз қабили нарасидани мутахассисони соҳибихтисос ва хавфҳои марбут ба фаъолияти ғайриқонунии аутсорсерҳо (бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз) мавҷуд аст. Ин аз корхонаҳо талаб мекунад, ки ба интихоби аутсорсер ва таҳлили хавфҳо бодиққат муносибат кунанд. Ҳамин тариқ, тарҳ тасаввуроти возеҳро оид ба вазъи муосир ва тамоюлҳои аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар мамлакат пешниҳод намуда, барои нишон додани мушкилот ва имконияти асосие, ки субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми қабули қарор оид ба ҷалби аутсорсер дучор мешаванд, мадад мекунад.

Дар амалия якчанд амсилаҳои корбурди аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ва ташкили ҳамкории корхонаҳо бо аутсорсерҳо маъмул мебошад [4; 165; 226]. Дар ҷадвали 3.1 маълумот дар бораи ин амсилаҳо, намуди корхонаҳое, ки онҳо истифода мешаванд ва хизматрасониҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда оварда шудааст.

Ҷадвали 3.1. – Амсилаҳои корбурди аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ

Амсила	Намуди корхона	Намуди хизматрасонӣ
Баҳисобгирии пурра	Соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳои хурд	Пешбурди феҳристҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз
	Корхонаҳои бузург	Пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар воҳидҳои сохтории алоҳида
Аутсорсер -муҳосиби берунӣ	Корхонаҳои миёна, корхонаҳои бузург	Ба аутсорсер ҳавола кардани баҳисобгирии объектҳо ё қитъаҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии пардохти меҳнат, баҳисобгирии кормандон, кор бо қарздориҳои дебиторӣ, гузаронидани ревизияҳо ва барӯйхатгириҳои ғайринақшавӣ ва ғ.)
Аутсорсер - сармуҳосиби берунӣ	Корхонаҳои хурд	Тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва ҳисобот (эъломияҳо)-и андоз
Аутсорсер - мушовири берунӣ	Корхонаҳои хурд, миёна ва бузург	Пешкаш намудани хизматрасониҳои машваратӣ ва маълумот додан ба мизоҷ оид ба навигариҳо дар қонунгузории молиявӣ, маслиҳатдиҳӣ оид ба масъалаҳои алоҳидаи андозбандӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотии муҳосибӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ба аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ бештар намояндагони корхонаҳои миёна ва хурд, инчунин соҳибкорони нав ба фаъолият шуруъкарда таваҷҷуҳ доранд. Азбаски корхонаи начандон калон натиҷаҳои фаъолияти худро дар ҳар як семоҳа ҳисоб ва ҷамъбаст мекунад ва ба мақомоти андоз аз натиҷаи фаъолияти семоҳаи худ ҳисобот (эъломияи андоз) месупорад, барои он ба кори доимӣ ҷалб намудани корманди алоҳида ва ба ӯ пардохт кардани музди меҳнати собит мақбул нест. Дар чунин ҳолат аутсорсинг тарзи оқилонаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ барои корхона мебошад, ки бартариҳои он дар амалия тасдиқ шудаанд. Вале, пеш аз он ки қарор оид ба ҷалби аутсорсер барои корхонаи мушаххас қабул карда шавад, роҳбарияти он бояд тамоми бартариҳо ва камбудиҳои истифодаи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ва хавфҳои дар ин маврид пайдошавандаро арзёбӣ кунад.

Яке аз асосҳои муҳими ба аутсорсер ҳавола кардани баҳисобгирии муҳосибӣ хоҳиши роҳбари субъекти иқтисодӣ барои беҳсозии равандҳои тиҷоратӣ мебошад. Дар натиҷа, «дар шароити аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ, корхона имкон пайдо мекунад, ки кӯшишҳои худро ҳар чи бештар ба равандҳои тиҷоратии асосӣ равона кунад, хавфҳои молиявиро паст ва хароҷоти молиявиро кам кунад, ки ин махсусан дар шароити рақобат муҳим аст» [236, с. 24].

Ҳамин тариқ, аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ воситаи муассирест, ки ҳангоми ислоҳот ва таҷдиди сохтори фаъолияти субъекти иқтисодӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он имкон медиҳад. Аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ соҳаест, ки дар он корхона новобаста аз ҳаҷмҳои истеҳсол ё фурӯши маҳсулот (таҳвили хизматрасониҳо), ҳамеша хизматрасониҳоеро, ки бе онҳо фаъолияти муътадили корхона дар шароити муосири хоҷагидорӣ имконнопазир аст, воқеан истифода мебарад.

Имрӯз пайдо кардани муҳосиби хуб ва босалоҳият барои корхона на танҳо гарон аст, балки кори мушкил аст. Омодагии касбии аксари муҳосибон, ки дар бозори меҳнат кор меҷӯянд, дар сатҳи паст қарор дорад. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ ва миёна барои фаъолияти касбӣ омода

нестанд. Муҳосибони соҳибтахассус, ки камшумор мебошанд, бештар дар якчанд корхонаҳо фаъолият мекунанд ва ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти доимӣ барои корхонаҳои хурд мушкил ва ҳам гарон аст. Хароҷоти нигоҳдории муҳосибони соҳибтахассуси худӣ барои корхонаҳо пардохти музди меҳнати собит, таъминоти моддию техникии ҷойи корӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва дигар масрафҳоро дар бар мегиранд. Вобаста ба ин, аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ маъруфияти бештар пайдо мекунад. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки «истифодаи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ хавфҳои муҳосибӣ ва андозиро, ки бештар ба корхонаҳои миёна ва хурд хос мебошанд, ба ҳадди камтарин мерасонад» [201, с. 114].

Арзёбиҳои коршиносон тасдиқ мекунанд, ки муҳосибони бо соҳибкории хусусии касбӣ машғул аксари кормандони ташкилотҳои аутсорсингиро ташкил медиҳанд. Дар байни онҳо муҳосибони дар хона коркунанда, ки расман дар мақомоти андоз ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ва ҳам онҳое ҳастанд, ки дар бозори ғайриқонунӣ («бозори сиёҳ») фаъолият мекунанд, ки арзёбӣ кардани шумораи онҳо ғайриимкон аст. Мизоҷони асосии муҳосибони хусусӣ ташкилотҳои савдо мебошанд, ки шумораи кормандонашон кам аст ва ҳам дар фаъолияти худ ҳаҷми ками ҳуҷҷатҳои аввалиро истифода мебаранд. Талабот ба хизматрасониҳои муҳосибони хусусӣ на танҳо бо шарофати нархи нисбатан пасти онҳо зиёд аст. Корхонаҳои калон, ки баҳисобгирии муҳосибии худро ба ташкилотҳои касбии муҳосибии дар бозор маъруф ҳавола мекунанд, бештар тиҷорати шаффоф доранд ва қонунгузории андозро риоя мекунанд.

Бо сабаби нарасидани кормандони соҳибкасби муҳосибӣ дар корхонаҳо аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд мекунад. Дар ин маврид, ба туфайли истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ин самти бозори хизматрасониҳои молиявӣ барои корхонаҳои соҳибкории хурд, миёна ва бузург ноил шудан ба ҳадафҳои худ осон гардидааст.

3.2. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз оғози гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар солҳои 90-уми асри XX то имрӯз дар мамлакат ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ идома дорад. Дар ин давра асосҳои миллии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи шароити бозор ва талаботи СБҲМ ташаккул ёфтаанд. Таҷрибаи муайяне дар ин самт ғун гардидааст ва акнун лаҳзае фаро расидааст, ки натиҷаҳои ислоҳоти мазкурро арзёбӣ намуда, муайян кунем, ки ба чӣ ноил гардидем ва чиро натавонистем ба даст орем.

Мусаллам аст, ки имрӯз нақши муҳосиб дар идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо беш аз пеш баланд шудааст. Иқтисоди бозорӣ доираи вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибиро васеъ кард. Акнун муҳосиб аз корманди ҳисобдор ва ҳисоббар, ки амалиёти хоҷагидории корхонаро дар ҳисобҳои муҳосибӣ ба қайд гирифта ва дар ҳисоботи молиявӣ ҷамъбаст мекард, ба мутахассис-машваратчии молиявии роҳбари корхона мубаддал гардидааст. Имрӯз роҳбари корхона ягон масъалаи молиявиро бе дастгирии муҳосиб (сармуҳосиб) ҳал карда наметавонад. Ҳамаи қарорҳои идоракунӣ дар корхона вобаста ба муайян кардани самаранокӣ ва паёмадҳои андозии онҳо дар мувофиқа бо сармуҳосиб қабул карда мешаванд.

Бале, ҳамин хел аст. Вале, оё мо бо боварӣ метавонем гӯем, ки ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳадафҳои худ расидааст ва низоми имрӯз дар мамлакат амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба тамоюлоти муосири рушди иқтисодиёт - равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, иқтисодиёти рақамӣ ва муҳим аз ҳама, ба талаботи СБҲМ ҷавобгӯ ҳаст? Албатта, барои ба ин саволҳо ҷавоб ёфтан, таҳлили амиқи равандҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибии молиявиро дар мамлакат ба ҷо овардан лозим аст.

Масъалаҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ Г.Т. Қодирова [122], С.Ф. Низомов [207], Қ.Х. Хушвахтзода [297] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Хулосаи умумии асарҳои

мазкур дар он ифода меёбад, ки стандартҳои байналмилалӣ роҳи субъектҳои иқтисодиро ба бозорҳои молиявии сатҳи ҷаҳонӣ мекушоянд, зеро сармоягузорон бештар ба ҳамон маълумоти ҳисоботи молиявӣ таваҷҷуҳ доранд, ки механизми ташаккули онҳо шаффоф буда, худи онҳо барои истифодабаранда фаҳмо мебошанд. Стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки иттилооти саҳеҳ ва беғараз оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъекти иқтисодӣ ташаккул ёфта, ба истифодабарандагони манфиатдор пешниҳод карда шавад, зеро аз нигоҳи онҳо принсипи бартарии моҳияти иқтисодии амалиёти хоҷагидорӣ бар шакли ҳуқуқии онҳо мақоми воло дошта, ба вобастагии байниҳамдигарии маълумоти ҳисобот ва манбаи андозбандӣ роҳ дода намешавад.

Гузариш ба СБҲМ масъалаи душвор аст ва инро таҷрибаи дигар мамлакатҳо низ, ки то давраи чунин гузариш бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити якхелаи иқтисодию иҷтимоӣ доштанд, тасдиқ мекунад [73].

Масъалаҳои татбиқи СБҲМ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 сол боз дар доираҳои мақомоти танзимкунандаи давлатӣ ва олимони соҳа баррасӣ мешаванд. Тадбирҳои бевосита ба раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат оғозбахшанда асосан ба охири солҳои 1990 рост меоянд. Дар ин давра корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми солҳои 1999-2003 дар мамлакат якчанд санадҳои меъёрии танзимкунандаи равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ таҳия ва қабул карда шуданд, аз ҷумла низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ), ки мақоми стандартҳои миллии ҳисоботи молиявиро доранд, аз қабили: НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо» [244], НБМ 2/99 «Баҳисобгирии амвол ва уҳдадориҳои корхона, ки арзишашон бо асъори хориҷӣ ифода шудааст» [242], НБМ 5/2001 «Ҳисоботи муҳосибии корхона» [238], НБМ 6/2001 «Даромадҳои корхонаҳо» [241], НБМ 7/2001 «Хароҷоти корхонаҳо» [246], НБМ 3/2002 «Баҳисобгирии захираҳои моддӣ-истеҳсолӣ» [243], НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» [245], НБМ 8/2002 «Шартномаи паймонкорӣ» [239], «НБМ дар

бораи баҳисобгирии муҳосибии сармоягузориҳои дарозмуҳлат» [240], «Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [247] ва дигарҳо. Мувофиқи тарҳрезӣ ва ибрози назари таҳиякунандагони НБМ, онҳо бо принсипҳои СБҲМ мувофиқ дониста мешаванд.

Аввалин шуда дар мамлакат муассисаҳои бонкӣ ба истифодаи СБҲМ шуруъ намуданд. Онҳо аллакай аз соли 1999 ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявии худ стандартҳои байналмилалиро истифода мебурданд. Тавре муҳаққиқ М.У. Бобоев қайд мекунад, «маҳз гузариш ба СБҲМ ба рушди бахши бонкӣ ва робитаҳои байналмилалии бонкҳои мамлакат бо дигар бонкҳои бузурги ҷаҳон такон бахшид» [29, с. 127].

Ба хотири такмили минбаъдаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, бунёд кардани шароити зарурӣ барои рушди минбаъдаи робитаҳои иқтисодии байналмилалии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, мутобиқ кардани баҳисобгирии муҳосибии миллӣ бо СБҲМ 14 ноябри соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори № 428 «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ»-ро қабул намуд. Бо ҳамин ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат расман оғоз ёфт. Ҳадафи асосии ин ислоҳот ба қоидаҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки бо ҳадафҳои ташаккули низоми баҳисобгирӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ рост меояд.

Дар доираи қарори мазкур муқаррар гардид, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар соҳаи танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва масъули раванди ислоҳот таҳия ва тасдиқ кардани санадҳои меъёрии дахлдорро вобаста ба талаботи СБҲМ таъмин мекунад.

Ба хотири равшантар дарк кардани раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва арзёбии марҳилаҳои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мушкилоте, ки мақомоти давлатӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ба онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, маълумотро дар шакли ҷадвал мураттаб месозем (ҷадвали 3.2).

Ҷадвали 3.2. - Марҳилаҳо ва мушкилоти ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Марҳила/Мушкилот	Тафсир	Амал/Қарор	Мушкилот/Душворӣ	Натиҷаҳо
1	2	3	4	5
Оғози ислоҳот	Охири солҳои 1990, марбут ба татбиқи СБҲМ	Қабули санадҳои меъёрӣ НБМ 1/99, НБМ 2/99, НБМ 5/2001 ва ғ.	Имконнопазирии мувофиқати пурра бо СБҲМ	Ташаккули пойгоҳи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ
Қарори № 428 (соли 2002)	Қарор оид ба татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Таҳияи стандартҳои нави миллӣ, нақшаи ҳисобҳо, нишондодҳои методӣ	Таваҷҷуҳи нокифоя ба шароити воқеии субъектҳои иқтисодӣ ва қонунгузории андоз	Оғози ислоҳот ва мутобиқсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ
Нақши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Масъулияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи санадҳои меъёрӣ ва татбиқи онҳо	Таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрӣ, ташкили назорати иҷрои онҳо	Номуайянӣ ва суст будани омодагии касбии кормандон	Назорат ва роҳбарии раванди ислоҳот
Таҳсилот ва омодасозии кормандон	Ворид намудани фанҳои нав оид ба СБҲМ ба нақшаҳои таълимӣ	Ҷорӣ намудани фанҳои «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «СБҲМ», «СБА» ва ғ.	Сатҳи пасти омодагии касбии омӯзгорон ва донишҷӯён дар соҳаи СБҲМ, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос	Омода кардани мутахассисони нав, вале дараҷаи нокифояи дониш ва маҳорати онҳо
Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ	Қабули нақшаи нави ҳисобҳо ва нишондодҳои методӣ барои корбурди он	Тасдиқи нақшаи нави ҳисобҳо дар солҳои 2004 ва 2011	Пурра ҷавобгӯ набудани нақшаи ҳисобҳо ба талаботи СБҲМ	Қисман ҳал намудани мушкилот, боқӣ мондани номувофиқӣ бо СБҲМ
Компютеркунонии баҳисобгирии муҳосибӣ	Ҷорӣ намудани дастаҳои нармафзор, чун «1С: Бухгалтерия»	Мутобиқсозии нармафзор барои кор бо СБҲМ	Пурра мутобиқ набудани нармафзор ба шароити татбиқи СБҲМ, мушкилоти ҷӯрсозӣ	Имконнопазирии гузариши пурра ба СБҲМ бо нармафзори мавҷуда

Идомаи ҷадвали 3.2.

1	2	3	4	5
Вазъи умумииқтисодӣ	Таъсири вазъи иқтисодӣ ба татбиқи СБҲМ	Корбурди СБҲМ дар шароити иқтисодиёти ноустувор	Имконнопазирии истифодаи баъзе принсипҳои СБҲМ бино бар ноустувории иқтисодӣ	Мушкилоти сифат ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, мушкилот дар ифшои иттилоот дар бораи шахсони вобаста
Мушкилоти танзим ва қонунгузорӣ	Мушкилоти мувофиқат накардани қонунгузории миллӣ бо СБҲМ	Таҳияи қонунҳо ва санадҳои меъёрии нав	Имконнопазирии татбиқи пурраи СБҲМ аз сабаби тафовути байни стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ	Пешрафти қисман, вале зарурати дигаргуниҳои минбаъда дар қонунгузорӣ
Монеаҳо барои тиҷорат	Ба ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ диққати зарурӣ надодани роҳбарони корхонаҳо	Ҷудошавии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз	Мушкилоти дарк кардан ва татбиқи ислоҳот, набудани иттилоот дар бораи бартариҳои СБҲМ	Мушкилоти гузариш ба СБҲМ, пешравии қисман дар риояи стандартҳои нав
Аввалин таҳлили ҷиддии натиҷаҳои ислоҳот (соли 2011)	Қабули қонуни нав дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ	Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» дар таҳрири нав	Пурра мутобиқ набудани нақшаи нави ҳисобҳо ба талаботи СБҲМ	Қадами нав дар ислоҳот, аммо мушкилоти зиёде боқӣ мондааст

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тавре дар ҷадвал нишон дода шудааст, раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрмарҳила буда, бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Татбиқи СБҲМ саъю кӯшиши зиёдро дар самти ташкили пойгоҳи меъёрӣ, омӯзиши кормандон, мутобиқсозии низомҳои иттилоотӣ ва рафъи монеаҳои иқтисодӣ талаб мекард. Аммо, сарфи назар аз натиҷаҳои ба даст овардашуда, бисёр мушкилот ҳал ношуда мондаанд, ки ин зарурати андешидани тадбирҳои минбаъдаро оид ба мутобиқгардонии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ таъкид мекунад.

Зоҳиран дар мамлакат шароит барои татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаштани субъектҳои иқтисодӣ ба СБҲМ ва амалӣ гардидани ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ муҳайё буд. Вале дар корхонаҳо натиҷаҳои воқеъии муҳиме дар ин ҷода ба назар намерасиданд. Ба андешаи мо, сабаби асосии ба миён омадани чунин ҳолати ногувор дар номукаммал будани санадҳои меъёрии дар доираи иҷрои қарори ҳукуматии № 428 таҳия ва тасдиқгардида мебошад. Таҳлили интиқодии санадҳои мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки муҳтавои онҳо ба талаботи СБҲМ пурра ҷавобгӯ набуда, дар онҳо шароити воқеии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, қонунгузорӣ (асосан қонунгузории соҳаи андоз, гумрук, бонкдорӣ) ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар он замон дар мамлакат амалкунанда ба инобат гирифта нашуда буданд.

Вобаста ба ин, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба як масъалаи мураккаб ва муддати тӯлонӣ ҳалшаванда табдил ёфт. Дар раванди он душвориҳои гуногуни назариявӣ ва методологӣ, монеаҳои молиявӣ, равонӣ ва таъмини кормандон пайдо шуданд. Дар доираҳои илмӣ ва амалӣ баҳсу мунозираҳои зиёде оид ба мушкилоти ислоҳот ва гузариш ба СБҲМ ба миён омаданд. Дар воситаҳои ахбори омма ва адабиёти илмӣ маводи танқидии зиёде нашр шуданд. Аксари муҳосибони аҳли амал ба қадри муҳимии масъалаҳои ба СБҲМ гузаштани низоми миллии баҳисобгирӣ намерасиданд. Ҳатто шахсони ба амалигардонии ислоҳот масъул дар қабули қарорҳо ва ибрози назари худ саргум мегардиданд. Ҳолатҳое ба назар мерасиданд, ки ин шахсон ҳангоми баҳсу мунозираҳо дар конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои мутобици ҳадафҳои

ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ доиршаванда барои дифоъ кардани фикру ақидаҳои худ истодагарӣ карда наметавонистанд.

Барои ҳалли мушкилоти раванди ислоҳот «ба мамлакат пеш аз ҳама кормандон-мутахассисони барои кор бо СБҲМ омода лозим буданд. Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ фанҳои таълимии нав, аз қабили СБҲМ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз, аудит, менеҷменти молиявӣ ворид карда шуданд. Курсҳои омодакунӣ ва бозомӯзии муҳосибон мутобиқи талаботи ислоҳот, аз ҷумла дар назди Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИҶМАКҶТ) ташкил шуданд» [151, с. 316].

Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ худи муаллимон донишҳои басанда дар бораи қоидаҳо ва принсипҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро надоштанд. Аз ин рӯ хатмкардагони ин муассисаҳои таълимӣ ба хадамоти муҳосибии корхонаҳо бе доштани малакаҳои кории муҳосибӣ ва донишҳои касбии зарурӣ меомаданд. Ҳолатҳое низ буданд, ки дар корхонаҳо ба кори муҳосибӣ хатмкардагони муассисаҳои таълимии соҳаҳои ғайрибаҳисобгирӣ, вале аз курсҳои кӯтоҳмуҳлати омодакунии муҳосибон аз рӯйи СБҲМ гузашта қабул мешуданд. Дар аксари мавридҳо чунин мутахассисон аз ҷиҳати омодагии касбӣ худро нисбат ба хатмкардагони муассисаҳои таълимии касбӣ беҳтар нишон медоданд.

Аз таркиби баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ ҷудо шудани намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, ноустувории қонунгузории гражданӣ, андозбандӣ, аудит ва дигар қонунгузориҳои танзимкунандаи равандҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар мамлакат, инчунин мувофиқат накардани қонунгузории мазкур бо қоидаҳо (принсипҳо)-и пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ барои муҳосибони корхонаҳои тиҷоратӣ мушкилоти зиёде пеш меоранд. Дар ин гуна шароит эҳтиёҷи бахши соҳибкории иқтисодиёти миллӣ ба муҳосибони касбӣ, «яъне мутахассисони дорандаи на танҳо маълумоти олӣ, инчунин дорои сатҳи баланди

донишҳо оид ба дигаргуниҳои охирин дар соҳаи ҳуқуқ, андоз ва албатта баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён меояд» [286, с. 76].

Ба интишороти танқидӣ ва пешниҳодҳои олимону мутахассисон акнун дар сохторҳои ҳукуматӣ вокуниш мекардагӣ шуданд. Дар натиҷа дар раванди амалисозии ислоҳот ва татбиқи СБҲМ баъзе пешравиҳо намоён гардиданд. Дар ин робита 30 августи соли 2006 байни Шурои парасторони собиқ Кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (ҳоло Шурои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ - ШСБҲМ) ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шартнома оиди даст кашидан аз ҳуқуқи муаллифӣ дар доираи маҳдуд» ба имзо расид, ки мувофиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҳуқуқи истифодабарии тарҷумаи расмии СБҲМ бо забони русӣ гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 октябри соли 2006 Қарори № 465 «Оиди чораҳои иловагии татбиққунии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард, ки он ба раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ такони нав бахшид.

Воқеан, яке аз масъалаҳои боиси нокомиҳои ислоҳоти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ гардида ин нарасидани маводи таълимии баландсифат мебошад. Дар муассисаҳои таълимии мамлакат, ки ба омода намудани мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит машғул буданд, аксаран маводи таълимие нашр мешуд, ки гарчанде мутобиқ ба СБҲМ номбар мешуданд ҳам, вале мазмун ва муҳтавои онҳо аз қоидаҳои пешбурди байналмилалии баҳисобгирӣ дур буд.

Барои амалисозии ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариши бобарор ба СБҲМ зарур гардид, ки пояҳои қонунӣ ва меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ бозбинӣ карда шаванд. Ба ин хотир, 25 марти соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» дар таҳрири нав қабул карда шуд. Ҳамчунин Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши № 41 аз 27 майи соли 2011 гунаи нави нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ ва нишондодҳои методиро оид ба татбиқи он тасдиқ намуд.

Тавре муҳаққиқ Г.Т.Қодирова қайд мекунад, «ба нақшаи нави ҳисобҳо нисбат ба тариқаи қаблӣ (соли 2004) тағйироти ҷиддие ворид шудааст, вале то

ҳол он ба талаботи таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи қоидаҳои байналмилалӣ ва ҳаёти воқеии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат намекунад. Гумон меравад, ки нақшаи ҳисобҳо ва нишондодҳои методӣ барои татбиқи он ба таври фаврӣ, бе ҷалби мутахассисони донандаи нозукиҳои техникии баҳисобгирии муҳосибии амалӣ ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва олимони соҳа таҳия шудаанд. Маълум аст, ки онҳо аз ягон ҷо дар шакли тамом нусхабардорӣ шудаанд. Агар ин санадҳо дар ҳақиқат кор карда баромада, тартиб дода мешуданд ва агар ба раванди таҳияи онҳо мутахассисоне, ки қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро медонанд, ҷалб карда мешуданд, дар муҳтавои онҳо баъзе хатоҳои ошкоро роҳ намеёфтанд» [151, с. 291].

Бале, таҳиякунандагони нақшаи ҳисобҳо ҷаҳд намудаанд, то расман вонамуд созанд, ки ин санад ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар доираи амалисозии ислоҳот таҳиянамудаи онҳо ба мутобиқ шудани низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ ба шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Вале таҳлили муҳтавои санадҳои мазкур нишон медиҳад, ки таҳиякунандагони онҳо дар кори худ ба зиёдаравиҳо ва камбудиҳои муҳим роҳ додаанд. Дар аксари лаҳзаҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ хосагиҳои қонунгузории миллӣ, шароити амали субъектҳои иқтисодӣ ва анъанаҳои миллии пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ба инобат гирифта нашудаанд.

Ба хотири баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ, шаффофӣ ва дарки он аз ҷониби истифодабарандагон, таъмини дастрасии кафолатнок ба ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ (хусусан субъектҳои дорои манфиати умум), бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, № 202 Стратегияи татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва стандартҳои байналмилалии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2018 қабул гардид. Ин санад ҳуҷҷати консептуалӣ буда, афзалиятҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва барои ноил шудан ба ин афзалиятҳо тадбирҳо ва амалҳои зарурӣро муқаррар кардааст. Ба андешаи таҳиягарон, стратегияи

мазкур бояд ба фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат тавассути роҳандозӣ намудани чунин тадбирҳо мусоидат мекард:

- такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;

- таҳкими нерӯи касбии мутахассисони мақомоти давлатӣ, ки дар раванди татбиқи СБҲМ ва стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) иштирок мекунанд;

- рушди ташкилотҳои касбии муҳосибон ва аудиторҳо;

- баланд бардоштани сифати барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Ҳамчунин дар назар дошта шуда буд, ки стратегия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чунин манфиатҳо медод:

- таҳкими суботи молиявии мамлакат ва кам кардани хавфҳо ва паёмадҳои манфии буҳронҳо дар бозори молиявӣ;

– таъмини талаботи СУС ва дигар консорсиумҳои байналмилалии савдои озод;

- коҳиш додани афзоиши иқтисодиёти пӯшида, аҳдҳои тиҷоратии ғайриқонунӣ ва коррупсионӣ;

- мусоидат намудан ба раванди қабули қарорҳои муносиб аз ҷониби саҳомон, муассисон, роҳбарони корхонаҳо ва шарикони онҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои арзёбӣ ва қабули қарорҳои оқилона аз ҷониби сармоягузорон оид ба дурнамои рушди субъектҳо ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ;

- афзоиши даромади буҷет аз ҳисоби даромадҳои андоз;

- имкониятҳои субъектҳои иқтисодӣ барои дастрас намудани қарзҳо бо фоизи паст.

Бояд қайд кард, ки барои татбиқи ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариши субъектҳои иқтисодӣ ба СБҲМ ҳалли масъалаҳои компютерикунонии равандҳои баҳисобгирӣ низ муҳим аст. Дар мамлакати мо истифодаи гунаҳои бастаи нармафзори муҳосибии 1С:Бухгалтерия маъмул шудааст, ки кори онҳо барои шароити корбурди қоидаҳои СБҲМ

мувофиқат намекунад. Гарчанде, истеҳсолкунанда гунаҳои барои кор дар шароити СБҲМ муносибкардашудаи онро низ пешниҳод менамояд. Корхонаҳои ватанӣ асосан гунаи появии 8 (8.2-8.3)-и бастаи нармафзори мазкурро истифода мебаранд.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ С.С. Сайфиддинзода қайд мекунад, ки «Ширкатҳои ватанӣ, ки ин гуна дастаҳои барномавиро ба истифодабарандагон пешниҳод менамоянд (аз ҷумла ҶДММ «Технологияҳои инноватсионии Наср», ҶДММ «Як сония», БДО «Шанс»), мизоҷони худро бовар мекунонанд, ки маҳсулоти барномавии онҳо ба шароити воқеии пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Вале таҳқиқи нусхаҳои ба мо дастрасшудаи тариқаҳои тоҷикии барномаи 1С: Бухгалтерия собит кард, ки ягона дигаргунии ба тариқаи появии барнома илованамудаи таҳиягарони ватанӣ ин танҳо пойгоҳи иттилоотӣ мебошад. Вале, барои ба воқеияти хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кардани барномаи мазкур, он бояд маҳз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад, дигар намудани танҳо пойгоҳи иттилоотӣ кифоя нест» [263, с. 31].

Таҳия ва пешбурди пойгоҳи иттилоотӣ – ин таҳия кардани нармафзор нест. Пойгоҳи иттилоотиро ҳар як истифодабаранда, ҳатто бе донистани асосҳои барномасозӣ, худ метавонад таҳия кунад. Масалан, пойгоҳи иттилоотии гунаи бастаи 1С, ки аз ҷониби БДО «Шанс» ба истифодабаранда пешниҳод гардидааст, «Баҳисобгирӣ дар асоси СБҲМ» («Учет по МСФО») ном дорад. Таҳлили муҳтавои он, ки аз ҷониби С.С. Сайфиддинзода анҷом дода шудааст, нишон медиҳад, ки «таҳиякунанда ба он танҳо нақшаи ҳисобҳо, алгоритми баъзе боздоштқуниҳо аз музди меҳнати кормандон ва ҳисобкунии андозҳоро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудаасту халос. Алгоритми алоқамандии иттилоотии баҳисобгирии аввалӣ (ҳуҷҷатҳои аввалӣ) бо шаклҳои ҳисоботии ниҳоӣ ба таври мукаммал татбиқ нашудааст. Ҳатто тартиб додани ведомости гардишӣ-бақиявии муқаррарӣ барои ҳамаи ҳисобҳо ғайриимкон аст» [263, с. 32]. Мо ин ҷо ҳатто дар бораи тартиб додани ҳисобот

оид ба вазъи молиявӣ, оид ба даромади ҷомеъ, оид ба тағйирёбиҳо дар сармоя ва оид ба гардиши воситаҳои пулӣ чизе намегӯем.

Дар нармафзори компютерӣ татбиқ намудани нақшаи ҳисобҳои мутобиқ ба СБҲМ маънои ба талаботи СБҲМ ҷавобгӯ будани онро надорад. Бастаи нармафзор танҳо он вақте ба талаботи СБҲМ ҷавобгӯ аст, ки агар тавассути он гирифтани ҳамаи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, пеш аз ҳама ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ) ва ҳисобот оид ба даромади ҷомеъ (фоида ё зарар) имконпазир бошад.

Ширкати 1С ва шарикони он бастаҳои нармафзорро бо зернизомҳои иловагии мутобиқ бо СБҲМ пешниҳод кардаанд [296]. Зернизоми мазкур бастаи нармафзорро барои кор мутобиқи СБҲМ пешкаш менамояд ва метавонад хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи мушаххасро ба инобат гирад. Аммо, бастаи нармафзори мазкур то имрӯз ба истифодабарандагони тоҷикистонӣ дастрас нашудааст.

Истифодаи бастаи нармафзори 1С:Бухгалтерия бо зернизоми ҳамгирошудаи пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ барои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои бахши тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои воқеиро фароҳам меорад. Ин бастаи нармафзор ба муҳосибони корхонаҳои тиҷоратӣ технологияи ҳамаҷонибаеро пешниҳод мекунад, ки доираи васеи вазифаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро дар асоси стандартҳои байналмилалӣ фаро мегирад. Вале, имрӯз монеаи асосие, ки татбиқи бобарори онро дар корхонаҳои тиҷоратии мамлакат боз медорад, нарасидани кормандони соҳибихтисоси соҳаи муҳосибӣ, ки донандаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва малакаҳои кор бо воситаҳои рақамикунонӣ бошанд, боқӣ мемонад. Дар баробари ин, истеҳсолкунандаи бастаи нармафзор – ширкати 1С (ш. Москва, Федератсияи Россия) аллакай қисми зиёди ҷанбаҳои техникӣ, методӣ ва ташкилиро ҳамчун як унсури таркибии он таҳия ва ворид намудааст.

Намояндагони расмӣ ва корхонаҳои шарики 1С дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ҶДММ «Технологияҳои инноватсионии Наср», ҶДММ «Як сония»,

БДО «Шанс» ва дигарҳо дар доираи шартномаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла шартномаи франчайзи салоҳияти иҷрои қисми зиёди корҳо - аз насб ва ҷӯрсозии нармафзор то кори озмоишии он ва омӯзиши истифодабарандагони ниҳоиро доранд. Дар ин маврид, барои бастани шартномаи шарикии комил бо ширкати 1С, корхонаи довталаб бояд кормандони соҳибихтисос, аз ҷумла мутахассисони соҳаи барномасозӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, андоз ва ҳуқуқ бо донистани забони русиро дошта бошад.

Дар сурати риоя шудани ин шартҳо, ширкати 1С дар ҳамкорӣ бо шарикони маҳаллӣ метавонад технологияҳо ва нармафзори навро, ки ба хусусиятҳои баҳисобгирии миллӣ ва талаботи қонунгузории иқтисодию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд, таҳия намояд ва ба ин васила ба рақамикунонии самараноки равандҳои баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии мамлакат мусоидат кунад.

Бартарии иловагии татбиқи нармафзори 1С:Бухгалтерия ин қобилияти ҳамгироӣ бо дигар низомҳои идоракунии рақамии корхона, аз ҷумла баҳисобгирӣ ва идоракунии кормандон, идоракунии молиявӣ, логистика ва банақшагирии андоз мебошад. Чунин автоматикунонии ҳамаҷониба имкон медиҳад, ки сатҳи шаффофии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона хеле баланд бардошта шуда, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ (инчунин дигар ҳисобот) тезонида ва таъсири омили инсонӣ ба равандҳои баҳисобгирии молиявӣ кам карда шавад. Ин махсусан дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва афзоиши рақобат дар бозори дохилӣ муҳим аст.

Илова бар ин, истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла нармафзори 1С:Бухгалтерия дар мамлакатҳои ИДМ ва мутобиқати онҳо ба талаботи байналмиллалӣ барои ягонакунии расмиёти баҳисобгирӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои ватанӣ замина фароҳам меорад. Ин, дар навбати худ, метавонад ба афзоиши эътимоди шарикон, аудиторҳо ва сармоягузорони хориҷӣ, инчунин барои дастрасии корхонаҳои миллӣ ба бозорҳои байналмилалии сармоя мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, татбиқи бастаи нармафзори 1С:Бухгалтерия бо зернизомҳои СБҲМ на танҳо

воситаи баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии молиявӣ, балки ҳамчун унсури муҳими стратегияи умумии табдили рақамии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мушкилоти корбурди нақшаи ҳисобҳо ва истифодаи нармафзори муҳосибӣ танҳо ба ҷиҳати техникии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ дахл мекунанд. Нақшаи ҳисобҳо яке аз унсурҳои асосии методологӣ ва тарзи техникии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Дуруст бурдани баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ пеш аз ҳама аз дурустии нақшаи ҳисобҳо вобаста аст. Вале таҳқиқоти мо мушкилоти дигари ташкилӣ ва методологии раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибиро низ ошкор кард.

Пеш аз ҳама, мушкилоти умумииқтисодии бо вазъи иқтисодии дохилӣ дар мамлакат ва шароити фаъолияти корхонаҳои ватанӣ алоқаманд ошкор карда шуданд. Мушкилоти умумииқтисодӣ дар таҳлил ва баҳодиҳии раванди ислоҳот ва татбиқи СБҲМ нақши калидӣ мебозад, «зеро омодагии субъектҳои иқтисодиро барои дарки онҳо ифода менамояд» [269, с. 163]. Мусаллам аст, ки стандартҳои байналмилалӣ барои корбурд дар муҳити иқтисодии муътадил пешбинӣ шудаанд ва вазъи имрӯзаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити чунин муҳит ҷавобгӯ нест. Дар чунин шароит татбиқи принсипҳо ва маҳакҳои асосии СБҲМ, аз қабили саҳеҳӣ, ҳаққоният, пуррагӣ, қиёспазирӣ ва дигарҳо душвор аст. Ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ, ки дар асоси СБҲМ тартиб дода мешавад, бояд шаффоф бошад, аз ҷумла иттилоотро оид ба сохтори гурӯҳи корхонаҳои ҳамбаста ва соҳибони воқеии онҳо – шахсони воқеӣ ифшо кунад, зеро дар шароити муосир «иттилоот оид ба ҷонибҳои ҳамбаста акнун кори шахсии роҳбарият ва соҳибмулкони корхонаҳо буданро бас мекунад» [324, с. 30]. Бештари корхонаҳо ва соҳибмулкони онҳо ба ин омода нестанд.

Гурӯҳи дигари мушкилоти дар раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ошкоргардида ба масъалаи танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ тааллуқ дорад. Тавре пештар қайд кардем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби

мақоми ваколатдори давлатӣ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад ва он роҳбарии умумии методологии равандҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодиро ба ҷо меорад (ба истиснои ташкилотҳои қарзӣ, ки ҷиҳати онҳо мақоми ваколатдор Бонки миллии Тоҷикистон мебошад). Вобаста ба ин, низомномаҳои аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ қабулгардида санадҳои меъёрӣ буда, барои истифода ҳатмӣ мебошанд, на меъёрҳои тавсиявӣ – тавре дар амалияи байналмилалӣ аз ҷониби иттиҳодия (ташкилот)-ҳои касбии муҳосибон таҳия ва тасдиқ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки иттиҳодияҳои касбии муҳосибон ва дигар ҷонибҳои ҷамъиятии манфиатдор, аз ҷумла истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар равандҳои танзимкунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ва рушди касби муҳосиб умуман ба назар намерасад. Ҳолати бамиёномада барои пурра ва ба таври муносиб таъмин намудани сифат ва саҳеҳии иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ дарҷшаванда мусоидат накарда, имконияти истифодаи муфиди иттилооти мазкурро маҳдуд менамояд.

Аксари муҳосибони аҳли амал ба қадри муҳимии мушкилоти ба СБҲМ гузаштани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ намерасанд. Имрӯз ҳолате ба миён омадааст, ки ҳатто дар баъзе корхонаҳои тиҷоратӣ баҳисобгирии муҳосибии бонизом бурда намешавад. Муҳосибони корхонаҳо донишҳо ва таҷрибаи басанда барои кор бо СБҲМ надоранд. Роҳбарони корхонаҳо барои омодакунӣ ва бозомӯзии кормандони баҳисобгирӣ, фароҳам овардани шароит ва иҷрои чорабиниҳо оид ба гузариши бобарор ба СБҲМ диққати лозимӣ намедиҳанд. Аксари роҳбарони корхонаву ташкилотҳо баҳисобгирии муҳосибиро танҳо чун пояи ҳисобузамкунии андозҳо ва роҳ надодан ба муноқишаҳои молиявӣ бо мақомоти давлатии танзимкунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ меҳисобанду халос. Онҳо ҳоло ҳам зарурати алоҳида бурдани баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дарк накардаанд.

Нигарониши баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи мақомоти андоз ва дигар мақомоти давлатии назорати молиявӣ яке аз мушкилот ва монеаҳои асосии

раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Аксаран роҳбарони корхонаҳои тиҷоратӣ аз он ҳарос доранд, ки дар натиҷаи татбиқи СБҲМ ва гузариш ба пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии шаффоф онҳо имкони саркашӣ намудан аз андозбандӣ ва ниҳон намудани андозҳоро аз даст медиҳанд. Ба ин хотир зарур аст, ки ҳудудҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (ҳисоботи молиявӣ), баҳисобгирии идоракунӣ (ҳисоботи идоракунӣ) ва баҳисобгирии андоз (ҳисоботи андоз) қатъиян ҷудо карда шаванд. Корхонаҳои тиҷоратӣ бояд ҳисоботи андозро танҳо дар асоси қонунгузории андоз ва маҳз барои ҳадафҳои андозбандӣ таҳия намоянд, баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракуниро ба манфиати истифодабарандагони берунӣ ва дохилӣ роҳандозӣ намуда, ҳисоботи дахлдорро ба онҳо пешниҳод намоянд, ки ин ба таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти корхона мусоидат мекунад.

Мавҷуд набудани нишондодҳои методӣ ва дастурамалаҳои соҳавӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ яке аз мушкилоти дигари раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳолати мазкур аз ҷумла бо камбудиҳои худи СБҲМ, ки хосияти умумӣ доранд, алоқаманд аст. Дар аксари СБҲМ шарҳдиҳиҳои муфассал ва мисолҳои корбурди муқаррароти стандартҳо барои ҳолатҳои мушаххас (масалан, хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар соҳаҳои алоқаи мобилӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, интернет) мавҷуд нестанд. Ҷиҳатҳои мазкур дар низомномаҳои миллӣ (НБМ) умуман ба инобат гирифта нашудаанд.

Барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин тартиб додани ҳисобот (молиявӣ ва идоракунӣ) дар корхонаҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ ва дигарҳо) ягон хел дастурамал ва низомномаҳо таҳия карда нашудаанд. Дар дастурамал ва низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд, хусусиятҳои хоси истеҳсолот дар соҳаҳои алоҳида ба ҳисоб гирифта нашуданд. Бинобар ин, мақомоти давлатии ваколатдор, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати кишоварзӣ ва дигар идораҳои роҳбарикунандаи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллиро зарур аст, ки дар асоси СБҲМ, НБМ,

дастурамалҳо ва нишондодҳои методии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқшуда санадҳои зарурӣро барои танзим намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар соҳаҳои дахлдор таҳия ва барои истифода дар корхонаҳои зертобеи худ қабул намоянд.

Воқеан, хулосаи умумие, ки аз натиҷаи таҳқиқот дар самти ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқ намудани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шароити ҷаҳонишавӣ бунёд мешавад, ҳамин аст, ки роҳандозӣ намудани СБҲМ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат амали зарурӣ буда, таҳия ва корбурди низомнома (стандарт)-ҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ ё корбурди бевоситаи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ тарзҳои мақбули татбиқи қоидаҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошанд.

3.3. Мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ

Солҳои охир дар адабиёти ватанӣ интишорот оид ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба алоқамандӣ, ҳамгироӣ ва рушди намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ зиёд шудааст. Аз ҷумла дар корҳои илмии М.У. Бобоев [28], М.В. Калемуллоев [98], М.Б. Каримиён [102], Г.Т. Қодирова [149], С.Ф. Низомов [209], Қ.Х. Хушвахтзода [298] масъалаҳои рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ баррасӣ шудаанд. Дар мақолаҳои мазкур ва дигар интишороти илмӣ баъзе масъалаҳои ба намудҳои алоҳида ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ, робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳамгироии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Сарфи назар аз ин, интишороте, ки бевосита ба таҳқиқи масъалаҳои муайян кардани мақоми намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, омӯзиши робитаи байниҳамдигарии онҳо дахл доранд, кам мебошанд.

Баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун низоми ҷамъоварӣ ва нигоҳдории иттилоот ва нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки бо ёрии онҳо нигориши муҳосибӣ, бақайдгирӣ ва батартибдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявӣ таъмин мегардад, шарҳ дода мешавад. Баҳисобгирии молиявӣ ҳам фаъолияти дохилии субъекти иқтисодӣ ва ҳам муносибатҳои онро бо субъектҳои муҳити берунии хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ фаро гирифта, иттилооти дар доираи он ташаккулёфта аз ҷониби истифодабарандагони ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ ҳангоми арзёбии вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолият ва қабули қарорҳои идоракунӣ ба кор бурда мешавад.

Ба туфайли баҳисобгирии молиявии дар субъекти иқтисодӣ дуруст роҳандозишуда ҳадафҳои асосии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба даст меоянд, аз қабили:

- ташаккули иттилооти пурра ва саҳеҳ оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии воқеии он;

- таъмини иттилооте, ки истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ ба хотири пешбурди назорати риояи қонунгузорӣ, мавҷудият ва ҳаракати дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхона ба он ниёз доранд;

- пешгирии натиҷаҳои номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаккули захираҳои дохилихоҷагӣ, ки метавонанд барои таъмини устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии минбаъдаи корхона мусоидат кунанд.

Ба туфайли ташкили дурусти баҳисобгирии молиявӣ дар субъекти иқтисодӣ ҳадафҳои асосии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба даст оварда мешаванд, ки асоси идоракунии самаранок ва устувории корхона мебошад. Ин ҳадафҳо дар бар мегиранд:

1. Ташаккули иттилооти пурра ва боэътимод дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои воқеии молиявии он. Чунин баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои молиявии ҷорӣ дақиқ инъикос карда шаванд, балки

шаффофии равандҳои тиҷоратӣ таъмин карда шавад, ки ҳам барои роҳбарият ва ҳам барои ҷонибҳои манфиатдор муҳим аст.

2. Пешниҳоди иттилооти зарурӣ барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ ба хотири назорати риояи қонунгузорӣ, мавҷудият ва ҳаракати дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхона. Баҳисобгирии молиявии муассир дар қонеъ кардани талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунанда, пешниҳоди ҳисоботи мувофиқ ба ҷонибҳои манфиатдори берунӣ, аз қабили мақомоти андоз, сармоягузорон ва кредиторон нақши асосӣ дорад. Иттилооти баҳисобгирии молиявӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ҷараёнҳои молиявӣ дар корхона назорат ва пайгирӣ карда шаванд, инчунин хавфҳои марбут ба паёмадҳои имконпазири ҳуқуқӣ ба ҳадди камтарин расонида шуда, беҳсозии андозбандӣ ва дигар ҷанбаҳои молиявии фаъолият ба даст ояд.

3. Пешгирии натиҷаҳои номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаккули захираҳои дохилӣ, ки ба таъмини устувории молиявӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодии корхона мусоидат карда метавонанд. Баҳисобгирии молиявӣ воситаи муҳими ошкор ва пешгирӣ кардани хатоҳо, вокуниши саривақтӣ нишон додан ба тамоюлҳои манфии фаъолияти молиявӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки низоми огоҳкунии пешакӣ аз хавфҳои молиявӣ роҳандозӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии молиявии дуруст ташкилшуда воситаи муҳимтарини таъмини устувории корхона, таҳкими қобилияти он барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳити берунӣ ва дохилӣ, мунтазам беҳтар шудани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва вазъи умумии иқтисодии корхона мегардад.

Дар заминаи тавсифи нақши баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ қайд кардан зарур аст, ки ин намуди баҳисобгирӣ асоси фаъолияти дигар намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Баҳисобгирии молиявӣ иттилооти асосиро дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона тавлид мекунад, ки баъдан барои таҳлили муфассал дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ва барои ҳисоб кардани

уҳдадориҳои андоз дар баҳисобгирии андоз истифода мешавад. Таъкид кардан зарур аст, ки сарфи назар аз тафовути мақсад ва вазифаҳои ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, онҳо бо ҳам зич алоқаманд буда, дар низоми ягонаи идоракунии самарабахши корхона амал мекунанд (ҷадвали 3.3).

Ҷадвали 3.3. – Робитаи намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти иқтисодӣ

Намуди баҳисобгирии муҳосибӣ	Ҳадафҳо ва вазифаҳои асосӣ	Истифодабарандагони асосии иттилоот	Намунаҳои иттилоот
Баҳисобгирии молиявӣ	Ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, банизомдарории иттилооти молиявӣ, ташаккули ҳисоботи молиявӣ	Истифодабарандагони берунӣ, истифодабарандагони дохилӣ	Тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо, ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ
Баҳисобгирии идоракунӣ	Арзёбии вазъи ҷорӣ ва банақшагирии фаъолияти оянда, таҳлили самаранокии фаъолият	Роҳбарияти корхона, менеҷмент	Арзиши аслӣ, ҳисобот оид ба ҳосилнокӣ, буҷетҳо
Баҳисобгирии андоз	Муайян кардани манбаи андозбандӣ ва тартиб додани ҳисоботи андоз	Мақомоти андоз	Эъломияи андоз, ҳисобот оид ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҷадвали пешниҳодшуда муҳимии ташкили дурусти баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ равшан нишон медиҳад. Ҳамгироии онҳо на танҳо имкон медиҳад, ки назорати фаъолияти хоҷагидорӣ ва риояи қонунгузорӣ таъмин карда шавад, балки ба банақшагирии самаранок ва рушди субъекти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти фаврӣ новобаста аз намуд ва ченкунии миқдории он ташаккул ёфта, ба роҳбарият ва менеҷменти субъекти иқтисодӣ барои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ, тактикӣ ва стратегӣ пешниҳод карда мешавад. Баҳисобгирии идоракунӣ асосан ҳамон ҳуҷҷатҳои дар доираи баҳисобгирии молиявӣ ташаккулёфтаро истифода

мебарад, вале батартибдарорӣ, ҷамъоварӣ ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани иттилооти идоракунӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ танзим карда нашуда, мутобиқи қоидаҳо ва шаклҳои дар асоси талаботи иттилоотии истифодабарандагон таҳиякардаи худи субъекти иқтисодӣ бо ҳуқуқи ҳар вақт тағйир додан ба шакл ва муҳтавои онҳо анҷом дода мешавад. Ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунӣ ба даст овардани самараи баландтарин аз истифодаи иттилооти фаврӣ барои арзёбии вазъи ҳозира ва банақшагирии фаъолияти ояндаи субъекти иқтисодӣ мебошад. Баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии субъекти иқтисодӣ «иттилоотро барои таъмини назорат тавассути муқоисакунии миқдории натиҷаҳои воқеӣ бо нишондиҳандаҳои меъёрӣ, инчунин барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирӣ бо ёрии маълумоти сифатӣ бунёд мекунад» [197, с. 57].

Яке аз хусусиятҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ дар он ифода меёбад, ки роҳбарият ва менеҷменти субъекти иқтисодӣ худ имкони бевосита гирифтани иттилоотро аз объектҳои идоракунӣ (объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ) доранд, ё иттилоот метавонад дар шакли коркардшуда аз низоми баҳисобгирии молиявӣ ва дигар хадамоти иттилоотии махсуси корхона ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ ворид шавад. Баҳисобгирии идоракунӣ ба объекти идоракунӣ ҳам аз ҷиҳати макон ва ҳам аз ҷиҳати вақт хеле наздик аст. Дар баробари ин, баҳисобгирии молиявӣ дорои камбудиҳои муйян мебошад, ки имконияти қабули саривақтии қарорҳои идоракуниро маҳдуд мекунанд, аз қабили: «дермонии инъикоси амалиёти алоҳида дар баҳисобгирии муҳосибӣ; на ҳамеша имконпазир будани гузарониши пурраи амалиёт ба ҳисобҳои таҳлилии барои баҳисобгирии идоракунӣ зарурӣ» [170, с. 29]. Яъне то он лаҳзае, ки ҳуҷҷати дахлдори мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тартибдодашуда ба муҳосибот ворид нашавад, тартиб додани гузарониши муҳосибии дуруст ғайриимкон аст. Одатан таъминкунандагони хизматрасониҳои гуногун, аз ҷумла хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ҳисобномаҳои худро пас аз гузашти якчанд рӯз ё дар охири ҳар моҳ пешниҳод мекунанд. Дар ин маврид муҳосиби баҳисобгирии молиявӣ андозаи хароҷоти

дахлдорро дар лаҳзаи ворид шудани ҳисобнома бо тартиб додани гузарониши иловагӣ тасҳеҳ мекунад. Ҳангоми имконнопазир будани гузарониши пурраи амалиёти хоҷагидорӣ ба ҳисобҳои таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ барои дуруст нишон додани аломатҳои таҳлилӣ (интихоби ҳисобҳои таҳлилӣ) зарурати ба ҳуҷҷати аввалӣ ворид кардани иттилооти иловагӣ ба миён меояд. Онҳо хеле мустақиланд, ҳадаф ва вазифаҳои худро доранд, махсусан қайд кардан лозим аст, ки онҳо якдигарро пурра мекунанд.

Сарфи назар аз ҳадафҳои гуногуни худ, баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ байни ҳам пайваста мебошанд ва ба ҳамон як маълумот оид ба фаъолияти субъекти иқтисодӣ такя мекунанд. Онҳо равишҳои якхеларо дар ташаккули таъминоти иттилоотӣ, ки вазъи молиявии субъекти иқтисодиро дар лаҳзаи муайяни вақт инъикос мекунад, истифода мебаранд. Иттилооти муфассал, ки дар доираи яке аз ин низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул ёфтааст, метавонад дар намуди муттаҳидшуда дар низоми дигар истифода шавад. Масалан, маълумоти муфассал дар бораи арзиши аслӣ ва миқдори маҳсулоти фурӯхташуда, ки дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккул ёфтааст, метавонад дар баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун нишондиҳандаи муттаҳидшудаи пулии бузургии арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ба кор бурда шавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ вазъи ҷории фаъолияти субъекти иқтисодиро инъикос карда, бо таҳияи намудҳои гуногуни ҳисоботи идоракунӣ (харҷномаҳо, буҷетҳо, ҷадвалҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ва дигарҳо) ба анҷом мерасад. Иттилооти дар ҳисоботи идоракунӣ инъикосгардида аз ҷониби истифодабарандагони дохилӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут бо баландбардории самаранокии фаъолияти субъекти иқтисодӣ дар доираи марказҳои масъулият, намудҳои маҳсулот, бахшҳои фаъолият ва дигар ҷузъҳо, инчунин барои таҳияи вазифаҳои стратегӣ истифода мешавад. Доираи воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва усулҳои ташаккули иттилооти он нисбат ба ҳамин гуна унсурҳои баҳисобгирии молиявӣ хеле васеъ аст. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ тамоми амалҳои технологии ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ, ки дар баҳисобгирии молиявӣ қабул шудаанд, чун ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ,

батартибдарорӣ, ҷамъбасткунии иттилоот, истифода бурда мешаванд, вале муҳтавои баъзе аз ин амалҳо аз муҳтавои онҳо дар баҳисобгирии молиявӣ тафовут дорад. Масалан, дар ҷамъбасти баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоботи идоракунӣ тартиб дода мешаванд, ки ҳисоботи дохилӣ ба ҳисоб рафта, иттилооти дар онҳо овардашуда танҳо ба истифодабарандагони дохилӣ – менеҷерҳо барои истифода дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ, банақшагирии молиявӣ (буҷетсозӣ) ва назорати фаъолияти корхона, таҳияи сиёсати иқтисодии корхона ҷиҳати стратегия рушд дастрас мебошад. Баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо амалҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), балки инчунин методикаҳои дар соҳаҳои ҳамҷавори фаъолияти идоракунӣ (банақшагирӣ, ояндабинӣ, таҳлил, назорат, амсиласозӣ) истифодашавандаро ба кор мебарад. Баҳисобгирии идоракунии муосир низоми баҳисобгирии хароҷот, низоми нишондиҳандаҳои фаъолият, нархгузории трансфертӣ, буҷетсозӣ, низоми ҳисоботи идоракуниро дар бар мегирад. Вазифаҳои асосии баҳисобгирии идоракунии муосир дар тарҳи содатарин ифода меёбанд: пешниҳоди иттилооти идоракунӣ – таҳлил – банақшагирӣ – ангеза – ҳамоҳангсозӣ – назорат. Дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ченакҳои аслӣ, меҳнатӣ ва арзишӣ, дар баҳисобгирии молиявӣ – танҳо ченакҳои арзишӣ истифода мешаванд.

Баҳисобгирии андоз иттилооти иқтисодиро аз ҳуҷҷатҳои аввалии баҳисобгирии молиявӣ гирифта, онро мувофиқи қоидаҳои дар сиёсати давлатии андоз муқарраршуда ва дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда барои муайян кардани манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва дигар андозҳои низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобкунии дуруст ва пардохти саривақтии онҳо, инчунин омодасозӣ ва ба мақомоти андоз пешниҳод кардани ҳисобот (эъломияҳо)-и андоз истифода мебарад.

Баҳисобгирии андоз дар баробари баҳисобгирии молиявӣ бурда мешавад, зеро заминаи танзими меъёрии ин ду намуди баҳисобгирии муҳосибӣ гуногун аст. Дар корхонаҳои дорои манфиати умум баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ бурда мешавад, дар дигар субъектҳои иқтисодии бахши соҳибкорӣ – дар

асоси низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар корхонаҳои бахши давлатӣ ва муассисаҳои буҷетӣ стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ (СБҲМБД) истифода мешаванд. Танзими умумии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» сурат мегирад. Баҳисобгирии андоз дар тамоми субъектҳои иқтисодӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда мешавад. Дар ин маврид, ҳам дар баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам дар баҳисобгирии андоз танҳо далелҳои аллакай рухдодаи фаъолияти хоҷагидорӣ инъикос карда мешаванд ва онҳо ба муайян кардани нишондиҳандаҳои молиявию андоз ва инъикоси онҳо дар ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз нигаронида шудаанд. Масъалаҳои марбут ба баҳисобгирии андоз метавонанд дар баҳисобгирии идоракунӣ низ баррасӣ шаванд, аз ҷумла барои банақшагирии андоз ва беҳгардонии андозбандӣ. Пешбурди масъалаҳои баҳисобгирии андоз дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ба менеҷменти корхона имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои андозро ба нақша гирад ва назорат кунад, роҳҳои кам кардани онҳоро ҷустуҷӯ ва дарёфт кунад.

Дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳисобот мунтазам дар асоси ҷамъоварӣ ва коркарди доимии иттилоот (ҳар моҳ, семоҳа, сол) бо шаклҳои муқарраршудаи маҳдуд тартиб дода мешавад. Дар баҳисобгирии идоракунӣ шаклҳои гуногуни ҳисоботи дохилӣ метавонанд ҳам мунтазам ва ҳам давравӣ бо мурури зарурат тартиб дода шаванд. Дар баробари ин муҳтавои ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз бо қонунгузорӣ муайян карда шуда, муҳтавои ҳисоботи идоракунӣ дар шакли озод вобаста аз эҳтиёҷоти менеҷмент метавонад иттилооти гуногунро дар бар гирад. Бинобар ин, дар натиҷаи баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳисоботе тартиб дода мешавад, ки шакл ва муҳтавои онҳо ҳам барои корхона ва ҳам барои мақомоти давлатии андоз, сармоягузорон, кредиторон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор пешакӣ муайян буда, риояи талаботи муқарраршуда ҳатмӣ мебошад. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ барои идоракунии дохилии худи корхона зарур буда, шаклҳо, муҳтаво ва тартиби омодасозии ҳисоботи дохилиро худи корхона муайян мекунад.

Барои ташкили баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар корхона бояд тарзҳои баҳодиҳии дороиҳо, уҳдадориҳо, даромадҳо, харочот ва дигар объектҳои баҳисобгирӣ муайян карда шаванд. Тарзҳои мазкур дар сиёсати баҳисобгирии корхона инъикос карда мешаванд, ки дар он барои ҳар як намуди баҳисобгирии бахши алоҳида дар назар дошта мешавад (ҷадвали 3.4).

Ҷадвали 3.4. – Ҷанбаҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар сиёсати баҳисобгирӣ

Ҷанбаҳои сиёсати баҳисобгирӣ
Баҳисобгирии молиявӣ
1. Бахши ташкилию техникӣ
2. Бахши методӣ (тарзҳои баҳодиҳии дороиҳо, уҳдадориҳо ва дигар объектҳои баҳисобгирӣ): тартиби баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, ашё (захираҳои моддӣ); тартиби баҳисобгирии харочот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ; тартиби баҳисобгирии харочот
3. Замимаҳо: - нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалӣ - шаклҳои феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - ҷадвалҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва гузаронидани барӯйхатгириҳо - тартиби автоматикунонии баҳисобгирии молиявӣ - дигар унсурҳои барои ташкили баҳисобгирии молиявӣ зарурӣ
Баҳисобгирии идоракунӣ
1. Бахши ташкилӣ - тартиби пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ - шахсони масъули пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ - ҳуқуқи имзо ба ҳуҷҷатҳо ва феҳристҳои баҳисобгирии идоракунӣ 2. Бахши техникӣ - манбаъҳои иттилоот барои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ - номгӯйи феҳристҳои ҷамъбаскунии иттилоот ва шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ - ҷадвали гардиши ҳуҷҷатҳо ва масъулони марҳилаҳои ҳаракати ҳуҷҷатҳо - муносибати баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ - тартиби инъикоси иттилоот дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - тартиби автоматикунонии баҳисобгирии идоракунӣ 3. Бахши методӣ (тарзҳои баҳодиҳии дороиҳо, уҳдадориҳо ва дигар объектҳои баҳисобгирӣ): тартиби баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, ашё (захираҳои моддӣ); тартиби баҳисобгирии харочот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ; тартиби баҳисобгирии харочот
Баҳисобгирии андоз
1. Ташкили баҳисобгирии муҳосибии тафриқавӣ аз рӯйи намудҳои фаъолият 2. Ташкили баҳисобгирии муҳосибии алоҳида аз рӯйи низомҳои андозбандии дар корхона истифодашаванда 3. Тартиб, принсипҳои ташкили баҳисобгирии андоз аз рӯйи намудҳои фаъолият 4. Шаклҳои феҳристҳои таҳлилии баҳисобгирии андоз 5. Ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо 6. Тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва феҳристҳои баҳисобгирии андоз ва ҳисоботи андоз

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ба баҳисобгирии молиявӣ мақоми муайянкунанда ҷудо карда шудааст: ҳам баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам баҳисобгирии андоз дар асоси иттилооти дар баҳисобгирии молиявӣ ташаккулёфта роҳандозӣ карда мешаванд. Ба туфайли баҳисобгирии молиявии дар субъекти иқтисодӣ дуруст роҳандозишуда ҳадафҳои асосии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба даст меоянд, аз қабили:

- ташаккули иттилооти пурра ва саҳеҳ оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии воқеии он;

- таъмини иттилооте, ки истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ ба хотири пешбурди назорати риояи қонунгузорӣ, мавҷудият ва ҳаракати дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхона ба он ниёз доранд;

- пешгирии натиҷаҳои номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаккули захираҳои дохилихоҷагӣ, ки метавонанд барои таъмини устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии минбаъдаи корхона мусоидат кунанд.

Баҳисобгирии молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои ташаккули иттилооти молиявӣ оид ба фаъолияти корхона, вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии он саҳми асосӣ гузошта, ба туфайли фаъолияти якҷоя бо дигар намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба таъмини иҷрои вазифаҳои асосӣ ва ҳосилавии баҳисобгирӣ муҳосибӣ мусоидат мекунад (расми 3.4).

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамзамон дар доираи баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз амалӣ карда мешаванд. Дар доираи иҷрои вазифаи иттилоотӣ ҳамчун вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии молиявӣ иттилоотро оид ба мавҷудият ва ҳаракати дороиҳои корхона ва манбаъҳои ташаккули онҳо, оид ба фаъолияти ҷорӣ - амалиёти гирифтани даромад ва анҷом додани хароҷоти дахлдор ва натиҷаҳои молиявии он бунёд мекунад. Ҳиссаи бештари қарорҳои идоракунии фаврӣ ва ояндабинии фаъолияти корхона дар асоси маҳз ҳамин иттилоот таҳия карда мешаванд.



Расми 3.4. - Вазифаҳои асосӣ ва ҳосилавии баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии корхона

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ба хотири таъмини иҷрои талаботи асосӣ ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, аз қабили саҳеҳӣ, воқеъбинона, саривақтӣ, фаврӣ, холисона ва беғараз будан, дар доираи баҳисобгирии молиявӣ якчанд амалҳое анҷом дода мешаванд, ки на танҳо ба ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, батартибдарорӣ ва ҷамъбасти иттилоот, балки инчунин ба иҷрои вазифаҳои назоратӣ ва таҳлилӣ тааллуқ доранд. Бо анҷом додани вазифаи назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ асоснокии иқтисодии амалиёти хоҷагидории дар корхона рухдиҳанда, ҳуқуқи корхона ба ихтиёрдории дороиҳо, масъулияти он барои иҷрои уҳдадориҳои худ тасдиқ ва ҳифзи амволи корхона таъмин карда мешавад. Шарти зарурии иҷрои вазифаи назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ саҳеҳии иттилооти дар доираи баҳисобгирии молиявӣ ташаккулёбанда мебошад. Бо истифодаи ин иттилоот се намуди назорат дар корхона амалӣ карда мешавад: назорати пешакӣ (то лаҳзаи рух додани амалиёти хоҷагидорӣ), назорати ҷорӣ (ҳамзамон бо рухдиҳии амалиёти хоҷагидорӣ) ва назорати минбаъда (пас аз анҷоми амалиёти хоҷагидорӣ). Вазифаи таҳлилии баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути гузаронидани таҳлили ҷорӣ ва арзёбии

самаранокии истифодаи захираҳо, ба ҷо овардани хароҷот, ташаккули арзиши аслӣ ва нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда анҷом дода мешавад.

Вазифаи ҳифзи дороиҳои корхона аз вазифаи назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ бармеояд ва бо иҷрои он истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатии дар корхона мавҷудбуда таъмин мегардад. Барои иҷрои муносиби вазифаи мазкур корбурди меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи истифодабарии захираҳо, инчунин иҷрои муносиби вазифаҳои иттилоотӣ ва назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст.

Дар доираи иҷрои вазифаи бозгашти иттилоот (алоқаи баръакс) низоми баҳисобгирии муҳосибӣ маълумотро дар бораи амалиёти хоҷагидорӣ аз ҷойҳои рухдиҳии онҳо гирифта, аз санҷиш мегузаронад, коркард ва ҷамъбаст мекунад. Маълумот дар бораи камбудиҳои дар фаъолияти хоҷагидории корхона ошкоршуда ба роҳбарон ва менеҷерҳои дахлдори воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ расонида мешавад, ки хадамоти муҳосибӣ метавонад бо ворид шудани маълумоти нав аз воҳидҳои сохтории дахлдор самаранокии ин қарорҳои идоракуниро арзёбӣ кунад.

Иҷрои вазифаҳои ҳосилавӣ ба доираи вазифаҳои ҳар як намуди алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ мансубанд. Аз ҷумла вазифаи ояндабинӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб рафта, ба рушди минбаъдаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва молиявии корхона нигарон аст. Дар баҳисобгирии молиявӣ вазифаи танзимкунӣ муҳим буда, ба пешбурди оқилона ва ба даст овардани самаранокии баланди фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона нигарон аст. Вазифаи танзими ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ амалисозӣ ва нигориши ҳуҷҷатии амалиёт ва равандҳои хоҷагидориро бо риояи қатъии меъёрҳо ва муқаррароти танзимкунандаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин мекунад.

Аз сабаби он ки баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз унсурҳои ҳатмии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ мебошанд ва онҳо аз ҷониби давлат тавассути қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, барои роҳ додан ба камбудиҳо дар пешбурди ин

намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва рух додани амалҳои қонуншиканӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ мешавад. Аз ин ҷост, ки баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун унсури ҳатмии баҳисобгирии муҳосибӣ аз лаҳзаи таъсиси субъекти иқтисодӣ то лаҳзаи барҳамдиҳӣ ё бо дигар роҳи қонунӣ қатъ гардидани фаъолияти он беист бурда шуда, тамоми амалиёти хоҷагидории корхонаро ба таври саросарӣ фаро мегирад.

Мутобиқи моддаи 674 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қасдан саркашӣ кардани шахси масъули пешбурди баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (сармуҳосиб) ё роҳбари корхона аз ҳуҷҷатнигории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд, ё ворид кардани маълумоти таҳрифшуда ба ҳуҷҷатҳои аввалӣ ва ҳисоботи молиявӣ, муҳосибӣ ва оморӣ оид ба фаъолият ё амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят ба андозаи аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (дар соли 2025 аз 2250 сомонӣ то 3000 сомонӣ) ҷарима муқаррар шудааст [121].

Моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашӣ аз пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз 8 то 10, ба шахсони мансабдор аз 40 то 50, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд ва шахсони ҳуқуқӣ аз 150 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷаримаро муқаррар кардааст. Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосибӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосибӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосибӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз 40 то 50, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд ва шахсони ҳуқуқӣ аз 150 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Дар раванди истеҳсолот арзиши захираҳои истифодашуда ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсол ва фурӯхташуда мубаддал мегардад, маблағи (даромад аз) фурӯши маҳсулот ташаккул меёбад, ки ин натиҷаи ниҳойии фаъолияти субъекти иқтисодӣ – фоида ё зарарро таъмин мекунад. Иттилооти мазкур объекти на танҳо баҳисобгирии молиявӣ, балки инчунин объекти баҳисобгирии андоз – барои ҳадафҳои ҳисобкунии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин маврид, баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) меҳвари баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Равишҳои баҳисобгирии объектҳо дар ҳар як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ тафовут доранд. Масалан, баҳисобгирии молиявии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ (дороиҳои дарозмуҳлат) ба инъикоси таркиби онҳо, воридшавӣ, ҷойивазкунии дохилӣ ва хориҷшавӣ, баҳисобгирии истеҳлок асос меёбад. Ҳангоми баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ таркиби объектҳои онҳо, аломатҳои сифатӣ, вазъ, самаранокӣ ва истифодаи онҳо, инчунин дигар паҳлуҳои барои идоракунӣ муҳими дороиҳои дарозмуҳлат муфассал омӯхта мешавад.

Барои ҳамаи намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, баҳисобгирии андоз) равандҳои дар онҳо инъикосшаванда таъминот, истеҳсол ва фурӯш мебошанд, ки гирдгардиши захираҳои гуногуни корхонаро тавсиф медиҳанд. Тафовути баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз аз ҳадафҳо ва танзимкунии меъёрии онҳо муайян мегардад. Аз ин метавон хулоса бароварда, ки дар байни ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тафовути назаррас мавҷуд мебошад. Ҳадафи баҳисобгирии молиявӣ – ташаккули ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки барои ин ҷанбаи миқдории ҳамаи объектҳои баҳисобгирӣ дар фаъолияти субъекти иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Ҳадафи баҳисобгирии идоракунӣ таҳияи тавсияҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ буда, барои ин аломатҳои сифатӣ, самаранокии корбурди объектҳои баҳисобгирӣ баррасӣ мешаванд. Дар баҳисобгирии молиявӣ ҳама далелҳои фаъолияти хоҷагидории субъекти иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ инъикос мегарданд, дар баҳисобгирии идоракунӣ – танҳо ҳиссаи онҳо, ки аз эҳтиёҷоти

иттилоотии роҳбарият ва менеҷменти субъекти иқтисодӣ муайян мегардад. Баҳисобгирии андоз амалиёти хоҷагидориро қатъиян аз нигоҳи андозбандӣ баррасӣ мекунад. Ана ҳамин тавр тафовути асосии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, намудҳои баррасишудаи баҳисобгирии муҳосибӣ алоҳида вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо ҳамдигарро пурра карда, фаъолияти худро дар доираи умумии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ идома медиҳанд.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз самтҳои ҳатмии баҳисобгирии муҳосибӣ буда, ташаккули ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз, инчунин пардохти андозҳоро таъмин мекунанд. Баҳисобгирии молиявӣ асос барои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад, ки иттилооти заруриро барои анҷом додани таҳлил ва инъикос кардани маълумот дар ҳисобот таъмин мекунад. Баҳисобгирии идоракунӣ барои муайян кардани роҳҳои самараноктарини рушди субъекти иқтисодӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он зарур аст. Бинобар ин, барои фаъолияти ҳарчӣ самараноктари субъекти иқтисодӣ ва барои инъикоси саҳеҳ ва пурраи маълумот дар бораи даромадҳо ва хароҷот, оид ба натиҷаҳои молиявӣ ва дигар объектҳо, барои саривақт пешниҳод кардани ҳисобот ба мақомоти назоратӣ, барои таҳлил ва ояндабинии рушди молиявии минбаъдаи корхона бояд ҳамзамон ҳама се намуди баҳисобгирии муҳосибӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз зарур аст.

Ҳоло, тавре баъзе муҳаққиқон соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ таъкид мекунанд, зарурати ҳамгиросозии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз ба миён омадааст. Аз ҷумла Д.А. Розиев ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии ҳамгироро тавсия медиҳад. Ба андешаи ӯ, «баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро се самти баҳисобгирии муҳосибӣ – баҳисобгирии молиявӣ, худи баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дарбар мегирад, ки бояд аз маркази ягона ҳамоҳангсозӣ шаванд ва дар ниҳоят аз диди ҳалли масъалаҳои идоракунии умумии фаъолияти корхона баррасӣ шаванд» [262, с. 27]. Аз нигоҳи муҳаққиқ дар меҳвари низоми ҳамгирои

баҳисобгирии муҳосибӣ ҳадафҳои идоракунӣ аз нигоҳи баҳисобгирии идоракунӣ меистад, барои ҳамин ҳам, ӯ баҳисобгирии муҳосибии ҳамгироро ҳамчун «баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро» ном мебарад. Баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро, ки Д.А. Розиев ташкили онро дар корхонаҳои истеҳсолӣ тавсия медиҳад, дар баробари амалҳои ҷамъоварӣ ва коркард инчунин таҳлили иттилоотро дар бар мегирад, ки бо ин дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳалли масъалаҳои идоракунии стратегии корхона низ таъмин мегардад.

У.Ф. Ғаниев қайд мекунад, ки «дар доираи амсилаи баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро ҳудудҳои баҳисобгирии молиявии хароҷот, таҳлили молиявии дар асоси ҳисоботи молиявӣ бурдашаванда, баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва таҳлили идоракунии дар асоси ҳисоботи идоракунӣ бурдашаванда ба таври возеҳ ҷудо карда мешаванд. Ҳамчунин бояд гузаронидани таҳлили берунӣ дар асоси иттилооти аз берун воридшаванда ва ҳам иттилооти дар худи низом таҳияшаванда пешбинӣ карда шавад» [55, с. 71]. Низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро, ки муаллиф пешниҳод мекунад, ҳамчун «баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро» номбар мешавад, вале дар ин маврид, иттилооти дар баҳисобгирии идоракунӣ истифодашаванда дар пояи баҳисобгирии молиявӣ бо дарназардошти таъмини фаврияти баҳисобгирии таҳлилии дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ бурдашаванда ташаккул меёбад. Бинобар ин, ӯ пешниҳод мекунад, ки дар сиёсати баҳисобгирии муҳосибии корхона бояд методикаҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ низ муқаррар карда шаванд. Бо татбиқи чунин амсилаи баҳисобгирии муҳосибии ҳамгиро дар корхона имконияти татбиқи таҳлили молиявӣ дар асоси ҳисоботи молиявӣ, таҳлили дохилии идоракунӣ дар асоси иттилооти ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили берунӣ дар асоси ҳисоботи молиявӣ ва ҷалби иттилоти зарурӣ аз берун фароҳам меояд.

Ҳоло аз ҷониби олимон ва мутахассисони хориҷӣ баъзе ҷиҳатҳои методии ҳамгиросозии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудаанд. Масалан, дар нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои субъектҳои иқтисодии Федератсияи Россия ҳисобҳои махсус барои ҷамъбаст кардани

нишондиҳандаҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсоли маҳсулот ҷудо карда шудаанд. Ҳамчунин «зерҳисобҳои зинаҳои гуногун барои ҳисобҳои таркибии баҳисобгирии молиявӣ ба хотири беҳгардонии хизматрасонии иттилоотии сохторҳои гуногуни идоракунӣ, ҳифзи сирри тиҷоратӣ оид ба сатҳи хароҷоти истеҳсол, даромаднокии намудҳои алоҳидаи маҳсулоти меҳнат пешниҳод карда шудаанд» [168, с. 11]. Дар ин маврид пешниҳоди олимон ва мутахассисон дар бораи маҳдуд кардани соҳаи баҳисобгирии молиявии хароҷот бо гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи ҷузъҳо ва баррасии тартиби ҷамъбасткунии хароҷот аз рӯйи моддаҳо бо дарназардошти маконҳои пайдошавии хароҷот ва марказҳои масъулияти молиявӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ мароқангез аст.

Муҳаққиқи рус Л.А. Зимакова се тарзи пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракуниро, ки аз ҷониби баъзе муҳаққиқон тавсия дода шудаанд, таҳлил ва арзёбӣ мекунад [82, с. 26]: а) пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар ҳисобҳои муҳосибӣ бо истифодаи навишти дутарафа ва баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳисобҳои алоҳида бо усули навишти сода; б) пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар ҳисобҳои муҳосибӣ бо истифодаи навишти дутарафа ва баҳисобгирии идоракунӣ – бе истифодаи ҳисобҳо дар шакли ҷадвалҳо; в) пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ бо такя ба асоси ягонаи методологӣ: навишти дутарафа, усули ҳисобузамкунӣ, муҳимӣ, бартарии муҳтаво аз шакл ва дигар принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар ин маврид ӯ қайд мекунад, ки тарзи пешбурди баҳисобгири идоракунӣ бо усули навишти сода эҳтимоли пайдо шудани хатоҳоро зиёд ва сифати назоратро паст мекунад, маълумот санҷидашаванда аст, аммо назорат кардан душвор аст; истифодаи ҷадвалҳо ба ҷойи ҳисобҳо ташаккули миқдори хеле зиёди иттилоотро дар доираи баҳисобгирии молиявӣ талаб мекунад, бинобар ин, дастрасии чунин иттилоот мушкилоти ҳифзи онро ба миён меорад. Норасоии маълумот дар баҳисобгирии молиявӣ зиёд намудани вақтро барои дастрас кардани ин иттилоот аз ҳуҷҷатҳои аввалӣ талаб мекунад. Бинобар ин, муҳаққиқ корбурди тарзи сеюми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ – истифодаи асоси ягонаи методологиро тавсия медиҳад.

Ҳамин тариқ, ташаккули низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ барои субъектҳои иқтисодӣ гирифтани иттилооти заруриро барои идоракунии тамоми самтҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории онҳо таъмин мекунад. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун низом бояд танҳо дар робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳамгироии намудҳои алоҳидаи худ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз баррасӣ карда шавад, зеро танҳо дар чунин шароит низоми пурра, ягона ва ҳамаҷонибаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ бунёд шуда ва рушд карда метавонад.

Хулосаҳо оид ба боби 3

1. Нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар таъмини шаффофӣ ва асоснокии қарорҳои идоракунии субъектҳои иқтисодӣ. Баҳисобгирии муҳосибӣ асоси фаъолияти пурсамари корхонаҳо буда, барои қабули қарорҳои идоракунӣ иттилооти муҳимро фароҳам меорад. Саҳеҳӣ ва саривақтии иттилооте, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ба роҳбарият ва истифодабарандагони берунӣ, аз қабили сармоягузорон, кредиторон ва муассисаҳои давлатӣ медиҳад, барои банақшагирӣ ва идоракунии муассир муҳим аст. Бо дарназардошти шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии муҳити берунӣ нақши баҳисобгирии муҳосибӣ меафзояд, зеро сифати он ба қабули қарорҳои асоснок оид ба масъалаҳои идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ, хароҷот, даромад ва андозбандӣ бевосита таъсир мерасонад.

2. Талаботи афзоянда ба таҷдид ва такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ дар ҷаҳон талабот ба иттилооти молиявии баландсифат ва мубрам меафзояд. Таҳдидҳои муосир аз низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо дурустӣ, саҳеҳӣ ва саривақтии маълумот, инчунин мутобиқ шудан ба стандартҳои байналмилалиро низ тақозо мекунанд. Ин талабот хусусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мебошанд, зеро мамлакат дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии берунӣ ва дохилӣ бояд

низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии худро такмил диҳад, то ки он ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқат ва ба беҳсозии ҷараёнҳои молиявӣ мусоидат кунад.

3. Гуногуншаклии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши онҳо дар идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ. Ҷанбаи муҳими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се намуди асосии баҳисобгирии муҳосибӣ - молиявӣ, идоракунӣ ва андоз тақсим шудани он мебошад. Ҳар яке аз ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳадафҳо ва истифодабарандагони гуногун нигаронида шудааст. Баҳисобгирии молиявӣ барои ташаккули ҳисоботи берунӣ иттилоот медиҳад, ки он барои сармоягузорон, кредиторон ва мақомоти давлатӣ зарур аст. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун восита барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти дохилии корхона хизмат карда, қабули қарорҳои идоракунии фавриро дастгирӣ мекунад. Баҳисобгирии андоз, дар навбати худ, ба ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо, бо риояи талаботи қонун таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Чунин ҷудокунии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои молиявии корхона ҳарчӣ муассир идора карда шуда, беҳсозии онҳо дар доираи равандҳои молиявии дохилӣ ва берунӣ таъмин карда шавад.

4. Муҳимияти аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ барои соҳибкории хурду миёна. Дар шароити ноустувори қонунгузории андоз ва вазъи душвори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ба як абзори муҳими соҳибкории хурду миёна табдил меёбад. Истифодаи аутсорсинг ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки хароҷоти нигоҳдории хадамоти муҳосибиро кам кунанд, хавфҳои марбут ба хатоҳои баҳисобгирии муҳосибиро ба ҳадди ақал расонанд ва диққатро бештар ба рушди тиҷорати асосии худ тамаркуз кунанд. Ба ин васила корхона аз хароҷоти изофӣ барои такмили технология ва омӯзиши кормандон канорагирӣ карда, сифати баландтари пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, риояи талаботи андоз ва қонунгузории амлакунандаро таъмин мекунад.

5. Раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоте, ки низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба он дучор шудааст. Ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз охири солҳои 1990 шуруъ шуда, ба мутобиқ гардонидани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Сарфи назар аз пешрафти назаррас, раванди ислоҳот ба як қатор мушкилот дучор мешавад. Аз ҷумла, санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ на ҳамеша ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ пурра мувофиқат мекунанд, ки ин ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ мушкил мекунад. Ғайр аз ин, мушкилоти омодасозии кормандон, нарасидани мутахассисони баландихтисос ва муҷаҳҳазонии пасти технологии идоракунии корхонаҳо раванди ҷорӣ намудани усулҳои муосири баҳисобгирии муҳосибиро суст мекунанд.

6. Зарурати такмил додани пойгоҳи меъёрӣ барои мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ. Сарфи назар аз қабули як қатор санадҳои меъёрӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз бо рушди нокифояи пойгоҳи меъёрӣ рӯбарӯ аст. Қоидаҳо ва стандартҳои мавҷуда на ҳамеша ба талаботи СБҲМ мувофиқат мекунанд, ки ин ҳамоҳангсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро бо стандартҳои байналмилалӣ мушкил месозад. Тавсия дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳо ва расмиёти наве, ки хусусиятҳои иқтисодиёти миллиро ба назар гиранд ва ҳам ба талаботи байналмилалӣ мувофиқ бошанд, таҳия карда шаванд, ки онҳо ба беҳтар шудани сифати баҳисобгирии муҳосибӣ ва баланд бардоштани шаффофии ҳисоботи молиявӣ мусоидат хоҳанд кард.

7. Норасоии мутахассисони баландихтисос ва таъсири он ба раванди ислоҳот. Яке аз мушкилоти асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нарасидани кормандони соҳибихтисос мебошад. Набудани мутахассисони дорои донишҳои амиқ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии байналмилалӣ монеаи ҷиддӣ барои дар амали татбиқ намудани СБҲМ мебошад. Ин монеа ҳамчунин корбурди нармафзор ва технологияҳои

иттилоотии муосирро душвор гардонда, раванди ислоҳотро суст мекунад. Барои анҷоми бобарори ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ на танҳо низоми таҳсилот ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи муҳосиботро такмил додан, инчунин роҳандозӣ намудани тадбирҳо барои ҷалби мутахассисон ва коршиносони хориҷӣ низ лозим аст.

8. Мушкилоти корбурди муносиби нармафзор ва зарурати навсозии он. Нармафзори мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар вақт ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест ва наметавонад барои гузариш ба СБҲМ мадади муассир кумак кунад. Ин автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибиро душвор мегардонад ва саҳеҳии иттилооти ҳисоботи молиявиро паст мекунад. Барои бомуваффақият амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд нармафзори компютерии замонавие ҷорӣ карда шавад, ки ба талаботи байналмиллалӣ ҷавобгӯ буда, пешбурди ҳамгирои тамоми намудҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар субъектҳои иқтисодӣ таъминкунад. Чунин тадбирҳо равандҳои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибиро беҳтар намуда, ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ суръат мебахшанд, дақиқӣ ва саҳеҳии иттилооти молиявиро зиёд мекунанд.

9. Аҳамияти баҳисобгирии молиявӣ барои ташаккули ҳисоботи берунӣ. Баҳисобгирии молиявӣ асоси ташаккули ҳисоботи берунӣ мебошад, ки воситаи муҳими ҳамкорӣ бо истифодабарандагони берунӣ, аз қабили сармоягузорон, кредиторон, мақомоти давлатӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мебошад. Ҳисоботи молиявӣ манбаи асосии иттилоот барои арзёбии вазъи молиявии корхона мебошад, бинобар ин, ташкили дурусти баҳисобгирии молиявӣ барои таъмини шаффофӣ ва эътимоди истифодабарандагони берунӣ хеле муҳим аст.

10. Ҳамгироии намудҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ ва аҳамияти он барои идоракунии ҳамаҷониба. Муносибати байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз барои ташкили низоми босамара ва ҳамаҷонибаи баҳисобгирии муҳосибӣ муҳим аст. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун асос барои ташаккули ҳисоботи берунӣ хизмат мекунад, баҳисобгирии идоракунӣ идоракунии фаврии корхонаро таъмин мекунад ва

баҳисобгирии андоз барои риояи қоидаҳо ва уҳдадориҳои андоз масъул аст. Ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба зиёд шудани дақиқӣ ва саҳеҳии иттилоот мусоидат мекунанд, ки ин дар навбати худ хавфи хатоҳоро кам карда, идоракуниро такмил медиҳад.

11. Нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона. Баҳисобгирии идоракунӣ дар қабули қарорҳои фаврӣ дар сатҳи корхона нақши калидӣ дорад. Ин намуди баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооте лозим аст, ки бевосита ба қабули қарорҳои идоракунӣ дар фаъолияти ҷории корхона таъсир мерасонанд. Истифодаи маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ба роҳбарият имкон медиҳад, ки ба тағйироти муҳити берунӣ ва дохилӣ зуд вокуниш нишон диҳад, хароҷот ва даромадро назорат кунад, ояндабинӣ ва банақшагирии рушди минбаъдаи корхонаро ба ҷо орад.

12. Муносибати ҳамаҷониба ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун омили асосии устувории молиявии корхона. Барои фаъолияти бобарори корхонаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд муносибати ҳамаҷониба ба пешбурди ҳамаи намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - молиявӣ, идоракунӣ ва андоз таъмин карда шавад. Танҳо тавассути ҳамкории мутақобилаи ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, кам кардани хавфҳо ва идоракунии босамари корхонаҳо имконпазир аст. Ташкили ҳамаҷонибаи баҳисобгирии муҳосибӣ барои мутобиқ шудан ба тағйирот дар муҳити берунӣ, банақшагирии муассири ҷараёнҳои молиявӣ ва таъмини устувории молиявии дарозмуҳлат мадад мекунад.

Ҳамин тариқ, ташкил ва ҳамгироии самараноки намудҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои асосии фаъолияти бобарори низоми молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ мебошад. Ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ, беҳтар намудани омодагии касбии кормандон ва навсозии нармафзори муҳосибӣ ба афзоиши шаффофӣ ва самаранокии баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти махсус дорад. Такмили сиёсати баҳисобгирӣ ва шаклҳои ҳисобот имкон медиҳад, ки на танҳо сифати иттилооти молиявӣ баланд бардошта шавад, балки қиёспазирии он дар сатҳи байналмилалӣ низ таъмин карда шавад. Ин, дар навбати худ, имконияти ҷалби сармояи хориҷиро васеъ намуда, ба арзёбии воқеъбинонаи хавфҳо ва устувории корхонаҳо мусоидат намуда, сатҳи эътимоди истифодабарандагони берунии ҳисоботи молиявиро баланд мебардорад.

Инчунин бояд ба назар гирифт, ки раванди муттаҳидсозии зернизомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла навсозии ҳам сохтори ташкилии хадамоти муҳосибӣ ва ҳам равишҳои таълими касбии кормандонро талаб мекунад. Танҳо дар сурати рушди муназзами инфрасохтори баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккули муҳити устувор ва рақобатпазири баҳисобгирии молиявӣ, ки қодир ба талаботи иқтисодиёти муосир бошад ва ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат кунад, имконпазир аст.

БОБИ 4. ТАҲЛИЛИ КОРБУРДИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

4.1. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва имконияти корбурди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҷрибаи ҷаҳонии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои иқтисодии бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки дигар шудани вазъи иқтисодӣ дар мамлакат ба зарурати дигар кардани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ боис мешавад. Ҳамзамон бо дигаршавии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ низ дигар мешаванд. Барои ташкили низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибии мутобиқ ба шароити иқтисодиёти бозории муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи сармоягузорон, ки истифодабарандаи асосии иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдшаванда мебошанд, субъектҳои иқтисодӣ водор мешаванд, ки ҳисоботи молиявии худро дар асоси қоидаҳои умумие тартиб диҳанд, ки иттилооти дар он пешниҳодшаванда барои тамоми ҷонибҳои аз натиҷаҳои фаъолияти онҳо манфиатдор фаҳмо бошад. Дар ин маврид, дар ҳисоботи молиявӣ бояд танҳо иттилооти саҳеҳ ва босифат оварда шавад, вагарна он наметавонад нишондиҳандаҳои вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъекти иқтисодиро, ки истифодабарандагон маҳз ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, воқеъбинона инъкос кунад ва барои қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон муфид бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки иқтисодиёти он зиёда аз се даҳсола дар шароити бозор пеш меравад ва солҳои охир ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳамроҳ шудааст, бо андӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ талабот ба ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтанд, ки бо риояи онҳо нафънокии баланди нишондиҳандаҳои дар ҳисоботи молиявӣ инъикосшаванда барои қабули қарорҳои иқтисодӣ метавонад таъмин гардад.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ботадриҷ ба ташаккули бозори ҷаҳоние меоранд, ки барояш ҳудудҳои миллӣ вуҷуд надоранд. Корпоратсияҳои байналмилалии дорои корхонаҳои худ дар мамлакатҳои мухталиф таъсис ёфта ва бомуваффақ амал мекунанд. Ин ва дигар омилҳо заминаи пайдошавии низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси ҷаҳонӣ - стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (СББМ) - International Accounting Standards (IAS) гардиданд.

Мақомоти таҳиякунандаи стандартҳои байналмилалӣ - КСББМ) бо бошишгоҳи худ дар шаҳри Лондон 29 июни соли 1973 аз ҷониби ташкилотҳои муҳосибони касбии Австралия, Англия, Олмон, ИМА, Ирландия, Канада, Мексика, Фаронса, Ҳоланд, Ҷопон созмон ёфта буд. Кумита ташкилоти хусусии бе салоҳияти қонунгузорӣ буда, аз мақомоти давлатӣ ва дигар сохторҳои ҳукуматӣ вобастагӣ ҳам надошт.

Ҳамзамон ФБМ ташкил гардид, ки ташкилотҳои муҳосибии тамоми ҷаҳонро муттаҳид мекунад. Ин ташкилот ҳам мустақил буда, аз ягон ҳукумат ё мақомоти давлатӣ вобаста нест. Мақсади фаъолияти он – рушд додани дараҷаи касбии муҳосибони мамлакатҳои мухталиф дар асоси ҳамоҳангсозии умумиҷаҳонӣ ва ягонакунии стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Дар моҳи декабри соли 1998 КСББМ барномаи омодакунии стандартҳои асосиро ба анҷом расонид. Комиссияи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои ИМА - The United States Securities and Exchange Commission (US SEC) стандартҳои асосиро таҳлил намуда, оид ба ин дар моҳи феврали соли 2000 хулосаи худро изҳор кард.

Дар аввали солҳои 2000-ум зиёда аз 50 мамлакати бузург нақшаи махсуси гузариш ё наздиккунии принсипҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиашонро бо СББМ қабул намуданд. Иттиҳоди Аврупо ширкатҳоеро, ки коғазҳои қиматнокашон дар биржаҳои аврупоӣ додугирифт мешаванд, водор намуд, ки аз соли 2005 шуруъ карда СББМ-ро ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии муттаҳидшудаи худ истифода баранд.

Моҳи апрели соли 2001 КСББМ ба Фонди кумитаи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (ФКСББМ) – International Accounting Standards Committee foundation (IASCF) табдил ёфт. Аз соли 2010 ин ташкилот ФСБҲМ (IFRSF) ном гирифт ва худи стандартҳо бо ифодаи IFRS нашр мешаванд.

ФСБҲМ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, дар иёлати Деловери ИМА ба қайд гирифта шудааст. Бошишгоҳи фонд дар шаҳри Лондон ҷойгир аст. Мақсади ФСБҲМ ин аст:

- барои манфиати ҷамъиятӣ таҳия намудани бастаи ягонаи стандартҳои умумиҷаҳонии баландсифат, оммафаҳм ва татбиқпазири ҳисоботи молиявие, ки пешкашкунии иттилооти баландсифат, шаффоф ва қиёспазирро дар ҳисоботи молиявӣ талаб мекунанд;

- пешбарии татбиққунӣ ва назорати риоякунии ин стандартҳо;

- ҳамкорӣ бо мақомоти миллии барои таҳия ва татбиққунии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ масъул ба хотири ҳарчӣ бештар наздиккунии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷаҳон.

ФСБҲМ-ро асосан ширкатҳои аудитории калонтарини ҷаҳон – «чоргонаи бузург» (PricewaterhouseCoopers, Deloitte, Ernst & Young, KPMG), ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мекарданд.

СБҲМ - дастурамалҳо оид ба тартиби омодакунӣ ва пешкашкунии ҳисоботи молиявӣ ва низоми баҳисобгирии дар миқёси байналмилалӣ амалкунанда буда, аксари корхонаҳои ҷаҳон ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии худ ба онҳо такя мекунанд. Онҳо тавсияшаванда мебошанд. На ФСБҲМ ва на ҷамъиятҳои муҳосибон ваколат надоранд, ки истифодаи ҳамагонаи СБҲМ-ро талаб кунанд. Ин стандартҳо ба он хотир истифода мешаванд, ки дар тамоми ҷаҳон мақомоти танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ онҳоро эътироф кардаанд. Истифодаи СБҲМ ба корхонаҳо имкон фароҳам меорад, ки ба бозори байналмилалии сармоя ворид шаванд.

Матни расмии тасдиқгардидаи СБҲМ нашри он бо забони англисӣ мебошад. Вале тарҷумаҳо ба дигар забонҳо (русӣ, немисӣ, чинӣ, испанӣ ва дигарҳо) бо сарпарастии ФСБҲМ низ ҳамчун нашрҳои расмӣ ба ҳисоб мераванд.

СБҲМ доимо мукаммал мегарданд. Солҳои охир фаъолияти сермаҳсули ФСБҲМ вобаста ба бозбинии стандартҳои пешин ва таҳияи стандартҳои нав мушоҳида мешавад. Дар натиҷа ба аксари стандартҳои пешин тағйирот ворид гардида, ба ҳолати имрӯз 17 адад стандарти нав бо ифодаи IFRS ба ҷойи ифодаи пешини IAS ба нашр расидаанд.

Бар асари омилҳои иқтисодӣ баъзе стандартҳои миллӣ ба СБҲМ таъсири қавӣ расонидаанд. Хоса ин ба стандартҳои муҳосибии амрикоии US GAAP дахл дорад. Ин аз сабабест, ки сармояи амрикоӣ ҳиссаи муҳими бозори ҷаҳониро ишғол кардааст ва корхонаҳои зиёде ба хотири баромадан ба бозори амрикоии сармоя ҳисоботи молиявии худро дар асоси СБҲМ тартиб медиҳанд.

Рисолати СБҲМ аз ҳалли чунин се масъалаи асосӣ дар миқёси ҷаҳонӣ иборат мебошад: «1) ягонакунӣ (унификатсия) ва ҳамоҳангсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ; 2) ҷамъбасткунии таҷрибаи корбурди низомҳои нисбатан рушдёфтаи баҳисобгирии муҳосибӣ; 3) такмили раванди ташаккули ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ» [67, с. 63]. Дар интишороти хориҷӣ ҳатто баъзе муаллифон қонибдорӣ менамоянд, ки «СБҲМ дар мамлакатҳои алоҳида бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ба таркиби меъёрҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ворид карда шаванд» [233; 234]. Амалияи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки корхонаҳои миллии рӯ ба сармояи хориҷӣ оварда рушд ёфта, мавқеъи худро дар бозор устувор менамоянд, вазъи молиявии онҳо беҳтар мегардад. Бо дарназардошти ин, дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» дар таркиби талаботи асосӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ талаботи дахлдор ворид карда шудааст, ки субъектҳои дорои манфиати умумро барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар асоси СБҲМ водор мекунад. Ҳамаи дигар субъектҳои

иқтисодӣ бо салоҳдиди худ метавонанд стандартҳои (қоидаҳои) миллӣ ё СБҲМ-ро барои ин мақсад интихоб кунанд.

Дарвоқеъ, яке аз омилҳои муҳимтарини ба сармояи хориҷӣ роҳ ёфтани корхонаҳои миллӣ – пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ мутобиқи қоидаҳои СБҲМ мебошад. СБҲМ – «ин забони байналмиллалии молия ва баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки барои ҳама истифодабарандагони манфиатдори салоҳиятдор новобаста аз маълумоташон фаҳмо аст. Ин пулест, ки касони дар ҷустуҷӯи сармоя бударо бо сармоягузорони эҳтимолӣ, кредиторони хориҷӣ мепайвандад» [38, с. 201].

Шароити амал дар бозори кушоди ҷаҳонӣ корхонаҳои тиҷоратии миллиро водор менамояд, ки рӯ ба сармояи хориҷӣ оваранд, бо корхонаҳои хориҷӣ додугирифт кунанд, усулҳои нави идоракунии дар таҷрибаи байналмилалӣ ҷойдоштаро дар фаъолияти худ роҳандозӣ кунанд. Вале на ҳамаи роҳбарони корхонаҳои миллӣ ба муҳимии ин масъала сарфаҳм мераванд. Ҳатто ҳолатҳое дучор мешаванд, ки барои ба даст овардани манбаъҳои молиявии иловагӣ муҳосибон ва роҳбарони корхонаҳо ҷаҳд мекунанд, то ҳисоботи молиявии худро сохтакорона ва рӯякӣ ба СБҲМ мутобиқ вонамуд карда, ба истифодабарандагон пешкаш намоянд. Дар ин маврид ба онҳо ташкилотҳои аудиторӣ низ «хизмат» мерасонанд. Дар натиҷа вазъи молиявии корхона нодуруст пешкаш карда мешавад, ки барои он оқибати хуб намеорад.

Омӯзиши ҳолати корбурди СБҲМ дар корхонаҳо нишон дод, ки имконияти ин стандартҳо ба таври пурра истифода намешавад. Ба андешаи мо, сабаби асосии чунин ҳолат, пеш аз ҳама сатҳи пасти дониши муҳосибони аҳли амал дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибии байналмилалӣ мебошад. Ин фикрро муҳаққиқ Г.Т. Қодирова низ ҷонибдорӣ карда, қайд мекунад, ки «Барои татбиқи бобарори СБҲМ, мутахассисон бояд донишҳои сатҳи баланди соҳаи ҳисоботи молиявиро дошта бошанд. Дар баробари ин, онҳо бояд малакаҳои корбурди ҳамзамони донишҳои назариявӣ ва амалиро дошта бошанд» [151, с. 188], «роҳбарони корхонаҳо барои омодасозӣ ва бозомӯзии кормандони хадамоти муҳосибӣ, фароҳам овардани шароит ва иҷрои чорабиниҳои ба татбиқи СБҲМ

мусоидаткунанда таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд» [151, с. 198]. Мутобиқ набудани қоидаҳои СБҲМ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар самти пурра истифода набурдани имконияти СБҲМ монеаҳои муайян эҷод мекунад.

Ҳолати мазкур сабаб шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 махсусан қайд намуданд, ки «масъалаҳои гузариши пурра ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва низоми маблағгузории электронӣ, аз ҷумла низоми хариди электронии давлатӣ то ҳанӯз ҳал нагардидаанд ва мо дар ин самт аз талаботи замона қафо монда истодаем. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз ва дигар мақомоти назоратӣ супориш дода мешавад, ки барои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аз аудити ҳарсолаи ҳатмӣ гузаштани субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ чораҳои бетаъхир андешанд» [220]. Ҳамчунин Сарвари давлат ҳангоми ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 бори дигар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои гузариш ба СБҲМ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад [221].

Омӯзиши муҳтавои СБҲМ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди доштани афзалиятҳои бешак, онҳо ҳамчунин худ аз баъзе камбудиҳо орӣ нестанд, ки истифодаи самараноки онҳоро дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ душвор мегардонад. Мушкилоти асосӣ хусусияти умумии баъзе стандартҳо, муқаррар кардани гуногуншаклии усулҳои баҳисобгирӣ, набудани тавзеҳоти муфассал ва мисолҳои амалии корбурди стандартҳо дар ҳолатҳои мушаххасро дар бар мегиранд. Ин хусусиятҳо метавонанд барои муҳосибони аҳли амал

мушкилот эҷод кунанд ва гузаришро ба СБҲМ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд суст кунанд. Бинобар ин, тавре муҳаққиқи рус С.В. Ключников қайд мекунад, «омодасозии фаъолонаи тафсирҳое, ки барои мушаххас кардани муқаррароти алоҳидаи СБҲМ дар фаъолияти амалӣ имкон медиҳанд, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шурои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб меравад» [115, с. 28].

Дар асоси омӯзиши муҳтавои баъзе стандартҳои дахлдор [175; 179; 181; 183; 184; 185] мушкилот ва камбудиҳои умумии татбиқи СБҲМ-ро дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ошкор кардем, ки онҳо дар ҷадвали 4.1 гирд оварда шудаанд.

Мушкилот ва камбудиҳои баррасишуда нишон медиҳанд, ки татбиқи СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқсозии минбаъда ва баррасии шароити маҳаллиро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, баррасӣ ва пешниҳоди роҳҳои ислоҳи онҳо як қадами муҳими такмили раванди татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, роҳҳои ислоҳи камбудиҳои истифодаи СБҲМ-ро дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод мекунем.

1. Зарурати мутобиқ намудани стандартҳо ба хусусиятҳои миллӣ. Барои татбиқи самараноки СБҲМ дар низомҳои миллӣ бояд механизмҳои чандирӣ ҷорӣ карда шаванд, ки имкон медиҳанд хусусиятҳои иқтисодию ҳуқуқии мамлакати алоҳида ба назар гирифта шаванд. Метавон стандартҳои мобайнии миллӣ ё тавсияҳоеро бунёд кард, ки бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг шуда, мутобиқсозии зарурии маҳаллиро таъмин мекунанд. Ин ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки талаботи СБҲМ-ро риоя кунанд ва ҳамзамон хусусияти бозори худро ба назар гиранд. Масалан, татбиқи стандартҳои миллии баҳисобгирии фарқҳои андозӣ ё амалиёти махсус, ба монанди баҳисобгирии кӯмакҳои молиявӣ (субсидияҳо) ё имтиёзҳо, ки метавонанд аз стандартҳои байналмилалӣ фарқ кунанд.

Ҷадвали 4.1. – Камбудиҳои СБҲМ ва тафсири онҳо

Камбудӣ	Тафсири камбудӣ	Ҳолати мушаххас аз СБҲМ
1. Мутобиқати кам бо хусусиятҳои миллӣ	СБҲМ ба бозорҳои ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, ки метавонад хусусиятҳои хоси қонунгузорӣ ва иқтисодиёти мамлакатро ба назар нагирад.	СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ»: татбиқи стандартҳоро аз лаҳзаи гузаштан ба СБҲМ талаб мекунад, ки барои мамлакатҳои дорои анъанаҳо ва қоидаҳои худии баҳисобгирии муҳосибӣ душвор буда метавонад.
2. Хароҷоти зиёд барои татбиқ ва риоякунӣ	Барои бозбинӣ ва татбиқи стандартҳо захираҳои молиявии зиёд лозиманд, ки метавонанд барои корхонаҳо гарон бошанд.	СБҲМ (IFRS) 8 «Бахшҳои амалиётӣ»: барои муайян ва пайгирӣ кардани тамоми бахшҳои тиҷорат маблағгузории назаррасро талаб мекунад, ки ин барои корхонаҳои хурд ва миёна душвор буда метавонад.
3. Набудани аниқӣ дар таърифи баъзе мафҳумҳо	СБҲМ метавонад мафҳумҳоро норавшан оварад, ки боиси тафсирҳои гуногун мегардад.	СБҲМ (IFRS) 13 «Баҳодиҳии арзиши одилона»: истилоҳи «арзиши одилона» метавонад бо тарзҳои гуногун шарҳ дода шавад, ки дар ҳисобот норавшаниро ба вуҷуд меорад.
4. Душвориҳо дар таъмини қиёспазирӣ	Корхонаҳои гуногун метавонанд СБҲМ-ро бо дараҷаҳои гуногуни дақиқӣ истифода баранд, ки муқоисаи ҳисоботи молиявиро душвор мегардонад.	СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо мизоҷон»: стандарт истифодаи усулҳои мураккаби эътирофи даромадро талаб мекунад, ки метавонанд дар мамлакатҳои гуногун ба таври гуногун амалӣ карда шаванд.
5. Тафовут дар баҳодиҳии дороиҳо ва ухдадориҳо	СБҲМ ба истифодаи арзиши одилона тамаркуз мекунад, ки метавонад устувории дороиҳоро дар бозорҳои ноустувор инъикос накунад	СБҲМ (IFRS) 9 «Олоти молиявӣ»: талаб мекунад, ки дороиҳои молиявӣ бо арзиши одилона баҳо дода шаванд, ки ин дар бозорҳои ноустувор на ҳамеша имконпазир аст.
6. Мураккабӣ дар корбурди стандартҳо барои соҳаҳои мушаххас	СБҲМ метавонад хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаро ба инобат нагирад, ки омодасозии ҳисоботи молиявии саҳеҳи корхонаҳои ин соҳаҳоро душвор мегардонад.	СБҲМ (IFRS) 6 «Ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии сарватҳои зеризаминӣ»: дар стандарт доираи дастурҳо ва нишондодҳо оид ба баҳисобгирии хароҷот ва дороиҳо дар соҳаҳои истихроҷ маҳдуд буда, барои саҳеҳии ҳисобот мушкилот эҷод мекунад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

2. Хароҷоти зиёд барои татбиқ ва риоякунӣ. Давлат ва иттиҳодияҳои касбӣ метавонанд барномаҳои дастгирии корхонаҳои хурд ва миёнаро, ки барои татбиқи СБҲМ бо хароҷоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, таҳия кунанд. Аз ҷумла, инҳо метавонанд кӯмаки молиявӣ, имтиёзҳои андоз ё пешниҳоди

хизматрасониҳои машваратӣ барои кам кардани хароҷоти гузаришро дар бар гиранд. Барои тезонидани раванди татбиқи стандартҳо барномаҳои таълимӣ барои мутахассисон низ метавонанд ташкил карда шаванд. Масалан, курсҳои омӯзишӣ барои муҳосибон ва аудиторҳо, инчунин истифодаи воситаҳои бештар дастрас ва автоматикунонидашуда барои ҳамгироии СБҲМ бо низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

3. Норавшанӣ дар тафсири баъзе мафҳумҳо. Барои беҳтар кардани возеҳӣ дар татбиқи СБҲМ дар сатҳи амалияи байналмилалӣ ва миллӣ, метавон низоми тавзеҳот ва мисолҳои таҳиянамудаи мақомоти байналмилалии муқарраркунандаи стандартҳо - IASB-ро рушд дод. Ин тавзеҳот метавонад барои рафъи номуайянӣ ва нишон додани равишҳои умумӣ ба тафсири мафҳумҳои баҳсбарангез равона карда шавад. Масалан, таҳия ва паҳн кардани «тафсирҳо»-и СБҲМ дар шакли дастурамалҳо бо мисолҳои истифодаи истилоҳҳои калидӣ, аз қабили «арзиши одилона».

4. Душвориҳо дар таъмини қиёспазирӣ. Барои беҳтар намудани қиёспазирии ҳисоботи молиявӣ, таҳияи методологияи ягонаи татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои гуногун зарур аст, ки шароити мушаххасро ба инобат гиранд, вале дар ин маврид методологияи умумии стандартро таҳриф накунанд. Илова бар ин, назорати риояи стандартҳо бояд пурзӯр карда шавад ва тавсияҳои иловагӣ оид ба ягонакунии ҳисоботи молиявӣ барои осон кардани таҳлили қиёсӣ пешниҳод карда шаванд. Масалан, таҳияи дастурамали махсус барои мақомоти миллии назоратӣ ба хотири пайгирии ягонагии корбурди СБҲМ ва беҳтар намудани ҳисоботи молиявӣ.

5. Баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо бо арзиши одилона. Барои дурусттар баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар бозорҳои ноустувор ҷорӣ намудани механизмҳои иловагии баҳодиҳии онҳо, ки хусусияти бозорҳои рушдёбанда ва ноустуворро ба назар мегиранд, пешниҳод кардан мумкин аст. Масалан, баҳодиҳӣ дар асоси арзиши таърихӣ ё истифодаи коэффисиентҳои пасткунанда барои тасҳеҳи арзиши дороиҳо.

6. Мушаххасоти нокифоя барои соҳаҳои алоҳида. Стандартҳои байналмиллалӣ бояд барои соҳаҳои алоҳида иловаҳоро дар бар гиранд, ки аз ҷумла хусусияти соҳаҳои истихроҷи маъдан, кишоварзӣ ва энергетикаро ба назар гиранд. Ба ин хотир барои чунин соҳаҳо дастурҳои иловагӣ ё стандартҳои махсусгардонидашуда метавонанд таҳия карда шаванд, ки ба принсипҳои умумии СБҲМ мувофиқат мекунанд, вале хусусиятҳои ин соҳаҳоро ба инобат мегиранд. Масалан, ҷорӣ намудани стандартҳои мушаххаси баҳисобгирии хароҷоти иктишофӣ ва истихроҷи маъданҳо, амалиёти кишоварзӣ ё дороиҳои биологӣ, ки хусусиятҳои беназири ин соҳаҳоро ба инобат мегиранд.

Барои самараноктар шудани СБҲМ ва мутобиқ шудани онҳо ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла табдили пойгоҳи ҳуқуқӣ ва методологӣ, инчунин тадбирҳои ташкилӣ зарур аст. Муҳим аст, ки дар ҳар як марҳилаи татбиқи стандартҳо хусусиятҳои ин ё он мамлакат ё минтақа, инчунин талаботи соҳаҳое, ки ин стандартҳоро истифода мебаранд, ба назар гирифта шавад.

Омӯзиши муҳтавои стандартҳо нишон дод, ки дар солҳои охир аксари стандартҳои байналмилалӣ иваз ва ё таҳрир карда шудаанд. Буҳрони молиявии муосир водор намуд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ нигоҳ ба қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ дигар карда шавад. Баъзе мафҳумҳо ва қоидаҳои маъмули баҳисобгирии байналмилалӣ аллакай мавриди худро гум кардаанд. Ба хусус он мафҳум ва қоидаҳое, ки ба олоти молиявӣ дахл доранд. Буҳрони молиявӣ нигоҳ ва тарзи муносибатро ба аксари олоти молиявӣ дигар кард.

2 июли соли 2009 дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамои китоб – бастаи СБҲМ ва «Тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи СБҲМ», ки аз ҷониби худи вазорат ба нашр расида буданд, баргузор гардид. Вале, ба андешаи мо, бастаи СБҲМ, ки бо сарпарастии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст (ҷадвали 4.2), аллакай дар замони баргардон намудан куҳна шуда ва мавриди худро гум карда буд.

Ҷадвали 4.2. – Бастаи ба забони тоҷикӣ тарҷумашудаи СБҲМ

Ифодаи стандарт	Номи стандарт ба забони тоҷикӣ	Номи стандарт ба забони асл (англисӣ)	Номи стандарт ба забони русӣ
1	2	3	4
1. IAS 1	Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ	Presentation of Financial Statement	Представление финансовой отчётности
2. IAS 2	Захираҳо	Inventories	Запасы
3. IAS 7	Ҳисоботҳо оид ба гардиши воситаҳои пулӣ	Statement of Cash Flows	Отчёт о движении денежных средств
4. IAS 8	Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳии бухгалтерӣ ва хатоиҳо	Accounting Policies, Changes in Accouting Estimates and Errors	Учетная политика, изменения в бухгалтерских оценках и ошибки
5. IAS 10	Рӯйдодҳо баъди санаи ҳисоботӣ	Events After the Reporting Period	События после окончания отчетного периода
6. IAS 11	Шартномаҳо оид ба сохтмон	Construction Contracts	Строительные контракты
7. IAS 12	Андозҳо аз фоида	Income Taxes	Налоги на прибыль
8. IAS 14	Ҳисоботи шохавӣ	Segment reporting	Сегментная отчетность
9. IAS 16	Воситаҳои асосӣ	Property, Plant and Equipment	Основные средства
10. IAS 17	Иҷора	Leases	Аренда
11. IAS 18	Фоида	Revenue	Выручка
12. IAS 19	Ҳақгузориҳо ба кормандон	Employee Benefits	Вознаграждения работникам
13. IAS 20	Баҳисобгирии субсидияҳои давлатӣ ва ифшои маълумот оид ба мадади давлат	Accounting for Goverments Grants and Disclosure of Goverment Assistance	Учет государственных субсидий и раскрытие информации о государственной помощи
14. IAS 21	Таъсири тағйироти мубодилаи қурби асъор	The Effects of Changing in Foreign Exchange Rates	Влияние изменений обменных курсов валют
15. IAS 23	Хароҷот мутобиқи вомбаргҳо	Borrowing Costs	Затраты по займам
16. IAS 24	Ифшои иттилоот оид ба тарафҳои алоқаманд	Related Party Disclosures	Раскрытие информации о связанных сторонах
17. IAS 26	Баҳисобгирӣ ва ҳисобот мутобиқи нақшаҳои нафақавӣ	Accounting and Reporting by Retirement Benefit Plans	Учет и отчетность по пенсионным планам
18. IAS 27	Ҳисоботи молиявии муттаҳидшуда ва алоҳида	Separate Financial Statements	Отдельная финансовая отчётность
19. IAS 28	Сармоягузориҳо ба корхонаҳои муттаҳидшуда	Investments in Associates and Joint Ventures	Инвестиции в ассоциированные и совместные предприятия
20. IAS 29	Ҳисоботи молиявӣ дар иқтисодиёти ғарқи таваррум	Financial Reporting in Hyperinflationary Economies	Финансовая отчетность в гиперинфляционной экономике

Идомаи ҷадвали 4.2

1	2	3	4
21. IAS 31	Иштирок дар соҳибкории муштарак	Interests in Joint Ventures	Участие в совместной деятельности
22. IAS 32	Олотҳои молиявӣ: пешниҳоди иттилоот	Financial Instruments: Presentation	Финансовые инструменты: представление информации
23. IAS 33	Фоида аз саҳмия	Earnings per Share	Прибыль на акцию
24. IAS 34	Ҳисоботи молиявии фосилавӣ	Interim Financial Reporting	Промежуточная финансовая отчетность
25. IAS 36	Беқурбшавии дороиҳо	Impairment of Assets	Обесценение активов
26. IAS 37	Захираҳои баҳошаванда, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ	Provisions, Contingent Liabilities and Contingent Assets	Резервы, условные обязательства и условные активы
27. IAS 38	Дороиҳои ғайримоддӣ	Intangible Assets	Нематериальные активы
28. IAS 39	Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва ченкунӣ	Financial Instruments: Recognition and Measurement	Финансовые инструменты: признание и измерение
29. IAS 40	Амволи сармоягузорӣ	Investment Property	Инвестиционное имущество
30. IAS 41	Кишоварзӣ	Agriculture	Сельское хозяйство
31. IFRS 1	Истифодаи аввалини стандартҳои ҳисоботи молиявӣ	First Time Application of International Financial Reporting Standards	Первое применение Международных стандартов финансовой отчётности
32. IFRS 2	Пардохт дар асоси саҳмияҳо	Share-Based Payments	Платеж, основанный на акциях
33. IFRS 3	Муттаҳидшавии бизнес	Business Combinations	Объединения бизнеса
34. IFRS 4	Шартномаҳои бима	Insurance Contracts	Договоры страхования
35. IFRS 5	Дороиҳои дарозмуҳлати барои фурӯш таъиншуда ва фаъолияти қатъкардашуда	Non-current Assets Held for Sale and Discontinued Operations	Долгосрочные активы, предназначенные для продажи, и прекращённая деятельность
36. IFRS 6	Ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии захираҳои канданиҳои фоиданок	Exploration for and Evaluation of Mineral Resources	Разведка и оценка запасов полезных ископаемых
37. IFRS 7	Олотҳои молиявӣ: ифшои иттилоот	Financial Instruments: Disclosures	Финансовые инструменты: раскрытие информации

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бояд қайд кард, ки дар замон ва баъди нашри ин баста стандартҳои зиёде таҳрир шуда ва якчанд стандартҳои нав таҳия шудаанд, аз ҷумла: IFRS 10 «Ҳисоботи молиявии муттаҳида» (Consolidated Financial Statements), IFRS 11 «Фаъолияти муштарак» (Joint Arrangements), IFRS 12 «Кушодадиҳии иттилоот оид ба иштирок дар корхонаҳои дигар» (Disclosure of Interests in Other Entities), IFRS 13 «Баҳодиҳии арзиши одилона» (Fair Value Measurement), IFRS 14

«Ҳисобҳои танзимкунандаи мафқуфгузории пардохт» (Regulatory Deferral Accounts), IFRS 15 «Маблағи фурӯш аз иҷрои шартномаҳо бо харидорон» (Revenue from Contracts with Customers), IFRS 16 «Иҷора» (Leases), IFRS 17 «Шартномаҳои суғурта» (Insurance Contracts).Тағйирот дар стандартҳои мавҷуда ва муҳтавои стандартҳои навтаҳияшуда низ дар нашри мазкури тарҷумаи СБҲМ ба инобат гирифта нашудаанд. Стандартҳое, ки ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд, ба гунаҳои ба замони пеш аз буҳрони молиявӣ (то соли 2008) тааллуқдошта мансуб мебошанд, ки муҳтавои аксари онҳо бар асари буҳрони мазкур бозбинӣ шуда буд.

Ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, муҳаққиқ Г.Т. Қодирова дуруст қайд мекунад, ки «Вобаста ба дигаршавиҳои вазъи молиявӣ дар ҷаҳон ва хоса бо таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ҳамасола аз ҷониби таҳиягарон ба СБҲМ тағйирот ва иловаҳои зиёд ворид карда мешаванд. Вале на Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар раванди татбиқи СБҲМ, на муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии стандартҳои нав бо шароити амал дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар мамлакат корҳои заруриро ба анҷом намерасонанд» [151, с. 92]. Бинобар ин, кормандони ба раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи СБҲМ масъули Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба хотири роҳ надодан ба куҳнашавии маънавии низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ, ки дар мамлакат мавриди истифода қарор мегиранд, ҳамеша ба лоиҳаҳои СБҲМ-и таҳияшаванда ва дигар коркардҳои ШСБҲМ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоянд.

Мушкилоти дигар дастрас набудани нусхаи аслии СБҲМ барои муҳосиби тоҷик аст. Дастрасӣ ба ин маъно, ки на ҳама муҳосибони корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон забони англисиро медонанд. Барои бомуваффақият татбиқ кардани СБҲМ, муҳосиби аҳли амал бояд забони англисиро хуб донад. Вобаста ба ин, камбудии дигаре, ки мо ҳангоми омӯзиши муҳтавои бастаи ба забони тоҷикӣ баргардоншудаи СБҲМ ошкор кардем, ин тарҷумаи стандартҳо на аз забони асл (англисӣ), балки тарҷумаи туфайлӣ аз забони русӣ мебошад. Воқеан, мутобиқи

«Шартнома оиди даст кашидан аз ҳуқуқи муаллифӣ дар доираи маҳдуд» муҳосибони тоҷик соҳиби ҳуқуқи истифодабарии тарҷумаи расмии СБҲМ бо забони русӣ гардиданд. Вале ин барои раҳоӣ ёфтан аз вазъи ногувори бамиёномада мусоидат намекунад, зеро таҳиякунандагони гунаҳои русии СБҲМ матни аслии стандартҳоро, ки бо забони англисӣ мебошад, таҳрир намуда, ба он баъзе тағйироти ба имлои забони русӣ ва ҳаёти хоҷагидории субъектҳои иқтисодии Федератсияи Россия хосро ворид намудаанд, ки ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва шароити хоҷагидории субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ нестанд. Бинобар ин, вақте ки стандарт аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ баргардон мешавад, номувофиқиҳое, ки мо қайд кадем, худ ба худ бевосита ба матни баргардоншуда мегузаранд, ки ин боиси пайдо шудани мушкилот барои муҳосибони аҳли амал шуда метавонад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки худи таҳиякунандагони СБҲМ дар фаъолияти худ саросема шуда, ба иштибоҳҳои зиёд низ роҳ медиҳанд. Ҳамин буд, ки баъзе стандартҳо пурра татбиқ нагардида, аллакай иллатҳои кории худро зоҳир намудаанд. Мо ин ҷо ба хотири мухтасарӣ танҳо се лаҳзаро ёдовар мешавем, вале камбудиҳо дар муҳтавои СБҲМ зиёд мебошанд.

Лаҳзаи 1. СБҲМ IAS 2 дар гунаи англисӣ (байналмилалӣ) чун «Inventories» унвон дорад, ки ба забони тоҷикӣ маънои «ашё», «чизҳо»-ро дорад. Дар гунаи русӣ бошад, стандарт «Запасы» ном гирифтааст (аниқтараш бояд «материально-производственные запасы» мебуд), ки дар забони тоҷикӣ маънои захираҳоро дорад. Дар мавриди корбурди гунаи русии матни стандарти мазкур таҳиякунандагон истилоҳи «захираҳо»-ро истифода бурдаанд, ки ин нодуруст аст. Гап дар сари он аст, ки вожаи тоҷикии (аниқтараш, арабиасоси) «захираҳо» дар мавриди истилоҳи байналмилалии «provisions» (ба русӣ – резервы) низ истифода мешавад (нигаред ба СБҲМ IAS 37 «Захираҳо, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ» - «Provisions, contingent liabilities and contingent assets»). Ҳамин тариқ, вожаи тоҷикии «захираҳо» барои ифода кардани ду мафҳуми гуногунмаънои СБҲМ – ҳам ашё (inventories) ва ҳам захираҳо (provisions) ба кор бурда мешавад, ки ба нофаҳмиҳо меоварад. Хубтар мебуд, ки дар гунаи тоҷикии

бастаи стандартҳои баргардоншуда «inventories» ҳамчун «ашё» ва «provisions» – «захираҳо» номида мешуд.

Бояд ёдовар шавем, ки ШСБҲМ ба тағйир додани матни стандартҳо ва ҳатто ба мустақилона шарҳ додани ҷиҳатҳои алоҳидаи онҳо иҷозат намедиҳад. Ҳангоми пайдо шудани нофаҳмӣ ё мушкилот дар раванди татбиқи СБҲМ ба матни аслии стандарт мурочиат намудан авлотар аст. Ҷиҳати истифодаи мафҳумҳо пешниҳод менамоем, ки дар мавриди мувофиқат накардани истилоҳоти тоҷикӣ ба моҳият ва мазмуни мафҳумҳои СБҲМ гунаи беҳтарин - истифодаи истилоҳ дар шакли асл, яъне гунаи англисии он бояд ба кор бурда шавад.

Лаҳзаи 2. СБҲМ IFRS 9 «Олоти молиявӣ» (Financial instruments) мувофиқи нияти таҳиякунандагон бояд СБҲМ IAS 39 «Олоти молиявӣ: эътирофкунӣ ва баҳодиҳӣ» (Financial instruments: recognition and measurement)-ро иваз мекард. Вале ҳоло ҳам ин ва ҳам он стандарт дар амал буда, байни онҳо баъзе зиддият ба назар мерасанд. Зиддият дар байни ин ду стандарт ва дигар стандартҳои ба баҳисобгирии олоти молиявӣ дахлкунанда низ ҷой доранд. Худи ШСБҲМ дар масъалаи баҳисобгирӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани олоти молиявӣ ҳоло ҳам ба як ақидаи мушаххас омада натавонистааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки оид ба олоти молиявӣ ҳамзамон якчанд стандартҳо амал мекунанд (дар илова ба ду стандарти номбаршуда боз – СБҲМ IAS 32 «Олоти молиявӣ: пешниҳоди иттилоот» (Financial Instruments: presentation), СБҲМ IFRS 7 «Олоти молиявӣ: кушодадиҳии иттилоот» (Financial instruments: disclosures) ва дигарҳо), ки муҳтавои онҳо дар байни муҳосибони аҳли амали ҷаҳонӣ боиси баҳсу мунозираҳо шудааст. Вале дар асоси омӯзиши нашрияҳои солҳои охири ШСБҲМ метавон тасдиқ кард, ки он ният дорад ботадриҷ шумораи стандартҳои ба баҳисобгирии олоти молиявӣ дахлкунандаро кам карда, ба такроршавии мавод дар муҳтавои онҳо хотима бахшад.

Лаҳзаи 3. Яке аз масъалаҳои муҳим дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ ин эътирофи даромад мебошад. СБҲМ IAS 15 «Даромад» (маблағи фурӯш), ки то соли 2014 ҳамчун стандарти асосӣ доир ба

масъалаҳои эътирофкунии даромад дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ амал мекард, натавонист, ки мушкилоти гуногуни субъектҳои иқтисодиро ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани иттилоот дар бораи намудҳои гуногуни даромад бартараф созад. Хусусан субъектҳои иқтисодӣ ҳангоми дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани амалиёти марбут бо эътироф кардани даромад ба мушкилот (бо интихоби ҳисобҳои дахлдор вобаста) дучор мешуданд. Танҳо бо қабули гунаи нави СБҲМ - IFRS 15 «Даромад аз шартномаҳо бо мизоҷон» мушкилоти мазкур роҳи ҳалли худро дарёфт карданд. Мутобиқи стандарти мазкур субъекти иқтисодӣ даромадро барои инъикос кардани ба харидор додани молҳо ва хизматрасониҳои ваъдашуда бо маблағи инъикоскунандаи ҷуброн (подош)-е, ки корхона ҳуқуқҳои гирифтани онро бар ивази ҳамин молҳо ё хизматрасониҳо мегирад, эътироф мекунад. Стандарт харидорро ҳамчун ҷонибе баррасӣ менамояд, ки бо субъекти иқтисодӣ барои гирифтани молҳо ё хизматрасониҳо бар ивази подоши мувофиқ шартнома бастааст.

Бо назардошти муқаррароти IFRS 15 барои баҳисобгирии даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ ҳисобҳои 44010 «Даромад аз фурӯш», 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» истифода мешаванд. Агар фоизҳо, дивидендҳо ва пардохтҳои иҷозатномавӣ (роялтӣ) аз фаъолияти асосии субъекти иқтисодӣ ба миён оянд, пас онҳо дар ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Даромадҳое, ки аз фаъолияти асосии корхона ба миён омада, вале аз маблағи фурӯш фарқ мекунанд (даромад аз иҷораи амалиётӣ, даромад аз пардохтҳои иҷозатномавӣ, ҷаримаҳо, ҷаримаҳои фоизӣ ва ноустуворонаҳои вобаста ба фаъолияти амалиётӣ гирифташуда, баргаштани қарзҳои пештар бе баҳисобгирии захира барои қарзҳои шубҳанок ҳамчун беэътимод соқитшуда ва дигарҳо) дар ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» инъикос карда мешаванд. Агар амалиёти оварандаи фоизҳо ва дивидендҳо фаъолияти асосии корхона набошад, даромад аз чунин амалиёт дар ҳисобҳои даромад аз фаъолияти ғайриамалиётӣ (66010 «Даромад дар намуди фоизҳо», 66020 «Даромад аз сармоягузориҳо», 66030 «Даромад аз суди саҳмияҳо (дивидендҳо)»

инъикос карда мешавад. Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ «инчунин дар ҳисобҳои 66040 «Даромад аз фарқияти қурбӣ», 66050 «Даромад аз мубодилаи асъор», 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат» ва 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд» [107, с. 422].

Даромад аз фурӯши молҳо (маҳсулоти тайёр), иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо «дар муҳосиботи корхонаи дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда бо чунин гузаронишҳо инъикос карда мешавад: Дебет 10210 «Ҳисобҳо бо асъори миллӣ» - Кредит 44010 «Даромад аз фурӯш», Кредит 22320 «Андоз аз арзиши иловашуда барои пардохт» (бо пули нақд); Дебет 10410 «Ҳисобҳо барои қабул» - Кредит 44010 «Даромад аз фурӯш», Кредит 22320 «Андоз аз арзиши иловашуда барои пардохт» (фурӯши нася). Ҳамзамон арзиши аслии молҳо (маҳсулоти тайёр)-и фурӯхташуда ба хароҷот соқит карда мешавад: Дебет 55010 «Арзиши аслии фурӯш» - Кредит 10710 «Молҳо» (10740 «Маҳсулоти тайёр»)» [107, с. 422]. Арзиши аслии корҳо бо чунин гузароиш ба хароҷот соқит карда мешавад: Дебет 55010 «Арзиши аслии фурӯш» - Кредит 10730 «Истеҳсолоти нотамом».

Қобили зикр аст, ки муҳтавои аксари санадҳои меъёрӣ ва маводи методию таълимии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршаванда ба маводи мавҷудаи россиягӣ шабеҳ аст. Масъулони ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳукумат ва таҳиякунандагони маводи методиву таълимӣ роҳи осонеро пеш гирифтаанд. Онҳо санадҳои меъёрӣ ва маводи дар дигар мамлакатҳои ИДМ (асосан Федератсияи Россия, Украина ва Ҷумҳурии Қазоқистон) нашршударо бе ягон таҳрир ва мутобиқсозӣ ба шароити хоҷагидории ҷумҳурии мо дар мамлакат татбиқ кардан мехоҳанд. Вале чунин мавод барои шароити хоҷагидории субъектҳои иқтисодии кишвари мо комилан мақбул нестанд, зеро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароити рушди иқтисодиёт, анъанаҳои миллӣ ин ҷо тафовут доранд. Ҷиҳати муҳими фарққунанда ин аст, ки агар масалан, субъектҳои иқтисодӣ дар Федератсияи Россия роҳи ҳамоҳангсозӣ (гармонизатсия) ва мутобиқсозӣ (адаптатсия)-и СБҲМ-ро пеш гирифта бошанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи татбиқи СБҲМ тамоман дигар аст, яъне СБҲМ

пурра барои истифодабарӣ қабул карда шудааст. Инро санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар солҳои охир қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои алоҳида ба гум гаштани арзишҳои суннатӣ дар ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ меоварад. Ҷаҳонишавӣ қоидаҳои худро дар иқтисодиёт ҷорӣ намуда, анъанаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро коста менамояд ва дар натиҷа баъзе ҷиҳатҳои муҳими он маҳв мешаванд. Масалан, дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки Тоҷикистон узви он буд, ҳадафи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳифзи моликияти корхонаҳо, ошкор намудани тамоилот аз нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда буд, ки тавассути риоя намудани талаботи методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ-иқтисодӣ асосноккардашудаи дар санадҳои меъёрии зарурӣ пешбинишуда амалӣ карда мешуд. Барои таҳия ва коркарди чунин методикаҳо дар сохторҳои идоракунӣ-ташкилии соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ ниҳодҳои махсуси илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият менамуданд, ки корхонаҳои зертобеи худро бо нишондодҳои методӣ ва дастурамалҳои соҳавӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) таъмин мекарданд. Вале имрӯз дар ягон соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таҳия намудани дастурамал ва низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳо фаъолияти муносиб надоранд. Танҳо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе санадҳои меъёриро дар ин самт таҳия намудааст (асосан солҳои 1999-2002), ки онҳо ҳам бо муҳтавои худ ба талаботи ҷаҳонишавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва шароити татбиқи СБҲМ мувофиқат намекунанд (гарчанде дар пешгуфтори аксари онҳо дар бораи мувофиқат бо СБҲМ ишорат шудааст).

Яке аз чунин санадҳои меъёрӣ «Низомнома оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [248] буд, ки соли 1999 қабул шуда, то соли 2023 ҳамчун санади амалкунанда ба ҳисоб мерафт. Низомномаи мазкур дар давраи амали худ

ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар мамлакат амалкунанда ҷавобгӯ набуд, ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар шароити бозор мувофиқат намекард ва муҳим аз ҳама – барои татбиқи СБҲМ ва фаъолияти бобарори субъектҳои иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ созгор набуд. Он аллакай аз замони қабул шудани худ ниёз ба таҳрир дошт, ки инро баъзе мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ кардаанд, вале дар муддати зиёда аз 20 сол ин кор анҷом дода нашуд. Ба андешаи Ҳ.Қ. Қурбонализода ҳангоми таҳия ва қабули санади мазкур (ба ҳолати соли 1999) «дар мамлакат ҳанӯз муносибатҳои бозорӣ пойдор нашуда буданд ва аксари санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои молиявию хоҷагидорӣ ба шароити бозор мутобиқ набуданд. Дар муҳтавои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ баъзе хусусиятҳои танзим ва назорати қатъии давлатӣ ба назар мерасид, ки қабул кардан ва истифодаи онҳо дар шароити мустақилияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ғайриимкон буд» [159, с. 16]. Муҳаққиқ Д.А. Розиев дар бораи корношоямии низомномаи мазкур хулоса бароварда, лоиҳаи дахлдори худро бо номи «Низомнома оид ба таркиби хароҷоти ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дохилшаванда ва тартиби ташаккули натиҷаҳои молиявӣ» таҳия ва пешниҳод кардааст [262, с. 120].

Дар рафти таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2012-2018 баъзе гуфтугузорҳо оид ба таҳрири «Низомнома оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор мешуданд. Гумон мерафт, ки санади мазкур бозбинӣ шуда, бо номи «Низомнома дар бораи таркиби хароҷоти истеҳсолот ва фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ)-и ба арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) дохилшаванда ва дар бораи тартиби ташаккул натиҷаҳои молиявии ҳангоми андозбандӣ аз фоида ба ҳисоб гирифташаванда» қабул карда мешавад.

Лоиҳаи санади таҳияшаванда барои баррасӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба аҳли илм ва мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосии мамлакат пешниҳод шуда буд. Ба андешаи муаллиф, ки дар раванди баррасии лоиҳаи мазкур иштирок дошт, дар муҳтавои гунаи нави санади меъёрӣ нисбат ба гунаи пешини он тағйироти ҷиддӣ ба назар намерасид, бинобар ин, пешниҳод шуд, ки лоиҳа қобили қабул нест. Дар робита ба ин ҳамчунин муҳаққиқ Д.А. Розиев дар бораи корношоямии низомномаи мазкур хулоса бароварда, лоиҳаи худро таҳия ва онро ҳамчун санади меъёрии «Низомнома оид ба таркиби хароҷоти ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дохилшаванда ва тартиби ташаккули натиҷаҳои молиявӣ» пешниҳод карда буд [262, с. 120]. Ҳамин тариқ, тасмими Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи санади меъёрӣ, ки бояд тартиби ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва муайян кардани натиҷаи молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро ба танзим медароварад, ба анҷом нарасид.

Бояд қайд кард, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505 «Низомнома оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шуда, шакли нави он бо номи «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)» тасдиқ ва қабул карда шуд [154]. Вале низомномаи мазкур, тавре аз пешгуфтор ва муҳтавои он бармеояд, на аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, балки бо ибтикори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидааст. Ба ин хотир, дар он бештар манфиатҳои давлат вобаста ба танзими нархҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо ба хотири роҳ надодан ба нархгузории беасос ва ҳифзи рақобат таъкид карда шудааст. Бинобар ин, Вазорати молия бояд санади дахлдореро таҳия кунад, ки дар он тартиб ва қоидаҳои ҳисоб кардани арзиши аслӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар шароити СБҲМ муқаррар карда шаванд. Дар ин маврид, дар санади таҳияшаванда ҷиҳатҳои умумии ҳисобкунии арзиши аслӣ бояд пурра муқаррар

карда шаванд ва дар асоси он вазорат ва идораҳои барои танзим ва идоракунии соҳаҳои дигари иқтисодиёт ваколатдор дастурамалҳои дахлдори худро барои корхонаҳои соҳаҳои худ таҳия кунанд. Дар дастурамалҳои соҳавӣ ҷиҳатҳои барои ҳар як соҳаи истеҳсолот ё хизматрасонӣ хос, аз ҷумла хусусиятҳои технологӣ, табиию иқлимӣ, инчунин шароити бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои алоҳида бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол шумораи субъектҳои иқтисодӣ, ки ҳисоботи молиявиро мутобиқи СБҲМ тартиб медиҳанд, зиёд мешавад. Ҳоло тамоми субъектҳои иқтисодии дорои манфиати умум, инчунин баъзе корхонаҳои дигари бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи молиявии худро дар асоси СБҲМ тартиб медиҳанд. Ҳамчунин субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳое, ки ҳисоботи молиявиро дар асоси СБҲМ тартиб медиҳанд, бояд ҳисоботи молиявии солонаи худро якҷоя бо хулосаи аудиторӣ ба КВД «Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кунанд.

Тавсеаи имконияти истифодаи СБҲМ аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ бунёди механизмҳои таъмини татбиқи пайваста ва якхелаи ин стандартҳоро талаб мекунад. Вобаста ба ҳалли масъалаи мазкур дар доираи мамлакатҳои ИДМ ташкилоти махсус - Шурои ҳамоҳангсози баҳисобгирии муҳосибӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ фаъолият мекунад, ки бо қарори Шурои иқтисодии ИДМ аз 25 майи соли 2000 дар назди Кумитаи иҷроияи ИДМ таъсис дода шудааст. Ташкилоти мазкур муҳимии масъалаи корбурди СБҲМ-ро барои субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакатҳои ИДМ ба инобат гирифта, дар ҷаласаи шонздаҳуми худ (соли 2019) оид ба мавҷудияти имконият ва механизмҳои муносиб барои татбиқи муқаррароти СБҲМ, ҷамъбасткунии таҷрибаи корбурди онҳо, шаклҳои паҳнкунии чунин таҷриба ва таҳлили сиёсати давлатӣ дар ин самт изҳор намуд. Муайян карда шуд, ки иштироки мақоми ваколатдор (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигар мақомоти давлатӣ дар раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ асосан дар омодасозӣ, тасдиқ ва паҳнкунии маводи методии дахлдор ифода меёбад.

4.2. Таҳлили ташхисии вазъи корбурди СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мо дар бахшҳои пешини таҳқиқот тасдиқ кардем, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба низоми молиявии ҷаҳонӣ СБҲМ дар таъмини шаффофӣ ва қиёспазирии иттилооти молиявӣ нақши асосиро мебозанд. Истифодаи стандартҳои байналмилалӣ ба баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва мустаҳкам намудани мавқеи мамлакат дар раддабандиҳои молиявии байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он дар ҳоли рӯ ба рушд мебошад, инак дар давоми зиёда аз ду даҳсола барои ҷорӣ намудани СБҲМ дар амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ талошҳо карда, тадбирҳои дахлдор меандешад. Аммо раванди мутобиқсозии стандартҳои байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ бо як қатор мушкилот, аз қабили маҳдудиятҳо дар пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос, заминаи заифи техникӣ, инчунин огоҳии нокифояи субъектҳои соҳибкорӣ оид ба бартарӣ ва хусусиятҳои СБҲМ рӯ ба рӯ шудааст.

Таҳлили вазъи муосири татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз як тараф, таҳқиқот барои муайян кардани монеаҳои мавҷуда ва таҳияи тавсияҳо барои рафъи онҳо мадад хоҳад кард. Аз сӯйи дигар, ба суръат бахшидан ба раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ ва беҳбуди сифати ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, ки ин дар навбати худ ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тариқ, имрӯз анҷом додани таҳлили ташхисии вазъи татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрам ва саривақтӣ ба назар мерасад, зеро он ба муайян намудани тамоюлҳои асосӣ, мушкилот ва дурнамои вобаста ба ин раванд нигаронида шудааст. Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои мақомоти давлатии танзимкунандаи сиёсати молиявӣ, соҳибмулкон ва роҳбарони

субъектҳои иқтисодӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамгироии иқтисодӣ ҳамкорӣ мекунанд, муфид бошад.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳисоботҳои молиявии баъзе субъектҳои дорои манфиати умум [304], ки дар асоси муқаррароти моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» вазифадоранд, ки ҳисоботи молиявии солонаи худро дар воситаҳои ахбори омма (аз ҷумла дар шабакаи интернет) нашр намоянд [155], маълум гардид, ки сифати ҳисоботи молиявии бештари чунин корхонаҳо паст аст. Ба андешаи мо, сабаби асосии дар сатҳи пасти сифат омода намудани ҳисоботи молиявӣ дар баробари дониши нокифояи муҳосибон ва сармуҳосибон, сарфаҳм нарафтани онҳо ба муқаррароти СБҲМ, ин набурдани назорати зарурии сифати ҳисобот аз ҷониби мақоми ваколатдор - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки мушкилот дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ тартибдодашуда инчунин дар он ифода меёбад, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт ҳанӯз равишҳои мақбули ҳамаро таҳия накардааст. Назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ тартибдодашуда бештар аз ҳама ба муқаррар кардани масъулият барои таъмини сифати ин ҳисобот вобаста аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки истифодаи ҳисобот дар асоси СБҲМ асосан ба масъулияти ҳуқуқи шаҳрвандӣ асос меёбад, на ба ҳуқуқи маъмурӣ. Яъне субъекти иқтисодӣ, ки ҳисоботи молиявиро дар асоси СБҲМ тартиб додааст, инчунин аудитор (ташкилоти аудиторӣ), ки онро санҷидааст, бояд ба истифодабарандагони чунин ҳисоботи молиявӣ товони зарареро, ки аз сабаби саҳеҳ набудани он расонидааст, ҷуброн намоянд. Вале дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин гуна ҷавобгарӣ бевосита ишорат нашудааст. Ба ҳамин монанд ҷавобгариро моддаи 801 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла барои аудитор муқаррар кардааст. Мувофиқи муқаррароти ин кодекс аудит як намуди хизматрасонии пулакӣ мебошад ва дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи хизматрасонии пулакӣ иҷрокунанда

(аудитор) вазифадор аст, ки ба фармоишгар зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд. Ҳамчунин дар ҳолате, ки агар иҷрокунанда уҳдадориро ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ иҷро накардааст ё номатлуб анҷом додааст, дар шартномаи хизматрасонӣ метавонад барои ин масъулияти баландтаре пешбинӣ шавад. Азбаски аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ин гуна масъулияти баландтар барои аудитор (ташкилоти аудиторӣ) татбиқ карда мешавад.

Ҳадафи пешниҳоди хулосаи мусбати аудиторӣ ҳангоми гузаронидани аудит ин ба даст овардани эътимод дар бораи он аст, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои муҳими азбоиси амалҳои бевиҷдона ё хатоҳо (тасодуфӣ ва қасдан) пайдошударо дар бар намегирад. Эътимоди оқилона дараҷаи баланди боварӣ аст, аммо кафолат намедиҳад, ки аудити гузаронидашуда ҳамеша хатоҳо ва таҳрифҳои ҷиддиро ошкор мекунад.

Мо дар рафти таҳқиқоти худ сифати ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории ба онҳо ҳамроҳкардашудаи якчанд субъектҳои дорои манфиати умумро, ки дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [304] ҷойгир карда шудаанд, санҷидем ва вобаста ба ин баъзе фикру мулоҳизаҳои таҳлилии худро пешниҳод мекунем.

Бояд зикр кард, ки ҳисоботи молиявии аксари субъектҳои дорои манфиати умум, ки мо онҳоро ба таҳқиқ фаро гирифтем, сарфи назар аз талаботи қонунгузории миллӣ, пеш аз ҳама – муқаррароти моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [156], ки пешбурди коргузории ташкилотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаро бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) талаб мекунад, ҳанӯз ҳам ба забони русӣ тартиб дода мешавад. Аз ҷумла ҳисоботҳои субъектҳои дорои манфиати умум - ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик», ҶСК «Барқи Тоҷик», КВД «Тоҷикаэронавигатсия», ҶСК «Корхонаи кимиёвӣ» (шаҳри Исфара), ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Роғун», ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Сангтуда-1», ҶСК «Тоҷиктрансгаз», ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд», ҶДММ корхонаи муштараки «Зарафшон», ҶДММ корхонаи муштараки Тоҷикистону Канада

«Апрелевка», ки дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудаанд, бо забони русӣ пешниҳод гардидаанд. Аз ҳисоботҳои моливие, ки дар сомонаи мазкур ҷой дода шудаанд, танҳо ҳисоботи молиявии ду корхона – ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» ва ҶСК «Телерадиоком» бо забони тоҷикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Инчунин маълум гардид, ки ҳисоботи молиявӣ на ҳамеша мутобиқ бо нишондоди санади меъёрию ҳуқуқӣ – «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» [65], таҳия карда мешаванд. Албатта, ба андешаи мо, дастурамали мазкур худ комил нест, шаклҳои намунавии ҳисоботи молиявӣ, муҳтаво ва тартиби омодасозии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодиро дуруст муқаррар накардааст. Гумон меравад, ки таҳиягарони дастурамали мазкур мутахассиси соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ набудаанд ва ба нозукиҳои ҳисоботи молиявии дар асоси стандартҳои байналмилалӣ таҳияшаванда сарфаҳм намерафтаанд. Онҳо дастурамалро худ таҳия накарда, балки аз дигар забон (шояд забони русӣ) баргардон карда (дар дебочаи он низ ба кори мутарҷимон ишорат шудааст), ҳангоми баргардон кардан хусусиятҳои забони тоҷикӣ ва тартиби корбурди вожаҳои соҳаи баҳисобгирии муҳосибиро аз нигоҳи касбӣ ва мутахассиси ҳамин соҳа ба инобат нагирифтаанд. Вале мақсади мо дар таҳқиқоти худ баррасии имло ва забони пешниҳоди ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ нест ва дигар ба ин ҷиҳатҳо дахл накарда, танҳо муҳтаво ва дурустии тартибдиҳии онҳоро баррасӣ мекунем.

Омӯзиши таркиб ва муҳтавои ҳисоботи молиявии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» нишон дод, ки ҳангоми тартиб додани он яке аз талаботи асосии қонунгузории миллӣ - муқаррароти банди 1 моддаи 10 ва банди 1 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки бо пули миллӣ (сомонӣ) бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳод кардани ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодиро талаб мекунанд, ба инобат гирифта нашудааст. Ҳисоботи молиявии ширкат бо асъори хориҷӣ – доллари ИМА ифода гардидааст (ҷадвали 4.3).

Ҷадвали 4.3. – Ҳисоботи муттаҳидшуда оид ба вазъи молиявии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» барои санаи 31 декабри соли 2022, ҳаз. доллари ИМА

	Эзоҳ	31 декабри соли 2022	31 декабри соли 2021	31 декабри соли 2020
ДОРОИҲО:				
ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ:				
Воситаҳои асосӣ	7	351554	379086	387628
Таҷҳизот барои насб кардан ва сохтмони нотамом	7	18235	12221	10596
Сармоягузориҳо	8	14131	14131	13945
Сармоягузорӣ ба корхонаи муштарак	9	100013	97576	100966
Дигар дороиҳо		1789	1778	1233
ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ		485722	504792	514368
ДОРОИҲОИ КӮТОҲМУҲЛАТ:				
Захираҳои молию моддӣ	10	14365	15945	21809
Қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебиторӣ	11	50686	52986	76852
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	12	40	1407	65
ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ КӮТОҲМУҲЛАТ		65091	70338	98726
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		**550813**	**575130**	**613094**
САРМОЯИ ХУДӢ ВА УҲДАДОРИҲО:				
САРМОЯИ ХУДӢ:				
Сармояи оинномавӣ	13	604875	604875	604875
Захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ	14	167616	190502	176124
Захираи азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ба корхонаҳои муштарак	9	100013	97576	100966
Зарари ҷамъшуда	15	(514528)	(495322)	(486914)
ҲАМАГӢ САРМОЯ		357976	397631	395051
УҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ:				
Уҳдадории андозиим авкуфгузошташуда	24	3251	5527	7501
Қарздории кредитории тиҷоратии дарозмуҳлат	16	39084	45528	51663
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ		42335	51055	59164
УҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ:				
Қарздории кредитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории кредиторӣ	17	126602	100036	136125
Қарзҳо ва овердрафтҳои гирифташуда	18	23466	26215	22623
Захираҳо		434	193	131
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ		150502	126444	158879
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО		192837	177499	218043
ҲАМАГӢ САРМОЯИ ХУДӢ ВА УҲДАДОРИҲО		**550813**	**575130**	**613094**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [304]

Дар тавозуни муҳосибии муттаҳидшуда (ҳисоботи муттаҳидшуда оид ба вазъи молиявӣ)-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» тартиби пешниҳоди моддаҳои ҳисоботи молиявӣ (дороиҳо, уҳдадориҳо, сармояи худӣ), ки дар шакли намунавии тавозуни муҳосибӣ (ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ)-и дар «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» оварда шудааст, риоя нагардидааст.

Мутобиқи дастурамали мазкур, дар тавозуни муҳосибӣ дар аввал бояд дороиҳо (уҳдадориҳо)-и кӯтоҳмуҳлат (гардон) ва баъд дороиҳо (уҳдадориҳо)-и дарозмуҳлат (ғайригардон) оварда шаванд. Вале дар тавозуни муҳосибии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар аввал дороиҳо (уҳдадориҳо)-и дарозмуҳлат, сипас дороиҳо (уҳдадориҳо)-и кӯтоҳмуҳлат оварда шудаанд. Дар ҷадвали 4.3 тавозуни муҳосибии ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бо баргардон ба забони тоҷикӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳисоботи молиявии муттаҳидшудаи ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» тамоми шаклҳои ҳисоботии мутобиқи СБҲМ муқарраршуда (тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ, ҳисобот оид ба тағйирёбиҳо дар сармоя, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ, тавзеҳот)-ро дар бар мегирад.

Ҳисоботи молиявӣ ба истиснои риоя нашудани баъзе талаботи қонунгузорӣ, ки мо онҳоро пештар ёдовар шудем, инчунин ҳангоми пешниҳоди тавозуни муҳосибӣ вайрон шудани тартиби дар аввал овардани дороиҳо (уҳдадориҳо)-и кӯтоҳмуҳлат ва сипас овардани дороиҳо (уҳдадориҳо)-и дарозмуҳлат, дуруст тартиб дода шуда, саҳеҳии он бо тамоми ҷиҳатҳои муҳимӣ аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ тасдиқ карда шудааст.

Ҳисоботи молиявии муттаҳидшудаи ҶСК «Барқи Тоҷик» низ ба забони русӣ тартиб дода шуда, дар тавозуни муҳосибӣ (ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ)-и он тартиби овардани дороиҳо (уҳдадориҳо) вобаста ба бозоргирӣ (муҳлати соқит кардан), – яъне дар аввал овардани дороиҳои нисбатан бозоргир, сипас дороиҳои бозоргириашон сусттар, инчунин дар аввал овардани уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат, сипас - уҳдадориҳои дарозмуҳлат, риоя нашудааст (ҷадвали 4.4).

Ҷадвали 4.4. - Ҳисоботи муттаҳидшуда оид ба вазъи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик», барои санаи 31 декабри соли 2022, ҳаз. сомонӣ

	Эзоҳ	31 декабри соли 2022	31 декабри соли 2021
ДОРОИҲО:			
ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ:			
Воситаҳои асосӣ	6	16573769	13837061
Дороиҳои ғайримоддӣ		963	291
Пешпардохтҳои дарозмуҳлати додашуда	7	1745118	1403824
Дигар дороиҳои дарозмуҳлат	8	250874	250845
ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ		18570724	15492021
ДОРОИҲОИ КӮТОҲМУҲЛАТ:			
Захираҳои молию моддӣ	9	646981	547334
Қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебиторӣ	10	753142	512781
Пешпардохтҳои кӯтоҳмуҳлати додашуда	11	102004	215025
Андозҳои пешпардохтшуда		130748	177456
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	12	43042	65597
ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ КӮТОҲМУҲЛАТ		1675917	1518193
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		**20246641**	**17010214**
САРМОЯ ВА УҲДАДОРИҲО:			
САРМОЯ:			
Сармояи саҳомӣ	13	10952745	2124246
Захира барои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ		5101233	5383725
Сармояи захиравӣ		24302	24302
Зарари ҷамъшуда		(27691933)	(28233465)
ҲАМАГӢ САРМОЯ		(11613653)	(20701192)
УҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМУЛАТ:			
Қарзҳои дарозмуҳлати гирифташуда	14	9511557	10027117
Даромади мавқуфгузошташуда – ҳиссаи дарозмуҳлат	15	2347288	2736706
Уҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда	20	762253	958858
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲОИ ДАРОЗМУҲЛАТ		12621098	13722681
УҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ			
Ҳиссаи кӯтоҳмуҳлати қарзҳои дарозмуҳлат	14	8219474	8573694
Қарздории кредитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории кредиторӣ	16	8816722	6902274
Пешпардохтҳои гирифташуда		1147	355
Қарздорӣ аз рӯйи дигар андозҳо		26376	10824
Қарздорӣ аз рӯйи андоз аз фоида	18	-	48
Дигар уҳдадориҳо ва хароҷоти ҳисобузмашуда	17	2175477	8501530
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲОИ ҶОРӢ		19239196	23988725
ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО		31860294	37711406
ҲАМАГӢ САРМОЯ ВА УҲДАДОРИҲО		**20246641**	**17010214**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [304]

Тавозуни муҳосибии корхона бо тартиби дар аввал нишон додани дороиҳои дарозмуҳлат (воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, ...) ва дар охир нишон додани дороиҳои кӯтоҳмуҳлат (воситаҳои пулӣ, андозҳои пешпардохтшуда, ...), дар аввал нишон додани уҳдадориҳои дарозмуҳлат (қарзҳои дарозмуҳлати гирифташуда, даромади мавқуфгузошташуда – ҳиссаи дарозмуҳлат) ва дар охир нишон додани уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат (дигар уҳдадориҳо ва хароҷоти ҳисобузамшуда, қарздорӣ аз рӯйи андоз аз фоида, ...) пешниҳод гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҷадвали 4.4 Ҳисоботи муттаҳидшуда оид ба вазъи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» барои санаи 31 декабри соли 2022 дар шакли аз ҷониби муаллиф ба забони тоҷикӣ баргардоншуда пешниҳод гардидааст.

Ташхиси муҳтавои ҳисоботи молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик» нишон дод, ки он ба истиснои риоя нашудани баъзе талаботи қонунгузорӣ ва тавсияҳои дар «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» зикргардида (тартиби нишон додани дороиҳо ва уҳдадориҳо), дуруст тартиб дода шудааст ва саҳеҳии онро бо тамоми ҷиҳатҳои муҳимӣ ташкилоти аудиторӣ тасдиқ кардааст.

Вале мо ошкор кардем, ки ҳисоботҳои молиявии баъзе субъектҳои иқтисодии дорои манфиати умум ҳам ба талаботи СБҲМ ва ҳам ба талаботи қоидаҳои миллии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, инчунин дастурамалҳои дахлдори аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ҷавобгӯ нестанд. Барои тасдиқи изҳороти худ муҳтавои ҳисоботи молиявии КВД «Обу корези Душанбе»-ро таҳқиқ мекунем.

Ба ҳисобот оид ба вазъи молиявии субъекти иқтисодии мазкур назар карда мебинем (ҷадвали 4.5), ки он низ ба мисли ҳисоботҳои молиявии аксари дигар субъектҳои дорои манфиати умум бо вайрон кардани тартиби муқарраршудаи омодасозӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 4.5. - Ҳисобот оид ба вазъи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» барои санаи 31 декабри соли 2021, ҳаз. сомонӣ

	Эзоҳ	31 декабри соли 2021	31 декабри соли 2020
Дороиҳо **Дороиҳои дарозмуҳлат**			
Воситаҳои асосӣ	6	384,562	363,884
Дороиҳои ғайримоддӣ		1,191	1,465
Пешпардохт барои воситаҳои асосӣ		-	6,089
Ҳамагӣ дороиҳои дарозмуҳлат		**385,753**	**371,438**
Дороиҳои кӯтоҳмуҳлат			
Захираҳо	7	25,412	9,401
Андозҳои ҷуброншаванда		518	2,022
Қарздории дебиторӣ	8	9,190	9,554
Пешпардохтҳо		61,892	29,927
Дигар дороиҳои кӯтоҳмуҳлат		-	137
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	9	63,376	127,256
Ҳамагӣ дороиҳои кӯтоҳмуҳлат		**160,388**	**178,297**
Ҳамагӣ дороиҳо		**546,141**	**549,735**
Сармоя ва уҳдадориҳо			
Уҳдадориҳои дарозмуҳлат			
Қарзҳо ва вомҳо	10	302,562	308,294
Грантҳои ба дороиҳо таалуқдошта	11	249,695	237,840
Уҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда	17	10,487	8,878
Ҳамагӣ уҳдадориҳои дарозмуҳлат		**562,744**	**555,012**
Уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат			
Қарзҳо ва вомҳо	10	14,626	13,555
Қарздории кредиторӣ		825	16,095
Пешпардохтҳои гирифташуда		943	2,174
Андозҳо барои пардохт		(136)	651
Дигар уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат		1,428	595
Ҳамагӣ уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат		**17,687**	**33,070**
Ҳамагӣ уҳдадориҳо		**580,431**	**588,082**
Сармоя			
Сармояи оинномавӣ	12	4,441	4,441
Сармояи барилова пардохтшуда	12	124,331	111 964
Зарари ҷамъшуда		(212,206)	(189,149)
Захира барои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ		49,276	34,397
Ҳамагӣ сармоя		**(34,158)**	**(38,347)**
Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо		**546,273**	**549,735**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [304]

Ҳисобот оид ба вазъи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» барои санаи 31 декабри соли 2021 ба забони русӣ тартиб дода шуда, вале дар ҷадвали 4.5 дар шакли аз ҷониби муаллиф ба забони тоҷикӣ баргардоншуда пешниҳод гардидааст. Аз натиҷаи таҳқиқи ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории ба он замимагардида мо метавонем изҳор намоем, ки ҳисоботи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» саҳеҳ нест.

Саҳеҳ набудани ҳисоботи молиявии корхонаи мазкурро муҳаққиқ Г.Т. Қодирова низ тасдиқ кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар ҳисобот оид ба вазъи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» барои санаи 31 декабри соли 2021 муодилаи тавозунӣ ҳосил нашудааст: «маблағи уҳдадориҳо ва сармоя аз маблағи дороиҳо ба андозаи 131 сомонӣ зиёд аст (546272 сомонӣ − 546141 сомонӣ = 131 сомонӣ)» [151, с. 194]. Ба ақидаи мо, бо вуҷуди муҳим набудани ин маблағ дар субъекти иқтисодии мазкур ҳолати ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ нигаронкунанда мебошад.

Аз носаҳеҳ будани ҳисоботи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» барои санаи 31 декабри соли 2021 хулосаи аудиторӣ, ки аз ҷониби аудиторҳои ташкилоти аудитории ҶДММ «Моор Стивенс Тоҷикистон» таҳия карда шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Дар хулосаи аудитории мазкур, ки дар шакли рад кардан аз изҳори ақида ба саҳомони субъекти иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, аз ҷумла қайд карда шудааст, ки бо сабаби муҳимии масъалаҳои дар бахши «Асос барои рад кардани ибрози ақида» тавсифшуда, аудиторҳо далелҳои басанда ва муносиберо, ки тавонанд ҳамчун асос барои ибрози ақида оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявии мазкур ба кор бурда шаванд, ба даст оварда натавонистанд.

Аудиторҳо аз ҷумла қайд кардаанд, ки ба ҳолати санаи 31 декабри соли 2021 воситаҳои асосии КВД «Обу корези Душанбе» дар ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ба маблағи 384562 ҳаз. сомонӣ инъикос карда шудаанд.

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии худ корхона амсилаи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосиро ҳамчун арзёбӣ пас аз эътироф интихоб кардааст, бинобар ин, мутобиқи СБҲМ IAS 16 «Воситаҳои асосӣ» воситаҳои асосие, ки арзиши одилонаи онҳо метавонад ба таври боэътимод баҳо дода шавад, бояд дар

баҳисобгирии муҳосибӣ бо арзиши азнавбаҳододашудае инъикос карда шаванд, ки ба арзиши одилонаи онҳо дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи ҳамагуна маблағи минбаъд ҷамъшудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии арзиш (беқурбшавӣ)-и онҳо баробар аст.

Аудиторҳо дар асоси амалҳои аудитории иҷрокардаи худ муайян кардаанд, ки азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар корхона охирин маротиба дар соли 2014 гузаронида шудааст. Ҳамчунин онҳо изҳор намудаанд, ки вобаста ба мураккабӣ ва беназирии воситаҳои асосии корхона, инчунин азбоисе, ки баҳодиҳии пештар гузаронидашудаи арзиши одилонаи воситаҳои асосӣ аз ҷониби баҳодиҳандагон (коршиносон)-и касбӣ анҷом дода нашудааст, ҳисоб кардани маблағи коҳишёбии арзиши воситаҳои асосӣ дар санаи охири давраи ҳисоботӣ ба даст наомад. Дар натиҷа аудиторҳо натавонистаанд муайян кунанд, ки ягон хел тасҳеҳот нисбат ба арзиши подошшавандаи воситаҳои асосӣ ва/ё моддаҳои ташаккулдиҳандаи ҳисобот оид ба даромади умумӣ, ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ зарур аст ё не.

Аудиторҳо инчунин қайд кардаанд, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2021 қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебитории КВД «Обу корези Душанбе» дар ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ба маблағи 71082 ҳаз. сомонӣ инъикос гардида, нисбат ба он захира аз рӯйи қарзҳои шубҳанок ба маблағи 9481 ҳаз. сомонӣ эътироф карда шудааст. Вобаста ба ин, аудиторҳо натавонистаанд, ки далелҳои басанда ва муносибро барои кафолати ҷуброни маблағҳои зикргардида ба даст оранд ва таъсири дахлдорро ба ҳисобот оид ба даромади умумӣ муайян кунанд. Дар асоси таҳқиқи ҳисоботи молиявӣ аудиторҳо натавонистанд, ки далелҳои мустақими тасдиқ кардани қарздории дебиториро ба даст оранд ё амалҳои дигарро барои ошкор кардани мавҷудият, пуррагӣ ва арзиши он анҷом диҳанд.

Аз мавҷуд будани ҳамин гуна камбудиҳо дар ҳисоботи молиявии КВД «Обу корези Душанбе» аудиторҳо инчунин дар бештари қисматҳои ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла вобаста ба тавсифи фоидаи тақсимнашуда, даромадҳо низ қайд кардаанд.

Тавре ташхиси пешакии мо нишон медиҳад, аз ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии дорои манфиати умум, ки дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудаанд, танҳо ҳисоботи молиявии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»-ро аз ҷиҳати дурустии тартиб додан, мувофиқат ба СБҲМ ва қонунгузории миллии амалкунанда метавон ҳамчун намуна баррасӣ кард. Саҳеҳии ҳисоботи молиявии субъекти иқтисодии мазкур бо замима кардани хулосаи аудитории аз ҷониби ташкилоти аудитории ҶДММ «Тоҷик аудит Сервис» таҳиягардида тасдиқ карда шудааст. Зимнан, ҳамчунин бояд қайд кард, ки хулосаи аудитории мазкурро низ метавон аз ҷиҳати тартибдиҳӣ, мувофиқат ба СБА ва қонунгузории амалкунанда ҳамчун намуна интихоб кард. Барои тасдиқ кардани чунин изҳороти худ мо таркиб ва муҳтавои баъзе шаклҳои ҳисоботи молиявии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» (ба таври интихобӣ) ва ҳам хулосаи аудитории ташкилоти аудитории ҶДММ «Тоҷик аудит Сервис»-ро ки ба он замима карда шудааст, баррасӣ мекунем.

Агар ба ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (тавозуни муҳосибӣ)-и ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» (ҷадвали 4.6) назар кунем, мушоҳида метавон кард, ки тартиби таҳия ва нигориши он ба қоидаҳои СБҲМ мутобиқ аст.

Пеш аз ҳама, ба назар мерасад, ки дар тавозуни муҳосибии субъекти иқтисодӣ тартиби аз рӯйи аломати бозоргирӣ овардани унсурҳо ва моддаҳои ҳисоботи молиявӣ, ки дар шакли намунавии ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ (мутобиқи дастурамали болозикр) пешбинӣ шудааст, риоя гардидааст: дар аввал моддаҳои мутлақо бозоргир (воситаҳои пулӣ) сипас моддаҳои дараҷаи бозоргириашон нисбатан баландтар (сармоягузории кӯтоҳмуҳлат, қарздории дебитории тиҷоратӣ, захираҳои молию моддӣ ва дигарҳо) ва дар охир дороиҳои дарозмуҳлат, ки дараҷаи бозоргириашон паст аст, оварда шудаанд. Инчунин бояд зикр кард, ки ҳисоботи молиявии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» ба забони давлатӣ тартиб дода шудааст.

Ҷадвали 4.6. – Ҳисобот оид ба вазъи молиявии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» барои санаи 31 декабри соли 2022, сомонӣ

Модда	Эзоҳ	31 декабри соли 2021	31 декабри соли 2022
Дороиҳо			
Дороиҳои гардон			
Воситаҳои пулӣ	8	3422697	1202263
Сармоягузории кӯтоҳмуддат	9	140000	140000
Қарздории дебитории тиҷоратӣ	10	2189274	4132456
Дигар қарздории дебиторӣ	11	8703773	169747
Захираҳо	12	5688068	10879667
Харoҷотҳои пешпардохтшуда	13	1815653	142407
Ҳамагӣ, дороиҳои гардон		**21959465**	**16666540**
Дороиҳои ғайригардон			
Воситаҳои асосӣ	14	95695579	193453883
Дороиҳои ғайримоддӣ			
Сармоягузории дарозмуддат			
Ҳамагӣ, дороиҳои ғайригардон		**95695579**	**193456883**
Ҳамагӣ дороиҳо		**117655044**	**210120423**
Уҳдадорӣ ва сармоя			
Уҳдадориҳои ҷорӣ			
Қарздории кредитории тиҷоратӣ	15	10260969	6219906
Уҳдадории кӯтоҳмуддати қарзӣ	16		
Уҳдадориҳои ҳисобкардашуда	17	5393788	16324740
Андоз барои пардохт	18		3840499
Ҳамагӣ, уҳдадориҳои ҷорӣ		**15654757**	**26385145**
Уҳдадориҳои дарозмуддат			
Уҳдадории дарозмуддати қарзӣ			
Ҳамагӣ, уҳдадориҳои дарозмуддат			
Ҳамагӣ, уҳдадориҳо		**15654757**	**26385145**
Сармояи худӣ			
Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)	19	29675932	29675932
Сармояи иловагӣ			
Фоидаи тақсимнашуда	20	1256362	73073552
Сармояи захиравӣ	21	71067993	80986794
Ҳамагӣ, сармояи худӣ		**102000287**	**183735278**
Ҳамагӣ, уҳдадорӣ ва сармоя		**117655044**	**210120423**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [304]

Мо дар муҳтавои тавозуни муҳосибии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» як хатои техникии содиршударо мушоҳида кардем. Дар бахши уҳдадорӣ ва сармояи тавозун, чунин маълумот дар бораи унсурҳои сармояи худӣ дар санаи 31 декабри соли 2022 оварда шудааст: сармояи оинномавӣ (эълоншуда) – 29675932 сомонӣ, фоидаи тақсимнашуда – 73073552 сомонӣ, сармояи захиравӣ – 80986794 сомонӣ. Вале маблағи умумии сармояи худӣ (сатри ҳамагӣ сармояи худӣ) 183735278 сомониро ташкил додааст, ки ба ҳосили ҷамъи маблағҳои унсурҳои алоҳидаи сармояи худӣ рост намеояд.

Азбаски ҷамъбасти умумии тавозун ва ҷамъбастҳои бахшҳои алоҳидаи он дуруст мебошанд, чунин тасдиқ кардан мумкин аст, ки ин ҷо маблағи яке аз унсурҳои сармояи худии субъекти иқтисодӣ бо сабаби техникӣ нодуруст муайян карда шудааст. Барои ислоҳ кардани хатои мазкур кифоя аст, ки муҳтавои шакли дигари ҳисоботи молиявии субъекти иқтисодӣ – ҳисобот оид ба тағйирот дар сармояи субъектро барои соли дар санаи 31 декабри соли 2022 ба анҷом расида аз назар гузаронем. Он ҷо мебинем, ки бақияи фоидаи тақсимнашуда дар санаи 31 декабри соли 2022 маблағи 73072552 сомониро ташкил додааст: ҷамъи бақия дар санаи 31 декабри соли 20211 (1256632 сомонӣ) ва маблағи фоидаи соф дар соли 2022 (71816190 сомонӣ). Осон исбот кардан мумкин аст, ки дар тавозуни муҳосибӣ ба ҷойи маблағи 73072552 сомонӣ (фоидаи тақсимнашуда) саҳван маблағи 73073552 сомонӣ нишон дода шудааст, яъне ба ҷойи адади 2 (дар маблағ адади панҷум) адади 3 нишон дода шудааст. Вале аудитор низ, ки аудити ҳисоботи молиявии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»-ро гузаронидааст, хатои мазкурро ифшо накардааст ва он дар ҳисоботи молиявии ба тамоми суроғаҳо равонкардашуда, аз ҷумла дар ҳисоботи молиявии дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдодашуда низ ҳузур дорад.

Бояд гуфт, ки аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ санҷиши аудитории субъектҳои иқтисодиро, ки дар асоси СБҲМ таҳия шудааст, на ҳамеша мутобиқ ба принсипҳои ҳамамақбули аудит анҷом медиҳанд ва хулосаҳои худро аз натиҷаи аудит дуруст ва воқеъбинона таҳия мекунанд. Баъзан онҳо ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва таҳия намудани хулосаи аудит ҷиҳатҳои

муҳимеро ба инобат намегиранд, ки дар асоси онҳо аудитро метавон ҳамчун ғайривоқеъбинона гузаронидашуда арзёбӣ кард.

Барои дар асоси СБҲМ омода намудани ҳисоботи молиявӣ субъектҳои иқтисодӣ бо масъалаи норасоии кормандони дорои донишҳои дахлдор дучор меоянд ва мо пештар ҳам қайд карда будем, ки барои гузариши пурра ба истифодаи СБҲМ масъалаи таъмини мутахассисон яке аз мушкилоти асосӣ мебошад. Муҳосибони корхонаҳои ватанӣ аз аввал (ҳамчун мерос аз замони Иттиҳоди Шуравӣ) одат карда буданд, ки фаъолияти худро дар асоси амалҳои банақшагирифташуда ба роҳ монда, ҳамеша ба дастурамал ва низомномаҳо такя кунанд. Тартиб додани ҳисоботи молиявӣ низ дар асоси дастурҳои пешакӣ таҳияшуда анҷом дода мешуд. Вале тавре пештар қайд кардем, дастурамал ва низомномаҳои соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ куҳна шудаанд, баъзеи онҳо барои шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ қобили истифода нестанд, дастурамал ва низомномаҳои нав оид ба масъалаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳия нашудаанд. Дар ин маврид муҳосибон метавонанд аз СБҲМ истифода баранд ва ҳамзамон ба он аҳамият диҳанд, ки талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ риоя гарданд.

Муҳосиби имрӯза бояд на танҳо баҳисобгирии муҳосибиро пеш барад ва ҳисоботи молиявиро тартиб диҳад, вай инчунин ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбии худ принсипҳои ҳамамақбули баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро ба кор барад. Муҳосиб набояд ҳамчун иҷрокунандаи дастурҳо ва риоякунандаи қонунгузорӣ амал кунад, ӯ бояд ба иҷрои вазифаҳои касбии худ дар шароити корбурди СБҲМ аз нигоҳи субъективӣ назар кунад. Яъне ӯ бояд на танҳо феҳристҳои муҳосибиро мувофиқи шакли муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ пур кунад, балки моҳияти мушкилот ва сабабҳои рух додани онҳоро низ омӯзад, то хусусиятҳои иқтисодии корхонаро дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос кунад.

Нарасидани кормандони соҳибкасб ба корхона хароҷоти зиёдро барои омӯзиш ва бозомӯзии кормандон пешбинӣ менамояд, зеро имрӯз бо вуҷуди дар

аксари муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии мамлакат мутахассиони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ омода карда мешаванд, вале аз зумраи онҳо шумораи каме ҳастанд, ки дар соҳаи СБҲМ дониш ва малакаи дахлдор доранд. Дар баробари ин, аксари роҳбарони корхонаҳо ба хароҷоти баланд бардоштани салоҳияти кормандони худ беэътиноӣ мекунанд, вале дарк намекунанд, ки бо ин рафтори худ обрӯи корхонаро аз даст хоҳанд дод ва дар натиҷа бартариҳои рақобатиро дар бозор ба даст оварда наметавонанд.

Ҳоло мушкилоти рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва таъмини мувофиқати он ба талаботи иқтисодиёти нав дар солҳои охир мавзуи муҳокимаи фаъоли олимон ва мутахассисони соҳа мебошад. Зимнан, «аксари олимон, ки мушкилоти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ таҳқиқ мекунанд, зарурати табдили муҳтаво, хосиятҳо ва шакли пешкашкунии иттилооти ҳисоботӣ, рушди принсипҳо, усулҳо ва консепсияҳо, ҳатто дигаршавии нигоҳи илмиро ба мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф менамоянд» [217, с. 123].

Мубрамии таҳқиқот дар соҳаи мазкур ҳамчунин аз сабабе тасдиқ мегардад, ки дар солҳои охир дар арсаи байналмилалӣ пастшавии нафънокии ҳисоботи молиявӣ барои баъзе ҷонибҳои аз натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ манфиатдор мушоҳида мешавад. Дарвоқеъ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ тасаввур намудани иқтисодиёти бе манбаи асосии иттилоотӣ – низоми баҳисобгирии муҳосибии дар асоси СБҲМ амалкунанда ғайриимкон аст. Имрӯз иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдшаванда ва дар шакли ҳисобот пешниҳодшаванда аз ҷониби на танҳо сармоягузорон, инчунин аз ҷониби доираи васеи истифодабарандагони хусусӣ ва ҷамъиятӣ, дохилӣ ва берунӣ (саҳмиядорон, танзимкунандагон, мақомоти андоз, гумрук, омор, ниҳоди зиддиинҳисорӣ ва дигарҳо) истифода мешавад.

Тавре муҳаққиқ Г.Т. Қодирова қайд мекунад, «Баъзе изҳорот дар адабиёти илмии соҳа ҷиҳати дар ояндаи наздик маҳв шудани касби муҳосиб, бо вуҷуди баҳспазирии аксари далелҳо ва хулосаҳои овардашуда, вокунишҳои махсус ба

миён овардаанд. Тасаввур намудани иқтисодиёти рақамии бе манбаи асосии иттилоотӣ амалкунанда мушкил аст. Маълумоти дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдшаванда аз ҷониби доираи доимо васеъшавандаи истифодабарандагони хусусӣ ва ҷамъиятӣ, дохилӣ ва берунӣ (саҳмиядорон, сармоягузорон, танзимкунандагон, мақомоти андоз, гумрук, омор, зиддиинҳисорӣ ва дигарҳо) истифода мешаванд» [151, с. 314].

Арзёбии ноустувори ҳастии ояндаи баҳисобгирии муҳосибӣ «аллакай ба пастшавии эътибори касби муҳосибӣ мусоидат намуда, ворид шудани насли ҷавонро ба доираи касбӣ маҳдуд менамояд, ҳамчунин ба талабот дар бозори таҳсилоти муҳосибӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, барои бартараф кардани паёмадҳои номатлуби ҳолати зикршуда муайян кардани салоҳияти асосии муҳосиби оянда, омӯзиши таъсири равандҳои рақамикунонии муносибатҳои иқтисодӣ ба намои касби муҳосибӣ дар оянда муҳим аст» [250, с. 51].

Дар адабиёти илмии соҳа муҳокимаҳо оид ба ояндаи касби муҳосиб ва дигаргуниҳо дар раванди омодакунии муҳосибони касбӣ ба назар мерасанд, ки иштирокчиёни фаъоли онҳо муҳаққиқон О.Н. Волкова [44], Н.А. Каморджанова [101], В.В. Ковалев [116], Н.А. Мирославская [192], Ҳ.И. Ракин [349] ва дигарон мебошанд. Онҳо аз таърихи тӯлонии баҳисобгирии муҳосибӣ ёдовар шуда, тасдиқ менамоянд, ки ҳоло ба касби муҳосиб талабот пойдор буда, дар оянда низ талабот ба муҳосибони касбӣ меафзояд. «Таърих нишон медиҳад, ки қабули навовариҳои технологӣ метавонад ҳамчун як ангезаи пурқувват дар иқтисодиёт, шуғл ва таъсиси ҷойҳои корӣ амал кунад. Дар натиҷа метавон тасдиқ кард, ки самараи умумии компютеркунонӣ ва механиконӣ боиси бо суръати бесобиқа пайдо шудани ҷойҳои корӣ гардид. Аз ҷумла бо мурури афзоиши миқёси корхонаҳо онҳо ба менеҷерҳо, муҳосибон ва дигар кормандони маъмурӣ ниёз пайдо мекунанд» [337].

Ҷойҳои кории нав малакаҳои баландро, ки аз сифати низоми таҳсилот дар мамлакат вобаста мебошанд, талаб мекунанд, «бештари ҷойҳои корие, ки дар оянда автоматикунонӣ таъсис медиҳад, сатҳи баланди таҳсилотро талаб

мекунанд. Дар ин замина, ҷойҳои корие, ки талаботи камтарро ба таҳсилот тақозо мекунанд, зери хавф қарор доранд ва ҳамзамон талабот ба ҷойҳои корие, ки имконияти таҳсилотӣ ё малакаҳои баландро талаб мекунанд, меафзояд» [329, с. 2458]. Низоми таҳсилот барои ҷойҳои нави корӣ дар натиҷаи рақамикунонӣ пайдошаванда нақши муҳим дорад. Сифати малакаҳои мутахассисон, аз ҷумла муҳосибони нав аз сифати низоми таҳсилот вобаста аст. Агар низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ ва миёнаи мамлакат ба талабот ҷиҳати малакаҳои касбии муҳосибон ҷавобгӯ набошад, номувофиқатии байни малакаҳои касбии муҳосибӣ ва технологияҳои рақамӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, рақамикунонӣ кормандони дорои дараҷаи пасти тахассусиро водор мекунад, касбияти худро вобаста ба талаботи технологияҳои нави касбӣ равнақ диҳанд, вагарна ҷойи корӣ худро аз даст медиҳанд, зеро агар як қисми ҷойҳои кориро воситаҳои техникӣ иваз кунанд, қисми дигари онҳоро мутахассисони соҳибихтисос ишғол мекунанд.

4.3. Тамоюлҳои рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ

Дар асоси бахшҳои қаблии таҳқиқот мо тасдиқ намудем, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва таҳкими муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ зарурати стандартикунонии ҳисоботи молиявӣ афзоиш меёбад. Гузашта аз ин, «равандҳои дигаргунсозиҳо, ки дар иқтисодиёт, таъминоти техникӣ ва технологии фаъолияти хоҷагидорӣ ба амал меоянд, ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, аз ҷумла ҳисоботи молиявӣ таъсири калон мегузоранд» [133, с. 61].

Рушди баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муҳими роҳи ҳамгироӣ ба иқтисодёти ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани шаффофии молиявии субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Ин ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи малакаҳои амалии муҳосибон ва аудиторҳо тағйироти бонизомро тақозо мекунад. Татбиқи СБҲМ заминаи боэътимоди

ҳамкории муассир бо бозорҳои байналмилалӣ шуда, эътимоди сармоягузоронро афзоиш медиҳад ва ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодии мамлакатро беҳтар мекунад.

СБҲМ дар таъмини шаффофӣ, қиёспазирӣ ва саҳеҳии иттилооти молиявӣ нақши калидӣ мебозад ва воқеан омили муҳими ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши эътимод дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ мебошад. Дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи охир, бештари мамлакатҳо, аз ҷумла мамлакатҳои рӯ ба рушд, барои таъмини стандартҳои волои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба татбиқи СБҲМ шуруъ мекунанд.

Дар ин зербахши таҳқиқот мо бо баррасии тамоюлҳои асосии рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ мушкилоти умдаи татбиқи стандартҳои байналмилалиро муайян ва арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои мушаххаси татбиқи онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меомӯзем.

Омӯзиши адабиёти дахлдор ва таҳлили амалияи татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои дорои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ нишон дод, ки се гурӯҳи мушкилоти марбут ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди баҳисобгирии молиявӣ дар заминаи татбиқи СБҲМ вуҷуд доранд [112; 115; 126; 213; 260; 261; 327]. Ин мушкилот дар ҷадвали 4.7 оварда шудаанд.

Таҳлили ҳар кадоми ин мушкилот ва муҳтавои онҳо ба мо барои амиқтар дарк кардани он ки дар низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ чӣ гуна тағйирот ба амал омада истодаанд ва онҳо ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва давлат чӣ гуна таъсир мерасонанд. Дар маҷмуъ, муҳимии тағйироти умда дар соҳаи баҳисобгирии молиявӣ, ки ба баланд бардоштани шаффофӣ, самаранокӣ ва ба ҳисоб гирифтани омилҳои иҷтимоӣ ва экологӣ нигаронида шудаанд, таъкид карда мешавад, ки ин дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт мубрамии махсус пайдо мекунад.

Ҳамзамон, «мутобиқати стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбутаро аз нуқтаи назари интиқодӣ арзёбӣ кардан лозим аст, зеро бо амиқтар шудани табдили рақамӣ истилоҳоти нави баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, дар равандҳо ва механизмҳои алоҳида на

танҳо ақибмонии қонунгузорӣ аз воқеияти имрӯза, балки номутобиқат дар қонунгузорӣ низ мушоҳида мешавад» [21, с. 40]. Моҳияти мушкилоти ягонакунии ҳисоботи молиявӣ дар зарурати бунёди низоми ягонаи стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки шаффофӣ ва қиёспазирии ҳисоботи молиявиро барои ҳамаи иштирокчиёни бозори ҷаҳонӣ таъмин намояд, ифода меёбад.

Ҷадвали 4.7. – Мушкилоти асосии рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар заминаи СБҲМ

Мушкилот	Муҳтавои мушкилот
1. Ягонакунии ҳисоботи молиявӣ	Яке аз тамоюлҳои асосии рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ хоҳиши ягонакунии ҳисоботи молиявӣ мебошад. СБҲМ дараҷаи баланди стандартикунониро таъмин намуда, ба корхонаҳо ва давлатҳо имкон медиҳад, ки шаффофии ҳисоботи молиявии худро баланд бардоранд ва ҳамкориҳоро бо сармоягузорони байналмилалӣ, аудиторҳо ва мақомоти давлатӣ содатар кунанд. Татбиқи СБҲМ ба мамлакатҳо имкон медиҳад, ки ба равандҳои молиявии байналмиллалӣ ҳамгиро шаванд, рақобатпазириро афзоиш диҳанд ва хавфҳои иттилоотиро коҳиш диҳанд. Ин раванд махсусан барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки дар онҳо стандартҳои ҷаҳонии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҷузъи муҳими ислоҳоти низоми молиявӣ табдил меёбанд, дахл дорад.
2. Рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии ҳисобот	Рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳо барои автоматикунонии баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба як тамоюли муҳими баҳисобгирии молиявии ҷаҳонӣ табдил меёбанд. Дар бисёр мамлакатҳо низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷорӣ карда мешаванд, ки дақиқӣ ва суръати баланди коркард, кам кардани хатоҳои инсониро таъмин мекунанд. Илова бар ин, истифодаи технологияҳои махсус, ба монанди блокчейн барои беҳтар кардани шаффофӣ ва амнияти иттилооти молиявӣ як қадами муҳим дар рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ мебошад.
3. Таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоии корпоративӣ (МИК) ва нишондиҳандаҳои экологӣ	Тамоюли ифшои маълумот дар бораи МИК ва устувории экологӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъруфият пайдо мекунад. Солҳои охир ба ифшои иттилооти ғайримолиявӣ дар доираи стандартҳои СБҲМ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, ки ба дарки беҳтари таъсири тиҷорат ба ҷомеа ва муҳити зист мусоидат мекунад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Равшан аст, ки СБҲМ на танҳо хароҷоти субъектҳои иқтисодиро ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявии онҳо, махсусан дар заминаи муттаҳидгардонии ҳисоботи молиявии корхонаҳои дар мамлакатҳои гуногун фаъолияткунанда кам мекунад, балки хароҷоти ҷалби сармояро низ коҳиш медиҳад: «нархи бозории сармояро ду омили асосӣ муайян мекунад: боздеҳии оянда ва хавфҳо. Баъзе аз хавфҳо воқеан хоси фаъолияти худи корхонаҳо ҳастанд, аммо хавфҳое низ ҳастанд, ки аз нарасидани иттилоот ва мавҷуд набудани маълумоти дақиқ дар бораи боздеҳии сармоягузориҳо ба вуҷуд меоянд. Яке аз сабабҳои нокифоя будани иттилоот ин набудани ҳисоботи молиявии стандартикардашуда мебошад, ки дар баробари нигоҳ доштани сармоя, воқеан ҳаҷми онро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, сармоягузорон омодаанд даромади камтарро гиранд, зеро медонанд, ки шаффофии бештари иттилоот хавфҳои онҳоро коҳиш медиҳад» [283].

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва сармоягузории байналмилалӣ субъектҳои иқтисодӣ ва давлатҳо дар робита бо тафовут дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба мушкилот дучор мешаванд. Ин муқоисаи натиҷаҳои молиявиро душвор мегардонад, раванди қабули қарорҳои сармоягузориро мураккаб намуда, хавфҳои иттилоотиро зиёд мекунад. Аз ҷумла, субъектҳои иқтисодӣ бояд муҳтавои тамоми ҳисоботҳои худро ба талаботи мамлакатҳои гуногун мутобиқ созанд, ки ин масраф ва талошҳои иловагиро талаб мекунад.

Дар адабиёт роҳҳои имконпазири ҳалли ин мушкилот, аз ҷумла тавассути такмил додани муқаррароти стандартҳои дахлдори СБҲМ, ки дараҷаи баланди стандартикунонӣ ва ягонакунии ҳисоботро таъмин мекунанд, таҳия карда шудаанд [43; 71; 133; 161; 318]. Дар асоси ба низом даровардан ва ҷамъбаст намудани ин коркардҳо мо пешниҳодҳои дахлдорро таҳия кардем, ки дар онҳо ба чунин ҷиҳатҳо ишорат мешавад:

- баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавӣ ба СБҲМ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд. Ин ба ҳамгироии субъектҳои иқтисодии маҳаллӣ ба ҷараёни молиявии байналмилалӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад;

- бунёди механизмҳои самараноки омодакунӣ ва бозомӯзии мутахассисони донандаи СБҲМ. Ин татбиқи дурусти стандартҳои байналмилалиро дар ҳама сатҳҳо, аз таҳиякунандагони ҳисобот то аудиторон ва мақомоти танзимкунанда таъмин хоҳад кард;

- кам кардани монеаҳо барои татбиқи СБҲМ дар сатҳи миллӣ. Ин ҳамоҳангсозии санадҳои қонунгузорию меъёрӣ, инчунин дастгирии ташаббусҳо оид ба ҳамгироии стандартҳои байналмилалӣ ва амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад;

- идома додани такмил ва навсозии СБҲМ дар посух ба тағйирот дар муҳити иқтисодӣ ва молиявӣ. СБҲМ бояд ҳамзамон бо тағйирот дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ рушд ёбанд, то мубрамии худро нигоҳ доранд ва кафолат диҳанд, ки онҳо нишондиҳандаҳои молиявӣ ва вазъи молиявии субъектҳои иқтисодиро ба таври кофӣ инъикос мекунанд.

Ҷорӣ намудан ва истифодаи васеи СБҲМ дар миқёси ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки ҳамкории байни давлатҳо, субъектҳои иқтисодӣ, сармоягузорон ва аудиторҳо ба таври назаррас сода карда, сатҳи эътимод ба ҳисоботи молиявӣ баланд бардошта шуда, фазои ягонаи иттилоотӣ барои ҳамаи иштирокчиёни бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ фароҳам оварда шавад.

Таҳлили амалияи татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои дорои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ муҳимии ягонакунии ҳисоботи молиявиро нишон дод. Дар асоси таҳлили қиёсӣ нуктаҳои асосиро дар татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои гуногун, аз мамлакатҳои рӯ ба рушд то мамлакатҳои пешрафта муайян кардан мумкин аст (ҷадвали 4.8).

Мушкилоти рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии раванди омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ дар зарурати ҳамгироии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва воситаҳои рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва саҳеҳии баҳисобгирии молиявӣ, инчунин таъмини шаффофӣ ва амнияти иттилооти молиявӣ ифода меёбад.

Ҷадвали 4.8. – Маълумот оид ба татбиқи СБҲМ дар мамлакатҳои гуногун

Мамлакатҳои рӯ ба рушд	
Ҳиндустон	Соли 1999 – Ҳиндустон раванди мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (IAS)-ро оғоз кардааст. Соли 2005 - татбиқи стандартҳои ҳатмии СБҲМ барои корхонаҳои бузурги ҷамъиятӣ. Корбурди СБҲМ барои корхонаҳои ҷамъиятӣ аз соли 2011 ҳатмӣ шудааст. Соли 2016 - Ҳиндустон стандартҳои худро ба IFRS табдил дод, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, вале хусусиятҳои иқтисодиёти милии онро ба назар мегиранд.
Чин	Соли 2001 - Чин ба ҳамоҳангсозии стандартҳои миллии худ бо стандартҳои байналмилалӣ шуруъ кардааст. Соли 2007 - стандартҳои ҳатмии СБҲМ барои корхонаҳои ҷамъиятӣ - корхонаҳои бузурги давлатӣ ва корхонаҳое, ки дар бозорҳои байналмилалӣ тиҷорат мекунанд, ҷорӣ карда шуданд. Соли 2010 - аз ҳама корхонаҳои ҷамъиятии Чин талаб карда мешавад, ки стандартҳои наздик ба СБҲМ-ро бо тағйироти мувофиқ барои воқеияти иқтисодии Чинтатбиқ кунанд.
Мамлакатҳои дорои иқтисодиёти гузариш	
Россия	Соли 1998 - Россия мутобиқ шудан ба СБҲМ-ро оғоз кардааст, вале стандартҳои аввалӣ танҳо дар солҳои 2000-ум ҷорӣ карда шуданд. Соли 2004 - қабули стандартҳои нави ҳисоботи молиявӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқанд. Бо вуҷуди ин, онҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд. Соли 2011 – дар Россия қарор қабул гардид, ки мувофиқи он барои корхонаҳои ҷамъиятие, ки саҳмияҳояшон дар бозорҳои байналмилалӣ муомилот мешаванд, истифодаи СБҲМ ҳатмӣ гардид.
Қазоқистон	Соли 2003 - Қазоқистон раванди ҳамгироии СБҲМ ба қонунгузории миллиро оғоз кардааст. Соли 2007 - СБҲМ барои корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон дар бозорҳои қоғазҳои қиматнок муомилот мешаванд, ҳатмӣ гардид. 2010 - Қазоқистон СБҲМ-ро барои ҳама корхонаҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳои дорои ҳаҷми калони гардиш ҷорӣ кард.
Мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта	
ИМА	Соли 1973 – дар ИМА Ташкилоти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (Financial Accounting Standards Board - FASB) таъсис шуд, ки ба таҳия принсипҳои монанд ба СБҲМ шуруъ кард, вале дар ИМА на СБҲМ, балки стандартҳои миллии US GAAP истифода мешаванд. Соли 2008 - ИМА розӣ шуд, ки СБҲМ-ро барои корпоратсияҳои бузурги байналмилалӣ бо имкони ҳамгироии қисман ба стандартҳои миллӣ ҷорӣ кунад. Соли 2020 - Гарчанде СБҲМ дар ИМА ҳатмӣ нагардидааст, дар бораи ҳамоҳангсозии GAAP ва СБҲМ муҳокима карда мешавад.
Британияи Кабир	Соли 2000 - Британияи Кабир гузариш ба СБҲМ-ро оғоз мекунад. Соли 2005 - Ҳатмӣ кардани СБҲМ барои ҳамаи корхонаҳои ҷамъиятӣ дар дохили Иттиҳоди Аврупо.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бо зиёд шудани ҳаҷм ва мураккабии маълумоте, ки бояд дар доираи СБҲМ коркард шаванд, усулҳои анъанавии баҳисобгирӣ, ки кори дастӣ ва амалҳо бо ҳуҷҷатҳои сершуморро дар бар мегиранд, бесамар гардида, ба хатоҳо мубтало мешаванд. Дар ин замина субъектҳои иқтисодӣ бо мушкили гузариш ба низомҳои баландтехнологӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бартараф намудани ин мушкилӣ хароҷоти зиёдро барои такмили инфрасохтор ва омӯзиши кормандон талаб мекунад ва «барои таъмини бартариҳои мушаххаси корхонае, ки миқдори басандаи технологияҳои иттилоотӣ барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар шароити корбурди технологияҳои рақамӣ ва истифодаи онҳо барои арзёбии тиҷорат дар асоси чунин ҳисоботи молиявӣ дорад, зарур аст» [319, с. 231].

Ҳалли мушкилоти мазкур тавассути татбиқ ва рушди технологияҳои автоматикунонии равандҳои пешбурди баҳисобгириии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ имконпазир аст, ки дақиқӣ ва суръати коркарди маълумотро хеле баланд бардошта, хатоҳои инсониро кам мекунад. Барои ин, роҳандозӣ намудани якчанд тадбирҳо лозим аст, аз қабили:

- сармоягузорӣ ба низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ: татбиқи низомҳои ERP (Enterprise Resource Planning – банақшагирии захираҳои корхона) ва дигар дастаҳои нармафзор барои автоматикунонии баҳисобгирии молиявӣ, ки ба ҳамгироии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратӣ ва кам кардани хароҷоти идоракунии маълумот имкон медиҳанд;

- истифодаи технологияҳои блокчейн (blockchain): блокчейн барои бунёди низомҳои боэътимод ва шаффофи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар онҳо ҳар як амалиёти молиявӣ ба қайд гирифта шуда, барои санҷиш дар вақти воқеӣ дастрас аст, имкон медиҳад. Ин метавонад ба таври назаррас сатҳи амн ва саҳеҳии ҳисоботи молиявии бо СБҲМ мутобиқро баланд бардорад;

- мутобиқгардонӣ ба технологияҳои абрӣ: истифодаи технологияҳои абрӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот имкон медиҳад, ки чандирӣ ва дастрасии маълумот аз ҳар гӯшаи ҷаҳон таъмин гардад, ки ин равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷиро осон мекунад;

- омӯзиш ва такмили ихтисоси мутахассисон: барои истифодаи самараноки технологияҳои нав бояд омӯзиши кормандон ва мутахассисони соҳаи баҳисобгирии молиявӣ ба роҳ монда шавад, то ки онҳо ба тағйироти муҳити технологӣ зуд мутобиқ шаванд ва дар фаъолияти касбии худ воситаҳои навро дуруст истифода баранд;

- ҳамгироии технологияҳо бо СБҲМ: автоматикунонӣ бояд ба риояи талаботи СБҲМ равона карда шавад, ки ин раванди таҳияи ҳисоботи молиявиро суръат мебахшад ва дурустии онро мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии ҳисоботи молиявӣ сифати баландтари иттилооти молиявиро таъмин намуда, раванди таҳия ва пешниҳоди онро суръат мебахшанд, инчунин ба кам кардани хатоҳо ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони байналмилалӣ ва мақомоти танзимкунанда мусоидат мекунанд. Ин тадбир ба беҳтар намудани назорат ва ояндабинии молиявӣ низ мусоидат мекунад, ки ин барои қабули қарорҳои стратегӣ дар ҳама сатҳҳои фаъолияти тиҷоратӣ муҳим аст.

Моҳияти масъалаи таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоии корпоративӣ (МИК) ва нишондиҳандаҳои экологӣ дар талаботи афзоянда ба субъектҳои иқтисодӣ оид ба ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ на танҳо дар бораи натиҷаҳои молиявӣ, балки дар бораи таъсири фаъолияти онҳо ба ҷомеа ва муҳити зист низ ифода меёбад. Дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои ғайримолияи фаъолияти тиҷоратӣ, аз қабили устуворӣ, масъулияти ахлоқӣ ва таъсири муҳити зист зиёд шудааст. Муҳтавои СБҲМ ба таври анъанавӣ ба ҳисоботи молиявӣ тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки иттилооти ғайримолиявӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ, на ҳамеша ба низоми ҳисоботи молиявӣ пурра ворид карда мешаванд, ки ин барои сармоягузорон, мақомоти танзимкунанда ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мушкилот эҷод мекунад.

Ҳалли ин мушкилот дар таҳия ва татбиқи стандартҳои нав, ки ҷанбаҳои экологӣ ва иҷтимоии фаъолияти тиҷоратӣ, инчунин ҳамгироии ин ҷанбаҳоро ба

ҳисоботи молиявии мавҷуда ба инобат мегиранд, ифода меёбад. Роҳҳои асосии ҳалли мушкилот инҳоянд:

- таҳия ва татбиқи стандартҳои нави ҳисобот, аз ҷумла дар ҳисоботи молиявӣ овардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ. Ин ба корхонаҳои ҳисоботдиҳанда имкон медиҳад, ки дар баробари нишондиҳандаҳои натиҷаи молиявӣ сурати пурраи фаъолияти худро бо нишон додани иттилоот дар бораи таъсир ба муҳити атроф, риояи меъёрҳои иҷтимоӣ ва ахлоқи корпоративӣ ба истифодабарандагони манфиатдор пешниҳод кунанд. СБҲМ аллакай ба дар муҳтавои худ дохил кардани баъзе талабот оид ба ифшои иттилооти ғайримолиявӣ шуруъ кардаанд, бо вуҷуди ин пешрафтҳо дар ин самт ҳанӯз мубрамии худро нигоҳ медоранд;

- таҳияи меъёрҳои умумии арзёбии МИК ва нишондиҳандаҳои экологӣ. Дар сатҳи ҷаҳонӣ бояд меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дақиқ барои арзёбии таъсири субъектҳои иқтисодӣ ба экология ва ҷомеа, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ ворид карда шаванд, таҳия карда шаванд. Ин ба ягонакунии равишҳо барои ифшои чунин иттилоот мусоидат намуда, маълумоти дахлдорро қиёспазир ва шаффоф мекунад;

- омӯзиш ва дастгирии субъектҳои иқтисодӣ дар соҳаи масъулияти иҷтимоӣ ва рушди устувор. Кормандони корхонаҳо бояд дар бораи аҳамият ва усулҳои ҷамъоварӣ ва ифшои маълумот оид ба фаъолияти иҷтимоӣ ва экологии онҳо омӯзонида шаванд. Ин ташкили барномаҳои махсуси омӯзишӣ, захираҳо ва дастгирии машваратиро барои татбиқ намудани стандартҳо талаб мекунад;

- афзоиши фишор аз ҷониби ҷонибҳои манфиатдор. Дар ҳавасманд кардани корхонаҳо барои ифшои шаффофтари иттилооти иҷтимоӣ ва экологӣ, бояд сармоягузорон, мақомоти танзимкунанда ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз корхонаҳо иҷрои стандартҳои нави ба рушди устувор ва рафтори масъулиятнок нигаронидашударо талаб мекунанд, нақши фаъол дошта бошанд;

- истифодаи технологияҳо барои мониторинг ва омодасозии ҳисобот. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав, аз қабили платформаҳои рақамӣ ва блокчейн ба корхонаҳо дар ҷамъоварӣ, пайгирӣ ва санҷиши маълумот дар бораи

нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоии фаъолияти худ, беҳтар кардани сифати ҳисобот ва коҳиш додани имкони таҳрифи маълумот мадад мекунад.

Татбиқ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ифшои маълумот дар бораи МИК ва нишондиҳандаҳои экологӣ дар доираи СБҲМ як қадами муҳим дар роҳи фароҳам овардани муҳити нисбатан устувор ва масъулиятноки соҳибкорӣ хоҳад буд, ки дар навбати худ эътимоди сармоягузорон ва ҷомеаро ба корхонаҳое, ки ба талаботи муосири масъулияти иҷтимоӣ ва устувории экологӣ ҷавобгӯ мебошанд, зиёд мекунад.

Дар доираи се мушкилоти умдаи рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ, ки мавриди барасӣ қарор гирифтаанд, ҳамаи мушкилоти дигаре, ки дар ҳар як мамлакат ба миён меоянд, дохил карда шудаанд. Масалан, муҳаққиқи рус Е.А. Никифорова дар асоси таҳлили монографияи С.В. Модеров [198] ва асарҳои муаллифони дигар, ки дар онҳо мушкилоти асосии татбиқи СБҲМ баррасӣ шудаанд, ба хулоса омада, шубҳа мекунад, ки СБҲМ барои ба даст овардани ҳадафи асосии худ қодир нест ва чунин зикр мекунад: «хавфе вуҷуд дорад, ки омодасозии ҳисобот ба зудӣ душвор мегардад ва фирмаҳо танҳо барои қонеъ кардани талаботи мақомоти танзимкунанда ҳисобот таҳия мекунанд, на барои ҷалби сармоягузорони нав» [213, с. 19]. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳангоми арзёбии ҳолати татбиқи СБҲМ на танҳо масъалаи таъмини сармоягузорон бо иттилооти заруриро бояд ба назар гирифт. Тавре ӯ қайд мекунад, барои он ки хароҷоти татбиқи стандартҳои байналмилалӣ нафъи бештар оваранд, бояд низоми мавҷудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо стандартҳои нави байналмилалӣ ҳамгиро карда шавад. Равиши мазкур ба он асоснок карда мешавад, ки СБҲМ аз ибтидо ба ғояи идоракунӣ ва манфиатҳои моликиятдорӣ қаробат дошта, инчунин ба мантиқи пешбурди тиҷорат мувофиқат мекунанд. Яъне ҳадафи муҳимтарини татбиқи СБҲМ бояд на танҳо ҷалби маблағгузории арзон ва ворид шудан ба бозорҳои ҷаҳонии сармоягузорӣ, балки ба даст овардани иттилооти муфид ва фаврӣ аз низоми баҳисобгирии идоракунӣ низ бошад.

Бисёре аз сармоягузорон аз сатҳи иттилоотнокии ҳисоботи молиявии мутобиқи СБҲМ таҳияшуда изҳори нигаронӣ мекунанд. Дар баробари ин, худи

корхонаҳое, ки чунин ҳисоботро омода мекунанд, комилан мутмаин нестанд, ки иттилооти пешниҳодкардаи онҳо кофӣ аст ва талаботи сармоягузоронро пурра қонеъ мекунад. Ба қавли дигар, шубҳае ба миён меояд, ки ҳисоботи молиявии ба стандартҳои СБҲМ мувофиқаткунанда вазъи молиявии воқеии корхонаи таҳиякунандаи ҳамин ҳисоботи молиявиро пурра ва воқеъбинона инъикос намуда, инчунин ба ташаккули дарки дурусти фаъолияти он аз ҷониби иштирокчиёни бозори молиявӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, «роҳбарони корхонаҳо бо хуб дарк кардани он ки мубрамии иттилооти молиявӣ мунтазам аз даст меравад, маълумоти дигари амалиётиро бештар истифода мебаранд ва ба иттилооти молиявӣ ислоҳоти гуногун ворид мекунанд» [340, с. 465].

Муҳаққиқи рус дар соҳаи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ О.В. Рожнова дар мақолаи худ «Мушкилоти муосири ҳисоботи молиявӣ» се мушкилоти асосии умдаи ҳисоботи молиявии муосирро муайян мекунад: эътимод, оянда ва саҳеҳӣ [258, с. 3]. Мушкилоти аввалӣ ба паст шудани сатҳи эътимоди истифодабарандагон ба ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда марбут аст. Мубрамии ин мушкилот махсусан пас аз буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2008, вақте маълум шуд, ки бисёре аз стандартҳо дигар ба талаботи истифодабарандагон дар шароити нав ҷавобгӯ нестанд, бештар шуд. Дар ин маврид ба стандартҳои танзимкунандаи баҳисобгирии олоти молиявӣ диққати махсус дода мешавад, ки бозбинии тамоми муносибатро ба масъалаҳои эътироф, андозагирӣ ва инъикоси онҳо дар ҳисоботи молиявӣ талаб мекард. Боварии пасти истифодабарандагон инчунин бо мураккабии баъзе қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ шадидтар мешавад, ки ин дарки тарзҳои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои молиявии алоҳида ва иттилооти барои ин истифодашавандаро душвор мекунад. Набудани шаффофӣ ва возеҳӣ дар раванди ташаккули ҳисоботи молиявӣ аксар вақт боиси шубҳа оид ба эътимоднокӣ ва саҳеҳии он мегардад.

Омилҳои дигаре, ки ба пайдошавии норозигӣ дар байни истифодабарандагон мусоидат мекунанд, инҳоянд: номукаммалии баъзе стандартҳои СБҲМ, ки дар номуайянӣ, возеҳ набудан ва костагии мантиқии муҳтавои онҳо ифода меёбад; зуд-зуд тағйир ёфтани қоидаҳои тартибдиҳии

ҳисоботи молиявӣ (гарчанде ин тағйирот ба баланд бардоштани эътимод ва беҳшавии сифати ҳисобот нигаронида шуда бошанд ҳам, аз ҷониби баъзе истифодабарандагон ҳамчун кӯшиши таҳрифи сурати воқеии вазъи молиявӣ ё шаҳодати салоҳияти нокифояи илми баҳисобгирии муҳосибӣ арзёбӣ мешаванд); ҳолатҳои дидаву дониста таҳриф кардани нишондиҳандаҳои молиявӣ ё иттилооти ифшошаванда, ки дар таҷрибаи байналмилалии таҳияи ҳисоботи молиявӣ маъмул шудаанд. Дар баробари ин, таҳрифи ғайрибарқасдонаи иттилооти молиявӣ низ азбоиси омилҳои дар боло зикршуда ба амал меояд.

Барои ба даст овардани эътимоди истифодабарандагон ба ҳисоботи молиявӣ, бояд таваҷҷуҳи якчанд иштирокчиёни асосӣ зоҳир карда шавад, аз ҷумла: таҳиякунандагони санадҳои меъёрӣ, худи корхонае, ки ҳисоботро таҳия мекунад, инчунин аудиторе, ки ин ҳисоботҳоро аз санҷиш мегузаронад. Бояд таъкид кард, ки дар ин раванд иштироки фаъолонаи давлат низ нақши муҳим дорад. Дар шароити муосир талоши субъектҳои иқтисодӣ барои ба даст овардани эътимод аз ҷониби истифодабарандагони берунӣ махсусан аҳамиятнок мегардад.

Вобаста ба мушкилоти дуюм – масъалаи «оянда» дар ҳисоботи молиявӣ, баъзе муаллифон қаблан масъалаи хусусияти таърихӣ доштани онро ҳамчун яке аз мушкилоти асосӣ ба миён гузошта буданд ва ин баҳс ҳанӯз идома дорад. Вале бояд гуфт, ки дар аксар мавридҳо ояндаи корхона ҳанӯз дар асоси натиҷаҳои пештараи фаъолияти он таҳия карда мешавад. Принсипҳои муосири тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳанд, ки дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи корхона оид ба дурнамои ояндаи он тасаввуроти асоснок пайдо карда шавад. Сарфи назар аз он, ки пурра пешгӯишаванда набудани иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои таъмини дурустии мутлақи ояндабиниҳо имкон намедиҳад, метавон гуфт, ки дар сурати риояи қатъии тамоми стандартҳо, ояндаи корхона дар ҳар як рақам ва махсусан дар маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ ифшошуда ниҳон аст.

Намунаи нигарон будани ҳисоботи молиявӣ ба оянда гузариш аз амсилаи зарари расонидашуда ба амсилаи талафоти пешбинишуда ҳангоми арзёбии воситаҳои молиявии дахлдор мебошад ва «агар амсилаи зарари расонидашуда ба рӯйдодҳои аллакай рухдода, ки талафотро ба вуҷуд овардаанд, асос ёфта бошад,

пас ҳангоми истифодаи амсилаи талафоти пешбинишуда аҳамият надорад, ки чунин зуҳурот рух додааст ё не» [258, с. 6]. Ин чунин маъно дорад, ки дар ҳоле ки амсилаи талафоти расонидашуда ба далелҳои зуҳуроти аллакай рухдода, ки боиси талафот гардидаанд, асос ёфтааст, амсилаи талафоти пешбинишуда ба рӯйдодҳои пешбинишаванда, ки метавонанд ба талафоти оянда таъсир расонанд, тамаркуз мекунад. Ғояи асосии ин усул дар ҳисоб кардани меъёри самаранок дар асоси ҷараёнҳои пулии нақд, ки талафоти интизории аз рӯйдодҳои интизории пешбинишуда ояндаро ба назар мегиранд, ифода меёбад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар ҳар як санаи ҳисоботӣ талафоти пешбинишаванда муайян карда шаванд ва агар маблағ ё муҳлати ин талафот тағйир ёбад, ҷараёнҳои ояндаи пулии нақд бояд бе тағйир додани меъёри фоиз аз нав ҳисоб карда шаванд.

Талаботи ояндабинӣ барои ҳисоботи молиявӣ ба ташкили равандҳои идоракунӣ дар корхона таъсири мусбат мерасонад. Он роҳбариятро на танҳо барои тартиб додани нақшаҳо ва ояндабиниҳо, балки барои пайгирии тағйирот дар ин нақшаҳо, инчунин муносибати ҷиддитар доштан ба истифодаи иттилоот ва усулҳо, аз ҷумла муҳокима ва таҳлили дастаҷамъонаи онҳо водор мекунад.

Дар мавриди мушкилоти сеюм - саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, метавон зикр кард, ки инъикоси пурра ва комилан дақиқи вазъи воқеии корхона ва натиҷаҳои фаъолияти он бо истифода аз усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ғайриимкон аст. Вале метавон ба инъикоси ҳарчӣ аниқтари иттилоот ҷаҳд кард, ки дар ин маврид дараҷаи саҳеҳии иттилооти дар ҳисобот овардашуда ҳам аз талаботи стандартҳои дахлдор ва ҳам аз дурустии истифодабарии онҳо вобаста аст. Намунаи яке аз қадамҳои нисбатан сода, ки ба дақиқтар инъикос намудани вазъи воқеии иқтисодӣ дар доираи СБҲМ нигаронида шудааст, табдили номи яке аз шаклҳои асосии ҳисоботи молиявӣ – тавозуни муҳосибӣ ба «ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ» мебошад. Мисоли боз ҳам муҳимтар ин гузариш аз муайян кардани натиҷа дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ба муайян кардани натиҷа дар ҳисобот дар бораи даромади умумӣ мебошад. Дар натиҷа нишондиҳандаи нав - «даромади умумӣ» ҷорӣ карда шуд, ки он маблағи тамоми фоида ва зарарҳои

амалишуда ва амалинашударо сарфи назар аз амсилаи дар корхона истифодашавандаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар бар мегирад.

Олими рус В.Т. Чая якчанд гурӯҳи асосии мушкилотеро муайян кардааст, ки мамлакатҳои ба корбурди СБҲМ гузаранда ба онҳо дучор меоянд. Ҳарчанд ин масъалаҳо дар шароити Федератсияи Россия таҳия шуда бошанд ҳам, онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо назардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёт ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакат мубрам мебошанд [322, с. 24-25]:

- мушкилоти танзим;

- мушкилоти пойгоҳи техникии баҳисобгирии муҳосибӣ ва дараҷаи ихтисоси кормандони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ;

- мушкилоти омодакунӣ ва бозомӯзии кормандони хадамоти муҳосибӣ;

- мушкилоти марбут бо тафовути дохилии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: тафовут дар принсипҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ;

- набудани тақсимоти аниқи баҳисобгирии муҳосибӣ ба намудҳои баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз;

- тафовути равишҳо дар инъикоси намудҳои алоҳидаи дороиҳо ва уҳдадориҳо;

- мушкилоти марбут бо худи стандартҳои байналмилалӣ: хосияти умумӣ доштани стандартҳо; эътирофи нокофии СБҲМ дар бозорҳои ҷаҳонии сармоя; мунтазам навкунии муҳтавои стандартҳо.

Дар асоси омӯзиши адабиёти дахлдор [66; 79; 215; 287; 322] мушкилоти мазкурро муфассалтар баррасӣ намуда, роҳҳои имконпазири ҳалли онҳоро пешниҳод мекунем (ҷадвали 4.9).

Ҷадвали 4.9. – Мушкилоте, ки мамлакатҳои ба корбурди СБҲМ гузаранда ба онҳо дучор мешаванд

Мушкилот	Муҳтаво ва роҳҳои ҳалли мушкилот
1	2
1. Мушкилоти танзим	Мушкилоти танзим ба зарурати ташкили заминаи меъёрие дахл дорад, ки мутобиқати баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро бо стандартҳои байналмилалӣ таъмин намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии татбиқи СБҲМ то ҳол асосан суст таҳия карда шудаанд ва зарурати мутобиқгардонии қонунгузорӣ бо талаботи байналмилалӣ ба миён меояд. Ин махсусан ба қонунҳо ва санадҳои меъёрие дахл дорад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва андозбандиро танзим мекунанд. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки корҳои ҳамаҷониба оид ба мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва низомномаҳо (стандартҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо СБҲМ анҷом дода шаванд. Ин ворид намудани тағйирот ба санадҳои қонунгузории мавҷуда, таҳияи меъёрҳо ва тартибҳои нав, инчунин таъмини назорати риояи онҳоро дар бар мегирад. Барои ин ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявӣ ва коршиносони байналмилалӣ, машварат бо мутахассисони дигар мамлакатҳо, ки ин равандро анҷом додаанд, лозим аст.
2. Мушкилоти пойгоҳи техникии баҳисобгирии муҳосибӣ ва дараҷаи ихтисоси кормандони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ	Барои татбиқи босамари СБҲМ технологияҳои муосири иттилоотӣ ва низомҳои автоматикунонидашудае заруранд, ки барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ имкон диҳанд. Корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии куҳнаро истифода мебаранд, ки ин гузариш ба СБҲМ-ро душвор мегардонад. Ғайр аз ин, дараҷаи тахассуси бештари муҳосибон ва аудиторҳо ба талаботи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ нест. Барои ҳалли ин мушкилот бояд ба рушди пойгоҳи техникӣ, аз ҷумла татбиқи нармафзори муосир барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ сармоягузорӣ карда шавад. Илова бар ин, ташкили омӯзиши оммавии муҳосибон, баланд бардоштани тахассуси онҳо тавассути фароҳам овардани дастрасӣ ба барномаҳои таълимӣ ва курсҳои сертификатсияи ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда муҳим аст.
3. Мушкилоти ташкили омодакунӣ ва бозомӯзии кормандони хадамоти муҳосибӣ	Омодасозӣ ва бозомӯзии нокифояи муҳосибон, инчунин надоштани тахассуси касбии кифоя дар соҳаи СБҲМ монеаи ҷиддӣ барои татбиқи самараноки стандартҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сабаби ин ҳам нарасидани барномаҳои таълимӣ ва ҳам нарасидани муаллимони дорои дониши амиқи соҳаи СБҲМ мебошад. Ҳалли ин мушкилот метавонад бо таъсиси муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ, ки барои муҳосибон ва мутахассисони соҳаи молия курсҳои СБҲМ пешниҳод мекунанд, анҷом дода шавад. Инчунин ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо марказҳои байналмилалии таълимӣ ва сертификатсия, иштирок дар барномаҳои табодули таҷриба бо мамлакатҳои дигар муҳим аст.

Идомаи ҷадвали 4.9

1	2
4. Мушкилоти марбут бо тафовути дохилии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ	Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тафовути муҳими принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи корхонаҳои алоҳида ва намудҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ – молиявӣ, идоракунӣ ва андоз мавҷуд аст. Набудани тақсимоти аниқи ин намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ боиси номувофиқатӣ дар ҳисобот шуда, ҳамгироӣ бо таҷрибаи байналмилалиро душвор мегардонад. Барои ҳалли мушкилоти мазкур низоми ягона ва шаффофи баҳисобгирии муҳосибиро ташкил кардан лозим аст, ки баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро аниқ аз ҳам ҷудо кунад. Барои ин таҳияи равишҳои нави методологӣ ва беҳтаркунии ҳамоҳангии байни низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ талаб карда мешавад. Инчунин тағйирот дар санадҳои меъёрӣ, омӯзиши мутахассисон барои корбурди дурусти ин тафовут дар баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст.
5. Мушкилоти марбут бо худи стандартҳои байналмилалӣ	Аксари корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон азбоиси доштани хосияти умумӣ, мураккабӣ дар дарки муҳтаво ва зуд-зуд даровардани тағйирот ба СБҲМ, ба душвориҳо дар корбурди онҳо дучор мешаванд. Ғайр аз ин, СБҲМ ҳанӯз дар бештари бозорҳои ҷаҳонии сармоя эътирофи муносиб наёфтаанд, ки ин хавфҳо ва душвориҳои иловагиро барои сармоягузорон ва корхонаҳои дар асоси ин стандартҳо коркунанда ба миён меорад. Барои ҳалли ин мушкилот беҳтаркунии омодасозии мутахассисон бо роҳи ба онҳо фаҳмондани присипҳо ва қоидаҳои асосии СБҲМ муҳим аст. Инчунин тавассути мунтазам навкунии донишҳо дар бораи СБҲМ ва таҳрирҳои нави онҳо ба татбиқи низомҳои мониторинг ва мутобиқат ба тағйирот бояд диққат дод. Корҳо оид ба оммавигардонӣ ва эътирофи СБҲМ дар бозорҳои байналмилалӣ, инчунин ҳавасмандгардонии ташкили платформаи ягонаи табодули иттилоот ва таҷриба дар байни мамлакатҳо ва корхонаҳое, ки СБҲМ-ро истифода мебаранд, муҳим аст.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Корбурди СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд душвориҳои амалӣ ва назариявӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки ба ҳамгироии онҳо бо амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ монеъ мешаванд. Дар баробари мушкилоте, ки бо пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ алоқаманданд, мушкилоти мушаххаси амалӣ низ мавҷуданд, ки ба самаранокии татбиқи СБҲМ дар мамлакат таъсир мерасонанд. Ин мушкилотро муфассалтар дида мебароем.

1. Тафовут дар мафкураи мутахассисони тоҷикистонии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҳамкасбони аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёи ҷанубии худ. Яке аз душвориҳои асосие, ки муҳосибони тоҷикистонӣ ҳангоми татбиқи СБҲМ ба он дучор мешаванд, ин тафовути муҳим дар равишҳо ва мафкура (менталитет)-и мутахассисони тоҷик ва ҳамкасбони хориҷии онҳо мебошад. Муҳосибони тоҷикистонӣ бо кор дар доираи дастурамалҳо ва меъёрҳои қатъии

муқарраршуда одат кардаанд, ки ин раванди гузаришро ба равиши нисбатан чандир ва таҳлилӣ, ки стандартҳои байналмилалӣ талаб мекунанд, душвор месозад. Дар ҳоле ки мутахассисони аврупоӣ, амрикоӣ ва осиёи ҷанубӣ ба ақидаи касбӣ ва мантиқи иқтисодӣ такя мекунанд, мутахассисони тоҷикистонӣ аксаран ба риояи дастуру нишондодҳои дақиқ майл доранд. Барои рафъи ин мушкилот тавсеаи курсҳои таълимии касбӣ, ки ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии муҳосибон нигаронида шудаанд, лозим аст. Таъсиси майдонҳо барои табодули таҷриба ва дониш бо ҳамкасбони хориҷӣ, ки барои ҷорӣ намудани фарҳанги тафаккури озод дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад, муҳим аст.

2. Бартарии шакли ҳуқуқии амалиёт аз муҳтавои иқтисодии он. Боз як мушкилоти татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарии шакли ҳуқуқии аҳдҳои тиҷоратӣ нисбат ба муҳтавои иқтисодии онҳо мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҳисоб гирифтани моҳияти иқтисодии воқеии аҳдҳо имкон намедиҳад, ки ин корбурди дурусти СБҲМ-ро душвор мекунад. Одатан, баҳисобгирии молиявӣ дар мамлакат на ба моҳияти иқтисодии аҳдҳои тиҷоратӣ, балки ба ҷанбаҳои ҳуқуқии онҳо асос ёфтааст, ки ин ба инъикоси дурусти аҳдҳои тиҷоратӣ дар ҳисобот халал мерасонад. Барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки пойгоҳи ҳуқуқию меъёрии мамлакат тадриҷан тағйир дода шуда, таваҷҷуҳ на танҳо ба шакли ҳуқуқии аҳдҳои тиҷоратӣ, балки ба моҳияти иқтисодии онҳо низ таҳким дода шавад. Ҷорӣ намудани СБҲМ ҳамчун стандарти ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами муҳим дар ин самт мебошад, зеро ин стандартҳо ба моҳияти иқтисодии аҳдҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд.

3. Набудани ҷавобгарӣ барои мутобиқат надоштан бо стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло масъулияти қатъӣ барои вайрон кардани стандартҳо (қоидаҳо, низомномаҳо)-и баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ нашудааст, ки ин саъю кӯшиши субъектҳои иқтисодиро барои риояи қатъии талабот оид ба тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ то андозае коҳиш медиҳад. Вале вазъ дигар мешавад, зеро ҳисоботи дар асоси СБҲМ

таҳияшуда моҳиятан воситаи ҷалби сармоягузориҳо буда, мувофиқат накардани он ба талаботи муқарраршуда метавонад ба қобилияти корхонаҳо барои ҷалби захираҳои молиявӣ таъсири манфӣ расонад. Мушкилот ҳалли худро меёбад, агар тартибдиҳии ҳатмии ҳисобот дар асоси СБҲМ барои субъектҳои иқтисодӣ, хусусан барои он субъектҳое, ки бо кор дар бозорҳои байналмилалӣ ҷаҳд мекунанд, муқаррар карда шавад. Ин барои риояи стандартҳои байналмилалӣ ҳавасмандии иловагӣ фароҳам меорад. Иқдоми муҳим инчунин таҳкими масъулият ва таҳримҳо барои мутобиқат накардани ҳисоботи молиявӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад.

4. Бартарии қонунгузории андоз нисбат ба стандартҳои муҳосибӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарӣ доштани қонунгузории андоз аз меъёрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳанӯз идома дорад. Ин ҳолат боис мешавад, ки муҳосибон дар фаъолияти касбии худ бештар ба талаботи андозбандӣ нигарон бошанд, на ба принсипҳо ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ. Ин чандирии баҳисобгирии муҳосибиро коҳиш дода, раванди мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалиро душвор мекунад, зеро баҳисобгирии муҳосибӣ бештар ба кам кардани уҳдадориҳои андоз тамаркуз мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот қонунгузории андозро бо талаботи СБҲМ ҳамоҳанг кардан, инчунин мунтазам гузаронидани семинарҳо ва тренингҳои таълимӣ барои муҳосибони аҳли амал зарур аст. Дар натиҷаи ин тадбирҳо муҳосибон дарк хоҳанд кард, ки меъёрҳои андозбандӣ ва муҳосибӣ метавонанд ҳамгиро бошанд, на бо ҳамдигар бошанд.

5. Душвориҳо дар дарёфти арзёбиҳои саҳеҳи бозорӣ. Мушкилоти дигар ин душворӣ дар дарёфти маълумоти саҳеҳ оид ба арзиш, ки барои корбурди СБҲМ заруранд, мебошад, махсусан вобаста ба арзиши бозорӣ, арзиши барқароркунӣ ва арзиши ҷории овардашудаи дороиҳо ва уҳдадориҳо. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани бозорҳои фаъол барои муайян кардани арзиши баъзе молҳо ва хизматрасониҳо мушоҳида мешавад. Ин дар корбурди стандартҳои байналмилалӣ, ки маълумоти саҳеҳи бозорро талаб мекунанд, монеаҳо ба миён меорад. Барои рафъи ин мушкилот метавон таъсиси бозорҳои фаъоли олоти

молиявии асосиро ҳавасманд, воситаҳо ва методикаҳоро барои арзёбии дороиҳо ва уҳдадориҳо дар шароити нокифоя будани иттилооти бозорӣ таҳия кард. Инчунин таъсиси як платформаи миллӣ барои табодули маълумот оид ба нархҳои бозорӣ ва ҳамкории зич бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ барои таҳияи усулҳои алтернативии арзёбӣ муҳим аст.

6. Набудани коркардҳои методӣ оид ба корбурди СБҲМ. Набудани тавсияҳои методии махсус оид ба корбурди СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди татбиқи стандартҳои байналмилалиро душвор мегардонад. Корбурди СБҲМ донишҳои амиқ ва таҳияи методикаҳои муфассалеро талаб мекунад, ки бояд ба хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқат кунанд. Барои ҳалли ин мушкилот бояд дастурҳои методии миллӣ оид ба татбиқи СБҲМ, ки хусусиятҳои иқтисодиёт ва амалияи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гиранд, таҳия ва ҷорӣ карда шаванд. Ҷалби коршиносони байналмиллалӣ барои ҳамкорӣ дар мутобиқсозии СБҲМ ба шароити миллӣ як иқдоми муҳим хоҳад буд. Ҳамин тариқ, татбиқи бобарори СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати ҳамаҷонибаеро тақозо мекунад, ки ҳам тағйири қонунгузорӣ ва институтсионалӣ, ҳам такмили пойгоҳи техникӣ ва омодасозии кормандонро дар бар мегирад. Дар ин маврид ба инобат гирифтани шароити махсус ва эҳтиёҷоти мамлакат, инчунин ҳамкории фаъол бо шарикони байналмилалӣ барои мутобиқ кардан ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои беҳтарин муҳим аст. Ҳалли бобарори ин мушкилот на танҳо сифати ҳисоботи молиявиро дар мамлакат беҳтар мекунад, инчунин имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ворид шуда, рақобатпазирӣ ва ҷолибияти корхонаҳои миллӣ барои сармоягузорони хориҷӣ беҳтар шавад.

Дар охир дурнамои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия мекунем. Татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навсозӣ ва ҳамгироии низоми миллии молиявӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Сарфи назар аз мушкилот ва чолишҳои мавҷуда, дурнамои мутобиқсозии бобарори СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле руҳбаландкунанда аст. Дурнамои асосиро метавон ба якчанд самтҳои асосӣ тақсим кард:

1. Таҳкими рақобатпазирии байналмилалӣ. Татбиқи СБҲМ ба корхонаҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки қолибияти худро дар бозорҳои байналмилалии сармоя баланд бардоранд. Ин роҳҳоро барои қалби сармояи хориҷӣ ва беҳбуди робитаҳои тиҷоратӣ бо шарикони хориҷӣ боз мекунад, ки ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Ҷорӣ намудани СБҲМ барои шаффофтар ва фаҳмотар шудани ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ замина фароҳам оварда, эътимоди сармоягузоронро таҳким медиҳад.

2. Рушди назорати дохилии молиявӣ ва иқтисодӣ**.** Истифодаи СБҲМ ба беҳтар шудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати молиявии дохилӣ дар корхонаҳо мусоидат мекунад. Интизор меравад, ки татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ба беҳтаршавии амалияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии молиявӣ дар корхонаҳо, бахусус дар бахши хусусӣ мусоидат намуда, дар навбати худ самаранокии онҳоро баланд мебардорад. Ҷорӣ намудани стандартҳое, ки ба моҳияти воқеии иқтисодии аҳдҳои тиҷоратӣ нигаронида шудаанд, равандҳои банақшагирӣ ва ояндабинии молияviро хеле беҳтар мекунад.

3. Баланд бардоштани тахассуси муҳосибон ва аудиторҳо. Яке аз дурнамоҳои татбиқи СБҲМ баланд бардоштани тахассуси муҳосибон ва аудиторҳо, инчунин дигар мутахассисони соҳаи молия мебошад. Ин барои беҳтар намудани сифати омодасозии кормандон ва рушди касбии онҳо имконият фароҳам меорад. Мунтазам роҳандозӣ намудани омӯзиш ва такмили ихтисос ба афзоиши донишҳо дар соҳаи стандартҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, ба ин васила сатҳи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро дар мамлакат баланд мебардорад.

4. Таҷдиди баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз. Татбиқи СБҲМ барои ҳамоҳангсозии қоидаҳо (низомномаҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи байналмилалӣ замина фароҳам меорад. Ин боиси беҳтар шудани сифати ҳисоботи молиявӣ ва бунёди равиши ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мегардад, ки ҳамкории мақомоти давлатӣ ва

соҳибкоронро содатар мекунад. Истифодаи СБҲМ, ки ба моҳияти иқтисодии аҳдҳои тиҷорӣ нигаронида шудааст, барои бо ҳам наздик кардани қонунгузории андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ хавфи ҳолатҳои муноқишаро дар баҳисобгирӣ ва андозбандӣ коҳиш медиҳад.

5. Бартараф намудани норасоиҳо дар пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ. Дар оянда татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ислоҳоти пойгоҳи ҳуқуқӣ ва меъёриро дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ бармеангезад. Аз ҷумла, тағйири қонунгузорӣ барои эътибори ҳуқуқӣ додан ба стандартҳои байналмилалӣ, ки ба таҳкими эътимоди ҳуқуқии субъектҳои иқтисодӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявии онҳо мусоидат мекунад, талаб карда мешавад. Ин ҳамчунин ба беҳтар шудани ҳамкориҳо бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ оварда мерасонад, зеро корхонаҳо метавонанд корро бо шарикони хориҷӣ мутобиқи стандартҳои ягона ба роҳ монанд.

6. Рушди методикаҳои нави арзёбии дороиҳо ва уҳдадориҳо. Яке аз пешомадҳо рушди усулҳо ва воситаҳои нави арзёбии дороиҳо ва уҳдадориҳо мебошад, ки барои татбиқи СБҲМ дар шароите, ки дар бозор дар бораи арзиши бозории баъзе дороиҳо маълумот мавҷуд нест, зарур аст. Татбиқи СБҲМ ба рушди инфрасохтори бозорҳои молиявӣ ва бунёди механизмҳои ба даст овардани арзишҳои бозорӣ мусоидат мекунад, ки ба баланд бардоштани эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

7. Ҳисоботи экологӣ ва иҷтимоӣ. Боз як дурнамои муҳим ин рушди МИК ва ҳисоботи экологӣ мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ ба як тамоюли муҳим табдил ёфтааст. Татбиқи СБҲМ ба субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки маълумотро оид ба таъсир ба муҳити зист ва масъулияти иҷтимоии онҳо ҳамчун як қисми ҳисоботи ҳатмии ғайримолиявӣ ифшо кунанд, ки ин обрӯ ва ҷолибияти онҳоро барои сармоягузороне, ки ба рушди устувор таваҷҷуҳ доранд, баланд мебардорад.

Дурнамои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан аст ва на танҳо беҳтар намудани сифати ҳисоботи молиявӣ ва шаффофии фаъолияти соҳибкорӣ, балки таҳкими ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ бо низоми молиявии

ҷаҳониро дар бар мегирад. Аммо барои амалӣ намудани ин дурнамо муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла омӯзиши мутахассисон, ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва рушди қарорҳои зарурии инфрасохторӣ ба хотири баланд бардоштани аниқӣ ва саҳеҳии иттилооти молиявӣ зарур аст. Дар натиҷаи татбиқи бобарори СБҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад рақобатпазирӣ ва ҷолибияти худро дар арсаи байналмилалӣ ба таври назаррас баланд бардорад.

Хулосаҳо оид ба боби 4

1. Зарурати мутобиқ кардани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ торафт бештар ҳамгиро мешаванд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати мутобиқ кардани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии худ ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ мувоҷеҳ шудааст. Ин барои баланд бардоштани шаффофӣ ва қиёспазирии маълумоти молиявӣ зарур аст, ки дар навбати худ ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва беҳтар шудани муносибатҳо бо шарикони байналмилалӣ мусоидат мекунад. Мутобиқсозии стандартҳои миллӣ на танҳо сифати ҳисоботи молиявиро беҳтар мекунад, инчунин эътимодро ба вазъи иқтисодии мамлакт афзоиш медиҳад.

2. Нақши СБҲМ дар ҳамгироӣ бо амалияи байналмилалӣ. СБҲМ барои таҳияи ҳисоботи молиявие, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ мебошанд ва дар бозорҳои байналмилалии сармоя истифода мешаванд, замина фароҳам меорад. Татбиқи СБҲМ имкон медиҳад, ки низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд карда шавад, ки таҳлили қиёсии байни корхонаҳои мамлакатҳои гуногунро осон мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, ки дастрасӣ ва саҳеҳии иттилоот барои сармоягузорон муҳим аст, татбиқи ин стандартҳо барои беҳбуди фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст.

3. Афзалият ва таҳдидҳои татбиқи СБҲМ. Яке аз афзалиятҳои асосии татбиқи СБҲМ ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории мамлакат

мебошад, зеро онҳо барои сармоягузорони эҳтимолӣ маълумоти стандартикардашуда ва фаҳморо пешниҳод мекунанд. Аммо дар баробари ин раванди татбиқ бо мушкилоти зиёд, аз қабили тахассуси нокифояи муҳосибон, мушкилоти мутобиқсозии стандартҳо ба шароити мушаххаси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мушкилот дар танзими ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ аст. Ҳалли ин мушкилот муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла омодасозии мутахассисон, такмили қонунгузорӣ ва ҳамкории фаъолтар бо созмонҳои байналмилалиро тақозо мекунад.

4. Зарурати дастгирии давлатӣ. Ҳамгироии бобарори СБҲМ ба амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии фаъолонаи давлатро тақозо мекунад. Ин бунёди қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии дахлдор, инчунин таҳияи барномаҳои таълимии муҳосибон ва аудиторҳоро дар бар мегирад. Назорати давлатии татбиқи стандартҳо ва дастгирӣ дар раванди рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ низ нақши муҳим дорад. Намунаи дастгирии давлатӣ самти стратегии муқаррарнамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки диққатро ба гузариши пурра ба СБҲМ ва таҷдиди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ равона мекунад кардааст.

5. Душвориҳо дар мутобиқсозии СБҲМ ба шароити миллӣ. Сарфи назар аз бартариҳои ошкори татбиқи СБҲМ, як қатор душвориҳои мушаххаси мутобиқсозии онҳо ба шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд. Мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти муҳосибӣ ва стандартҳо ба забони тоҷикӣ, тафовути байни баъзе талаботи байналмилалї ва вазъи воқеии иқтисодии ҷумҳурӣ, инчунин мушкилоти ҳамгироии баъзе меъёрҳои хориҷӣ ба стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ барои мутобиқшавии бобарор монеа эҷод мекунанд. Ҳалли ин мушкилот иштироки фаъоли мутахассисони забондон ва таҳияи методикаҳои мутобиқшударо талаб мекунад.

6. Сифати пасти ҳисоботи молиявӣ. Яке аз мушкилоти муҳим дар роҳи татбиқи СБҲМ ин паст будани сифати ҳисоботи молиявӣ, махсусан ҳисоботи молиявии субъектҳои дорои манфиати умум мебошад. Сабаби ин нокифоя

будани донишҳои касбии муҳосибон, инчунин набудани назорати дурусти мақомоти давлатӣ мебошад. Бисёре аз корхонаҳо риоя накардани стандартҳои байналмилалиро идома медиҳанд, ки дар натиҷа иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ таҳриф шуда, шаффофии он коҳиш меёбад. Барпо намудани низоми назорати дохилӣ ва берунии сифати ҳисобот, инчунин таъмини омӯзиши мутахассисон ба хотири такмил додани стандартҳои умумии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар мамлакат муҳим аст.

7. Мушкилоти тахассуси касбӣ. Набудани мутахассисони варзидаи дорои донишҳои амиқи СБҲМ яке аз мушкилоти асосии раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аксари муҳосибон ва аудиторҳо барои кор бо стандартҳои байналмилалӣ ба таври кофӣ омӯзонида нашудаанд, ки ин дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявиро коҳиш медиҳад. Вобаста ба ин, рушди низоми таҳсилот ва бозомӯзии мутахассисон, таъмини дастрасӣ ба курсҳои босифати омӯзиши оид ба СБҲМ ва ҳамгироии ин донишҳо ба барномаи таҳсилотии донишгоҳҳо зарур аст.

8. Зарурати таҳияи тавсияҳои методӣ. Қадами муҳим барои мутобиқсозии бобарори СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи тавсияҳои методии мубрам ва санадҳои меъёрии дахлдор мебошад. Ҳоло барои бисёр соҳаҳои иқтисодиёт дастурҳои методӣ оид ба корбурди СБҲМ вуҷуд надоранд, ки ин кори муҳосибон ва аудиторхоро душвор мегардонад.

9. Намунаҳои бобарори татбиқи СБҲМ. Сарфи назар аз мушкилоти ошкоршуда, як қатор корхонаҳо, аз қабили ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» аллакай намунаҳои мусбати татбиқи бобарори СБҲМ доранд, ки аз мавҷуд будани имконият барои корхонаҳои дигар шаҳодат медиҳад. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки бо омодагии дурусти мутахассисон, дастгирии давлат ва мавҷудияти захираҳои мувофиқ стандартҳои байналмилалиро ба шароити миллӣ мутобиқ кардан мумкин аст.

10. Ҳамоҳангсозии стандартҳои байналмилалӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ кӯшишҳо барои бунёди низоми ягонаи стандартҳои муҳосибӣ заруранд, ки на танҳо шаффофӣ, инчунин қиёспазирии ҳисоботи молиявиро дар тамоми ҷаҳон

таъмин намояд. Ин имкон медиҳад, ки хароҷот кам карда шавад, эътимоди сармоягузорон афзоиш ва хавфҳо коҳиш ёбанд. Ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ инчунин ба беҳтар шудани фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ, афзоиши рақобат ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ҳам барои мамлакатҳои рӯ ба рушд ва ҳам барои мамлакатҳои пешрафта мусоидат мекунад.

11. Рақамикунонӣ ва автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар баланд бардоштани саҳеҳӣ, самаранокӣ ва суръати ҳисоботи молиявӣ қадами муҳиме мегардад. Рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ба кам кардани хатоҳо, беҳтар кардани равандҳои пешниҳоди ҳисобот ва суръатбахшии қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат мекунад. Аммо барои ин сармоягузории назаррас ба инфрасохтор ва омодасозии кормандон, инчунин таҳияи нармафзори ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ лозим аст.

12. Ба ҳисоб гирифтани омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ. Солҳои охир дар амалияи ҷаҳонӣ тамоюли ҳамгироии омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоботи молиявӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, муқаррарот оид ба ворид намудани нишондиҳандаҳои рушди устувор, таъсири иҷтимоӣ ва масъулияти экологӣ ба муҳтавои СБҲМ барои ба назар гирифтани омилҳои беруние, ки ба фаъолият ва эътибори тиҷорат ба таври назаррас таъсир мерасонанд, як қадами ҳатмӣ хоҳад буд. Ин аз корхонаҳо ва ҳукуматҳо талаб мекунад, ки стандартҳои нави пешниҳоди ҳисоботдиҳиро бунёд кунанд, ки ба дарки пурраи фаъолияти корхона ва таъсири он ба муҳити зист ва ҷомеа мусоидат кунанд.

Дар маҷмуъ муҳтавои боби мазкур тасдиқ мекунад, ки татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами муҳим дар самти ҳамгироии мамлакат ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мебошад. Мутобиқ намудани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи байналмилалӣ талошҳои ҳамаҷониба, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи дониш ва кордонии мутахассисон, таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, беҳтар намудани назорати сифати ҳисоботи молиявӣ ва ҳамкории фаъол бо ташкилотҳои байналмилалиро

тақозо мекунад. Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, аз қабили нокифоя будани дониши муҳосибон, мушкилоти мутобиқсозии СБҲМ ба шароити миллӣ ва сифати пасти ҳисобот, дар мамлакат мисолҳои мусбати татбиқи бобарори ин стандартҳо мушоҳида мешаванд, ки аз имконияти татбиқи пурраи онҳо дар оянда шаҳодат медиҳанд. Муваффақияти раванди мутобиқшавӣ аз ҳамкории зичи мақомоти давлатӣ, ҷомеаҳои касбӣ ва сохторҳои байналмилалӣ барои бунёди як низоми устувори баҳисобгирии молиявӣ, ки ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст, вобаста хоҳад буд.

БОБИ 5. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ СБҲМ

5.1. Механизми таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ дар шароити СБҲМ

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ бо назардошти талаботи СБҲМ ҳамчун як унсури муҳими ташкили самараноки баҳисобгирии молиявӣ маҳсуб меёбад. Аз он ки сиёсати баҳисобгирӣ дар корхона то чӣ андоза дуруст тартиб дода шудааст ва дар доираи он тамоми расмиёт ва қоидаҳои бақайдгирӣ ва коркарди маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар шуда ва баён гардидаанд, ҳамоҳангии баҳисобгирии молиявӣ ва нишондиҳандаҳои ниҳойии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ вобаста мебошад. Муҳтавои сиёсати баҳисобгирии дар субъекти иқтисодӣ таҳияшуда бояд ба ҳадафи асосии ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ – қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ аз ҷониби истифодабарандагон дар асоси иттилооти ин ҳисоботи молиявӣ мувофиқ бошад ва «маҳз ҳамин таъиноти ҳисоботи молиявии омодашуда муҳим будани раванди таҳияи сиёсати баҳисобгириро муайян мекунад» [20, с. 282].

Солҳои охир олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ба масъалаи омӯзиши механизми таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар субъектҳои иқтисодии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таваҷҷуҳ мекунанд, ки ин аз мубрамии масъалаи мазкур дар шароити СБҲМ шаҳодат медиҳад [10; 22; 298].

Қобили зикр аст, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ки дар мамлакат амал мекунанд, барои субъектҳои иқтисодӣ дар таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ мустақилияти кофӣ фароҳам овардаанд, вале «Роҳбарияти корхона бояд сиёсати баҳисобгириро чуноне интихоб карда ва ба кор барад, ки ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ мувофиқ бошад. Корхона сиёсати баҳисобгириро мустақилона, вобаста ба

сохтор, тобеияти соҳавӣ ва дигар хусусиятҳои фаъолияти худ таҳия мекунад» [102, с. 37]. Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» сиёсати баҳисобгириро ҳамчун «принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд» [155], шарҳ додааст. Яъне қонуни мазкур санади асосие мебошад, ки сиёсати баҳисобгириро муайян намуда, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар мамлакат танзим мекунад.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати баҳисобгирӣ ҷузъи муҳими ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Ба субъектҳои иқтисодӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки сиёсати баҳисобгириро бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти худ, инчунин хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва стандартҳои барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ истифодашаванда мустақилона таҳия кунанд. Сиёсати баҳисобгирӣ, ки онро роҳбарияти субъекти иқтисодӣ тасдиқ кардааст, бояд принсипҳо ва қоидаҳоеро дарҷ намояд, ки ҳам ба талаботи миллӣ ва ҳам ба талаботи байналмилалӣ (СБҲМ) мутобиқ бошанд, ки ин барои ҷаҳонишавии амалиёти молиявӣ ва ҳамгироии самараноки субъектҳои иқтисодии мамлакат бо иқтисодиёти байналмилалӣ муҳим аст.

Қабули сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун унсури муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо бо таҳияи принсипҳо ва қоидаҳои бунёдӣ маҳдуд намешавад. Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро сармуҳосиб таҳия намуда, роҳбари субъекти иқтисодӣ бо фармон ё қарори худ тасдиқ мекунад. Бояд қайд кард, ки сиёсати баҳисобгирӣ якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегирад, аз қабили:

- нақшаи кории ҳисобҳо, ки ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии барои пешбурди саривақтӣ ва пурраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар корхона заруриро дар бар мегирад;

- номгӯй ва шаклҳои ҳуҷатҳои аввалӣ, ки барои нигориши амалиёти хоҷагидории корхона зарур мебошанд, вале санадҳои меъёрӣ шаклҳои намунавии онҳоро муқаррар накардаанд. Ҳамчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи дохилии муҳосибӣ муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд;

- усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, ки бояд барои баҳисобгирии тамоми намудҳои дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона дақиқ муайян карда шаванд;

- тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ, аз ҷумла тартиби санҷиш ва баҳисобгирии дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона;

- қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва технологияи коркарди иттилооти муҳосибӣ, ки бонизомӣ, пайдарпайӣ ва аниқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро таъмин мекунанд;

- тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ, ки бахши ҷудонопазири низоми назорати дохилӣ ва воситаи муҳими ҳифзи манфиатҳои субъекти иқтисодӣ мебошад.

Ин унсурҳо, тавре дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, бояд ба таври ҷиддӣ таҳия ва аз ҷониби роҳбарияти корхона тасдиқ карда шаванд. Муҳим аст, ки сиёсати баҳисобгирии корхона на танҳо риояи талаботи миллӣ, балки мутобиқати пешбурди баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ, ки ба ҳамгироии корхона бо иқтисодиёти байналмилалӣ мусоидат мекунанд, низ таъмин намояд.

Илова бар ин, НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхона» ба якчанд фарзияҳои асосӣ, ки ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бояд ба инобат гирифта шаванд, тамаркуз мекунад, аз қабили:

- фарзияи алоҳида будани амвол (дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона бояд аз дороиҳо ва уҳдадориҳои соҳибмулкон ва дигар корхонаҳо алоҳида ба ҳисоб гирифта шаванд;

- фарзияи беистии фаъолияти корхона (корхона фаъолияти худро дар ояндаи наздик идома медиҳад ва уҳдадориҳои он бо тартиби муқарраршуда баргардонида мешаванд);

- фарзияи корбурди муттасили сиёсати баҳисобгирӣ аз як соли ҳисоботӣ то соли ҳисоботии дигар, ки ба устуворӣ ва пешбинишаванда будани ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, сиёсати баҳисобгирии корхона асоси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад. Он бояд бо назардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ таҳия шуда, ҳам ба қонунгузории миллӣ ва ҳам ба талаботи байналмилалӣ мувофиқат кунад, ки барои ҳамгироии бобарори корхона бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ муҳим аст.

Сиёсати баҳисобгирӣ ба ташаккули натиҷаи молиявии фаъолияти субъекти иқтисодӣ таъсири муҳим мерасонад. Тавре муҳаққиқ Е.В. Полякова қайд мекунад, «фоида фарқи байни даромад ва хароҷот аст, пас интихоби усули эътирофи онҳо метавонад натиҷаи молиявии ниҳойиро зиёд ё кам кунад. Сиёсати дуруст таҳияшудаи баҳисобгирӣ аз бисёр ҷиҳат имкон медиҳад, ки ҳаҷми фоида муносиб гардад ва аз ҳисоби интихоби қоидаҳои методологӣ вазъи молиявии субъекти иқтисодӣ ва натиҷаи молиявии он дар як намуди муайян пешкаш карда шавад» [249, с. 433].

Моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» роҳбарони субъектҳои иқтисодиро вазифадор кардааст, ки сиёсати баҳисобгириро сол то сол муттасил ва пайгирона татбиқ намоянд. Ин омили муҳими таъмини саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Қонунгузорӣ инчунин имкон медиҳад, ки сиёсати баҳисобгирӣ дар ҳолати табдили санадҳои қонунгузорӣ, қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ё ҳангоми татбиқи усулҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона тағйир дода шавад, ки ин зарурати мутобиқ шуданро ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ инъикос мекунад.

Ин равиш чандирии корбурди сиёсати баҳисобгириро таъмин намуда, ба субъектҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ба дигаршавии муҳити иқтисодӣ бо назардошти талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ шаванд. Дар шароити корбурди СБҲМ ин аҳамияти хоса дорад, зеро имкон медиҳад, ки ба истифодабарандагон ҳисоботи молиявии шаффоф, фаҳмо

ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод карда шавад. Ин, дар навбати худ, ба афзоиши эътимоди сармоягузорон ва шарикони байналмилалӣ ба корхона мусоидат мекунад, обрӯи корхонаро мустаҳкам ва шаффофии молиявии онро таъмин мекунад, ки барои субъекти иқтисодии омодакунандаи ҳисобот хеле муҳим аст.

Дар доираи СБҲМ раванди ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ бо стандарти СБҲМ (IAS) 8 «Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ ва хатоҳо» танзим карда мешавад [177]. Ин стандарт нишондодҳои возеҳро дар бораи чӣ гуна таҳия ва татбиқ кардани сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод мекунад, ки барои таҳияи ҳисобот дар асоси стандартҳои байналмиллалӣ муҳим аст. Мувофици стандарти IAS 8, корхона бояд сиёсати баҳисобгириро дар асоси СБҲМ-ҳои истифодашаванда интихоб кунад ва кафолат диҳад, ки корбурди онҳо тасаввуроти саҳеҳ ва воқеъбинонаро дар бораи вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти он ифода мекунад. Дар сурати мавҷуд набудани дастурҳои мушаххас дар СБҲМ, корхона бояд сиёсати баҳисобгириро тавре таҳия кунад, ки талабот ва принсипҳои муқаррарнамудаи стандартҳоро ҳарчӣ бештар инъикос кунад.

Илова бар ин, стандарти IAS 8 инчунин тартиби ворид намудани тағйирот ба сиёсати баҳисобгирӣ, тасҳеҳи хатоҳо ва дигаршавии баҳодиҳиҳои муҳосибиро низ муқаррар мекунад. Муҳим аст, ки тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ бояд то ҳадди имкон ретроспективӣ бошанд, ки ин қиёспазирии ҳисоботи молиявии давраҳои гуногунро таъмин намуда, ба риояи принсипҳои шаффофӣ ва ягонашаклӣ дар ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад. Ин хусусан барои сармоягузорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор муҳим аст, зеро боварии онҳоро ба корхонаи ҳисоботдиҳанда зиёд мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва талаботи афзуншаванда ба шаффофӣ, риояи ин принсипҳо на танҳо обрӯи корхонаро баланд мебардорад, инчунин дар ҷалби сармоя ва шарикони хориҷӣ нақши асосиро мебозад.

Раванди таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ муносибати бонизомро тақозо мекунад, ки таҳияи дастурамалҳо ва расмиёт, муайян кардани

механизмҳои назорати риояи меъёрҳо ва стандартҳои нави ташкил ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва ҳамгироии ин стандартҳоро бо амалияи тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар бар мегирад. Мутобиқшавӣ ба СБҲМ ба беҳтар шудани шаффофии ҳама шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва баланд шудани эътимоди сармоягузорони байналмилалӣ ба иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Вале барои татбиқи бобарори онҳо бартараф кардани як қатор мушкилот, ки метавонанд гузаштани субъектҳои иқтисодиро ба шароити нави хоҷагидорӣ душвор гардонанд, зарур аст, аз қабили номукаммалии пойгоҳи ҳуқуқӣ, дониш ва касбияти нокифояи мутахассисон ва дигарҳо.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки бунёди механизми муассири таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ бо назардошти СБҲМ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки унсурҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, инчунин омодагии баланди кормандонро дар бар мегирад. Дар ин маврид, механизми муассир имкон медиҳад, ки сиёсати самараноки баҳисобгирӣ– «маҷмуи принсипҳо, усулҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои дохилӣ муқаррар карда шуда, ба стратегияи рушди корхона мувофиқат мекунад ва барои ба даст овардани самараи ҳарчӣ бештар аз низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда мусоидат мекунад» [80, с. 10], таҳия карда шавад.

Таҳлили адабиёт [169; 201; 202; 214; 268; 277] нишон медиҳад, ки раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ якчанд марҳилаҳои асосиро дар бар мегирад. Аввалан, зарур аст, ки пойгоҳи мавҷудаи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил карда шуда, тафовути он аз СБҲМ ошкор ва эҳтиёҷ барои тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ муайян карда шавад. Сипас, як қадами муҳим омӯзиш (омодасозӣ) ва такмили ихтисоси кормандоне мебошад, ки бо ташкил ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ машғул хоҳанд шуд. Сеюм, субъектҳои иқтисодӣ бояд сиёсати баҳисобгириеро таҳия намоянд, ки хусусиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллиро ба назар гирад. Марҳилаи муҳими ин раванд татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар амалияи баҳисобгирии муҳосибии субъекти иқтисодӣ ва мониторинги иҷрои он ба хотири таъмини мубрамӣ

мебошад. Ин марҳилаҳо дар ҷадвали 5.1 муфассал оварда шудаанд, ки пайдарпайӣ ва ҳадафи ҳар як марҳиларо тасвир мекунад.

Ҷадвали 5.1. - Марҳилаҳои асосии таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити СБҲМ

Марҳила	Тафсир	Ҳадаф
1. Таҳлили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ	Ошкор намудани тафовут дар байни стандартҳои миллӣ ва СБҲМ	Муайян кардани эҳтиёҷ ба тағйирдиҳии сиёсати баҳисобгирӣ
2. Омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон	Гузаронидани тренингҳо в барномаҳои омӯзишӣ барои муҳосибон	Таъмини омодасозии касбии кормандон барои кор бо СБҲМ
3. Таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ	Таҳияи санадҳои танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи СБҲМ ва қонунгузории миллӣ	Ҳамоҳангсозии сиёсати дохилии баҳисобгирӣ бо талаботи байналмилалӣ
4. Татбиқ ва мониторинг	Татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар амалияи кори субъекти иқтисодӣ	Таъмини назорати доимии корбурди сиёсати баҳисобгирӣ ва дар ҳолати мубрамӣ нигоҳ доштани он

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Акнун ҳамаи марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодиро дар шароити СБҲМ муфассал баррасӣ мекунем.

Тавре аз ҷадвали 5.1 мебинем, марҳилаи аввалӣ таҳлили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва муайян намудани тафовут байни стандартҳои миллӣ (қоидаҳо, низомномаҳо)-и баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ, инчунин муайян кардани эҳтиёҷ ба ворид кардани тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ мебошад. Барои муайян кардани эҳтиёҷ ба ворид намудани тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ муносибати бонизом ба таҳлил бо фарогирии чунин ҷанбаҳои асосӣ лозим аст: омӯзиши пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин гузаронидани таҳлили қиёсии стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади асосии меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ки соли 2011 қабул

шудааст, мебошад. Қонуни мазкур принсипҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро муайян намуда, тартиби омодасозии ҳисоботи молиявиро ба танзим медарорад. Мутобиқи қонуни мазкур дар мамлакат баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ ва стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки солҳои охир ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ карда шудаанд, сурат мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҳатмӣ будани омодасозии ҳисоботи молиявии солона ва фосилавии субъектҳои иқтисодиро мутобиқи талаботи ҳам стандартҳои байналмилалӣ ва ҳам санадҳои меъёрии миллӣ муқаррар кардааст. Расмиёти омодасозии ҳисоботи молиявӣ ва талаботи иловагӣ нисбат ба муҳтавои онҳо мутобиқи муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ танзим карда мешавад.

Ҳаҷм, шаклҳо ва тартиби таҳияи ҳисоботи молиявӣ барои субъектҳои дорои манфиати умум, ба истиснои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ, ҳам бо стандартҳои байналмилалӣ ва ҳам бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» муайян карда мешаванд. Барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ ин нишондодҳоро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Ҳисоботи молиявӣ бояд аз ҷониби роҳбари аввал ва сармуҳосиби субъекти иқтисодӣ имзо карда шавад, ки ин масъулиятро барои эътимоднокӣ ва мувофиқати ҳисобот ба талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии амалкунанда тасдиқ мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз қонунгузории асосии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ боз як қатор санадҳои меъёрии иловагӣ мавҷуданд, ки дар ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ нақши муҳим доранд, аз қабили:

- Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ,

ки тартиби баҳисобгирии амалиётро дар доираи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳо танзим менамоянд;

- қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла Низомнома дар бораи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, НБМ 1/99 «Сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо», ки дар онҳо талабот ба раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи муҳосибӣ дар сатҳи мамлакат муфассал баён шудааст;

- дастур ва тавсияҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиҳатҳои махсуси баҳисобгирии муҳосибӣ ва усулҳои корбурди онро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аниқ мекунанд;

- муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими баҳисобгирии даромад ва хароҷот ба хотири муайян кардани манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ки ҷанбаи асосии баҳисобгирии андоз ва риояи талаботи фискалӣ мебошад.

Муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули муҳтавои сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ аҳамияти хоса доранд. Ин муқаррарот ба баҳисобгирии даромад ва хароҷот, муайян кардани манбаи андозбандӣ, инчунин интихоби усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳадафҳои андозбандӣ, ки бевосита ба раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дахл мекунанд, таъсири калон мерасонанд. Ҳамин тариқ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии андоз унсури муҳиме мебошанд, ки принсипҳо ва усулҳои асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро дар сатҳи субъекти иқтисодӣ муайян мекунад.

Дар бобҳои қаблии таҳқиқот таҳлили интиқодии стандартҳо (қоидаҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, арзёбии мутобиқати онҳо ба муқаррароти СБҲМ ба ҷо оварда шудааст. Гарчанде ки стандартҳои миллӣ асосан ба принсипҳои дар СБҲМ муқарраршуда такя мекунанд, онҳо ҳанӯз бо талаботи байналмилалӣ пурра ҳамгиро нашудаанд. Дар баробари ин, як қатор муқаррарот ва методикаҳои дар стандартҳои миллӣ ҷойдошта ба таври назаррас тафовут доранд, ки ин зарурати навсозии пойгоҳи

меъёрию ҳуқуқиро таъкид мекунад. Ин тафовут кори минбаъдаро оид ба такмили қонунгузории миллӣ ба хотири ҳамоҳангсозии он бо СБҲМ тақозо мекунанд, ки ин дараҷаи баландтари мутобиқат ва шаффофии ҳисоботи молиявиро таъмин менамояд.

Татбиқи СБҲМ ба бунёди ҳисоботи молиявии дорои шакли ягона ва шаффоф дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст. Аммо байни стандартҳо (низомномаҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва стандартҳои байналмиллалӣ тафовути назаррас мавҷуданд, ки ҳангоми пешбурди баҳисобгирии молиявӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар асоси СБҲМ бояд ба назар гирифта шаванд. Ин тафовут метавонанд ҳам ба расмиёт ва равишҳои мушаххас ва ҳам ба методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дахл дошта бошанд, ки муносибати ҷиддиро ба мутобиқсозӣ ва ҳамгироии стандартҳои байналмилалӣ бо амалияи миллӣ талаб мекунад.

Дар натиҷаи таҳлил мо тафовути асосии байни стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ-ро ошкор кардем, ки равишҳои баҳисобгирии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти молиявиро муайян мекунанд [119; 177; 178; 180; 181; 182; 183; 246; 279]. Онҳо дар ҷадвали 5.2 муфассал оварда шудаанд, ки барои ба низом даровардан ва пешниҳоди возеҳи талаботи асосӣ ба ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ имкон медиҳанд.

Тавре мебинем, тафовути дар ҷадвали 5.2 овардашуда ба ҷанбаҳои асосӣ ба монанди эътирофи даромад, баҳодиҳии дороиҳо, усулҳои баҳисобгирии хароҷот, ҳисоботи бахшҳо ва эътирофи уҳдадориҳо дахл доранд, ки ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ муҳим мебошанд.

Дар доираи стандартҳои миллӣ эътирофи даромад бевосита ба қонунгузории андоз алоқаманд аст, ки он қоидаҳои баҳисобгирии даромад ва хароҷотро барои ҳадафҳои андоз танзим менамояд. Дар ин маврид, равишҳои эътирофи даромад аз равиши пешбининамудаи СБҲМ, ки эътирофи даромадро дар лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ дар назди мизоҷ, новобаста аз далели гирифтани маблағи дахлдор пешбинӣ менамояд, метавонанд фарқ кунанд. Ин тафовут зарурати таҳия ва татбиқи стандартҳои нисбатан умумитарро барои таъмини

қиёспазирии натиҷаҳои молиявӣ ва баланд бардоштани шаффофии молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъкид мекунад.

Ҷадвали 5.2. – Тафовути асосии байни стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ

Аломат	Низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ)	СБҲМ
Эътирофи даромад	Эътирофкунии даромад бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад, на бо санадҳои меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ.	Эътирофкунии даромад дар асоси принсипи ҳисобузамкунӣ ба ҷо оварда мешавад, ки дар мавриди он даромад (маблағи фурӯш) ҳангоми иҷрои уҳдадорӣ дар назди мизоҷ, новобаста аз санаи гирифтани маблағи дахлдор эътироф карда мешавад.
Баҳодиҳии дороиҳо	Баҳодиҳии амвол дар асоси хароҷоти воқеан анҷомдодашуда, арзиши бозорӣ (барои дороиҳои ройгон гирифташуда) ё арзиши истеҳсол (барои дороиҳои дар худи корхона истеҳсолшуда) мутобиқи Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад.	Истифодаи амсилаи арзиши одилона барои баҳодиҳии дороиҳо, ки барои аниқ ба ҳисоб гирифтани шароити бозор имкон медиҳад.
Усулҳои баҳисобгирии хароҷот	Стандартҳои миллӣ метавонанд усулҳои содакардашудаи баҳисобгирии хароҷотро иҷозат диҳанд, ки аниқӣ ва иттилоотнокии онҳо камтар аст.	СБҲМ ифшои нисбатан муфассалтари иттилоот ва корбурди усулҳои мураккаби тақсимкунии хароҷотро талаб мекунанд, ки ин аниқӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявиро баланд мебардорад.
Ҳисоботи бахшҳо	Дар стандартҳои миллӣ талабот ба тартибдиҳии ҳисоботи бахшҳо вуҷуд надорад, зеро ҳоло чунин стандарт таҳия нашудааст.	СБҲМ тартибдиҳии ҳатмии ҳисоботи бахшҳои корхонаро талаб мекунад, ки ин ба беҳтар шудани ифшои иттилоот барои корхонаҳои дар бахшҳои гуногуни бозор фаъолияткунанда мусоидат мекунад.
Эътирофи уҳдадориҳо	Эътирофи уҳдадориҳо умуман ба талаботи байналмилалӣ мувофиқ аст, вале сатҳи муфассалии он метавонад ҳангоми аҳдҳои махсус камтар бошад.	СБҲМ ба эътирофи ҳамаи уҳдадориҳои муҳим талаботи нисбатан ҷиддитар пешниҳод мекунанд, ки ин аниқӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявиро баланд мебардорад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар стандартҳои миллӣ баҳодиҳии дороиҳо пеш аз ҳама ба хароҷоти воқеии ҳангоми харид ё истеҳсоли онҳо суратгирифта, ки ба принсипи арзиши таърихӣ мувофиқат мекунад, асос меёбад. СБҲМ амсилаи нисбатан фасеҳтари баҳодиҳӣ - арзиши одилонаро пешниҳод мекунад, ки барои аниқтар ва саривақт ба ҳисоб гирифтани тағйирёбии шароити бозор имкон медиҳад [179]. Гузариш ба амсилаи арзиши одилона дар сиёсати баҳисобгирӣ метавонад аниқӣ ва мубрамии инъикоси воқеияти иқтисодиро, бахусус дар шароити ноустувории зиёди бозор, ба таври назаррас баланд бардорад.

Стандартҳои миллӣ истифодаи усулҳои содакардашудаи баҳисобгирии хароҷотро раво медонанд, ки метавонанд ба шаффофӣ ва ифшои нокифояи иттилоот оид ба натиҷаҳои молиявӣ оварда расонанд, дар ҳоле ки СБҲМ равиши нисбатан муфассал ва муттасилро, дар назар дорад, ки ба дарки беҳтари манбаъҳои хароҷот ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои молиявии корхона мусоидат мекунад [176]. Истифодаи усулҳои мураккабтари тақсимкунии хароҷот, ки СБҲМ пешбинӣ кардааст, ба субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сифат ва аниқии саҳеҳии ҳисоботи молиявии худро беҳтар созанд.

Стандартҳои миллӣ таҳияи ҳисоботро барои бахшҳо талаб намекунанд, ки ин имкони таҳлили фаъолияти молиявии бахшҳои алоҳидаи корхонаро маҳдуд мекунад. СБҲМ, дар навбати худ, ифшои ҳатмии иттилоотро дар бораи бахшҳо талаб мекунад, ки ба сармоягузорон ва дигар истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ барои тасаввуроти пурратар гирифтан дар бораи фаъолияти корхона дар соҳаҳои гуногун имкон медиҳад [179]. Ҷорӣ намудани чунин талабот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қадами муҳим дар самти такмили ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани шаффофии он бошад.

Дар робита ба эътирофи уҳдадориҳо, стандартҳои миллӣ одатан ба талаботи байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, аммо дар баъзе мавридҳо онҳо метавонанд камтар муфассал бошанд, ки ин инъикоси дурусти ҳамаи уҳдадориҳои муҳимро душвор мегардонад. СБҲМ талаботи нисбатан сахттареро пешниҳод мекунанд, ки эътирофи пурра ва дақиқтари уҳдадориҳои молиявиро

таъмин мекунад. Ин ба баланд бардоштани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат намуда, ҳамзамон сифати иттилоотро барои истифодабарандагони онҳо беҳтар мекунад [181].

Дар асоси гуфтаҳои боло мо зарурати ворид намудани тағйирот ба сиёсати баҳисобгириро дар шароити корбурди СБҲМ асоснок кардем, ки ҷанбаҳои асосии зеринро дар бар мегирад: гузариш ба принсипи ҳисобузамкунӣ, бозбинии усулҳои эътирофи даромад, мутобиқшавӣ ба амсилаи арзиши одилона, баланд бардоштани сатҳи назорат ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ, инчунин рушд ва такмили ихтисоси кормандон.

Дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам усули баҳисобгирии хазинавӣ (аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд) ва ҳам усули ҳисобузамкунӣ (аз ҷониби субъектҳои дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда) истифода мешавад. Тартиби барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар шакли содакардашуда (аз 7 ноябри соли 2009 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст) [279] муқарраршуда аллакай кӯҳна шуда, ба шароити иқтисодии имрӯзаи мамлакат мувофиқат намекунад. Сарфи назар аз он, ки ин тартиб аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст (ва дар сомонаи расмии он дастрас аст), дар он камбудию носаҳеҳиҳои назаррас, инчунин мухолифат бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳияи нав), ки соли 2021 қабул гардида, аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дорад, ба назар мерасанд. Гузашта аз ин, тартиби мазкур то тасдиқи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (соли 2011) таҳия шудааст, ки ин низ бознигарӣ ва навсозии онро бо назардошти талаботи муосир тақозо менамояд. Ҳолатҳои мазкур зарурати бозбинии фаврӣ ва навсозии қоидаҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибиро барои субъектҳое, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро дар шакли соддакардашуда мебаранд ва тартиб медиҳанд, ба хотири мутобиқ кардани онҳо ба воқеияти муосири фаъолияти иқтисодӣ, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда таъкид

мекунанд. Гузариш ба принсипи ҳисобузамкунӣ, ки СБҲМ пешбинӣ кардааст, «имкон медиҳад, ки натиҷаҳои молиявии корхонаҳо дақиқтар ва воқеъбинонатар инъикос карда шаванд, шаффофӣ ва қиёспазирии бештари нишондиҳандаҳои молиявӣ таъмин гардад» [242, с. 38].

Бояд қайд кард, ки ба хотири риояи талаботи СБҲМ баҳисобгирии даромад дар сиёсати баҳисобгирӣ бояд ба принсипи ҳисобузамкунӣ асос ёбад. Сиёсати баҳисобгирии корхона бояд инъикоси дурусти даромадро ҳам аз фаъолияти асосӣ ва ҳам аз дигар фаъолият таъмин намояд. Муҳим аст, ки муҳосибот расмиёти муқарраршудаи баҳисобгирии даромадро, махсусан дар шароити истифодаи ҳисобҳои гуногун барои намудҳои гуногуни даромад, ки аниқӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявиро таъмин мекунанд, қатъиян риоя кунад.

Дар сиёсати баҳисобгирӣ бояд ба назар гирифт, ки барои дуруст инъикос намудани даромади марбут ба фаъолияти асосии корхона ҳисобҳои зерин истифода мешаванд:

- ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» барои баҳисобгирии даромад аз фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо истифода мешавад. Агар даромад пардохтҳои фоизӣ, литсензионӣ ва пардохтҳои роялтиро дар доираи фаъолияти асосӣ дар бар гирад, чунин даромадҳо низ дар ҳамин ҳисоб инъикос карда мешаванд;

- барои баҳисобгирии дигар даромадҳо, ки бевосита ба фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо алоқаманд нестанд, ҳисоби 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» истифода мешавад. Ин даромад аз иҷора, роялти, ҷарима, фоизҳо ва дигар амалиётро дар бар мегирад.

Даромад аз амалиёте, ки ба фаъолияти асосӣ алоқаманд нест, бояд дар ҳисобҳои 66010 «Даромад дар намуди фоизҳо», 66020 «Даромад аз сармоягузориҳо», 66030 «Даромад аз суди саҳмияҳо (дивидендҳо)» ва дигар ҳисобҳо барои баҳисобгирии даромад аз амалиёти молиявӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Барои баҳисобгирии бозпасгардонии молҳо ва тахфифҳо даромад инчунин тавассути ҳисоби 44090 «Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф»

инъикос карда мешавад, ки ин ҳисоб барои ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» ҳисоби мутақобил мебошад. Дар сурати баргардонидани мол ё пешниҳоди тахфиф, даромад бо истифода аз ин ҳисоб тасҳеҳ карда мешавад, ки имкон медиҳад маблағи аз ҳисоби баргардонидан ва тахфиф камшуда дуруст инъикос карда шавад.

Ҳамин тариқ, барои таъмини мутобиқат бо СБҲМ, баҳисобгирии даромадҳо бояд ин хусусиятҳоро ба инобат гирад ва на ба лаҳзаи гирифтани маблағи дахлдор, балки ба лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ вобаста бошад.

Таҷдиди сиёсати баҳисобгирӣ инчунин мутобиқсозии усулҳои баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳоро бо назардошти истифодаи амсилаи арзиши одилона талаб мекунад. Мутобиқи СБҲМ, ин амсила имкон медиҳад, ки тағйирёбиҳои шароити бозор фасеҳтар ва аниқтар ба ҳисоб гирифта шаванд, ки дар навбати худ ба инъикоси нисбатан муносиби арзиши дороиҳо ва уҳдадориҳо дар тавозуни муҳосибии корхона мусоидат мекунад. Гузариш ба истифодаи арзиши одилона бозбинии усулҳои мавҷудаи баҳодиҳӣ ва ҷорӣ намудани равишҳои навро барои муайян кардани арзиши дороиҳо талаб мекунад.

Татбиқи СБҲМ аз субъектҳои иқтисодӣ талаб мекунад, ки дар ҳисоботи молиявӣ иттилооти муфассалтарро ифшо кунанд. Аз ҷумла, корхонаҳо бояд иттилоотро дар бораи даромад, хароҷот, уҳдадориҳо ва дороиҳои худ пурратар ва дақиқтар ифшо кунанд, ки ин эътимоди сармоягузоронро афзоиш медиҳад ва дастрасӣ ба манбаъҳои байналмилалии сармояро беҳтар мекунад. Сатҳи баланди шаффофӣ дар ҳисобот низ ба баланд шудани эътимод ба корхонаҳо ва беҳтаршавии эътибори онҳо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Гузариш ба СБҲМ кӯшишҳои зиёдро дар соҳаи омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон талаб мекунад. Мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва молия бояд усулҳои нави баҳисобгирии муҳосибиро азхуд кунанд, дуруст тафсир кардан ва корбурди стандартҳои байналмилалиро омӯзанд. Ин ҷорӣ намудани барномаҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос ва аттестатсияи мутахассисонро талаб мекунад, ки омили асосии мутобиқшавии бобарор ба стандартҳои нав мебошад. Ин на танҳо дуруст ҷорӣ намудани СБҲМ-ро дар

корхонахо таъмин мекунад, балки салоҳияти куллии хадамоти муҳосибиро баланд мебардорад.

Дар доираи марҳилаи дуюми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон сурат гирифта, гузаронидани тренингҳо ва барномаҳои омӯзишӣ барои муҳосибон пешбинӣ мешавад, ки омодагии касбии онҳоро ба кор бо СБҲМ таъмин менамояд.

Татбиқи СБҲМ дар амалияи баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони соҳибихтисосро, ки дорои донишҳои муосир дар соҳаи молия, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошанд, талаб мекунад. Нақши тахассуси кормандон дар раванди татбиқи СБҲМ ниҳоят муҳим аст, зеро муҳосибон ва мутахассисони молиявӣ бояд на танҳо стандартҳоро дарк кунанд, инчунин онҳоро ба шароити корхонаи мушаххас моҳирона мутобиқ созанд. Сатҳи баланди тахассуси кормандон ба гузариши муассири субъектҳои иқтисодӣ ба СБҲМ мусоидат намуда, хавфи хатоҳо ва норасоиҳо дар ҳисоботро кам мекунад, ки ин дар навбати худ эътимоди сармоягузорон, шарикон ва сохторҳои давлатиро ба корхонаи ҳисоботдиҳанда зиёд мекунад.

Барои татбиқи бобарори СБҲМ зарур аст, ки барномаҳои омӯзишӣ ва тренингҳои доимӣ гузаронида шаванд. Ин барномаҳо навсозии пайвастаи донишҳоро таъмин мекунанд ва ба мутахассисон дар рушди малакаҳое, ки ба тағйироти охирини байналмилалӣ дар баҳисобгирии молиявӣ мувофиқанд, мадад мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гузариш ба СБҲМ як қадами мубрам ва муҳим дар ҳамгироии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, чунин тренингҳо ва барномаҳо метавонанд сифати идоракунии молиявӣ ва ҳисоботи молияviро ба таври назаррас беҳтар созанд. Дурнамои таҳияи барномаҳои омӯзишӣ (таълимӣ), инчунин ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ барои омӯзиши кормандон имконияти навро барои рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меоранд.

Марҳилаи сеюми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бевосита бо ташаккули ҷанбаҳои асосии танзимкунандаи тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд аст. Дар ин марҳила шаклҳои ҳуҷҷатҳое таҳия карда мешаванд, ки

мутобиқати ҳам СБҲМ ва ҳам стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунанд. Унсури муҳим мувофиқаи сиёсати баҳисобгирии дохилии корхона бо талаботи байналмилалӣ мебошад, ки ба ҳамоҳангсозии равандҳои дохилӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуда, шаффофии ҳисоботи молиявиро баланд мебардорад.

Илова бар ин, дар ин марҳила барои муҳосибон дастурамал ва методикаҳоеро таҳия кардан лозим аст, ки якшаклиро дар татбиқи стандартҳо дар ҳамаи сатҳҳои корхона таъмин кунанд. Муҳим он аст, ки ин ҳуҷҷатҳо на танҳо талаботи стандартҳои байналмилалиро инъикос кунанд, балки хосияти фаъолияти корхонаи мушаххас ва хусусиятҳои соҳавии онро низ ба назар гиранд.

Диққати махсус бояд ба расмиёти мувофиқасозии қоидаҳои дохилӣ бо мақомоти танзимкунандаи берунӣ, аз қабили мақомоти андоз, дигар мақомоти танзимкунанда ва ташкилотҳои аудиторӣ дода шавад. Ин хавфҳои мутобиқат накардани талаботи қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалиро ба ҳадди ақалл кам карда, шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявиро таъмин менамояд.

Дар натиҷаи ин марҳила корхона бояд сиёсати аниқ муқарраргардидаи баҳисобгирии муҳосибӣ дошта бошад, ки он барои кори ҳаррӯзаи муҳосибот, инчунин барои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ мутобиқи талаботи СБҲМ асос мегардад.

Дар ниҳоят, марҳилаи чорум - татбиқи сиёсати таҳияшудаи баҳисобгирӣ ва мониторинги татбиқи он мебошад. Дар ин марҳила на танҳо амалисозӣ, инчунин таъмини механизми самарабахши мониторинги татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ, нигоҳ доштани мубрамии он бо гузашти вақт низ муҳим аст. Татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ аниқ муайян кардани механизмҳо, аз ҷумла ҳам назорати дохилӣ ва ҳам таҳияи расмиёти таъмини риояи ҳама стандартҳо ва талаботи дар сиёсати баҳисобгирӣ пешбинишударо талаб мекунад.

Нуктаи асосӣ таъсиси низоми самараноки назорати дохилӣ мебошад, ки барои саривақт муайян ва бартараф намудани тамоюлҳои имконпазир аз стандартҳо ва расмиёти муқарраршуда имкон медиҳад. Назорати дохилӣ бояд ба

амалияи ҳаррӯзаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва хадамоти молиявӣ ҳамгиро карда шавад, ки ин мувофиқати сиёсати баҳисобгириро на танҳо дар сатҳи ҳуҷҷатгузорӣ, балки дар амал низ таъмин мекунад.

Ғайр аз ин, таҳияи расмиёти мунтазам нав кардани сиёсати баҳисобгирӣ муҳим аст, то ки он ҳамеша мубрам бошад ва ба тағйирот дар қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат кунад. Ин раванд кори доимиро талаб мекунад, ки ҳадафи он он такмили амалияи муҳосибӣ мебошад.

Нақши танзими давлатӣ дар раванди татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ ва гузаштан ба СБҲМ аҳамияти калидӣ дорад. Дар ин раванд танзими давлатиро мақоми ваколатдор – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, ки дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки мувофиқати сиёсати миллии баҳисобгириро ба стандартхои байналмилалӣ таъмин менамояд, нақши марказиро иҷро мекунад. Мақоми ваколатдор инчунин тавсияҳои методӣ медиҳад, барномаҳои омӯзишӣ ва чорабиниҳои фаҳмондадиҳиро барои муҳосибон ва мутахассисони молиявӣ ба хотири татбиқи дуруст ва самараноки сиёсати баҳисобгирӣ ташкил мекунад.

Раванди татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор таҳдидҳо ва мушкилот алоқаманд аст. Ин душвориҳо метавонанд ба ҷанбаҳои қонунгузорӣ, молиявӣ, таъминот бо кормандон, техникӣ ва ташкилӣ марбут бошанд (ҷадвали 5.3), ки таваҷҷуҳи махсуси ҳам субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам мақомоти давлатиро тақозо мекунад. Татбиқи бобарори сиёсати баҳисобгирии ба СБҲМ нигаронидашуда бидуни ҳалли ин мушкилот ғайриимкон аст.

Тавре аз ҷадвали 5.3 мушоҳида мешавад, татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши ҳамаҷонибаро ба ҳалли мушкилоти зиёд талаб мекунад. Ҳар яке аз онҳо таҳлили дақиқ ва андешидани чораҳои дахлдорро барои кам кардани паёмадҳои номатлуб ва таъмини татбиқи самараноки сиёсати баҳисобгирӣ талаб мекунад. Аз ҷумла, таъмини қонунгузорӣ, фароҳам овардани шароит барои омодасозии кормандон, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва тақвияти огоҳ

будан оид ба аҳамияти дигаргуниҳо дар дохили субъектҳои иқтисодӣ, омилҳои асосие мебошанд, ки барои рафъи душвориҳои татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ дар доираи СБҲМ мусоидат мекунанд. Танҳо тавассути равиши ҳамаҷониба, ки ҳам саъю кӯшиши дохилии корхонаҳо ва ҳам дастгирии давлатиро дар бар мегирад, метавон ба ҳамгироии бобарори стандартҳои байналмилалӣ бо амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ноил гардида, рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба талаботи байналмилалиро таъмин кард.

Ҷадвали 5.3. – Мушкилоти татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ ва роҳҳои ҳалли онҳо

Мушкилот	Тафсири мушкилот	Роҳҳои ҳал
Мушкилоти қонунгузорӣ	- мувофиқат накардани стандартҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ; - набудани пойгоҳи возеҳи ҳуқуқӣ барои татбиқи СБҲМ.	- такмили конунгузорӣ, хамгироии стандартхои байналмилалӣ бо назардошти хусусиятхои миллӣ; - таҳияи тавсияҳои методӣ барои корхонаҳо.
Мушкилоти молиявӣ	- хароҷоти баланди татбиқи СБҲМ, аз ҷумла барои нармафзор ва омӯзиши кормандон; - баланд шудани арзиши хизматрасониҳои аудиторӣ; - хавфҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна.	- таҳияи барномаҳои дастгирии соҳибкории хурд ва миёна; - ҳавасмандгардонии истифодаи воситаҳо ва майдонҳои дастрасӣ омӯзишӣ; - гузариши ботадриҷ ба СБҲМ.
Мушкилоти таъмини кормандон	- нарасидани мутахассисони соҳибихтисос; - дастрасии маҳдуди барномаҳои омӯзишӣ оид ба СБҲМ; - азкорравии зиёди кормандон.	- рушди барномаҳо ва курсҳои омӯзишӣ; - ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои такмили ихтисоси кормандон; - низоми сертификатсия ва рушди касбӣ.
Мушкилоти техникӣ	- зарурати таҷдиди низомҳои иттилоотӣ ва таъминоти нармафзор; - талабот ба татбиқи методикаҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ.	- ҷорӣ намудани воситаҳои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ; - таҳияи қолибҳо ва дастурамалҳои стандартӣ; - омӯзиши кормандон барои кор бо нармафзори нав.
Мушкилоти ташкилӣ ва фарҳангӣ	- муқовимат ба дигаргуниҳо аз ҷониби кормандон ё роҳбарият.	- омӯзиш ва ҳавасмандкунии кормандон; - шарҳ додани зарурати гузариш ба СБҲМ тавассути иртиботи дохилӣ ва омӯзиш.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, татбиқи СБҲМ дар баланд бардоштани сифат ва шаффофии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. СБҲМ ба ягонакунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад, ки эътимоди сармоягузорон, шарикон ва сохторҳои давлатиро баланд мебардорад. Ин дар навбати худ фазои сармоягузориро беҳтар намуда, ба ҳамгироӣ бо иқтисодиёти байналмилалӣ мусоидат мекунад, ки ин барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст.Раванди бобарори татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ равиши ҳамаҷонибаеро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои қонунгузорӣ, молиявӣ, таъминот бо кормандон ва ташкилиро дар бар мегирад. Гузариш ба СБҲМ бидуни таҳияи пойгоҳи дақиқи ҳуқуқӣ, ҷалби мутахассисони соҳибихтисос ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ғайриимкон аст. Илова бар ин, роҳандозӣ намудани мониторинг ва таҷдиди сиёсати баҳисобгирӣ бо назардошти тағйирот дар стандартҳои байналмилалӣ ва вазъи иқтисодии дохилӣ муҳим аст (расми 5.1).

Тавре дар расм нишон дода шудааст, раванди татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ якчанд қадамҳои асосиро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо баррасӣ ва ҳамоҳангсозии бодиққати байни ҷонибҳои гуногуни манфиатдорро талаб мекунанд. Ин раванди фарогир барои гузариши бобарор ба стандартҳои байналмилалӣ ва беҳтар намудани ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Нақши дастгирии давлатӣ, аз ҷумла мадади Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳим дар мутобиқшавии бобарори СБҲМ мебошад. Тавсияҳои методӣ, барномаҳои омӯзишӣ ва барномаҳои дастгирӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна метавонанд раванди гузаришро ба таври назаррас осон кунанд. Омодагии дохилии корхонахо, аз ҷумла омӯзиши кормандон ва таҷдиди низомҳои иттилоотӣ низ муҳим мебошад.



Расми 5.1. – Қадамҳои гузариш ба СБҲМ: татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили марҳилаҳои татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мувофиқи СБҲМ.

Татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ марҳилаи муҳими ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба такмили ҳисоботи молиявӣ ва идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо шаффофии ҳисобот зиёд карда шавад, балки стратегияҳои устувори рушди субъектҳои иқтисодӣ таҳия карда шуда, эътимод ба иқтисодиёти миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад.

5.2. Пешниҳодҳо оид ба такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ

Дар зербоби 3.2 ҳангоми таҳлили раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ мо ба мушкилоти татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки имрӯз дар субъектҳои иқтисодии дар соҳаҳои появии иқтисодиёт фаъолияткунанда ба кор бурда мешавад, ҳамчун яке аз мушкилоти асосии ин раванд таваҷҷуҳ карда будем. Мо изҳор кардем, ки нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ба талаботи тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ва ҳаёти хоҷагидории имрӯзаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ нест. Бинобар ин, имрӯз дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаи таҷдид ва такмили нақшаи ҳисобҳо ҳамчун яке мушкилоти муҳимтарин баррасӣ мешавад, зеро он «унсури муҳими амсилаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва яке аз омилҳои асосии ташкилию методии баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҳар як субъекти иқтисодӣ буда, ҳамзамон доираи бузургкардашудаи объектҳои баҳисобгирӣ ва робитаҳои мутақобилаи онҳо, восита ва низоми танзимкунандаи татбиқи навишти дутарафаро ифода мекунад» [216, с. 67].

Дарвоқеъ, яке аз ҷанбаҳои асосии татбиқи бобарори СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ такмили нақшаи ҳисобҳо мебошад. Нақшаи ҳисобҳо на танҳо асоси низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, балки унсури муҳимест, ки ташкили самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ, гурӯҳбандии амалиёти молиявӣ ва бунёди сохтори возеҳи ташаккули ҳисоботи молиявии воқеъбинона ва саҳеҳро таъмин мекунад. Дар доираи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ нақшаи ҳисобҳо ҳамчун меҳваре амал мекунанд, ки дар он тамоми фаъолияти молиявии корхона таҷассум меёбад, ки барои ташаккул ва ба низом даровардани иттилоот оид ба амалиёти хоҷагидории гуногун имкон медиҳад.

Бо ҷорӣ намудани СБҲМ, ки ба шаффофӣ, қиёспазирӣ ва воқеъбинона будани иттилооти молиявии пешниҳодшуда диққати махсус медиҳад, зарурати бозбинӣ ва мутобиқ кардани нақшаи ҳисобҳо ба миён меояд. Истифодаи стандартҳои байналмилалӣ дигаргуниҳои ҷиддиро дар сохтори баҳисобгирии

муҳосибӣ тақозо мекунад, ки ба талаботи нави бамиёнгузоштаи СБҲМ оид ба тафсилоти баҳисобгирӣ, усулҳои арзёбӣ ва тарзҳои инъикоси амалиёти молиявӣ вобаста аст. Бинобар ин, нақшаи ҳисобҳо бояд бо дарназардошти ҳамгироӣ бо талаботи байналмилалӣ такмил дода шавад, ки он аз ҷумла таҷдид ва аниқ кардани таснифоти ҳисобҳо, корбурди мафҳумҳои нав, аз қабили арзиши одилона, олоти молиявӣ ва унсурҳои иловагии баҳисобгирии муҳосибиро, ки тағйироти муҳити иқтисодиро инъикос мекунанд, дар бар мегирад.

Такмили нақшаи ҳисобҳо аз нигоҳи СБҲМ на танҳо бо тағйироти сохтори он маҳдуд мешавад, балки бояд дараҷаи баландтари дақиқии баҳисобгирии муҳосибиро таъмин кунад. Ин, дар навбати худ, ба ташаккули ҳисоботи молиявии саҳеҳ ва комил, ки барои қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ, таҳлили вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона зарур аст, мусоидат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ бо бозорҳои берунӣ пешниҳоди дуруст ва саривақтии иттилооти молиявӣ ба омили муҳими таъмини эътимоди истифодабарандагони берунии ҳисобот, аз қабили сармоягузорон, кредиторон, мақомоти танзим ва шарикон табдил меёбад.

Навсозии нақшаи ҳисобҳо дар заминаи СБҲМ ба беҳтар шудани таҳлили молиявӣ мусоидат мекунад. Бо дарназардошти он, ки стандартҳои байналмилалӣ истифодаи усулҳои муфассалтар ва дақиқтари баҳисобгирии муҳосибиро пешбинӣ мекунанд, ин имкон медиҳад, ки на танҳо сифати ҳисоботи молиявии дохилӣ беҳтар карда шавад, балки дараҷаи қиёспазирии онҳо бо ҳисоботи корхонаҳои хориҷӣ баланд бардошта шавад. Ҳамин тариқ, бозбинии нақшаи ҳисобҳо бо назардошти СБҲМ ба ҳамгироии субъектҳои иқтисодӣ ба иқтисодиёти байналмилалӣ мусоидат намуда, рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои ҷаҳонии сармоя ҳавасманд мекунад.

Ҷанбаи муҳими раванди бозбинии нақшаи ҳисобҳо корбурди принсипи арзиши одилона мебошад, ки баҳисобгирӣ ва инъикоси дороиҳо ва уҳдадориҳоро дар асоси баҳодиҳии бозорӣ талаб карда, ба сохтори нақшаи ҳисобҳо таъсири назаррас мерасонад. Илова бар ин, тағйирот ба баҳисобгирии олоти молиявӣ низ дахл мекунад, ки тахассуси баланди мутахассисон, инчунин автоматикунонии

самараноки равандҳои баҳисобгириро талаб мекунад. Дар натиҷа, татбиқи бобарори СБҲМ ва такмил додани нақшаи ҳисобҳо ба баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ, такмили равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ва таҳкими мавқеи корхона дар арсаи байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад.

Ҳамин тариқ, бозбинӣ ва такмил додани нақшаи ҳисобҳо дар шароити татбиқи СБҲМ на танҳо як қадами ҳатмӣ барои таъмини риояи талаботи байналмилалӣ, балки унсури муҳими стратегияи ҳамгироии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо амалияи ҷаҳонӣ мебошад. Ин раванд ба беҳтар шудани дақиқии баҳисобгирии муҳосибӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимод ба ҳисоботи молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодии корхонаҳое, ки қодиранд ба дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ хубтар мутобиқ шаванд ва ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат кунанд, мусоидат мекунад.

Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии бозорҳои молиявӣ, истифодаи стандартҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ба монанди СБҲМ ба корхонаҳо ва давлатҳо имкон медиҳад, ки дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазир бошанд ва ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодиёти худро беҳтар созанд. Аҳаммияти нақшаи ҳисобҳо дар таъмини фасеҳии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ифода ёфта, барои мутобиқати муассир ба тағйироти муҳити иқтисодии берунӣ, кам кардани хатоҳо дар ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани саҳеҳии он имкон медиҳад. Гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ бозбинии таркиб ва сохтори ҳисобҳои муҳосибӣ, гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва усулҳои татбиқи онро талаб мекунад. Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани таснифоти нави дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя, ки ба талаботи шаффофии баҳисобгирӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ мувофиқ бошанд, зарур аст.

Мубрамии масъалаи такмили нақшаи ҳисобҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якчанд омил вобаста аст. Аввалан, бо дарназардошти ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ҳамгироӣ бо сохторҳои иқтисодии байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки низоми баҳисобгирии муҳосибии худро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ созад, ки ин дар анвбати аввал зарурати

мутобиқсозӣ ва навсозии нақшаи ҳисобҳоро дар бар мегирад. Ин қиёспазирии иттилооти молиявиии субъектҳои иқтисодиро таъмин намуда, ҳамкориро бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ осон мегардонад. Дуюм, сарфи назар аз қадамҳо оид ба татбиқи СБҲМ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти муайян боқӣ мондаанд, ба монанди тахассуси нокифояи муҳосибон, имконияти маҳдуди автоматикунонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки мо инро дар бобҳои қаблии таҳқиқот баён кардем. Дар ин шароит нақшаи ҳисобҳои имрӯз амалкунандаро такмил додан лозим аст, то чандирии баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқат ба талаботи байналмилалӣ ва ташкили низоми боэътимоди назорати дохилӣ дар субъектҳои иқтисодӣ таъмин гардад.

Такмили нақшаи ҳисобҳо шаффофии молиявии корхонаҳои миллиро беҳтар намуда, дар навбати худ эътимоди сармоягузоронро ба онҳо баланд менамояд ва ба ин васила раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми ҷаҳонии молиявӣ суръат мебахшад. Ин икдоми муҳими баланд бардоштани устувории иқтисодиёти миллӣ ва таъмини идоракунии самарабахши молиявист.

Бояд қайд кард, ки дар давоми зиёда аз ду даҳсолаи охир дар заминаи танзими баҳисобгирии муҳосибӣ, махсусан дар доираи СБҲМ диққати асосӣ ба марҳилаи ниҳоии баҳисобгирии муҳосибӣ - таҳияи ҳисоботи молиявӣ дода шудааст. Дар баробари ин ба масъалахои техникӣ ва методологии ҳамгироии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ бо ҳисоботи молиявӣ диққати кофӣ дода намешавад. Дар натиҷа корхонаҳое, ки ҳисоботи молиявии худро мутобиқи СБҲМ таҳия мекунанд, ба як қатор мушкилоти методологӣ ва техникӣ дучор мешаванд. Дар ин маврид, масъалаҳои ташаккули пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки асоси таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ мебошад, танҳо аз ҷониби шумораи маҳдуди мутахассисони соҳаи баҳисобгирӣ таҳқиқ карда шудаанд. Аз ҷумлаи олимони ватанӣ, ки ба хусусиятҳои бунёди нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, муаллифон М.Б. Каримиён [103], М.Г. Маҳмадов [172], А.А. Мирзоалиев [186], Д.А. Олимов [218; 219], П.А. Ҳалимов [293; 302; 303] ва дигаронро метавон номбар кард. Бо вуҷуди

ин, нақшаи ҳисобҳои мавҷуда аз замони тасдиқ шудан дар соли 2011 то имрӯз бетағйир монда, таркиби он дигар карда нашудааст, ҳарчанд барои ин сабабҳои воқеъбинонаи зиёде вуҷуд дорад.

Акнун андешаҳои худро вобаста ба баъзе иллатҳои нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ва нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи он пешниҳод намуда, корношоям будани баъзе муқаррароти онҳоро асоснок мекунем ва барои бартараф кардани камбудиҳои нақшаи ҳисобҳо тавсияҳо таҳия мекунем. Барои тақвият додани изҳороти худ басанда аст, ки ба чанд нуктае аз муҳтавои нақшаи ҳисобҳои мазкур ишорат кунем.

Пеш аз ҳама, мехоҳем ҳаминро хотиррасон кунем, ки мувофиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин ва маъданҳои он моликияти истисноии давлат мебошанд [130]. Яъне, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои табиӣ, конҳои маъданҳои минералӣ моликияти корхонаҳо нестанд ва наметавонанд ҳамчун дороиҳои онҳо ҳисобида шаванд. Вале, дар нақшаи ҳисобҳо, дар бахши дороиҳои ғайригардон гурӯҳи ҳисобҳои 11200 «Захираҳои табиӣ» дар назар дошта шудааст, ки ҳисобҳои мушаххаси 11210 «Конҳои маъданҳои минералӣ» ва 11220 «Конҳои карбогидридҳо»-ро дар бар мегирад. Тавре маълум аст, яке аз принсипҳои поягузори ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ баҳодиҳӣ (ченкунии арзишӣ) мебошад, ки ба он моддаҳои 10 ва 23-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» низ ишорат мекунанд. Ин принсип водор месозад, ки ҳама объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли арзишӣ ифода ёбанд. Он чизеро, ки бо пул чен кардан номумкин аст, наметавон ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф кард, пас зарурати барои он кушодани ҳисоби муҳосибӣ низ вуҷуд надорад. Аз ин гуфта бармеояд, ки ҳисобҳои барои инъикоси захираҳои табиӣ пешбинишуда барои субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим нестанд.

Яке аз камбудиҳое, ки истифодабаранда нақшаи ҳисобҳоро ба иштибоҳ меорад, ин аст, ки дар нақшаи ҳисобҳо номгузории бисёр ҳисобҳо дақиқ нест. Масалан, номҳои ҳисобҳои 22110 «Қарзҳои бонкӣ, вомҳо» ва 22620 «Қарзҳои

бонкӣ» як хел ба назар мерасад. Дуруст аст, ки «ҳисоби 22110 ба гурӯҳи ҳисобҳои 22100 «Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда» ва ҳисоби 22620 ба гурӯҳи ҳисобҳои 22600 «Уҳдадориҳои дарозмуддат» тааллуқ доранд. Аммо 22100 ва 22600 рақамҳои ҳисобҳо нестанд, балки рақамҳои гурӯҳи ҳисобҳо мебошанд ва набояд дар мукотиботи ҳисобҳо иштирок кунанд, зеро онҳо барои ҷамъбасти иттилоот ва интиқоли он ба ҳисоботи молиявӣ хизмат мекунанд» [151, с. 292]. Бинобар ин, бояд ҳисоби 22110 чун «Қарзҳои бонкӣ ва вомҳои кӯтоҳмуҳлат» ва ҳисоби 22620 - «Қарзҳои бонкӣ ва вомҳои дарозмуҳлат» номгузорӣ карда шаванд. Ин тарзи номгузорӣ ҳам аз ҷиҳати маъно ва мантиқ ва ҳам аз ҷиҳати имлои забони тоҷикӣ дуруст аст.

Дар нақшаи ҳисобҳо, дар бахши уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат (аниқтараш, уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлати ҳисобузамкардашуда) ҳисоби 22220 «Андози нафақавии пардохтшаванда» пешбинӣ шудааст, вале дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозе бо номи «андози нафақавӣ» вуҷуд надорад (менигарем ба моддаи 24 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, ҳамчунин моддаи 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012) [118; 119]. Ин гуфта аз номувофиқии нақшаи ҳисобҳо ва қонунгузории андоз гувоҳӣ медиҳад. Вале дар амалияи баҳисобгирӣ ин ҳисоб мавриди истифода дошта, корбарон (муҳосибон) онро ҳамчун «фонди нафақа» ном мебаранд. Таҳлили муқаррароти моддаи 328 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2021) муайян намуд, ки ин андоз (андози нафақавӣ) дар таркиби андози иҷтимоӣ дар назар дошта шудааст. Мувофиқи моддаи мазкур супорандагони андози иҷтимоӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: суғуртакунандагон (корфармоён) ва суғурташудагон (кормандон). Бинобар ин, мақбул аст, ки ҳиссаи андози иҷтимоии барои шахсони суғурташуда муқарраргардида дар ҳисоби 22220 «Андози нафақавии пардохтшаванда» ва ҳиссаи барои суғуртакунандагон муқарраргардида дар ҳисоби 22240 «Андози иҷтимоии пардохтшаванда» инъикос карда шавад.

Акнун чанд андеша дар бораи гурӯҳи ҳисобҳои 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ» иброз мекунем. Барои инъикоси иттилоот дар бораи дороиҳои ғайримоддӣ дар нақшаи ҳисобҳо чунин ҳисобҳо пешбинӣ шудаанд: 11310 «Ҳуқуқи

истифодабарии замин», 11320 «Гудвилл», 11330 «Патент, литсензия (иҷозатнома), франшиза», 11340 «Нишони молӣ», 11350 «Ҳуқуқи муаллифӣ», 11360 «Таъминоти барномавӣ», 11370 «Дигар дороиҳои ғайримоддӣ», 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ».

Ин ҳама дуруст аст, аммо мавҷудияти ҳисоби 11390, агар аз ҷиҳати мантиқӣ назар кунем, маънои онро дорад, ки ҳамаи дороиҳои ғайримоддии номбаршуда истеҳлок мешаванд ва маблағи истеҳлоки ҷамъшудаи онҳо дар ҳисоби 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ» инъикос карда мешавад. Маълум аст, ки гудвилл истеҳлок намешавад, балки барои коҳишёбии арзиши худ санҷида мешавад (менигарем ба бандҳои 80-99-и СБҲМ (IAS) 36 «Коҳишёбии арзиши дороиҳо») [178].

Ба ҳар ҳол, масъалаи интихоби истеҳлок ё санҷиш барои муайян кардани коҳиши арзиши гудвилл мавзуи баҳснок буда, аз ҷониби коршиносони ШСБҲМ (IASB) борҳо мавриди муҳокимаҳои бо ҳам мухолиф қарор гирифтааст. Қаблан мувофиқи стандартҳои дахлдори СБҲМ гудвил ба мисли дигар дороиҳои ғайримоддӣ истеҳлок мешуд ва маблағи истеҳлоки он дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ инъикос мегардид. Зимнан, дар амалияи байналмилалии баҳисобгирии истеҳлоки гудвил ба мушкилот ва душвориҳо рӯ ба рӯ мешуд. Ҳаминро ба инобат гирифта, ҳангоми баррасии саросарии стандартҳо дар аввали солҳои 2000-ум ШСБҲМ ба қарор омад, ки гудвилл вобаста ба хусусияҳои худ ҳамчун дороии молиявии алоҳида ҳамтонашаванда (яъне алоҳида фурӯхта ё харида шуда наметавонад) набояд истеҳлок шавад. Бинобар ин, СБҲМ (IFRS) 3 «Муттаҳидшавии бизнес» [180], ки соли 2008 аз ҷониби ШСБҲМ қабул шудааст, дар бораи корбурди равиши санҷиши гудвилл барои коҳишёбии арзиш дар доираи муқаррароти стандарти СБҲМ (IAS) 36 «Коҳишёбии арзиши дороиҳо» таъкид мекунад [178]. Бо вуҷуди баҳсҳои тӯлонӣ оид ба баргаштан ба равиши истеҳлоки гудвилл, ШСБҲМ соли 2022 ба қарори қатъӣ омад, ки дигар ин масъала (яъне баргаштан ба равиши истеҳлоки гудвилл) мубрам нест ва мувофиқи СБҲМ гудвилл ҳамасола ақалан як бор бояд аз санҷиш барои муайян кардани коҳишёбии нархи худ гузаронида шавад. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки

натиҷаи чунин санҷиш бояд дар ҳисоби алоҳидаи баҳисобгирии коҳиши арзиши гудвилл инъикос карда шавад.

Дарвоқеъ, гудвилл танҳо натиҷаи баланд шудани арзиши воқеии дороиҳои молиявӣ нисбат ба арзиши исмии онҳо мебошад, ки дар арзиши софи дигар дороиҳои ҳамтошаванда ҳангоми харидани корхонаи яклухт (ҳамчун сармоягузорӣ) ифода меёбад. Яъне гудвилл танҳо ҳангоми харидани корхона пайдо мешавад: ҷониби харидор бар ивази корхонаи яклухт харидашаванда ба фурӯшанда нархеро пардохт мекунад, ки аз арзиши воқеии маҷмуи дороиҳои он зиёдтар аст. Ана ҳамин фарқро бояд ҷониби харидор дар тавозуни муҳосибии худ ҳамчун дороии алоҳида эътироф кунад ва барои баҳисобгирии он ҳисоби алоҳидаеро ба кор барад ва ин ҳисоб бояд дар нақшаи ҳисобҳо муқаррар карда шавад. Ҳамин тариқ, «эътирофкунӣ ва баҳодиҳии гудвилл марҳилаи ниҳоийи муҳосибии инъикоси аҳд оид ба муттаҳидкунии бизнес мебошад, ки бо усули харид ба ҳисоб гирифта шуда, натиҷаи анҷомёбии аҳдро инъикос мекунад» [232, с. 27]. Пас аз эътироф кардани гудвилл дар тавозуни муҳосибии корхонаи харидор, арзиши он бо мурури вақт метавонад коҳиш ёбад. Тарзи асосии муайян кардани арзиши воқеъбинонаи гудвилл ин гузаронидани санҷиш ба хотири аниқ кардани дараҷаи коҳишёбии арзиш ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани арзиши нави он пас аз коҳишёбӣ мебошад.

Аз ин гуфтаҳо метавон хулоса бароварда, ки ҳисобҳои 11320 «Гудвилл» ва 11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддӣ», ки дар нақшаи ҳисобҳо муқаррар карда шудаанд, мантиқан бо ҳам алоқаманд буда наметавонанд. Баҳисобгирии коҳишёбии арзиши гудвилл бояд алоҳида (дар ҳисоби алоҳида) аз баҳисобгирии истеҳлоки дигар дороиҳои ғайримоддӣ бурда шавад. Вобаста ба ин, мо метавонем чунин тарзи овардани гурӯҳи ҳисобҳои 11300 «Дороиҳои ғайримоддӣ»-ро дар нақшаи ҳисобҳо пешниҳод кунем:

11310 «Гудвилл»;

11320 «Коҳишёбии арзиши гудвилл»;

113ХХ «Дигар дороиҳои ғайримоддӣ» (барои инъикос намудани тамоми дигар дороиҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи

захираҳои табиӣ, ки дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда барои инъикоси он ҳисобе пешбинӣ нашудааст);

11390 «Истеҳлоки ҷамъшудаи дороиҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда».

Чунин мисолҳои ба талаботи СБҲМ мувофиқат накардани нақшаи ҳисобҳои амалкунанда хеле зиёданд, ғайр аз он ки барои инъикоси баъзе амалиёти хоҷагидории мушаххас ва объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити воқеии ҳаёти хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои дахлдор пешбинӣ нашудаанд.

Акнун нуқтаи назари худро вобаста ба нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо иброз мекунем. Ба андешаи мо, дар нишондодҳои мазкур ҳама ҷо хатоҳои имло ва нофаҳмиҳои маънӣ ба чашм мерасанд. Аксари эзоҳоти ҳисобҳо, мисолу намунаҳои корбурди ҳисобҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ ба ҳисобҳои баррасишаванда мувофиқат намекунанд. Барои тасдиқи гуфтаҳои худ ҳамагӣ чанд лаҳзаро аз шарҳи дар нишондодҳои методӣ овардашуда ҷиҳати ҳисобҳои алоҳида ёдовар мешавем (гарчанде чунин лаҳзаҳо зиёданд).

Лаҳзаи 1. Дар нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо, аниқтараш дар бахши баёни ҳисоби 10530 «Андозҳои пешпардохтшуда» номгӯйи баъзе ҳисобҳо (андозҳо), масалан, ҳисоби 10533 «Андози пешпардохтшудаи ҳадди аққал аз даромадҳо» оварда шудааст. Чунин андозҳо дар низоми андозбандии мамлакат вуҷуд надоранд ва дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи солҳои 2012, 2021) низ нишон дода нашудаанд. Яъне ин ҳисобҳо ва тафсири онҳо низ нолозим буда, истифодабарандаро ба гумроҳӣ ва иштибоҳ меандозанд.

Лаҳзаи 2. Дар нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо дар бахши баҳисобгирии воситаҳои ҳамчун туҳфа (ройгон) гирифташуда ва субсидияҳо пешбинӣ шудааст, ки бо мурури ҳисобузамкунии истеҳлоки объекти воситаҳои асосии ройгон гирифташуда, бақияи ҳисоби 33150 «Амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда» бояд бо роҳи соқит кардан ба кредити ҳисоби 66070 «Дигар даромадҳои ғайриамалиёӣ» ба маблағи истеҳлоки ҳисобузамшуда таҳрир карда шавад. Вале, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобузам

кардани истеҳлокро барои воситаҳои асосии ройгон гирифташуда иҷозат намедиҳад (менигарем ба моддаи 198 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, қисми 4, сархати 3, ҳамчунин моддаи 118 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, қисми 2, сархати 2).

Лаҳзаи 3. Дар нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо дар бахши баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ пешбинӣ шудааст, ки даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ дар дебети ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ, аз ҷумла ҳисоби 10210 «Ҳисобҳо бо асъори миллӣ» ё ҳисоби 10590 «Қарздории дебиторӣ аз рӯйи дигар амалиётҳо» ва кредити ҳисобҳои 66060 «Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат», 22320 «Андоз аз арзиши иловашуда барои пардохт» инъикос карда мешавад. Вале, мутобиқи талаботи моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 6, сархати 6 (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012 – моддаи 183, қисми 5, сархати 5), корхонаҳо ҳақ надоштанд, ки андоз аз арзиши иловашуда (ААИ)-и ҳангоми хароҷоти бо харид, истеҳсол, сохтмон ва васлкунӣ, барқарор намудани (таъмири) воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда алоқаманд анҷомдодашударо, новобаста аз маблағи хароҷот, барои ҷуброн кардан ба ҳисоб гиранд. Инчунин моддаи 246 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 5 (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012 – моддаи 164, қисми 5) муқаррар мекард, ки «таҳвили молҳо аз ҷониби супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои истифодаи меъёри пасткардашуда, ки ин молҳоро дар натиҷаи амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда харид кардааст, вале мутобиқи моддаи 266 кодекси мазкур барои ба ҳисоб гирифтани (ҷуброн кардани) маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди ин молҳо пардохткардаи худ ҳақ надошт, амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишаванда ҳисобида намешавад. Агар ҳангоми хариди молҳо ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда қисман иҷозат нашуда бошад, пас маблағи амалиёти андозбандишаванда мутаносибан ба ҳиссаи ба ҳисоб гирифтанаш иҷозатнашуда кам карда мешавад. Вобаста ба ин, фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ, ки дар истифодаи корхона қарор доштанд, бо андоз

аз арзиши иловашуда андозбандӣ намешавад. Аз ин бармеояд, ки дастури дар нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо овардашуда ҷиҳати дар гузароиш оид ба инъикос кардани маблағи фурӯши объектҳои воситаҳои асосӣ нишон додани ҳисоби 22320 «ААИ барои пардохт» дар ин маврид нодуруст аст» [103, с. 82].

Корношоямии нақшаи ҳисобҳо ва нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи он боис гардидааст, ки то ҳол аксари муҳосибони корхонаҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти касбии худ ҳисобҳои аз пешин (ҳатто аз замони шуравӣ) боқимонда ва нақшаи ҳисобҳои Федератсияи Россияро истифода мебаранд. Нақшаи ҳисобҳои Федеретсияи Россияро асосан корхонаҳое истифода мебаранд, ки барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муҳосиботи худ бастаи нармафзори муҳосибии 1С:Бухгалтерия (ш. Москва, Федератсияи Россия)-ро насб кардаанд.

Бояд қайд кард, ки СБҲМ расмиёти тартиб додани нақшаи ҳисобҳоро баррасӣ намекунанд ва нисбат ба татбиқи он ба субъектҳои иқтисодӣ ягон хел талабот намегузоранд. Бинобар ин, корхонахо метавонанд худ нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро таҳия намуда, онро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба кор баранд. Муҳим ин аст, ки нақшаи кории ҳисобҳо бояд ба муҳтавои сиёсати баҳисобгирии корхона мувофиқ бошад. Зимнан, хотиррасон мекунем, ки нишондод оид ба нақшаи ҳисобҳо яке аз унсурҳои асосии сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ мебошад.

Мустақилияте, ки дар мавриди таҳияи нақшаи ҳисобҳо ба корхонаҳо дода шудааст, метавонад барои муҳосибони тоҷик ғайриоддӣ бошад, зеро аз онҳо дониш ва малакаи мувофиқ, тафаккури баланди касбӣ, донистани хусусиятҳои стандартҳои байналмилалӣ ва арзёбии имконияти татбиқи онҳо талаб карда мешавад. Барои татбиқи бобарори СБҲМ, муҳосиби аҳли амал бояд забони англисиро хуб донад. Дониши хуби муҳосибони аҳли амал оид ба стандартҳои байналмилалӣ раванди таҳияи нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро осонтар мекунад.

Аксари корхонаҳо ҳоло нақшаи ҳисобҳои худро тавре тарҳрезӣ мекунанд, ки он тавонад дар низомҳои компютерии баҳисобгирии муҳосибӣ истифода

шавад, бе ягон дахолати инсон бақияҳои ҳисобҳои муҳосибиро ҷамъбаст карда, онҳоро ба тавозуни муҳосибӣ ва ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо интиқол диҳад. Ҳамчунин нақшаи ҳисобҳо бояд барои ба осонӣ таҳия намудани ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва дигар шаклҳои ҳисоботи дар корхона истифодашаванда имкон диҳад. Вале нақшаи ҳисобҳои имрӯз амалкунанда аз рӯйи сохтори худ имкон намедиҳад, ки он дар бастаҳои нармафзори компютерӣ бидуни ворид намудани тасҳеҳи зарурӣ ва корбурди расмиёти иловагии алгоритмӣ истифода шавад. Масалан, дар нақшаи ҳисобҳо маблағҳо (воситаҳои пулӣ) ва муодилҳои онҳо ба ду гурӯҳи алоҳидаи ҳисобҳои дороиҳо ҷудо карда шудаанд: 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» ва 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк». Рушди имрӯзаи ҳисобикуниҳо мавриди корбурди пулҳои нақди хазинаро маҳдуд кардааст. Ҳоло аксари ҳисобикуниҳо тавассути бонкҳо (кортҳои бонкӣ) анҷом дода мешаванд. Бинобар ин, зарурати ба ду гурӯҳ ҷудо кардани ҳисобҳои инъикоскунандаи воситаҳои пулӣ аз байн рафтааст.

Ҳамчунин, мутобиқи банди 54 СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» (Presentation of Financial Statement) [175] талабот дар бораи дар ҳисобот оид ба вазъи молиявии корхона алоҳида пешниҳод кардани ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳои ҳисобҳо вуҷуд надорад. Дар ҳисоботи мазкур ҳарду гурӯҳ ҳамчун ҷамъбасти ягона пешниҳод карда мешаванд, ки «Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо» ном дорад. Дар асоси ин, ба як гурӯҳ - «Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо» муттаҳид кардани ҳарду гурӯҳи ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ мақбул аст. Дар ин маврид, гурӯҳи ягонаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ - «Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо» чунин ҳисобҳои таркибии мушаххасро дар бар гирифта метавонад:

- воситаҳои пулӣ дар хазина (барои пардохтҳои хурд ва ҳисобикуниҳои ҳаррӯза истифода мешаванд);

- ҳуҷҷатҳои пулӣ (васиқаҳо, чекҳо ва дигар воситаҳои пардохт, ки минбаъд метавонанд барои аз бонк гирифтани пулҳои нақд истифода шаванд, инчунин ҳаргуна чиптаҳо);

- воситаҳои пулӣ дар роҳ (пулҳое, ки дар раванди ҷойивазкунӣ қарор доранд, масалан интиқолҳои пул ва пулҳои аз хазина ба суратҳисоби бонк равонашуда, ки ҳоло ба ҳисоби бонкӣ гузаронида нашудаанд);

- суратҳисобҳо бо асъори миллӣ (барои амалиёти ҳаррӯзаи корхона истифода мешаванд, ба монанди пардохтҳо ба таъминкунандагон, маоши кормандон ва воридшавӣ аз мизоҷон);

- суратҳисобҳо бо асъори хориҷӣ (барои ҳисобикуниҳо бо шарикони хориҷӣ истифода мешаванд);

- ҳисобҳои аккредитив (ҳисобҳое, ки дар онҳо маблағҳои барои таъмини аккредитив пешбинишуда нигоҳ дошта мешаванд. Барои пардохти мол ё хизматрасониҳо бо риояи шартҳои муайян истифода мешаванд);

- дафтарчаҳои чекҳо (гарчанде ин усули ҳисобикунӣ ҳоло кам истифода мешавад, кушодани ҳисоби дахлдор зарар надорад);

- амонатҳо, пасандозҳои ҷорӣ ва муҳлатнок (маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузошташуда, ки онҳоро дар вақти дилхоҳ ё бо гузашти муҳлати муайян гирифтан мумкин аст);

- ҳисобҳои барои истифодабарӣ маҳдуд (пулҳое, ки барои ҳадафҳои муайян таъин шудаанд ва барои амалиёти ҷорӣ истифода шуда наметавонанд, маблағҳои гарав, кафолат, инчунин маблағҳое, ки истифодаи онҳо бо қарори суд манъ шудааст);

- дигар воситаҳои пулӣ.

Ҳар яке аз ин ҳисобҳо намудҳои мушаххаси маблағҳоеро инъикос мекунанд, ки дар амалияи байналмилалӣ барои баҳисобгирии муфассали воситаҳои пулӣ истифода мешаванд. Баҳисобгирии ин маблағҳо дар доираи СБҲМ ба таъмини шаффофии ҷараёнҳои молиявӣ мусоидат мекунад ва барои инъикоси дақиқи уҳдадориҳои ҷорӣ ва ояндаи корхона имкон медиҳад.

Чунин тарзи пешниҳоди ҳисобҳо дар нақшаи ҳисобҳо расмиёти компютерии тартиб додани ҳисобот оид ба вазъи молиявиро сода мекунад, зеро ҳангоми ҷамъ шудани бақияҳои ҳисобҳои мушаххаси гурӯҳи мазкур фавран ва ба таври автоматӣ натиҷаи ҷамъбастии онҳо ба моддаи алоҳидаи ҳисобот –

«Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо» гузаронида мешавад. Агар ба мисли пешин, дар нақшаи ҳисобҳо ҳарду гурӯҳи ҳисобҳо (10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина» ва 10200 «Воситаҳои пулӣ дар бонк») боқӣ монанд, дар нармафзори компютерӣ барои ҳисоб кардани бақияи умумии ин ду гурӯҳи ҳисобҳо ва ба моддаи дахлдори ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ гузаронидани он расмиёти иловагиро ҷорӣ кардан лозим меояд.

Дар нақшаи ҳисобҳо он ҳисобҳое, ки рақам (рамз)-и онҳо бо «00» тамом мешавад (масалан, 10100 «Воситаҳои пулӣ дар хазина», 22000 «Қарздории кредитории тиҷоратӣ», 22600 «Уҳдадориҳои дарозмуддат», 33100 «Сармояи иловагӣ», 44100 «Даромадҳо аз дороиҳои биологӣ», 55200 «Хароҷоти фурӯш», 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва дигарҳо), ҳисобҳои мушаххас набуда, балки гурӯҳи ҳисобҳоро ифода мекунанд. Бинобар ин, онҳо дар гузаронишҳои муҳосибӣ иштирок карда наметавонанд. Ин ҳисобҳо барои фароҳам овардани тарзи муносиб ва осони интиқоли бақияҳои ҳисобҳои мушаххас ба ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ ва ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо таъин шудаанд.

СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» номгӯи ниҳойии моддаҳои ҳисобот оид ба вазъи молиявиро муайян намекунад, балки миқдори ҳадди ақали моддаҳоеро, ки унсурҳои асосии онро тавсиф мекунанд, пешбинӣ менамояд, аз қабили: воситаҳои асосӣ; амволи сармоягузорӣ; дороиҳои ғайримоддӣ; дороиҳои молиявӣ; сармоягузориҳое, ки бо истифода аз усули иштироки саҳмӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд; дороиҳои биологӣ; ашё; қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебиторӣ; воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо; маблағи умумии дороиҳое, ки ҳамчун барои фурӯш таъиншуда тасниф шудаанд ва дороиҳое, ки ба гурӯҳҳои хориҷшавандаи ҳамчун барои фурӯш таснифшуда дохил карда шудаанд; қарздории кредитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории кредиторӣ; ӯҳдадориҳои тахминӣ; уҳдадориҳои баҳододашаванда; уҳдадориҳо ва дороиҳо аз рӯйи андоз аз фоида (даромад)-и ҷорӣ; уҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда ва дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда; маблағи умумии уҳдадориҳое, ки ба гурӯҳҳои хориҷшавандаи ҳамчун барои фурӯш таснифшуда

дохил карда шудаанд; ҳиссаҳои иштироки назоратнакунанда дар таркиби сармоя; сармояи баровардашуда ва захираҳое, ки ба соҳибони корхонаи асосӣ тааллуқ доранд.

Ҳамин тариқ, метавон якчанд ҷиҳатҳоеро қайд кард, ки ба такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси СБҲМ марбут мебошанд.

1. Нақшаи ҳисобҳои нави дар соли 2011 қабулшуда, гарчанде ки нисбат ба гунаи қаблӣ (соли 2004) мукаммалтар аст, то ҳол ба талаботи муосири СБҲМ ҷавобгӯ нест. Дар муҳтавои он мавҷудияти муқаррароти кӯҳнашудае ба назар мерасанд, ки на ҳама ҷанбаҳои фаъолияти воқеии иқтисодиро дар мамлакат инъикос мекунанд. Масалан, ҳисобҳои зиёде хусусиятҳои иқтисодиёти миллиро ба инобат намегиранд, ки истифодаи онҳоро камсамар ва печида менамояд ва муҳосибони аҳли амалро ба роҳгумӣ меандозад.

2. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои табиӣ, аз қабили конҳои маъданҳои фоиданок ва карбогидридҳо моликияти истисноии давлат мебошанд. Бинобар ин, онҳоро ҳамчун моликияти корхонаҳо ба ҳисоб гирифтан мумкин нест. Аммо дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ҳисобҳои баҳисобгирии захираҳои табиӣ пешбинӣ шудаанд, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунанд.

3. Нақшаи ҳисобҳо ва нишондодҳои методӣ барои истифодаи он ҳисобҳо ва тафсирҳоеро дар бар мегиранд, ки ба амалияи муосири андозбандӣ дар мамлакат мувофиқат намекунанд, ки боиси нофаҳмиҳо мегардад. Масалан, ҳисобҳо барои баҳисобгирии андозҳое, ки дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоранд, барои муҳосибон мушкилиҳо ба вуҷуд оварда, боиси хатоҳо дар ҳисоботи молиявӣ мегардад. Ин хатоҳо бояд ислоҳ карда шаванд, то ки сифати ҳисоботи молиявӣ беҳтар ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ таъмин гардад.

4. Дар самти баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои ғайримоддӣ низ мушкилот ба миён меоянд. Масалан, гудвилл, ки бояд истеҳлок нашавад, ба гурӯҳи ҳисобҳои барои баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддии истеҳлокшаванда таъиншуда дохил карда шудааст. Ин хилофи талаботи СБҲМ буда, хусусан ба

стандарт оид ба коҳиши арзиши дороиҳо - СБҲМ (IAS) 36 мухолиф аст ва бозбинии сохтори ҳисобҳои гурӯҳҳои дахлдорро талаб мекунад.

5. Нақшаи ҳисобҳо ба талаботи низомҳои муосири баҳисобгирии муҳосибии компютерӣ ҷавобгӯ нест. Набудани таркиб ва сохтори муносиби ҳисобҳо раванди тартибдиҳии автоматии ҳисоботи молиявиро душвор мегардонад ва таҳрири иловагии нармафзори истифодашавандаро талаб мекунад. Бо дарназардошти ноил шудан ба сатҳи баланди автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ бозбинии таркиб ва сохтори нақшаи ҳисобҳо лозим аст.

6. Ба хотири такмил додани баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузаштан ба стандартхои байналмилалӣ бояд нақшаи нави ҳисобҳо тартиб дода шавад, ки он чандиртар ва аниқтар бошад, ба талаботи СБҲМ мувофиқат кунад ва хусусиятхои иқтисодиёти миллиро пурра намояд. Ин на танҳо сифати пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро беҳтар мекунад, балки таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявиро содатар мекунад, ки барои ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба ҷомеаи байналмилалии иқтисодӣ муҳим аст.

5.3. Рушди назорати дохилӣ барои таъмини саҳеҳӣ ва кам кардани хавфи таҳрифи ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда

Қаблан мо тасдиқ кардем, ки ҳисоботи молиявӣ воситаи асосии арзёбии ҳолати тиҷорат, самаранокӣ ва натиҷаҳои молиявии он мебошад. Он ба соҳибмулкон, сармоягузорон, кредиторон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор маълумоти воқеъбинонаро барои қабули қарорҳои асоснок пешниҳод менамояд. Барои корхонаҳое, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, бо назардошти ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ва хоҳиши ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ дуруст тартибдодашуда аҳамияти махсус пайдо мекунад. Таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ба таъмини шаффофӣ ва саҳеҳии иттилооти молиявӣ мусоидат мекунад, ки ин дар навбати худ эътимоди сармоягузоронро қавитар карда, муҳити устувори фаъолияти тиҷоратиро барои корхона фароҳам меорад. Дар шароити ноустувории молиявӣ

ва таъсири омилҳои иқтисодии берунӣ, чунин стандартҳо барои нигоҳ доштани рақобат ва баланд бардоштани обрӯи корхона дар бозор заруранд.

Барои таъмини дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, инчунин то ҳадди камтарин расонидани хавфҳои таҳрифи маълумот якчанд омилҳоеро бояд ба назар гирифт, ки метавонанд ба сифати натиҷаҳои молиявии пешниҳодшуда таъсир расонанд. Паҳнои ин омилҳо аз хатоҳои инсонӣ то масъалаҳои марбут ба камбудиҳо дар фаъолияти худи низоми баҳисобгирии муҳосибиро фаро мегирад. Бояд қайд кард, ки дар раванди ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дақиқӣ, саҳеҳӣ, пуррагӣ ва ҷамъоварии саривақтии маълумот, инчунин тафсири дурусти онҳо хеле муҳим аст. Ин махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низомҳои назорати дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ дар ҳоли ташаккул ва рушд қарор доранд, мубрам аст.

Мушкилоти марбут ба ташкили равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос ва мукаммал набудани санадҳои меъёрӣ хавфҳои иловагиро ба вуҷуд меоранд, ки метавонанд боиси таҳрифи натиҷаҳои молиявӣ шаванд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто хатоҳои начандон назаррас, ки аз ҳисоби дақиқ набудани ҳисобкуниҳо (масалан, дар ҳолати давра кардани натиҷаи ҳисобкуниҳо) дар муҳтавои ҳуҷҷатҳои аввалӣ ба миён меоянд, метавонанд ба сифати ҳисоботи молиявӣ таъсири ҷиддӣ расонанд, ки дар навбати худ боиси қабули қарорҳои нодуруст аз ҷониби роҳбарияти корхонаҳо ва ҳам аз ҷониби дигар истифодабарандагон мегардад. Дар асоси ин, мо омилҳоеро, ки метавонанд боиси таҳрифи ҳисоботи молиявӣ шаванд, дар шакли ҷадвал бо тавзеҳоти васеъ барои дарки беҳтари ҳар яки онҳо пешниҳод менамоем (ҷадвали 5.4).

Ин омилҳо бояд дар раванди ташаккул ва назорати ҳисоботи молиявии корхона ба назар гирифта шаванд. Дарки аҳамияти онҳо ва андешидани чораҳои дахлдор ба кам кардани хавфҳо ва фароҳам овардани замина барои бунёди ҳисоботи молиявии боэътимод ва шаффоф дар иқтисодиёти рушдёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ҷадвали 5.4. - Омилҳое, ки ба дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ва пайдо шудани таҳрифҳо таъсир мерасонанд

Омил	Тавсифи омил
Омили инсонӣ	Яке аз омилҳои асосии таҳрифи ҳисобот ин хато ё беэътиноии кормандони муҳосибот мебошад. Ин метавонад аз сабаби тахассуси нокифоя, иштибоҳҳо дар татбиқи стандартҳои баҳисобгирӣ ё тафсири нодурусти иттилоот бошад. Хатоҳо метавонанд номуҳим ё ҷиддӣ бошанд ва ба муҳтавои ҳисоботи ниҳоӣ таъсир расонанд.
Бевиҷдонӣ ва қаллобӣ	Бевиҷдонӣ ва қаллобӣ аз ҷониби кормандони корхона ё шахсони берунӣ, аз қабили таҳрири рақамҳо, пинҳон кардани қарзҳо ё ба таври сунъӣ (қасдан) боло бурдани даромад, боиси таҳрифи ҳисоботи молиявӣ мегардад. Ин дар навбати худ метавонад сармоягузорон, соҳибмулкони корхона ва кормандони мақомоти давлатии назорат ва танзимро гумроҳ кунад.
Хатоҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ	Истифодаи нодурусти принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, хатоҳо дар гурӯҳбандии амалиёт ё норасоиҳо дар пур кардани ҳуҷҷатҳои аввалӣ метавонанд тасвири вазъи молиявии корхонаро вайрон кунанд. Чунин хатоҳо ҳам аз сабаби омили инсонӣ ва ҳам аз сабаби автоматикунонии нокифояи равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал омада метавонанд.
Сатҳи нокифояи назорат	Набудан ё заъфи низоми назорати дохилӣ, таваҷҷуҳи кам ба санҷишҳо ва таҳлили амалиёти молиявӣ боиси хавфи таҳрифи маълумот мегардад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот махсусан муҳим аст, зеро низоми мукаммали назорат ва аудит ҳанӯз ташаккул наёфтааст, ки боиси пайдо шудани хавфҳои иловагӣ мегардад.
Мушкилоти автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ	Истифодаи нармафзори кӯҳна барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин набудани воситаҳои мукаммали автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад боиси хатоҳо дар ҳисобкуниҳо ва маълумот дар феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ гардад. Низомҳои самараноки автоматикунонӣ метавонанд эҳтимолияти хатоҳоро ба таври назаррас коҳиш диҳанд ва дақиқии маълумоти ҳисоботиро беҳтар созанд.
Шаффофии нокифояи равандҳо	Набудани расмиёт ва стандартҳои дақиқи таҳияи ҳисоботи молиявӣ, инчунин дастрасии маҳдуд ба маълумот ва пешниҳоди норавшани онҳо метавонад барои таҳрики нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ шароит фароҳам оварад. Ин ба шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисобот таъсир мерасонад, ки метавонад боиси норозигии истифодабарандагони берунии иттилоот, аз ҷумла сармоягузорон ва кредиторон гардад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар шароити иқтисодии муосир низоми назорати дохилӣ қисми ҷудонашавандаи идоракунии самараноки ҷараёнҳои молиявӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Назорати дохилӣ маҷмуи расмиёт, равандҳо ва фаъолияте мебошад, ки ба таъмини дақиқӣ, саҳеҳӣ ва саривақтии ҳисоботи молиявӣ, инчунин ба ҳадди камтарин расонидани хавфи таҳриф ва хатоҳо нигаронида шудаанд. Ба қавли дигар, он «низоми чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона ташкилкардашуда мебошад, ки дар худи корхона бо мақсади нисбатан босамартар иҷро намудани уҳдадориҳои вазифавии ҳамаи кормандон ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти хоҷагидорӣ ва таъмини ноилгардии ҳадафҳои корхона ба ҷо оварда мешавад» [300, с. 5].

Назорати дохилӣ ба гирифтани боварии басанда оид ба он ки корхона чунин ҷиҳатҳоро таъмин мекунад, нигаронида шудааст:

- самаранокӣ ва натиҷанокии фаъолияти худ, аз ҷумла ноил шудан ба нишондиҳандаҳои муқарраршудаи молиявӣ ва амалиётӣ, ҳифзи дороиҳо;

- саҳеҳӣ ва саривақтии тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисоботи муҳосибӣ;

- риоя гардидани қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла ҳангоми анҷом додани амалиёти фаъолияти хоҷагидорӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ.

Ҳамин тариқ, низоми назорати дохилӣ раванди мураккабест, ки унсурҳои ҷудонопазири он тамоми қисматҳои сохторӣ ва ҳар як корманди корхона мебошанд. Он натиҷаи идоракунии нақшавӣ, ташкили пайгирии тамоми намудҳои фаъолияти корхона ва қисматҳои сохтории он мебошад. Назорат қонунӣ будани фаъолияти хоҷагидорӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ба ҳадафҳои корхона мувофиқ будани онро муайян менамояд.

Ҳадафи асосии назорати дохилӣ пешгирии хатоҳои имконпазир, камбудӣ ва таҳрифи маълумоти молиявӣ мебошад, ки дар натиҷаи омилҳои инсонӣ, тахассуси нокифояи кормандон, идоракунии заиф ё таъсири берунӣ ба вуҷуд меоянд.

Асосҳои ғоявии назорати дохилӣ аз ҷониби Кумитаи ташкилотҳо-сарпарастони Комиссияи Тредвей - COSO бунёд шудаанд. COSO ташкилоти

хусусии ихтиёрӣ буда, дар ИМА таъсис дода шудааст ва ҳадафи он таҳия намудани тавсияҳои дахлдор барои роҳбарии корхона бо ҷиҳатҳои муҳимтарини идоракунии ташкилӣ, одоби тиҷоратӣ, ҳисоботи молиявӣ, назорати дохилӣ, идоракунии хавфҳо ва муқовимат бо қаллобӣ мебошад. Дар ин маврид низоми назорати дохилии муносиб хусусан барои соҳибмулки корхона зарур аст, ки метавонад дар шакли аудити дохилӣ ташкил карда шавад, зеро «бо афзоиши ҳаҷми корхона ва мураккабтар шудани равандҳои идоракунӣ, соҳибмулк ба мавҷудияти иттилооти саҳеҳи молиявӣ барои қабули қарорҳо, низоми арзёбии самаранокии фаъолияти менеҷерони болоӣ, инчунин бунёди низоми назорати ба пешгирии қаллобӣ аз ҷониби кормандон ва роҳбарон нигаронидашуда ниёз дорад» [138, с. 40].

Аудити дохилӣ – низоми назорати дар дохили корхона амалкунанда, яъне яке аз шаклҳои роҳандозӣ намудани назорати дохилӣ мебошад. Қарор дар бораи ба корхона зарур будани аудити дохилӣ аз ҷониби соҳибмулкон ва роҳбарияти олии корхона қабул карда мешавад. Қабули ин қарор аз омилҳои зиёде вобаста аст, ки пеш аз ҳама инҳоанд: тақсими вазифаҳои моликӣ ва идоракунии тиҷорат; андозаҳо ва паҳноии сохтори ташкилии корхона; дараҷаи хавфҳои ба фаъолияти корхона хосбуда.

Дар ҳолатҳое, ки соҳибмулкон худ роҳбарон ё менеҷерҳои корхона мебошанд ва тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти корхонаро назорат мекунанд (асосан дар мавриди корхонаҳои хурд ва миёна), барои дар корхона таъсис додани аудити дохилӣ метавонад зарурат вуҷуд надошта бошад. Аммо бо афзоиши андозаҳои корхона ва мураккабшавии равандҳои идоракунӣ соҳибмулкон, роҳбарон ва менеҷерҳо дар таҳти таассуроти назорати худ метавонанд гумон кунанд, ки тиҷорати онҳо на он қадар дигар шудааст ва ҳама ҷанбаҳои фаъолияти корхона таҳти назорат қарор доранд. Вале, воқеан роҳбарияти корхона аллакай дигар имкони ҷисмонии пурра назорат кардани вазъ дар корхонаро надорад. Ана, дар ҳамин вақт таъсиси аудити дохилӣ роҳи беҳтарини ҳалли масъала мебошад.

Қайд мекунем, ки дар мамлакатҳои Аврупо ва ИМА омезиши вазифаҳои моликӣ ва идоракунии тиҷорат ба соҳибкории хурд ва қисман ба соҳибкории

миёна хос аст. Дар корхонаҳои бузург ва аксари корхонаҳои миёна тақсими вазифаҳои мазкур ҷой дорад (ин тамоюли воқеъбинона аллакай дар корхонаҳои навтаъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба назар мерасад), вақте ки соҳибмулкон ба масъалаҳои муайян кардани стратегия ва самтҳои рушди корхона машғул мешаванд ва ба ҷиҳатҳои хосаи пешбурди фаъолияти рӯзмарра сарфаҳм намераванд. Бинобар ин, онҳо барои идоракунии фаъолияти рӯзмарраи корхона менеҷерҳои касбиро даъват ва кироя мекунанд. Вале ҳар қадаре ки менеҷменти кироя соҳибкасб бошад ҳам, барои соҳибмулк масъалаи назорати вазъи корҳо дар корхона ҳамеша мубрам аст, чуноне дар урфият мегӯянд: «бовар кун, вале бисанҷ».

Зарурати таъсис додани хадамоти аудити дохилӣ инчунин аз талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Муқаррароти банди 8 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [155] роҳбарони субъектҳои иқтисодии дорои манфиати умумро вазифадор мекунад, ки дар корхона хадамоти доимамалкунандаи аудити дохилиро таъсис диҳанд.

Вақте ки дар корхона хадамоти аудити дохилӣ таъсис дода шудааст, раванди муқаррар кардани расмиёти назоратӣ барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ дар асоси СБҲМ осон мешавад, зеро иҷрои баъзе аз ин расмиёти назоратӣ ба зиммаи аудити дохилӣ вогузор мешавад. Мутобиқи муқаррароти моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» [158] вазифаҳои асосии аудити дохилӣ пеш аз ҳама санҷиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, пайгирии онҳо ва таҳияи тавсияҳо барои беҳгардонии кори ин низомҳо мебошад. Дар ин маврид иҷрои талаботи сиёсати баҳисобгирӣ, саҳеҳии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии дар асоси он тартибдодашуда санҷида шуда, омӯзиши моддаҳои алоҳидаи ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла бозбинии муфассали амалиёти муҳосибӣ ва бақияҳои ҳисобҳои муҳосибӣ ба ҷо оварда мешавад.

Имрӯз дар корхона мавҷуд будани низоми назорати дохилии муносиб бо дар бар гирифтани хадамоти аудити дохилӣ метавонад барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳои муҳим мусоидат кунад:

1. **Ошкор ва кам кардани хавфҳои таҳрифи иттилоот.** Назорати дохилӣ санҷишҳо ва аудитҳои мунтазамро дар бар мегирад, ки барои муайян кардани хатоҳои имконпазир, қонуншиканиҳо ё норасоиҳо дар раванди баҳисобгирии муҳосиб мадад мекунанд. Он инчунин барои муайян кардани мушкилот дар пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти дигари барои қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби шахсони манфиатдор мадад мерасонад, ки эҳтимолияти хатоҳои ояндаро коҳиш медиҳад.

2. **Баланд бардоштани дақиқӣ ва саҳеҳии иттилоот.** Тадбирҳои назоратӣ, аз қабили тақсимоти вазифаҳо, санҷиши маълумот дар ҳар як сатҳ, имзоҳо ва тасдиққуниҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо барои боварӣ ҳосил кардан ба он ки ҳар як марҳилаи омодасозии ҳисобот ба стандартҳои муқарраршуда мувофиқ аст, мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, эҳтимолияти таҳрифҳо дар натиҷаи хатоҳо ё таҳрики рақамҳо кам мешавад.

3. **Таъмини саривақтии маълумоти молиявӣ.** Назорати дохилӣ ба пайгирӣ ва ҳамоҳангсозии иҷрои ҳама вазифаҳои омодасозии ҳисобот дар муҳлатҳои муқарраршуда мадад мерасонад ва ба ин васила аз таъхирҳо ва нокомиҳо дар омодасозии ҳисоботи молиявӣ пешгирӣ мекунад. Ин махсусан барои риояи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми назорати дохилӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, мавҷудият ва фаъолияти дурусти он барои таъмини эътимод ба ҳисоботи молиявии субъекти иқтисодӣ аз ҷониби сармоягузорон, соҳибмулкон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор муҳим аст. Чунин назорат на танҳо аз хатоҳо пешгирӣ мекунад, балки ба идоракунии шаффофтар ва самараноки захираҳои молиявии корхона ва мутобиқ шудани он ба шароити ҷаҳонишавӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, низоми муносиби назорати дохилӣ барои ташаккули ҳисоботи молиявӣ, ки на танҳо ба стандартҳои байналмиллалӣ мувофиқат мекунад, балки инчунин ба тамоми талаботи имрӯзаи муҳити тиҷоратии миллӣ ва байналмиллалӣ ҷавобгӯ аст, асос мебошад.

Барои корхонаҳое, ки дар шароити ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ фаъолият мекунанд, таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ метавонад вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти онҳо тағйироти низоми назорати дохилиро талаб кунад. Масалан, барои корхонаҳое, ки мехоҳанд ба бозорҳои сармояи Амрико ё Осиё ворид шаванд, низоми назорати дохилӣ бояд ба талаботи Санади Сарбейнс-Оксли (SOX), ки соли 2022 дар Иёлоти Муттаҳида қабул шудааст, мутобиқ карда шавад.

Бисёре аз ташкилотҳои молиявии хориҷӣ мутобиқати назорати дохилиро ба стандартҳои COSO талаб мекунанд, бахусус барои арзёбии вазъи молиявии корхонаҳое, ки ҳисоботи молиявиро дар асоси СБҲМ дар доираи барномаи қарзӣ ё дигар амалиёти молиявӣ пешниҳод кардаанд. Ҳамин гуна талабот аз ҷониби Биржаи фондии Лондон ҳангоми паҳнкунии аввалини коғазҳои қиматноки корпоративӣ низ пешниҳод карда мешавад. Дар ин замина, роҳбарияти корхона - хоҳ директори генералӣ, хоҳ сармуҳосиб ё директори молиявӣ - вазифадор аст, ки ҳисоботи молиявиро имзо кунад ва ба ин васила тасдиқ кунад, ки онҳо аз санҷиш гузаштаанд, хато ва таҳриф надоранд, ба қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналмилалӣ комилан мувофиқ мебошанд. Барои вайрон кардани талабот оид ба тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби шахсони зикршуда, қонуни Сарбейнс-Оксли ҷазоҳои нисбатан сахтро пешбинӣ мекунад: «агар роҳбар ва директори молиявии корхона иттилоот дошта бошанд, ки ҳисоботи молиявӣ ба талаботи моддаҳои 13(a) ё 15(d) қонун дар бораи биржаҳо мувофиқат намекунад, вале онро имзо карда, нишон додаанд, ки иттилооти дар ҳисобот мавҷудбуда, бо ҳама ҷиҳатҳои муҳим инъикоси саҳеҳи вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти амалиётии корхонаро таъмин мекунад (яъне истифодабарандагонро гумроҳ кардаанд), ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» [47, с. 12].

Мутобиқи амсилаи COSO назорати дохилӣ раванде мебошад, ки аз ҷониби шурои директорон, менеҷмент ва дигар кормандони корхона роҳандозӣ карда шуда, барои таъмини «эъимоди оқилона» ба ноилгардии ҳадафҳо дар чунин ҷиҳатҳо таъин шудааст: пешбурди ҳадафмандона ва самаранокии молиявии фаъолият; саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ; риояи қонунгузорӣ. Дар ин маврид, эътимоди оқилона ҳамчун боварии басанда ба он ки низоми идоракунии корхона ноилгардии ҳадафҳоро таъмин менамояд, вале кафолати мутлақро пешниҳод намекунад, фаҳмида мешавад.

Мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит, аз ҷумла СБА 315 «Ошкор кардан ва арзёбии хавфҳои таҳрифҳои муҳим» (Identifying and Assessing the Risks of Material Misstatement) [173], низоми назорати дохилӣ унсури асосии мувофиқат ба талаботи ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ омодашуда мебошад. Бинобар ин, мо ин ҷо унсурҳои асосии низоми назорати дохилӣ, ки СБА 315 пешниҳод кардааст, инчунин роҳнамо, нишондод ва тавсияҳои асосии амалисозии онро, ки дар доираи амсилаи COSO баён гардидаанд, барарсӣ мекунем.

Тавре СБА 315 муқаррар кардааст, низоми назорати дохилӣ дар таъмини эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ омодашуда, инчунин дар фаъолияти самараноки корхона дар маҷмуъ нақши калидӣ мебозад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, стандарт панҷ унсури асосии низомии назорати дохилиро муайян мекунад, ки ҳар яки онҳо ба кам кардани хавфҳои таҳрифи иттилооти молиявӣ нигаронида шудаанд (ҷадвали 5.5).

Дар ҷадвали 5.5 унсурҳои асосии низоми назорати дохилӣ, тасниф ва таъиноти онҳо дар заминаи таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ оварда шудаанд. Ҷадвали мазкур барои дарки равшани он, ки ҳар яке аз ин унсурҳо бо вазифаи таъмини саҳеҳӣ ва асоснокии ҳисоботи молиявӣ чӣ гуна робита дорад, мадад мерасонад, ки ин ба фаъолияти самараноки низоми назорати дохилӣ мусоидат хоҳад кард. Бояд қайд кард, ки ҳар яке аз ин унсурҳо қисми ҷудонашавандаи низоми ягона мебошанд, ки ба кам кардани хавфҳои таҳрифи иттилооти молиявӣ нигаронида шудаанд.

Ҷадвали 5.5. – Унсурҳои асосии низоми назорати дохилӣ мувофиқи нишондоди СБА 315

Унсури низоми назорати дохилӣ	Тафсири унсури низоми назорати дохилӣ
1. Муҳити назорат	Ин асоси низоми назорати дохилӣ буда, фарҳанг, сиёсат ва сохторҳои ташкилии барои ноил шудан ба ҳадафҳои идоракунӣ мусоидаткунандаи онро муайян мекунад. Он ҳамчунин принсипҳои ахлоқии корхона ва механизмҳоеро дар бар мегирад, ки воқеъбинӣ ва шаффофии ҳама амалиёти молиявиро таъмин мекунанд. Муҳити назорат барои ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ бо назардошти арзишҳо ва сатҳи масъулияти идоракунӣ нигаронида шудааст.
2. Арзёбии хавфҳо	Ин унсур ошкоркунӣ, таҳлил ва арзёбии хавфҳоеро дар бар мегирад, ки метавонанд ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд. Арзёбии мунтазами хавф имкон медиҳад, ки соҳаҳои хавфи баланд муайян карда ва барои кам кардани онҳо чораҳо андешида шавад. дар доираи ин унсур ҳамчунин бояд тағйироти муҳити иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта шавад.
3. Расмиёти назорат	Унсури мазкур маҷмуи амалҳоест, ки ба пешгирӣ ё ошкор кардани хатоҳо дар ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудаанд. Онҳо метавонанд воқеӣ (масалан, санҷиши ҳуҷҷатҳо) ё технологӣ (масалан, автоматикунонии назорат тавассути нармафзори махсус) бошанд. Ин расмиёт бояд мушаххас, ҳуҷҷатнок ва ба амалияи воқеии корхона мутобиқ бошанд.
4. Муҳити иттилоотӣ	Муҳити иттилоотӣ равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумоти марбут ба амалиёти молиявиро дар бар мегирад. Ҳадафи асосии он таъмини дастрасӣ, саҳеҳӣ ва саривақтии иттилоот барои ҳамаи иштирокчиёни низоми назорати дохилӣ, аз ҷумла роҳбарият ва ҷонибҳои манфиатдор мебошад.
5. Мониторинги низоми назорати дохилӣ	Ин раванди давомдорест, ки ба арзёбии самаранокии низоми назорати дохилӣ ва танзими унсурҳои он нигаронида шудааст. Ҳам санҷишҳои аудитории мунтазами аудиторҳои дохилӣ ва берунӣ ва ҳам арзёбии иҷрои расмиёти назоратро дар бар мегирад. Мониторинг барои саривақт ошкор кардани камбудиҳои низом ва ворид намудани тағйироти ба такмили он нигаронидашуда зарур аст.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Амсилаи COSO низ як воситаи муҳими ташкили назорати дохилӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Он бо мақсади таҳияи тавсияҳои умумӣ барои корхонаҳое, ки мехоҳанд низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва назорати дохилиро бунёд кунанд, таҳия шудааст. Амсилаи COSO якчанд унсурҳои бо равиши СБА 315 мувофиқаткунанда, ҳамчунин нишондод ва роҳнамоиҳои иловагиро барои татбиқи онҳо дар бар мегирад. Ин унсурҳо кори босамар ва боэътимоди назорати дохилиро дар корхона таъмин намуда, ба саҳеҳии иттилооти ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунанд.

Дар ҷадвали 5.6 унсурҳои амсилаи COSO ва мувофиқати онҳо ба унсурҳои назорати дохилӣ, ки онҳоро дар заминаи СБА 315 баррасӣ карда будем, оварда шудаанд.

Ҷадвали 5.6. – Мутобиқати унсурҳои амсилаи COSO ва СБА 315 дар низоми назорати дохилӣ

Унсурҳои COSO	**Мутобиқат бо унсурҳои СБА 315**
Сиёсат ва расмиёт	**Муҳити назорат**: амсилаҳои COSO ва СБА 315 муҳимии доштани расмиёти ба таври возеҳ ҳуҷҷатгузоришуда ва сиёсатҳоро барои таъмини дурустӣ ва саҳеҳии амалиёти молиявӣ таъкид мекунанд. Сиёсат ва расмиёт тамоми фаъолияти молиявии корхонаро танзим мекунанд ва барои назорат замина фароҳам меоранд.
Тақсимоти вазифаҳо	**Муҳити назорат ва расмиёти назорат**: дар COSO унсури тақсимоти вазифаҳо эҳтимолияти иштибоҳ ё қаллобиро аз байн мебарад ва бо амалҳои барои кам кардани хавф ва баланд бардоштани кафолат нигаронидашудаи дар СБА 315 пешбинигардида мувофиқат мекунад.
Мониторинг ва санҷиш	**Мониторинги низоми назорати дохилӣ**: COSO низ унсури мониторингро дар бар мегирад, ки санҷиши мунтазами самаранокии низоми назорати дохилиро пешбинӣ мекунад ва ба унсури мониторинг дар амсилаи СБА 315 шабеҳ аст.
Арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо	**Арзёбии хавфҳо**: ҳам дар COSO ва ҳам дар СБА 315 идоракунии хавфҳо барои муайян кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ муҳим аст. Арзёбии хавфҳо ва стратегияҳо барои кам кардани онҳо як унсури калидии ҳарду амсила мебошад.
Омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон	**Муҳити назорат**: омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон дар амсилаи COSO барои баланд бардоштани салоҳияти кормандон тарҳрезӣ шудааст, ки бо кӯшиши СБА 315 барои бунёди низоми назорати дохилии самаранок фаъолияткунанда, ки саҳеҳии иттилооти молиявиро таъмин мекунад, мувофиқ аст.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, ҳар як унсури амсилаи COSO дар нигоҳ доштани низоми самараноки назорати дохилӣ нақши муҳим дорад. Ҳамкории мутақобилаи ин унсурҳо бунёди як низоми боэътимод ва шаффофро таъмин мекунад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои корхона ва таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудааст. Ба монанди СБА 315 дар амсилаи COSO низ ҷанбаҳои калидӣ муҳити назорат, арзёбии хавф, расмиёти назорат, муҳити иттилоотӣ ва мониторинг мебошанд. Амсилаи COSO пояи нисбатан густурдаро барои татбиқи назорати дохилӣ таъмин мекунад ва ҳарду равиш ба кам кардани хавф ва ҳадди баландтарин расонидани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудаанд.

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки СБА 315 ва COSO ҷанбаҳои шабеҳи назорати дохилиро дар бар мегиранд, аммо амсилаи COSO алоқамандии онҳо ва чораҳои мушаххасро барои татбиқ дар корхона муфассалтар тавсиф мекунад. Ба ҷадвали 5.6 назар карда, метавон дарк кард, ки чӣ гуна унсурҳои COSO бо унсурҳои назорати дохилӣ, ки дар СБА пешниҳод шудаанд, муносибат доранд ва чӣ гуна татбиқи самараноки онҳо ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад ва хавфи таҳрифҳоро коҳиш медиҳад. Равишҳои СБА 315 ва амсилаи COSO ҳамчун воситаҳои ҳамгиро барои таҳияи низоми самараноки назорати дохилӣ дар корхонаҳо муаррифӣ мешаванд. Ҳарду равиш муҳимии назорати хавфҳо, дурустии муҳити иттилоотӣ ва самаранокии назоратро дар раванди омодасозии ҳисоботи молиявӣ таъкид мекунанд. Дар шароити муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки корхонаҳо ба талаботи афзоянда ба саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ дучор мешаванд, татбиқи самараноки унсурҳои назорати дохилӣ шарти асосии фаъолияти муваффақ ва кам кардани хавфҳои таҳриф дар иттилооти молиявӣ мегардад.

СБҲМ дар ташаккули низоми самараноки назорати дохилӣ дар корхона нақши калидӣ дорад. Тавре ки мо дар бахшҳои қаблии таҳқиқоти худ қайд кардем, ҳадафи асосии ин стандартҳо таъмини шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки бевосита ба таҳияи расмиёти назорати дохилӣ таъсир мерасонад. Татбиқи СБҲМ аз корхона талаб мекунад, ки низомҳои назоратии ҷиддитар ва возеҳтар тарҳрезишударо барои мутобиқат бо стандартҳои

байналмилалӣ таҳия ва татбиқ кунад, ки дар навбати худ ба беҳтар кардани идоракунии хавфҳои молиявӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ба корхона мусоидат мекунад.

СБҲМ ба низоми назорати дохилӣ таъсири назаррас доранд, зеро талаботи онҳо корхонаҳоро водор мекунад, ки расмиёти риояи ҳамаи стандартҳои омодасозии ҳисоботро таҳия кунанд. Дар байни омилҳои муҳимтарини татбиқи СБҲМ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ. СБҲМ аз корхонаҳо талаб мекунад, ки иттилоотро дар бораи натиҷаҳои молиявии худ, усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳукмҳои баҳодиҳӣ ифшо кунанд, ки низомҳои назорати дохилиро шаффофтар ва санҷишшаванда мегардонанд. Ин муҳимии мониторинг ва санҷиши маълумотро дар ҳама сатҳҳои корхона таъкид мекунад.

2. Талаботи васеъ оид ба ифшои иттилоот. Мутобиқи СБҲМ, аз корхонаҳо талаб карда мешавад, ки иттилоти пурратарро дар бораи фаъолияти молиявии худ, аз ҷумла тафсилот дар бораи хавфҳои марбут ба амалиёти молиявӣ ва тарзи андозагирӣ ва идора кардани ин хавфҳоро пешниҳод кунанд. Ин аз корхона талаб мекунад, ки расмиёти нисбатан мукаммали назорат, аз ҷумла тақсимоти вазифаҳоро таҳия кунад, то инъикоси дақиқ ва пурраи тамоми иттилооти молиявӣ дар ҳисобот кафолат дода шавад.

3. Арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо. СБҲМ корхонаҳоро водор мекунад, то хавфҳоеро, ки метавонанд ба фаъолияти молиявии онҳо таъсир расонанд, мунтазам арзёбӣ кунанд. Ин идоракунии хавфҳоро ҳамчун унсури муҳими назорати дохилӣ муқаррар мекунад. Барои риояи ин талабот бояд равандҳое дар корхона роҳандозӣ карда шаванд, ки мунтазам муайян ва кам кардани хавфҳои марбут ба амалиёти молиявиро таъмин кунанд.

СБҲМ ҳамчун стандарти байналмилалӣ аз корхонаҳо талаб мекунад, ки на танҳо як низоми муассири назорати дохилиро бунёд кунанд, балки инчунин мунтазам такмил додани ин низомро мувофиқи талаботи тағйирёбанда роҳандозӣ кунанд. Татбиқи ин стандартҳо ба ташаккули расмиёти қатъӣ ва

шаффофтари назорат мусоидат мекунад. Акнун баъзе ҷанбаҳоеро, ки вобаста ба онҳо СБҲМ ба назорати дохилӣ таъсир мерасонад, дида мебароем.

1. Баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ. СБҲМ аз корхонаҳо талаб мекунад, ки иттилооти муфассалро дар бораи фаъолияти молиявии худ ифшо кунанд ва ин дар навбати худ аз онҳо талаб мекунад, ки усулҳои дақиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ва санҷишро истифода баранд. Дар ин замина таҳияи расмиёти назорати дохилӣ, ки саҳеҳии иттилоот ва саривақтии ифшои онҳоро таъмин мекунанд, муҳим аст. Ин татбиқи усулҳои санҷишро дар ҳама сатҳҳои корхона, аз ҳуҷҷатҳои аввалӣ то ҳисоботҳои дохилӣ дар бар мегирад.

2. Стандартикунонии равандҳо. СБҲМ корхонаҳоро барои бунёди расмиёти ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат роҳнамоӣ мекунанд, ки ба стандартикунонии равандҳои дохили корхона мусоидат мекунад. Ин барои таъмини риояи талаботи байналмилалӣ ва пешгирии хатоҳо дар ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Стандартикунонӣ инчунин имкон медиҳад, ки равандҳои назорати банақшагирии молиявӣ, омодасозии ҳисобот ва гузаронидани аудит дар корхона беҳтар карда шаванд.

3. Идоракунии тағйирот дар муҳити иқтисодӣ. Дар муҳити зудтағйирёбандаи иқтисодӣ, бахусус бо назардошти ҷаҳонишавӣ, СБҲМ аз корхонаҳо талаб мекунад, ки мунтазам тартиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати худро ба воқеияти нав мутобиқ созанд. Назорати дохилӣ бояд чандир бошад ва барои зуд вокуниш нишон додан ба тағйирот дар қонунгузорӣ, иқтисодиёт ё соҳа қодир бошад, ки арзёбӣ ва навсозии мунтазами расмиёти назорати дохилиро талаб мекунад.

4. Ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ. Барои ба таври муассир риоя гардидани талаботи СБҲМ, корхонаҳо бояд чунон низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро ҷорӣ кунанд, ки тавонанд ҳаҷми зиёди маълумотро коркард намуда, саривақтӣ ва дақиқии ҳисоботро таъмин кунанд. Технологияҳо, ба монанди низомҳои ERP ва дигар нармафзор дар ташкили ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот мадад мерасонанд, ки ин назорати дохилиро шаффофтар ва муассиртар мекунад.

Рушди низоми назорати дохилӣ дар заминаи СБҲМ дар таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба стандартҳои байналмилалӣ нақши калидӣ дорад. Самтҳои асосие, ки СБҲМ ба онҳо тамаркуз мекунад, баланд бардоштани сифати назорати дохилӣ тавассути талабот оид ба арзёбӣ ва ифшои иттилоот, инчунин истифодаи усулҳои самараноки санҷиш барои риояи стандартҳои муқарраршуда мебошад. Ин ҷанбаҳо бо зарурати баланд бардоштани шаффофӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ, ки талаботи асосии стандартҳои байналмилалӣ мебошанд, робитаи зич доранд.

Яке аз ҷанбаҳои асосие, ки СБҲМ дар доираи назорати дохилӣ ба он таваҷҷуҳ мекунад, зарурати арзёбии дақиқ ва пуррагии ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Ин як унсури муҳимест, ки мустақиман ба саҳеҳӣ ва шаффофии тамоми амалиёти молиявӣ таъсир мерасонад ва дараҷаи баландтари эътимоди сармоягузорон, мақомоти танзимкунанда ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро таъмин мекунад.

Пеш аз ҳама, СБҲМ талаб мекунад, ки корхонаҳо тамоми иттилоотро дар бораи хавфҳое, ки онҳо дучор мешаванд, дар ҳисоботи молиявии худ ифшо кунанд. Ин ҳам хавфҳои молиявӣ (ба монанди хавфҳои қарзӣ ва бозорӣ) ва ҳам хавфҳои ғайримолиявӣ, аз қабили хавфҳои амалиётӣ ё стратегиро, ки метавонанд ба вазъи молиявии корхона таъсир расонанд, дар бар мегирад. Ифшои иттилоот дар бораи хавфҳо на танҳо тавсифи онҳо, балки арзёбии таъсири имконпазири онҳо ба натиҷаҳои молиявӣ, инчунин усулҳои идоракунии онҳоро низ дар бар мегирад. Назорати дохилӣ дар ин замина бояд низоми самарабахши мониторинг ва санҷишро дар бар гирад, то кафолат диҳад, ки дар корхона тамоми иттилооти дақиқ дар бораи хавфҳо ҷамъоварӣ шуда, саривақт ба ҳисобот ворид карда шудааст.

Унсури дигари муҳим ин зарурати ифшои ҳукмҳое мебошад, ки барои муайян кардани бузургиҳои молиявии гуногун, аз қабили захираҳо, истеҳлок, баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо истифода мешаванд. СБҲМ аз корхонаҳо талаб мекунад, ки усулҳои таҳияи ин баҳодиҳиҳо, инчунин ҳама гуна тағйиротро, ки дар раванди бозбинии онҳо ба амал омадаанд, муфассал ифшо кунанд. Барои

боэътимод будан ва мувофиқати ин ифшоҳо ба воқеият, низомҳои назорати дохилӣ бояд кафолат диҳанд, ки ҳама ҳукмҳои баҳодиҳӣ асоснок буда, ба ҳисобкуниҳои дақиқ асос ёфтаанд. Инчунин муҳим аст, ки дар раванди тартиб додани ҳисобот ба дурустии ҳисобкуниҳо диққат дода шавад, инчунин расмиёти баҳодиҳӣ ва ислоҳи ин ҳукмҳо бодиққат баррасӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд.

СБҲМ инчунин аз корхонаҳо талаб мекунад, ки саҳеҳӣ ва пуррагии иттилооти ифшошавандаро таъмин кунанд. Яъне бояд ҳамаи маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ овардашуда ба хотири муайян кардани саҳеҳӣ ва саривақтӣ санҷида шавад. Назорати дохилӣ дар ин замина бояд механизмҳои мунтазам навсозӣ ва санҷиши ҳама иттилоот, аз ҷумла иттилоот дар бораи хавфҳо, ҳукмҳои баҳодиҳӣ ва дигар омилҳои муҳимро дар бар гирад. Муҳим аст, ки корхона расмиёти стандартикунонидашударо барои муайян кардан ва ислоҳи ҳама гуна таҳриф ё хатоҳои имконпазир то лаҳзаи пешниҳоди ҳисобот ба истифодабарандагони берунӣ ба кор барад.

Албатта, пеш аз ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ он аз санҷиши аудити берунии мустақил (аудити беғараз) мегузарад. Гузаштан аз аудити берунии ҳатмӣ барои субъектҳои дорои манфиати умум ва дигар субъектҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад, ки ин аз муқаррароти моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» бармеояд [158]. Вале гузаштан аз аудити берунии беғараз кафолат намедиҳад, ки иттилооти дар он овардашуда таҳриф нашудааст, зеро «Одатан, корхонаҳо, сармоягузорон ва шарикон дар навбати аввал ба се нишондиҳандаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва молиявии корхона, яъне ҳаҷми даромад, фоидаи соф ва дороиҳои корхона таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ба хотири ҷалби шумораи зиёди сармоягузорон, корхонаҳо аксар вақт маълумотро дар бораи тавозун, фоида, зарарҳо сохтакорӣ мекунанд ё онҳоро дар замимаҳо бар ҳисоботи молиявӣ то охир ифшо намекунанд» [46, с. 104]. Дар ин маврид, «сохтакории тавозун пешниҳоди нодурусти иттилооти иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи таҳрифҳои мухолифи қонунгузорӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот пайдо шудааст» [237, с. 24].

Бинобар ин, то омодасозии ҳисобот барои мувофиқат кардан ба талаботи СБҲМ, корхонаҳо бояд усулҳои муассири санҷишро, ки риояи ҳамаи стандартҳо ва саҳеҳии ҳисоботи молиявиро кафолат медиҳанд, татбиқ кунанд. Яке аз воситаҳои муҳимтарини ин раванд низомҳои назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ мебошанд, ки дар арзёбии самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аниқии ҳисоботҳои омодашуда нақши асосӣ доранд.

Тавре ки қаблан қайд кардем, аудити дохилӣ як унсури муҳими низоми назорати дохилӣ буда, ба санҷиши дурустии амалиёти молиявӣ ва риояи расмиёти дохилӣ нигаронида шудааст. Аудиторҳои дохилӣ санҷишҳои мунтазам ва муфассали кори муҳосибот, муҳтавои феҳристҳои муҳосибӣ ва риояи ҳама равандҳо ва стандартҳои муқарраршуда мегузаронанд. Ин имкон медиҳад, ки номутобиқатӣ ва хатоҳои имконпазир, ки метавонанд ба таҳрифи ҳисоботи молиявӣ оварда расонанд, зуд муайян карда шаванд ва хавфҳои молиявии имконпазир пешгирӣ карда шаванд. Илова бар ин, аудиторони дохилӣ раванди мониторинги пайвастаро таъмин намуда, арзёбӣ мекунанд, ки то чӣ андоза низоми назорати дохилӣ хавфҳоро самаранок идора мекунад ва хатоҳои имконпазири ҳисоботро пешгирӣ мекунад.

Аммо, дар баробари аудити дохилӣ, аудити берунии ҳисобот низ нақши муҳим дорад. Аудиторҳои берунӣ, ки аз корхона вобаста нестанд, арзёбии мустақил (беғараз)-и иттилооти молиявиро мегузаронанд, ки ба ҳисобот дараҷаи иловагии эътимоди ҷонибҳои манфиатдори беруниро, аз қабили сармоягузорон, бонкҳо ва мақомоти танзимкунанда медиҳад. Аудиторҳои берунӣ мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба СБҲМ арзёбӣ мекунанд ва месанҷанд, ки тамоми иттилоот мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии мақомоти танзимкунанда пешниҳод карда шудааст.

Барои таъмини пуррагӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ инчунин татбиқи низомҳои автоматикунонидашуда, истифодаи воситаҳои рақамикунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ зарур аст. Масалан, низомҳои ERP метавонанд ба корхонаҳо дар ташкили самараноки раванди ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли маълумот мадад расонида, ба ин васила кори муҳосибот ва аудиторҳои дохилиро

ба таври назаррас суръатнок ва содатар кунанд. Истифодаи чунин воситаҳо ва технологияҳо имкон медиҳад, ки хатоҳои инсонӣ ба ҳадди камтарин расонида шаванд, раванди омодасозии ҳисобот суръатнок ва назорати равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ беҳтар карда шавад.

Илова бар ин, расмиёти назорати дохилӣ ва санҷишҳои аудиторӣ бояд мунтазам бозбинӣ ва нав карда шаванд, то ки онҳо дар партави тағйирот дар қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мубрамии худро нигоҳ доранд. Азбаски талаботи СБҲМ метавонанд тағйир ёбанд, муҳим аст, ки низомҳои назорати дохилӣ чандир бошанд ва ба шароити нав зуд мутобиқ шуда тавонанд. Яъне тамоми механизмҳои санҷиш, мониторинг ва омодасозии ҳисобот бояд ба стратегияи умумии идоракунии хавфҳо дар миқёси корхона ҳамгиро карда шаванд, ки ин кафолати риояи ҳамаи стандартҳо ва беҳсозии тамоми равандҳои марбут ба назорати дохилиро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, усулҳои самараноки санҷиш қисми ҷудонашавандаи низоми назорати дохилии ба риояи СБҲМ нигаронидашуда мебошанд. Муҳим ин аст, ки ин усулҳо ҳам аудити дохилӣ ва ҳам аудити берунӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосирро барои таъмини шаффофӣ, саҳеҳӣ ва саривақтии ҳисоботи молиявӣ дар бар гиранд.

Бояд қайд кард, ки низоми самараноки назорати дохилӣ дар таъмини саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ, инчунин дар рушди эътимоднокии фаъолияти корхона дар умум нақши асосӣ дорад. Рушди чунин низоми мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, махсусан дар заминаи СБҲМ на танҳо хавфи таҳрифи маълумотро кам мекунад, балки ба ташаккули заминаи устувор ва боэътимод барои қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ низ мусоидат мекунад. Кормандони хадамоти назорати дохилӣ хавфҳои таҳрифи муҳимро дар сатҳи ҳисоботи молиявӣ ошкор мекунанд, то ба ин васила муайян кунанд, ки оё ин хавфҳо ба ҳисоботи молиявӣ таъсири васеъ доранд, аз ин рӯ, онҳо иҷрои расмиёти назоратии хосияти умумӣ дошта - андешидани тадбирҳои ҷавобиро талаб мекунанд ё не. Дар ин маврид тартиби андешидани тадбирҳои ҷавобӣ

мувофиқи муқаррароти СБА 330 «Ҷавобҳои аудитор ба хавфҳои арзёбишуда» иҷро карда мешавад [174].

Яке аз бартариҳои баръало аз ташкили дурусти назорати дохилӣ ин кам кардани эҳтимолияти хатоҳо, қаллобӣ ва риоя нашудани талаботи меъёрӣ мебошад, ки бевосита ба дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонад. Дар навбати худ, ин саҳеҳӣ ба обрӯи бозории корхона ва эътимоди сармоягузорон таъсири ҷиддӣ мерасонад ва ин махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки шаффофӣ ва масъулият омилҳои асосии муайянкунандаи рақобатпазирии корхона мебошанд, муҳим аст.

Илова бар ин, низоми баландсифати назорати дохилӣ ба баланд бардоштани сатҳи умумии идоракунии корпоративӣ, таъмини шаффофии равандҳо ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳама ҷонибҳои манфиатдор - аз саҳмдорон то мақомоти назорат ва танзими берунӣ мусоидат мекунад. Назорати самараноки равандҳои тиҷоратӣ самаранокии ташкилиро зиёд мекунад, барои сари вақт ошкор ва бартараф кардани камбудиҳои раванди идоракунӣ мадад мекунад ва устувории дарозмуҳлати молиявии корхонаро таъмин мекунад.

Барои корхонаҳое, ки ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ стандартҳои СБҲМ-ро риоя мекунанд, низоми боэътимоди назорати дохилӣ воситаи зарурӣ барои кам кардани хавфҳои молиявӣ ва амалиётӣ мегардад. Дар ниҳоят, чунин низом ба таҳкими устувории молиявии корхона, беҳтар кардани мавқеи он дар бозор ва бунёди арзиши дарозмуҳлат барои ҳамаи иштирокчиёни равандҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Нақши назорати дохилиро дар ин замина нодида гирифтан асло мумкин нест, зеро он кафили на танҳо ҳисоботи саҳеҳ, балки инчунин кафили фаъолияти муваффақ, устувор ва бехатари тиҷорати корхона дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Низоми дуруст ташкилшудаи назорати дохилӣ ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии муассир мебошад, ки сатҳи баланди шаффофии молиявӣ, эътимоди сармоягузорон ва таҳкими мавқеи корхонаро дар муҳити иқтисодӣ таъмин менамояд.

Барои корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳанд низоми назорати дохилии худро такмил диҳанд ва онро ба талаботи СБҲМ мутобиқ кунанд, якчанд самтҳои муҳим мавҷуданд, ки метавонанд хавфҳои таҳрифи ҳисоботи молиявиро ба таври назаррас коҳиш диҳанд ва самаранокии умумии фаъолияти хоҷагидориро баландтар созанд.

Яке аз тадбирҳои самараноки таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ҷорӣ намудани низомҳои муосири автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ мебошад. Муҳим аст, ки ин гуна низомҳо бо дигар равандҳои тиҷоратии корхона ҳамгиро карда шаванд, ки сатҳи баланди шаффофӣ ва назоратро таъмин мекунанд.

Барои фаъолияти пурсамари низоми назорати дохилӣ дар корхона ташкил ва ба роҳ мондани санҷишҳои мунтазам аз ҷониби хадамоти аудити дохилӣ зарур аст, ки ин дар ошкор кардани камбудиҳои низоми мавҷуда ва сари вақт ислоҳ кардани онҳо мадад мерасонад. Аудиторҳои дохилӣ бояд на танҳо ҳисоботи молиявӣ, балки равандҳои марбут ба идоракунии хавфҳо, риояи расмиёт ва меъёрҳо, инчунин арзёбии самаранокии тадбирҳои назоратиро низ ба санҷиш фаро гиранд.

Такмили тахассуси муҳосибон ва дигар мутахассисоне, ки бо ҳисоботи молиявӣ сарукор доранд, ҳамчунин як унсури муҳими низоми назорати дохилӣ мебошад. Сифати назорати дохилӣ бештар аз омодагии касбии кормандони муҳосибот, инчунин дониши онҳо дар соҳаи СБҲМ вобаста аст. Омӯзиши мунтазам ва баланд бардоштани сатҳи тахассус, иштирок дар курсҳо ва семинарҳои махсус дар баланд бардоштани дониши кормандон мадад расонида, кори дурусти низоми назорати дохилиро таъмин мекунанд.

Таҳия ва ҳуҷҷатгузорӣ кардани қоидаҳо ва расмиёти дохилии возеҳ барои ҳама амалиёти асосии молиявӣ низ ҷанбаҳои муҳим мебошанд. Равандҳои омодасозии ҳисобот, тасдиқи хароҷот ва санҷиши ҳуҷҷатҳо бояд то ҳадди имкон шаффоф бошанд ва ҳамаи кормандоне, ки дар ин равандҳо иштирок мекунанд, бояд вазифаҳо ва масъулияти худро дақиқ дарк кунанд. Пешбинӣ намудани

механизмҳои назорат, ки барои саривақт ошкор кардани қонуншиканиҳо ва пешгирии хавфҳои имконпазир мадад кунанд, муҳим аст.

Барои он ки низоми назорати дохилӣ самаранок бошад, дар корхона фарҳанги масъулиятро ба вуҷуд овардан лозим аст. Ҷанбаи муҳим ин аст, ки роҳбарон дар ҳама сатҳҳо бо таҳкими арзишҳои ростқавлӣ ва шаффофӣ дар кори худ барои зердастонашон намуна нишон диҳанд. Стандартҳои ахлоқӣ ва фарҳанги корпоративӣ, ки ба пешгирии қаллобӣ ва сӯйиистифода нигаронида шудаанд, асоси назорати муассир мебошанд.

Мунтазам арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои марбут ба ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти корхона низ унсури асосии низоми назорати дохилӣ мебошад. Арзёбии мунтазами хавфҳои ҳам берунӣ ва ҳам дохилӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои кам кардани онҳо дар корхона таҳия карда шаванд. Истифодаи воситаҳои таҳлил ва назорати ҳамаҷонибаи хавфҳо ба баланд бардоштани самаранокии назорати дохилӣ мусоидат мекунад.

Барпо намудани ҳамкории зич бо аудиторҳои берунӣ ва дохилӣ ба корхона дар муайян кардани хавфҳои имконпазир ва рафъи саривақтии онҳо мадад мерасонад. Ин ҳамкории мутақобила ба фаъолияти самараноктари низоми назорати дохилӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки камбудиҳои ҷойдошта сари вақт бартараф карда шаванд.

Низоми самараноки назорати дохилӣ на танҳо воситаи риояи талаботи СБҲМ, балки омили муҳими таъмини суботи молиявии корхона, баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ва таҳкими мавқеи корхона дар бозор мебошад. Ҷорӣ намудани усулҳои муосири назорат, санҷишҳои аудитории мунтазам, такмили ихтисоси кормандон ва таваҷҷуҳ ба хавфҳо - ҳамаи ин асос барои рушди бобарор ва устувори корхона дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ мебошад.

Хулосаҳо оид ба боби 5

1. Сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун воситаи ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ бо назардошти СБҲМ бахши ҷудонашавандаи ислоҳоти баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи байналмилалӣ мебошад. Сиёсати баҳисобгирӣ бояд дурустӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ таъмин намояд.

2. Равиши бонизоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ ва омодасозии кормандон. Ҷорӣ намудани механизми аттестатсия ва сертификатсияи мутахассисон, ки дар корхона устувории дарозмуҳлати низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро таъмин карда, инчунин ба кам шудани хатоҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳрифи иттилооти молиявӣ мусоидат мекунад.

3. Фасеҳии қонунгузорӣ ва стандартикунонии сиёсати баҳисобгирӣ. Фасеҳии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба корхонаҳо барои таҳияи сиёсати баҳисобгирии ба хусусиятҳои хоси онҳо мутобиқ имкон медиҳад, омили муҳим барои татбиқи СБҲМ мебошад. Аммо, сарфи назар аз ин чандирӣ, корхонаҳо бояд ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ стандартҳои байналмилалиро, ки ҳамсонии расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ дар сатҳи миллӣ ва мутобиқати онҳоро ба талаботи байналмилалӣ таъмин мекунанд, риоя кунанд. Ин, дар навбати худ, шаффофии молиявиро афзоиш дода, робитаҳои байналмилалии субъектҳои иқтисодиро мустаҳкам мекунад.

4. Нақши касбият ва сертификатсия дар гузариш ба СБҲМ. Баланд бардоштани сатҳи кордонии мутахассисон ва зарурати сертификатсияи онҳо омилҳои асосии гузариш ба СБҲМ мебошад. Сатҳи баланди омодагии касбии кормандони баҳисобгирии муҳосибот ва хадамоти молия ба дурустӣ ва саривақтии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад. Омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон барои босифат татбиқ намудани СБҲМ замина фароҳам меорад, ки ин на танҳо ба беҳтар шудани ҳисоботи дохилӣ, инчунин ба баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ва шарикони хориҷӣ мусоидат мекунад.

5. Ислоҳоти стандартҳои миллӣ дар заминаи СБҲМ. Таҷдиди стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири баланд бардоштани саҳеҳӣ ва шаффофии баҳисобгирии муҳосибӣ як қадами муҳим барои татбиқи бобарори СБҲМ мебошад. Муҳтавои стандартҳое, ки эътирофи даромад, баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳоро танзим мекунанд, ба хотири баланд бардоштани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ тачдиди назарро талаб мекунад. Ин ҷолибияти мамлакатро барои сармоягузорони хориҷӣ афзоиш дода, ба ҳамгироии он ба равандҳои байналмилалии иқтисодӣ мусоидат мекунад.

6. Такмили нақшаи ҳисобҳо бо таваҷҷуҳ ба СБҲМ. Такмили нақшаи ҳисобҳо, ки ба стандартҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст, муносибати муфассалро ба баҳисобгирии амалиёт бо олоти молиявӣ ва баҳодиҳии арзиши одилона талаб мекунад. Мутобиқ намудани сохтори нақшаи ҳисобҳо бо СБҲМ самаранокии баҳисобгирии муҳосибиро баландтар намуда, автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибиро осон мекунад, ки дар навбати худ сифати ҳисоботи молиявир баланд мебардорад.

7. Дастурҳои методӣ ҳамчун асоси дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ. Бозбинӣ ва навсозии нишондодҳои методӣ оид ба корбурди нақшаи ҳисобҳо барои рафъи номутобиқатӣ дар амалияи ҷории баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Ин барои пешгирӣ кардани хатоҳо ва нофаҳмиҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ, баланд бардоштани дақиқии ташаккули ҳисоботи молиявӣ ва беҳтар дарк кардани раванди баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби муҳосибон ва мутахассисони молиявӣ имкон медиҳад. Такмили тавсияҳои методӣ ба татбиқи нисбатан босамари СБҲМ ва бунёди низоми баҳисобгирии муҳосибии мутобиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ мусоидат мекунад.

8. Баҳисобгирии захираҳои табиӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ мутобиқи СБҲМ. Мубрам будани баҳисобгирии муҳосибии захираҳои табиӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ, аз ҷумла гудвил бозбинии принсипҳои баҳисобгирӣ ва дар нақшаи ҳисобҳо илова кардани ҳисобҳои навро талаб мекунад, ки ин барои мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ зарур мебошад. Масалан, истеҳлоки гудвил мутобиқи СБҲМ иҷозат дода намешавад, ки ин тағйир додани равишҳоро ба

баҳисобгирии дороиҳои ғайримоддӣ талаб мекунад. Ин тағйирот имкон медиҳад, ки саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ баланд бардошта шавад, номутобиқатӣ дар баҳисобгирии дороиҳо бартараф карда шавад ва мартабаи ҳисоботи молиявӣ дар назди сармоягузорон беҳтар шавад.

9. Мутобиқ кардани нақшаи ҳисобҳо ба шароити иқтисодиёти миллӣ. Ҳангоми таҳияи нақшаи нави ҳисобҳо бояд хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, инчунин шароити фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ ба назар гирифта шавад. Ин ба беҳтаршавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мусоидат карда, инчунин рақобатпазирии мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад.

10. Рушди назорати дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Рушди низоми назорати дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба СБҲМ барои баланд бардоштани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Назорати дохилӣ бояд механизмҳоро барои саривақт ошкор ва пешгирӣ кардани хатоҳо ва таҳрифҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар бар гирад, ки ин эътимоди сармоягузорон ва шарикони беруниро ба иттиллоти молиявӣ зиёд мекунад. Ташкили низоми муассири назорат дар сатҳи корхона саҳеҳии иттилоотро таъмин намуда, равандҳои идоракуниро дар корхона беҳтар мекунад.

11. Мутобиқсозии назорати дохилӣ ба стандартҳои байналмилалии COSO ва SOX. Зарурати мутобиқ гардонидани низоми назорати дохилӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили COSO ва SOX, махсусан барои корхонаҳое, ки дар бозорҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд, мубрам мегардад. Ин на танҳо риояи стандартҳои байналмилалӣ, инчунин фароҳам овардани муҳити муассири назорати дохилиро талаб мекунад, ки барои ба ҳадди камтарин расонидани хатоҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешгирии қаллобӣ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Низоми муассири назорати дохилӣ заминаи муҳим барои омодасозии ҳисоботи молиявии саҳеҳ ва босифат буда, ба беҳтар шудани фазои молиявӣ дар мамлакат мусоидат мекунад.

12. Механизмҳои чандири назорат ва кам кардани хафҳои молиявӣ. Татбиқи низомҳои чандир ва мутобиқшавандаи назорат, ки ба талаботи

байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, сатҳи баланди эътимоди сармоягузоронро таъмин намуда, ба коҳиш додани хавфҳои марбут ба амалиёти молиявӣ мусоидат мекунад. Ин имкон медиҳад, ки мавқеи иқтисодиёти миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам шуда, тобоварии он ба таҳдидҳои иқтисодии берунӣ зиёд шавад.

Ҳамин тариқ, такмили ҳамаҷонибаи низоми баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, бозбинӣ ва такмили нақшаи ҳисобҳо, ташкили низоми муассири назорати дохилӣ, такмили ихтисоси кормандон ва таҳкими заминаи институтсионалиро дар бар мегирад. Ин тадбирҳо ба баланд бардоштани сифати баҳисобгирии муҳосибӣ, шаффофии ҳисоботи молиявӣ ва ҳамгироии бобарори мамлакат ба иқтисодиёти байналмилалӣ, ки калиди рушди устувори иқтисодӣ мебошад, мусоидат мекунанд.

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда муқаррароти назариявӣ, равишҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ мураттаб гардиданд, ки ба такмили методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд. Хулосаҳои муҳимтарини аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда аз ҷумла инҳо мебошанд:

1. Дар таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки мо пешниҳод кардем, он ҳамчун низоми мураккаби иттилоотӣ тавсиф шудааст. Бинобар ин, мушкилот дар омӯзиши баҳисобгирии муҳосибӣ бо мураккабии худи низом ва ҳам бо муҳтавои иттилоотии он алоқаманд аст. Яъне баҳисобгирии муҳосибӣ низоми иттилоотӣ мебошад, ки барои идоракунии субъекти иқтисодӣ, омода кардани қарорҳои идоракунӣ иттилооти заруриро пешниҳод мекунад. Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ - ин низоми стандартҳои миллӣ мебошад, ки гирифтан ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода бурдани иттилооти басандаро таъмин менамояд. Стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ талаботро ба усулҳо ва амалҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла барои ҳисобузамкунии истеҳлок, баҳодиҳии дороиҳо ва уҳдадориҳо, ҳисобузамкунии андозҳо ва дигар ҷиҳатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунанд. Стандартҳои миллӣ барои истифодабарӣ дар миқёси мамлакат ҳатмӣ буда, муқаррароти онҳо дар натиҷаи қабули қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд [11-М; 15-М; 17-М; 18-М; 40-М; 43-М].

2. Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъсири назаррас дошта, ҳамоҳангсозии онҳоро бо стандартҳои байналмилалӣ тақозо мекунад. Ин барои таъмини қиёспазирии ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ва фаъолияти самараноки онҳо дар бозорҳои байналмилалӣ зарур аст. Дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ аксар вақт вазъи воқеии

иқтисодиро инъикос намекунад ва татбиқи СБҲМ ба мушкилиҳои вобаста ба нарасидани кормандони соҳибихтисос ва номукаммалии пойгоҳи методологӣ дучор мешавад. Раванди ҳамгироии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба амалияи ҷаҳонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои фарҳангӣ ва иқтисодии ҳар як мамлакатро тақозо мекунад, ки ин корбурди стандартҳои умумиро зарур мегардонад, аммо барои ҳар як низоми миллӣ мутобиқсозии ин стандартҳоро талаб мекунад [11-М; 12-М; 15-М; 17-М; 18-М; 29-М; 34-М; 40-М; 42-М; 47-М].

3. Амсилаи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар рушди амалияи муҳосибӣ таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Имрӯз ин равиш махсусан дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ мубрам мегардад, зеро он ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии амалиёти молиявӣ тамаркуз менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани хизматрасониҳои молиявии исломӣ ба мисли бонкҳои исломӣ аллакай шуҳрат пайдо карда истодааст, ки ин барои мутобиқшавии баҳисобгирии исломӣ ба низоми миллӣ дурнамои нав мекушояд. Аммо барои густариши бештари равиши исломӣ роҳандозии тадбирҳо барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва ворид кардани ин амсила ба низоми баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ зарур аст [7-М; 17-М; 26-М; 43-М; 46-М].

4. Таҳаввули равишҳои методологӣ ба бунёди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мураккабӣ ва хусусияти бисёрҷанбаи равандҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ, рушди бозорҳои молиявӣ ва рақамикунонии иқтисодиётро нишон медиҳад. Дар асоси таҳлили низомҳои миллӣ ва байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ марҳилаҳои асосии гузариш аз усулҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба равишҳои нисбатан муосир, ба монанди татбиқи СБҲМ-ро метавон муайян кард. Тамоюлҳои асосии табдили афзалиятҳо дар ҳисоботи муҳосибӣ, ба монанди афзоиши таваҷҷуҳ ба ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва гузаштан ба амсилаҳои муттаҳидкардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, дигаргуниҳои умдаи муносибатҳои иқтисодӣ ва эҳтиёҷоти истифодабарандагони ҳисоботи молиявиро инъикос мекунанд. Илова бар ин, ба зарурати мутобиқ кардани низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба

стандартҳои байналмилалӣ бо дарназардошти воқеияти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат таъкид мешавад [18-М; 40-М; 42-М; 47-М].

5. Такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба хамгироии СБҲМ бо дарназардошти шароити иктисодии миллӣ, ки рушди принсипҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро талаб мекунад, асос ёбад. Барои ноил шудан ба ин, таҳияи стандартҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба хусусиятҳои тиҷорати миллӣ мутобиқ карда шудаанд, пурзӯр намудани нақши ташкилотҳои касбии муҳосибон дар таҳияи тавсияҳои методӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии автоматикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ зарур аст. Самти муҳими ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ такмили принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки саҳеҳӣ, қиёспазирӣ ва шаффофии иттилооти молиявиро таъмин мекунанд, инчунин усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки воқеияти муосири иқтисодӣ ва талаботи бозорҳои ҷаҳониро ба назар мегиранд, мебошад [1-М; 2-М; 3-М; 8-М; 30-М; 40-М; 49-М].

6. Низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ воситаи муҳими идоракунии самараноки субъектҳои иқтисодӣ буда, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотро оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона таъмин ва ба қабули қарорҳои идоракунии асоснок мусоидат мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба беҳтар намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, баланд бардоштани саҳеҳӣ ва саривақтии он, ки барои ҳамкории муваффақ бо шарикони хориҷӣ ва ҷалби сармоя зарур аст, таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Татбиқи СБҲМ ва гузаштан ба равишҳои нисбатан муосир дар ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва беҳтар намудани робита бо бозори ҷаҳонӣ аҳамияти стратегӣ дорад [1-М; 7-М; 8-М; 9-М; 16-М; 20-М; 31-М; 39-М; 41-М; 49-М].

7. Ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири солҳои 1990 оғоз шуда буд, вале натиҷаҳои татбиқи СБҲМ дар корхонаҳо басанда нестанд. Мукаммал набудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, мутобиқат накардани онҳо ба талаботи СБҲМ, инчунин ба таври кофӣ ба инобат нагирифтани хусусияти иқтисодиёти миллӣ ва қонунгузорӣ мушкилоти асосӣ

мебошанд. Омодагии нокифояи кормандон ва набудани малакаи кофии касбии онҳо низ монеаи ҷиддӣ барои татбиқи бобарори СБҲМ гардид. Низоми таҳсилоти муҳосибӣ мутахассисонеро омода намекунад, ки бо стандартҳои байналмилалӣ пурра кор карда тавонанд. Мушкилоти татбиқи СБҲМ инчунин ба мавҷуд набудани пойгоҳи меъёрии зарурӣ, инчунин нокифоя будани маводи методии ба стандартҳои байналмиллалӣ мувофиқ алоқаманд аст. Ин мушкилот дар натиҷаи набудани дастурҳои методӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт боз ҳам пурзӯр мешаванд. Омода набудани роҳбарони корхонаҳо ва муҳосибон барои гузаштан ба СБҲМ, инчунин мухолифати мақомоти андоз имконияти ислоҳотро маҳдуд мекунанд [8-М; 9-М; 21-М; 25-М; 29-М; 38-М; 48-М; 50-М].

8. Баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун низоми ҷамъоварӣ ва нигоҳдории иттилоот ва нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки бо ёрии онҳо нигориши муҳосибӣ, бақайдгирӣ ва батартибдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявӣ таъмин мегардад, шарҳ дода мешавад. Баҳисобгирии молиявӣ ҳам фаъолияти дохилии субъекти иқтисодӣ ва ҳам муносибатҳои онро бо субъектҳои муҳити берунии хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ фаро гирифта, иттилооти дар доираи он ташаккулёфта аз ҷониби истифодабарандагони ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ ҳангоми арзёбии вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолият ва қабули қарорҳои идоракунӣ ба кор бурда мешавад. Ба ташкили дурусти ҳамкории байни се намуди баҳисобгирии муҳосибӣ – баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, ки ноил шудан ба ҳадафҳои тавлиди иттилооти боэътимоди молиявӣ, назорати риояи қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд, диққати махсус бояд дод. Дар ниҳояти кор низоми дуруст ташкилшудаи баҳисобгирии муҳосибӣ асоси фаъолияти бобарори корхона дар шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ мебошад [19-М; 20-М; 24-М; 25-М; 30-М; 32-М; 48-М].

9. Татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот дучор мешавад, ки асоситарини онҳо паст будани дониши муҳосибони аҳли амал ва

мувофиқ набудани санадҳои меъёрии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Ин самараи истифодаи стандартҳои байналмилалиро дар корхонаҳо маҳдуд мекунад. Яке аз мушкилоти ҷиддӣ дастрас набудани нусхаҳои аслии СБҲМ, яъне дастрасӣ ба маънои надонистани забони англисӣ мебошад, ки сифати баргардон ва мутобиқсозии стандартҳоро барои муҳосибони тоҷик бадтар мекунад. Баргардон аз забони русӣ метавонад номувофиқатӣ ворид кунад, ки татбиқи амалии стандартҳоро душвор мегардонад. Ҳамчунин ҳамоҳангии нокифояи СБҲМ бо шароити миллӣ ва воқеияти иқтисодӣ мушоҳида мешавад, ки ин боиси душвориҳои татбиқи амалии стандартҳо дар шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ тартибдодашуда суст аст, ки инро сифати пасти ҳисоботи молиявии чанде аз корхонаҳои калон ва мувофиқат накардани онҳо ба талаботи меъёрию ҳуқуқӣ тасдиқ мекунад [10-М; 14-М; 21-М; 24-М; 29-М; 50-М].

10. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва майл ба ҳамгироии байналмилалӣ таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии субъектҳои иқтисодӣ бо назардошти талаботи СБҲМ дар таъмини шаффофӣ ва самаранокии баҳисобгирии молиявӣ нақши асосиро мебозад. Барои ноил шудан ба ин, зарур аст, ки равиши бонизоме ҷорӣ карда шавад, ки на танҳо таҳлили пойгоҳи меъёрии амалкунанда ва мутобиқати он ба СБҲМ, балки инчунин бунёди расмиёти муфассалро, ки ба ҳамгироии стандартҳои нав бо амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ нигаронида шудаанд, дар бар гирад. Ҷанбаи муҳим ин амалӣ намудани чорабиниҳои омӯзишӣ барои мутахассисон мебошад, ки тахассуси баланди муҳосибон ва аудиторонро, ки дар муҳити СБҲМ самаранок кор карда метавонанд, таъмин менамояд [2-М; 4-М; 14-М; 19-М; 22-М; 23-М; 48-М].

11. Такмили нақшаи ҳисобҳо дар заминаи СБҲМ равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки дурустӣ, қиёспазирӣ ва пуррагии ҳисоботи молиявиро таъмин мекунад. Гузариши комил ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқсозии нақшаи ҳисобҳои муҳосибиро бо назардошти талаботи нав, аз қабили баҳисобгирии олоти молиявӣ, баҳодиҳии дороиҳо бо арзиши одилона, ҷорӣ намудани

мафҳумҳо ва равишҳои нави эътирофи даромад ва уҳдадориҳо талаб мекунад. Муҳим аст, ки нақшаи нави ҳисобҳо чандириро таъмин намуда, барои ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллӣ имкон диҳад [3-М; 4-М; 24-М; 25-М; 30-М; 38-М; 48-М].

12. Барои таъмини саҳеҳии ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда рушд ва такмили низоми назорати дохилӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вазъи бозории тағйирёбанда бояд низоми бисёрзинаи назорат ҷорӣ карда шавад, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти молиявиро ба инобат гирифта, барои пешгирии ҳам хатоҳои тасодуфӣ ва ҳам таҳрифҳои қасдан мусоидат намояд. Ин бозбинии равандҳои тиҷоратии мавҷуда, пурзӯр намудани вазифаҳои аудит ва тафтиш, инчунин бунёди механизмҳои навро барои зуд муайян ва бартараф кардани инҳироф аз стандартҳо ва расмиёт талаб мекунад. Ҷанбаи муҳим тақсими дақиқи масъулиятҳо байни кормандон ва бунёди механизмҳои шаффофи таҳлил ва назорати хавфҳо мебошад, ки махсусан барои таъмини эътимоди сармоягузорон ва шарикон муҳим аст. Мутобиқсозии назорати дохилӣ ба талаботи СБҲМ сифати маълумоти молиявиро беҳтар намуда, мутобиқати онҳоро ба стандартҳои байналмиллалӣ таъмин мекунад, ки ин ба беҳтар шудани фазои молиявӣ дар сатҳи мамлакат ва корхонаҳо мусоидат мекунад [5-М; 6-М; 10-М; 27-М; 28-М; 33-М; 35-М; 36-М; 37-М; 44-М; 45-М; 51-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Мо равиши муаллифии худро барои таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод менамоем, ки бо сатҳи ҷаҳонишавии иқтисодии мамлакат ва дараҷаи мутобиқат бо СБҲМ, инчунин хусусиятҳои институтсионалӣ ва иқтисодии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла мавҷудияти ташкилотҳои касбии муҳосибон, сатҳи танзимкунии меъёрӣ, таъминот бо кормандон, хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ асос меёбад.

2. Татбиқи стандартҳои байналмилалиро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода, ба омодасозии муҳосибони касбӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардан лозим аст, ки ин татбиқи босамари СБҲМ ва

баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷиро таъмин мекунад. Таъминоти методии баҳисобгирии муҳосибиро на танҳо барои ҳадафҳои андозбандӣ, балки бо роҳи таҳияи равишҳо ва дастурамалҳои нав, ки ба шароити бозор ва манфиати соҳибмулкон нигаронида шудаанд, беҳтар кардан муҳим аст.

3. Ҷаҳонишавӣ таҳаввули равишҳои методологӣ ва таъсири анъанаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла принсипҳои исломӣ таҳлили муфассал ва мутобиқсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро ба хотири таъмини мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва хусусиятҳои хоси иқтисодиёти маҳаллӣ тақозо мекунанд.

4. Амсилаи пешниҳодшудаи таснифоти мамлакатҳо вобаста ба сатҳи ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равишҳои татбиқи СБҲМ имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти мамлакат дурусттар арзёбӣ ва раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ муносиб карда шавад. Корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути татбиқи стандартҳои байналмилалӣ метавонанд ҷолибияти сармоягузории худро баланд бардоранд. Муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ бояд омӯзиши равандҳои таҳаввули баҳисобгирии муҳосибиро барои таҳияи тавсияҳои нав идома диҳанд. Тавсия дода мешавад, ки стандартҳои ягонаи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси принсипҳои СБҲМ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқ карда шаванд.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ислоҳот дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ пурзӯр карда, пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ такмил дода, технологияҳои пешқадам ҷорӣ карда, тахассуси мутахассисон баланд бардошта шавад. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки низоми муассири баҳисобгирии муҳосибии ба талаботи муосир ҷавобгӯ ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидаткунанда бунёд карда шавад.

6. Татбиқи тарзҳои самараноки ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ, барои баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва кам кардани хароҷот аз ҷиҳати стратегӣ муҳим буда, имкон медиҳад, ки чандирии бештар дар мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ ва талаботи байналмилалӣ таъмин гардад. Ҳангоми корбурди аутсорсинг арзёбии

ҷиддии хавфҳо ва манфиатҳо, инчунин интихоби шарикони соҳибихтисоси донандаи хуби нозукиҳои СБҲМ лозим аст.

7. Бо дарназардошти талаботи СБҲМ ва хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тағйирот ворид кардан, инчунин ҳамоҳангсозии қонунгузории андоз, бонкӣ ва гумрук бо стандартҳои байналмилалӣ ба хотири таъмини мутобиқати онҳо ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Минбаъд идома додани раванди такмили тахассуси муҳосибон ва аудиторҳо ва таҳияи курсҳои махсус оид ба татбиқи амалии СБҲМ муҳим аст. Муассисаҳои таълимӣ бояд таълими стандартҳои байналмилалиро пурзӯр кунанд ва ба донишҷӯён имкони кор бо нармафзори воқеии муҳосибиро фароҳам оваранд. Дастурҳои методӣ бояд барои бахшҳои мушаххаси иқтисодиёт таҳия карда шаванд ва нармафзори мутобиқ ба СБҲМ татбиқ карда шавад. Дар ҳама сатҳҳо пурзӯр намудани назорати риояи талаботи меъёрӣ ва баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ зарур аст.

8. Барои фаъолияти пурсамари субъекти иқтисодӣ ҳамгироии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро рушд додан, ҳамкории мутақобилаи онҳоро дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин кардан лозим аст. Пешбурди саривақтӣ ва босифати ҳамаи се намуди баҳисобгирии муҳим аст, ки ин на танҳо барои дуруст инъикос намудани натиҷаҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои андоз, балки барои қабули қарорҳои идоракунии асоснок низ имкон медиҳад. Роҳандозӣ намудани назорати риояи талаботи меъёрӣ ва беҳсозии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ яке аз роҳҳои муассири такмили баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

9. Татбиқи барномаҳои таълимии касбӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисос ва забономӯзӣ барои муҳосибони бо нусхаҳои аслии СБҲМ коркунанда зарур аст. Тавсия мешавад, ки низоми назорати сифати ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла пурзӯр кардани масъулияти риояи СБҲМ барои муҳосибон ва аудиторҳо, инчунин барои муассисаҳое, ки ба татбиқи онҳо масъуланд, ҷорӣ карда шавад.

10. Сиёсати муосири баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба талаботи тағйирёбандаи байналмилалӣ мутобиқ карда шавад, ки он мунтазам нав кардани

методикаҳо ва расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявиро талаб мекунад. Тағйирот ба пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ сатҳи эътимоди сармоягузорон ва сохторҳои давлатиро баланд бардошта, шароитро барои ҳамгироии иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ беҳтар мекунад.

11. Ба зарурати бозбинии методикаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ диққат бояд дод, ки ин иштироки фаъоли муҳосибон ва ташкилотҳои аудитириро дар таҳияи дастурамалҳо ва тавсияҳои нав оид ба корбурди ин тағйирот талаб мекунад. Дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷорӣ намудани нақшаи нави мутобиқшудаи ҳисобҳо на танҳо сифати ҳисоботро баланд мебардорад, балки равандҳои ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ ҳамроҳ шудани субъектҳои иқтисодиро метезонад.

12. Таҳия ва татбиқи низомҳои мониторинги хавфҳо, ки таҳдидҳои мушаххаси ҳисоботи молиявиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ ба инобат гиранд, зарур аст. Татбиқи технологияҳои инноватсионии иттилоотӣ барои беҳтар кардани коркарди маълумоти молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи назорати риояи расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳама зинаҳои идоракунии корхона ва таъмини мунтазами навсозии низоми назорати дохилӣ мутобиқи талаботи СБҲМ муҳим аст. Ин эътимоди сармоягузорон ва шариконро беруниро ба ҳисоботи молиявӣ баланд бардошта, ба кам кардани хавфҳои молиявӣ мусоидат мекунад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

1. РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдулмуминзода, Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Н.А. Абдулмуминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 5. – С. 14-19

2. Абдулмуминзода, Н.А., Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ [Матн] / Н.А. Абдулмуминзода, Н.Р. Манучеҳри // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. - № 1 (77). – С. 130-149

3. Абдукадыров, Х. Социально-экономические взгляды ханафитского мазхаба [Текст] / Х. Абдукадыров // Вестник ТГУПБП. – 2009. - № 3. – с. 81-84

4. Адаменко, А.А., Ткаченко, А.С., Чич, Н.Ш. К вопросу об аутсорсинге бухгалтерских услуг в России [Текст] / А.А. Адаменко, А.С. Ткаченко, Н.Ш. Чич // Экономика. Право. Печать. Вестник КСЭИ. – 2014. – № 1 (61). - С. 181-186

